**Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ**
**Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар**

# ТАЪРИХИ БАДАХШОН

**Душанбе – 2007**

**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТӢ**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, АРХЕОЛОГИЯ ВА ЭТНОГРАФИЯИ**
**ба номи А. ДОНИШ**

**МИРЗО САНГМУҲАММАДИ БАДАХШӢ**
**МИРЗО ФАЗЛАЛИБЕКИ СУРХАФСАР**

# ТАЪРИХИ БАДАХШОН

Муаллифони пешгуфтор, баргардони матн, қисме аз тавзеҳот, мураттибони феҳристҳои номҳои хос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ
**ҒОЛИБ ҒОИБОВ** ва **МАҲМУДҶОН ХОЛОВ**

Муҳаррири масъул: **ИМОМОВ Ш.З.**, доктори илми таърих

Душанбе «Дониш» – 2007

**ББК 63.3 (2 тоҷик) + 63,5 (тоҷик)**
**М - 65**

ISBN -978-99947-38-24-3

«Таърихи Бадахшон» сарчашмаи нодири таърихиест, ки дар он таърихи 250-солаи тоҷикони Бадахшони асрҳои XVII - аввали XX (1657-1907) ҷамъовариву китобат шудааст.

Дар асар натанҳо маълумоти пурарзиши таърихи сиёсӣ, балки маводи саҳеҳ оид ба шаҳрҳову вилоятҳои Бадахшону ҳамсояҳои он - Хатлон, Дарвоз, Қатаған, Чатрор, Қошғар, Ёрканд ва дар бораи таркиби этникию динии аҳолӣ, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо гирд оварда шудаанд.

Дар охири асар пас аз матни «Таърихи Бадахшон» се замима: «Насаб ва силсилаи шоҳону мирони мулки Шуғнон», «Тафсил ва тарҷумаи [ҳоли] Сайид Шоҳи Хомӯш» ва «Насабномаи Сайид Алишоҳи Валӣ, падарарӯси Шоҳи Хомӯш» оварда шудаанд, ки арзиши асарро зиёдтар мекунанд.

Ҳуруфчини компютерӣ: Хуршеда Қаюмова

**© Ғ. Ғоибов, М.Ш. Холов - 2007**

# ПЕШГУФТОР

Одатан дар пешгуфтор, чи тавре дар илм қабул шудааст, сарчашмаю адабиёт оид ба мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Вале мо аз ин қолаб берун баромада, аввал дар бораи худи мавзӯъ, яъне таърихи Бадахшон истода мегузарем ва сипас сарчашмаю адабиётро дида мебароем.

Сабаби чунин авлавият додан ба баёни таърихи Бадахшон дар он аст, ки имрӯзҳо мардуми Тоҷикистон зери мафҳуми «Бадахшон» аксар вақт сарзамини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро (ВМКБ) дар назар доранд, бехабар аз он, ки Бадахшон то охирҳои асри XIX як кишвари бисёр калони кӯҳистонӣ ва яке аз ватанҳои аслии тоҷикон дар шимоли Афғонистони имрӯзӣ будааст.

Азбаски асари мавриди баррасӣ қарор дошта - «Таърихи Бадахшон» фақат таърихи асрҳои XVII-XIX Бадахшонро дар бар мегирад, бинобар ин мо тасмим гирифтем ба хотири пуррагии маълумот таърихи қадимаи Бадахшонро то асри XVII аз сарчашмаҳои мӯътабари дигари таърихӣ биёварем. Хоссатан, ки таъриху тақдири сарзаминҳою мардуми ҳар ду ҷониби дарёи Панҷ, чи тавре хоҳем дид, то соли 1895, яъне то ҷудо карда шудани он ба ду қисм бо маҷрои дарёи Панҷ аз тарафи Русия ва Англия, бо ҳамдигар алоқаҳои гуногуни мустаҳкам доштанд. Аз тарафи дигар, таъриху ҷуғрофиёи таърихии Бадахшон то асри XVII то ҳол ба тарзи аниқу дақиқ омӯхта нашудааст.

Сарзамини Бадахшон кишваре буд саросар кӯҳистон, машҳур бо маъданҳои нодир, ҳавои тозаю солим ва мардумони шуҷоъ. Бадахшон дар болооби дарёҳои Панҷу Омӯ ва ҳавзаи дарёи Кӯкчаю шохобҳои он, дар қисми шимолу шарқи Афғонистони кунунӣ бо иловаи масоҳати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон воқеъ гашта, роҳҳои корвонҳои тиҷоратии Шарқи қадим ба Хитою Ҳиндустон аз тариқи он мегузаштанд.

«Дар тӯли тамоми таърихи дуру дарози маданият як санг - лоҷуварди кабуди дурахшони сарзамини афғон (Бадахшон) мегузарад, ки он бо роҳҳои душворгузари корвонҳо то ба Миср, Хитой ва Руму Византия бурда мешуд» - навишта буд академик А.Е. Ферсман[1]. Навиштаи болоии А.Е. Ферсман айни ҳақиқат аст, зеро дар байни ашёи зебу зинатии фиръавнҳои сулолаи 12-уми Миср маснуоти аз лоҷуварди Бадахшон сохташуда ёфт гардидаанд[2].

Маълумотҳои ҷамъовардаи муаллифи «Очерки истории Бадахшана» аз он дарак медиҳанд, ки дар замони давлати ошӯриёну бобулиён низ конҳои лоҷуварди Бадахшон маълуму машҳур буда, подшоҳони он давлат барои ба даст даровардани лоҷуворд ба ин ҷо ҷосусони худро мефиристодаанд. Аз байни навиштаҷоти аз он замонҳои дур то ба давраи мо расида, мактуби яке аз ҷосусони подшоҳони Урартуро махсусан қайд кардан лозим аст. Дар он гуфта мешавад: «Дар хусуси лоҷуварде, ки подшоҳи ман дар бораи он навишта буд, ки «бигузор барои ман лоҷуворд биёваранд», подшоҳи ман хабар надорад,

ки ман [барои ба даст овардани] лоҷуворд ба минтақаи кӯҳистонӣ баромадам. Вале ҳангоме, ки ман мехостам лоҷувардро бо худ бибарам, [мардуми] кишвар ба муқобили ман бархост. Агар подшоҳи ман розӣ бошад, бигузор қувваҳои калони аскарӣ [ба он ҷо] равона карда, лоҷувардро бигиранд»[3].

Порчаи мазкурро шарҳ дода, тарҷумони он - эроншиноси маъруф И.М. Дьяконов менависад, ки ба ақидаи хатои ошшӯриҳо, гӯё конҳои лоҷуворд дар кӯҳҳои Бикнии Дамованд воқеъ будаанд, вале ҷосуси онҳо конҳои дар ҷаҳон ягонаи лоҷувардро дар Бадахшон пайдо мекунад. Ва ҳангоме ки мехоҳад бо худ як микдор лоҷувардро бибарад, мардуми маҳал ба муқобили ӯ бармехезанд[4].

Дар замони Ҳахоманишиҳо низ санги қиматбаҳои лоҷуварди дурахшони Бадахшон маъруф будааст. Чунончи, дар матнҳои хатти мехии замони Доро (521-485 то мелод) дар миёни сангҳои қиматбаҳое, ки ба пойтахти давлати Ҳахоманишиҳо оварда мешуданд, аз санге ёд шудааст бо номи «касака-капаутака», яъне «санги кабуди лоҷуворд», ки аз сатрапияи Бохтари тобеи давлати Ҳахоманишиҳо ворид мегардид[5].

Мавҷудияти лоҷуварди Бадахшон дар Ҳиндустон (Мохенҷо-Даро), Миср (некрополи Фива) ва мавзеъҳои дигари қадимаи маданияти ҷаҳонӣ дар замонҳои қадимтарин ошкор гардидааст[6].

Чи тавре баъдтар хоҳем дид, мувофиқи маълумоти муаллифони «Таърихи Бадахшон», лоҷуварди Бадахшон чун ҳазорон сол пеш аз ин, дар асри XVIII низ қимати хеле баланд доштааст. Чунончи (в. 67а-67б) «Ва он сангбарсарзадаро (мир Баҳодуршоҳ дар назар аст. Ғ.Ғ., М.Х.) санги лоҷуворд соҳиби шаъну шавкат намуд, ки лоҷуворд дар мамлакати Хитой баҳои тамом ёфт, то ки як сер санги Бадахшон ба ҳазору понсад рупия расид. Ва дар ин боб чунон қадағани тамом фармуд, ки резасанге аз он ба дасти аҳаде аз акобиру асоғир намеафтод. Ва ҳам бар ин лоҷуворд хазинаи маъмура аз нуқуду ёмбӯи нуқра ва аҷноси амтиаву ақмиша аз ҳар ҷинс ба ҳам расонид».

Вале маъдани дигаре, ки баъдтар шӯҳрати Бадахшонро дигарбора баланд бардошт, ин балахш, яъне лаъл буд[7].

Яке аз бузургтарин олимони асримиёнагии тоҷик Абурайҳони Берунӣ дар хусуси бори аввал чи тавр пайдо карда шудани лаъл навиштааст, ки боре дар Бадахшон заминҷунбии сахте ба амал омада, кӯҳҳо мекафанд ва порчаҳои лаъл намудор мегарданд. Азбаски дар илм ақидае мавҷуд аст, ки асоси бароmади номи худи Бадахшон - дурусташ Балахшон аз «балахш», яъне «лаъл» мебошад, аз ҳамин рӯ ривояти Беруниро меорем. Баъди он заминҷунбӣ «...бори аввал лаълро занҳо пайдо карда онро ранги либосрангкунӣ пиндоштанд. Аз ин рӯ онҳо лаълро кӯфта талқон карданд, вале ба онҳо муяссар нагардид, ки бо он либосеро ранг намоянд. Баъд онҳо лаълро ба мардҳо нишон доданд. Хабар дар бораи он ба зудӣ паҳн гардида ба гӯши касоне, ки ба коркарди маъдан дар кӯҳҳо машғул буданд, расид. Онҳо ба кофтану истихроҷи лаъл пардохтанд. Конҳо ва он чи ки аз онҳо истеҳсол мегардид, ба номи соҳибонашон: ал-Балъаббосӣ (Абулаббосӣ), ас-

Сулаймонӣ, ар-Раҳмонӣ номида мешуданд. Баъзе вақтҳо конҳои лаъл, ки дар наздикии ин ё он деҳа ё мавзеъ воқеъ гашта буданд, бо номи он деҳа ё мавзеъ ёд мешуданд. Масалан, «ан-Наёзакӣ», - он аз номи қуллае, ки «Наёзак» ном дорад, гирифта шуда ба нӯкнайза ягон алоқае надорад»[8].

Аз рӯи навиштаҳои муаллифи «Ғиёсу-л-луғот» Муҳаммади Ғиёсуддин заминҷунбии мазкур ва ошкор шудани лаъл дар замони ҳукмронии Аббосиён (750-1258) рух додааст: «Мир Садруддин Муҳаммад дар «Ҷавоҳирнома» овардааст, ки: «Мегӯянд маъдани лаъл дар Бадахшон аст, аз мутаҳаддисот аст. Зеро ки маъдани он махфӣ буд, то дар замони хилофати Аббосиён дар арзи (замини) Хатлон зилзилаи азим падид омада ва кӯҳи Сакнон (Шуғнон) шигофта шуда, кони лаъл пайдо гашт. Ва лаъл аз шаҳри Бадахшон намехезад, балки аз маодини (конҳои) дигар дар Бадахшон оварда мефурӯшанд ва бад-он шӯҳрат гирифта. Ва лаъл анвоъ мебошад: руммонӣ (ранги анор дошта) ва пиёзӣ ва тамрӣ ва лаҳмӣ ва уннобӣ ва буқлӣ ва идрисӣ ва душобӣ ва лаъли пайконӣ ва лаъли ақрабӣ ва лаъли қутбӣ ва он нигинавор паҳн бошад»[9].

Ҳамин тавр, замони рӯй додани заминҷунбии мазкур дар Хатлону Бадахшон аниқ маълум нест. Вале шубҳае буда наметавонад, ки он то асри VIII ё барвақттар рӯй дода аст. Зеро дар ашъори шоирони асри IX тоҷик алакай дар ҳама ҷо сурхии ранги лабони ёр ва ранги май ба ранги лаъл монанд карда шудааст.

Ал-Берунӣ қайд мекунад, ки конҳои лаъл на дар худи шаҳри Бадахшон, балки дар дурии серӯза роҳ аз он, дар наздикии деҳаи Варзафанҷ воқеъ гашта будаанд ва агар кас аз Шикошим (Ишкошим) ба Шиқинон (Шуғнон) рафтанӣ шавад, аз миёни он конҳо мегузаштааст[10].

«Дар ҳақиқат ҳам имрӯз лаъл чун зиёда аз ҳазор сол пеш аз ин аз Кӯҳи Лаъли минтақаи Ғорони Шуғнон, ки дар байни деҳаҳои Вист ва Андароби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон воқеъ мебошад, истихроҷ мегардад»[11].

Вале азбаски суфтакунию фурӯши лаъл дар шаҳри Бадахшон сурат мегирифт ва Шуғнон низ аксар вақт ҷузъи иқлими Бадахшон буд, барои ҳамин он номи «лаъли Бадахшон»-ро гирифт.

Ду нафар олиму сайёҳи машҳури асри XIII - Марко Поло ва Ёқути Ҳамавӣ, ки ҳарду Хуросону Мовароуннаҳрро зиёрат намуда буданд, лаълро «балахш» ном бурда, номи кишварро «Балахшон» гуфтаанд. Сайёҳи венетсианӣ Марко Поло, ки дар охири асри XIII муддате дар Бадахшон истиқомат карда буд, дар бораи «балахш» чунин навиштааст: «Дар Баласиён (Бадахшон) балахшҳо - сангҳои қиматбаҳо мавҷуд мебошанд. Онҳо хеле ҳам сангҳои зебою қимат буда, дар дохили харсангҳои кӯҳӣ ҷой доранд. Мардум барои шоҳ ва ба фармони ӯ дар кӯҳҳои Шигхинон ғорҳои калон, чи тавре ки ҳамин гуна ғорҳоро барои истихроҷи нуқра мекананд, канда, аз онҳо балахш истихроҷ менамоянд. Аз тарси ҷон касе барои худ аз он кӯҳ сангҳои қиматбаҳоро истеҳсол намекард. Агар касе ҷуръат карда аз ин шоҳигарӣ он сангҳоро берун мебаровард, ҷону моли худро аз даст медод... Шоҳ намегузошт, ки ягон кас бе иҷозат балахш истихроҷ намояд»[12].

Аз ин навиштаҳо аён аст, ки ҳатто дар охирҳои асри XIII дар худи Бадахшон лаълро - «балахш» мегуфтанд. Балахшҳо (лаълҳо) монополияи шоҳ буда, касе бе иҷозати шоҳ наметавонистааст онҳоро истихроҷ намояд ё ба фурӯш барорад.

Ёқути Ҳамавӣ, ки дар ибтидои асри XIII қабл аз ҳуҷуми муғулҳо ба Хуросону Хоразм омада буд, дар моддаи «Бадахшон»-и «Мӯъҷаму-л-булдон»-и худ чунин навиштааст: «Бадахшонро оммаи мардум бо ҳарфи «лом» - Балахшон меноманд. Он мавзеест, ки дар он ҷо маъдани балахш, ки дар хубӣ бо ёқут рақобат меварзад, мавҷуд мебошад. Касони онро дида ба ман ривоят карданд, ки дар кӯҳҳои онҳо балахш хеле зиёд аст, аммо навъҳои хуби он кам мебошанд...»[13].

Аз ин навиштаҳои олими шинохта ҷои шубҳае намемонад, ки номи кишвари Бадахшон дар асл «Балахшон» буда, аз номи «балахш» - лаъл, ки онро дар ватани аслияш «балахш» мегуфтаанд ва ҳатто дар асри XIII низ онро (кишварро) Балахшон меномидаанд, гирифта шуда будааст.

Суоле ба миён меояд, ки пас чаро алакай дар асри IX дар адабиёти форсу тоҷик «балахш» ба «лаъл» табдил шуд? Сабаби инро Ғиёсуддин Муҳаммад бисёр содаю фаҳмо чунин шарҳ додааст: «Лаъл ... муарраби (арабикардашудаи) «лол» - ба маънои ҳар чизи сурх умуман ва ба маънои ҷавҳари сурхи қимате (аз «Рисолаи муарработ») ва дар «Сироҷ» навишта, ки «лаъл - муарраби лол аст, ки ба ҳиндӣ ва форсӣ муштарак бошад; ё тасарруфи форсиёни арабидон аст». Ва дар «Баҳори Аҷам» гуфта, ки «лаъл - ҷавҳарест сурхранг ва ин дар асл ба «алиф» буд, ки форсиёни мутаарриб ба «айн» менависанд»[14].

Ғиёсуддин Муҳаммад кори моро осон карда аз луғатҳои мӯътабартарин мисолу далелҳо оварда собит месозад, ки балахшро мардуми тоҷик ба хотири ранги сурхи зебо доштанаш аввал «лол» номидаанд, ки ин калима дар забонҳои форсию ҳиндӣ ба маънии «сурх» будааст. Баъд ба сабаби тасарруфи арабидонон «алиф» ба «айн» табдил ёфта, «лол»-ро «лаъл» гуфтаанд.

Ал-Берунӣ дар тавсифи лаъли Бадахшон ва ҷои он дар байни сангҳои қиматбаҳои дигар чунин мефармояд: «Асосан се санги қиматбаҳо дар хубӣ байни худ рақобат доранд: ёқут, зумурруд ва марворид. Тибқи ҳамин тартиб мебоист ҳангоми тавсиф якеро аз паси дигарӣ зикр намоем. Вале азбаски дар боби «Ёқут» фасле бахшида ба сангҳои қиматбаҳо дохил аст, ба ин фасл бояд лаълро низ ҳамроҳ намоем. Зеро он нафақат яке аз сангҳои қиматбаҳост, балки дар байнашон зеботарин низ мебошад. Дар хусуси лаъл ман чунин мегӯям: он - санги сурх ва шаффофу тоза буда, аз ҳайси ранг бар ёқути олидараҷа монанд аст. Ҳатто баъзан дар зебоӣ ва дурахш бар ёқут бартарӣ дорад, вале дар сахтӣ нисбат ба ёқут мулоимтар аст. Аз ҳамин рӯ ҳангоми бархӯрд ё соиш бо ҷисмҳои дигар кунҷу паҳлӯҳои лаъл ба осонӣ зарар мебинанд»[15].

Ҳамин тавр, аз навиштаҳои ал-Берунӣ бармеояд, ки лаъл дар назари мардум дар ибтидо дар сурхию шаффофию зебогӣ ҳатто аз ёқут низ баланд меистодааст. Баъдтар мардум фаҳмидаанд, ки он мулоим

буда, паҳлӯҳои он дар натиҷаи соиш хӯрда мешаванд, нархи он пасттар мегардад. Вале бо вуҷуди он, нархи лаъл дар замони ал-Берунӣ (асри XI) хеле баланд будааст. «... Дар замони мо нархи санги (лаълпораи) як дирҳам вазн (3,5-4,0 г) дошта 10 динори ҳиротиро ташкил медиҳад. Вале агар вазни санг (лаълпора) дар ҳудуди аз 20 то 100 дирҳам бошад, дар он сурат қимати ҳар як дирҳами он дар ҳудуди 20-30 динор мебошад», менависад ал-Берунӣ[16].

Бадахшон умуман нафақат бо конҳои лоҷуварду лаъл, балки бо конҳои маъданҳои зиёди дигар аз қабили - тилло, нуқра, оҳан, асбест, мис, беҷода (гранат), олтингӯгирд ва сангҳои дигари гуногуни қиматбаҳо машҳур буда, конҳои мазкур дар тӯли таърих фаъолият мекардаанд. Чи тавре дидем, маҳз ҳамин сарватҳои зеризаминӣ ин кишварро дар олами он замон машҳур гардонида, сайёҳону ҷосусон аз кишварҳои мухталиф барои ба даст овардани он сарватҳо ё гирд овардани маълумот дар бораи онҳо ба ин вилояти таърихӣ меомадаанд.

* * *

Маълумотҳои аввалин оид ба Бадахшон дар солномаҳои дарбории подшоҳони хитоӣ дучор меоянд. Чунончи дар Вэй-ши - таърихи дарбори подшоҳони Шимоли Хитой дар бобати кишвари «Йеда» - (ҳайтолиён) чунин омадааст: « ... пойтахти Йеда дар масофаи 200 ли (1 ли баробари тақрибан 500 м) аз дарёи Ухюй (Панҷ) дар ҷануби он воқеъ гаштааст. Подшоҳи он дар шаҳри Бадиян истиқомат мекунад. Ин шаҳр аз қасри подшоҳ иборат буда, қутри (давродаври) он тақрибан 10 лиро (5 км) ташкил медиҳад. Дар он маъбадҳо ва ҳайкалҳои буддоии бо тилло зебу зинат додашуда зиёданд. Як қисм урфу одатҳои онҳо ба урфу одатҳои туркон монанд мебошад. Бародарон як зан мегиранд. Забонашон аз забонҳои жужанҳо, гаогюйҳо ва туркҳо тамоман фарқ мекунад. Шумораи нуфуси Йеда то 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Онҳо шаҳр надоранд ва дар куҷое, ки алаф зиёд бошад, дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекунанд. Тахти подшоҳии онҳо меросӣ нест. Тахтро шахси тавонотарин аз ҷумлаи хешони подшоҳ соҳиб мегардад. Мардуми Йеда бераҳму шуҷоъ мебошанд. Дар Кишвари Ғарбӣ (Осиёи Марказӣ - Ғ.Ғ., М.Х.) - Кангюй, Хутан, Шалэ, Аньси ва то 30 давлатчаи хурди дигар тобеи подшоҳи Йеда мебошанд. Йеда - давлати пурқувват ба ҳисоб рафта бо жужанҳо муносибати хешутаборechii никоҳӣ дорад. Аз давраи ҳукмронии Тхай-ань (подшоҳи Хитой) соли 445 сар карда, подшоҳи Йеда зуд-зуд ба дарбор [и ӯ] сафиронро бо тӯҳфаҳо мефиристад. Дар охирҳои замони ҳукмронии Чжен-гуань [подшоҳи Хитой] дар соли 525 ӯ [подшоҳи Йеда] шереро фиристод ...

Аз хонадони Чжеу [-и Йеда] дар солҳои 553 ва 558 ба ҳарду дарбор [-и подшоҳони Хитой] сафирон бо тӯҳфаҳо фиристода шуда буданд. Баъд аз ин туркҳо кишвари Йедаро торумор карданд, наслҳои подшоҳони он пароканда шуданд ва фиристодани тӯҳфаҳо низ қатъ гардид. Дар замони сулолаи Суй (581-618) дар давраи подшоҳии Да-йе (605-616) подшоҳи

Йеда ба дарбори хитоӣ сафорате бо ҳадяҳо аз молҳои истеҳсоли маҳаллӣ фиристод ...»[17].

Дар ҳақиқат шаҳри Бадахшон аз дарёи Панҷ дар дурии тақрибан 200 ли (100 км) воқеъ мебошад, яъне шаҳри Бадияни сарчашма ҳамин шаҳри Бадахшон аст. Ва асли аксари мардуми Бадахшони он замон низ йеда - яфталӣ, яъне ҳайтолӣ буданд. Инчунин, дар ҳақиқат баъди соли 558 тахминан дар ҳудуди солҳои 560-562 давлати азими ҳайтолиён, ки асли баромади онҳо аз Бадахшон буд, аз ҷониби туркон торумор карда шуд[18]. Аз ҳамин сабаб фиристодани тӯҳфаҳо ва сафирону корвонҳои тиҷоратӣ аз давлати Йеда - ҳайтолиён ба Хитой қатъ гардид. Номи ин халқият дар номи минтақаи Яфтал дар Бадахшон то имрӯз барҷою зинда мондааст.

Роҳиби буддоии ҳиндӣ Дҳармагупта ҳанӯз дар соли 590 ба Хитой аз роҳи Бадахшон сафар карда буд. Ӯ аз Каписа (Каписои Афғонистон) баромада ба воситаи кӯҳҳои пурбарф аз вилоятҳои Пуцзяло, Бодочана ва Тамосибиньдо гузашта ба Кэлопаньто расид ва як сол дар он ҷо бозмонд. Ба ақидаи А.М. Мандельштам, ки хабари мазкурро овардааст - Бодочана ин бешубҳа Бадахшон буда, бори аввал аст, ки ин ном дар сарчашмаҳои хаттӣ (дақиқ) зикр мегардад[19].

Новобаста ба ин фикри олим, ба ҳар ҳол шаҳри Бадиянро мебояд зикри аввалини номи Бадахшон дар сарчашмаҳои хаттӣ донист. Дар робита, агар номи Бадахшон (Балахшон) аз «балахш» - лаъл гирифта шуда бошад, лозим меояд таърихи ошкор карда шудани маъдани мазкурро низ то ба соли 455 ба қафо барем.

Дар хусуси Бадахшони нимаи аввали асри VII зоири дигари буддоии чинӣ Сюан-цзан низ маълумот додааст. Ӯ дар соли 644 баъди зиёрати маъбадҳои буддоии Ҳиндустон аз роҳи Тахористону Бадахшону Вахон ба ватани худ баргашта истода, дар сафарномаи худ оид ба кишварҳои мазкур маълумот додааст. Ӯ аввал аз кишвари кӯҳистоние бо номи Ҳимотало дар сарҳади Тахористон сухан меронад, ки Ҳимоталои мазкур аз маркази Бадахшон дар дурии 200 ли - тақрибан 100 км воқеъ буд[20]. Ҳимоталои ёдшуда ба ақидаи мо ин ҳамон дараи Яфтал аст, на транскрипсияи хитоии номи санскритии ҳайтолиён, чи тавре, ки баъзе олимон чунин ақида доранд[21].

Дараи Яфтал дар байни Файзободу Шаҳри Бузург, дар ҳавзаи дарёи Яфтал воқеъ буд. Яфтал дар асри XI низ маҳалли маъруфе будааст. Чунончи ас-Самъонӣ дар «Китобу-л-ансоб»-и худ дар моддаи «Яфталӣ» навиштааст: «Ин нисбатест ба кишваре, ки дар охирҳои Тахористон ҷой дорад ва онро Яфтал меноманд. Ва ба ин нисба машҳур аст Абунаср ибни Аби-л-Фатҳ ал-Яфталӣ, ки дар Хуросон амир буд. Ахбораш ва ҷанги ӯ бо Қаротегин дар наздикиҳои Балх, Мардовезро асир карданаш дар «Таърих»-и ас-Саломӣ [ал-Икмол, ҷ. VII, с. 443-44] зикр гардидаанд». Дар моддаи «ал-Базахшонӣ» бошад, ас-Самъонӣ навишта аст: «Ин нисбатест ба «Базахшон», ки он дар қисми болои Тахористон воқеъ буда, то ҳудуди кишвари туркҳо тӯл кашидааст. Дар он работест, Зубайда духтари Ҷаъфар ибни Абиҷаъфари ал-Мансур (халифаи аббосӣ (754-

775)) дар он қалъаи аҷибе бисохт, ки [дар зебоӣ] мисли он кам дида мешавад. Аз он (Бадахшон) беҷодӣ, лоҷувард, булӯр, санги фатила (асбест) - он чизест монанд ба мағзи бардӣ (папирус) ва санге, ки бозҳир (подзахр) ном дорад, ба ҷойҳои дигар бароварда мешавад»[22].

Сюан-цзан мавзеъҳои дигари Бадахшонро низ зиёрат кард. Ӯ дар ҳамон соли 644 аз Яфтал баъди тай намудани 200 ли-и дигар ба мавзеи Инбоцзянь расид, ки он аз ҷониби олимон ҳамчун Юмгон дониста шудааст. Аз Юмгон ӯ баъди 300 ли ба Цюйланна расид. Генри Юль Цюйланнаро Куррони Бадахшон донистааст, ки дуруст мебошад. Сюан-цзан аз Менцзянь - Мунҷон, Цилисэмо - Кишм низ ёд намудааст. Ӯ аз Куррон баргашта ба сӯи шимолу шарқ ҳаракат намуд ва баъд аз тай намудани 500 ли (250 км) ба Дамоситеди (Вахон) дар водии танги дарёи Фочу (шояд Мастуҷ) расид. Маркази он дар ҳамон айём Хуньтодо (Кандут) буд. Дар шимоли Вахон бошад вилояти Шицини (Шуғнон) воқеъ буд. Аз Дамоситеди агар кас ба ҷануб ҳаракат намояд, ба Шанми (Чатрор) мерасид. Аммо Сюан-цзан аз Дамоситеди ба шарқ ҳаракат карда, баъди тай намудани 700 ли (350 км) ба водии Бомило (Помир) расид[23].

Дар хусуси урфу одот ва тарзи зиндагонии мардуми Симотало (Яфтал) Сюан-цзан менависад, ки: «Он чи аҷиб менамуд ин ки занони шавҳардор шохи чӯбине ба баландии тақрибан се фут (91,4 см) ба сар мегузоштанд. Ин шох, ки беҳтар аст онро кулоҳ гуфт, ду шох медошт. Ва ин ду шох намояндагӣ аз падару модари шавҳар менамуд бар ин тафсил, ки шохи болоӣ азони хусур ва шохи пойин марбути хушдоман мебуд. Ҳар гоҳ яке аз онҳо вафот мееёфт, яке аз он шох аз байн мерафт. Дар сурате, ки хусуру хушдоман ҳар ду дармегузаштанд, ҳар ду шох ҳазф мегардид». Ғайр аз ин Сюан-цзан махсусан қайд намудааст, ки урфу одатҳои яфталиён ба сабаби наздик будани сарҳади туркон, ба урфу одати туркҳо монанд аст[24].

Бо вуҷуд доштани мавзеъҳои қалъадори мустаҳкам мардуми Симоталоро ӯ кӯчӣ ба қалам додааст. Ҳокими Бодочуаннаро (Бадахшон) ӯ буддоӣ гуфта бошад ҳам, дар ибтидо мардумони ҳайтолӣ эътиқодоти хосси худро доштаанд, ба оташу офтоб ва ғайра саҷда мекардаанд. Баъдтар бошад онҳо қисман дар асрҳои VI-VII ойини буддоиро қабул намуда буданд.

Дар бораи вилоят ва шаҳри Бадахшони асрҳои миёна (X-XI) маълумотҳои кӯтоҳу муфиде дар сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ дарҷ гаштаанд. Азбаски барои донистани вазъи сиёсию иқтисодии Бадахшон он порчаҳо муҳим мебошанд, овардани тарҷумаи онҳоро лозим донистем.

Ал-Истахрӣ ва ибни Ҳавқал дар бораи Бадахшон навиштаанд: «Базахшон [номи] иқлимест ва пойтахташ шаҳри Базахшон аст. Ва он мамлакати Аби-л-Фатҳ мебошад»[25].

Ҳар дуи онҳо дар мавриди мавзеи ҷойгиршавии шаҳри Бадахшон маълумотҳои пурқимат додаанд: «[Шаҳри] Базахшон аз Мунк хурдтар аст. Он [Базахшон] дорои рустоҳои зиёди ободу ҳосилхез мебошад. Дар

он току дарахтони дигар ва дарёҳо мавҷуд буда, он дар ғарби дарёи Харбоб (дурусташ - Харноб) воқеъ гаштааст... Аз Базахшон беҷодаи борик (нозук) ва санге (лаъл), ки гавҳари нафис дошта, дар ҳусну равнақ ба ёқут монанд аст ва рангҳои гулобӣ, руммонӣ (ранги анор), сурхи ба хун монанди нозук, ранги ба ранги май монанд доранд, ба ҷойҳои дигар мебаранд (барои тиҷорат). Он [Базахшон] асли ватани лоҷувард мебошад. Дар кӯҳҳои он конҳои маъданҳои зиёде вуҷуд доранд. Ба он аз тариқи Вахон мушки тибетии зиёд ворид мегардад»[26].

Муарриху ҷуғрофии дигар ал-Яъқубӣ бошад, дар хусуси роҳ аз Хуттал то ба Шуғнону Базахшон менависад: « Аз Хуттал роҳ ба Тахористони Боло ва мамлакати Хуморбек, подшоҳи Шуғнону Бадахшон меравад ва аз он ҷо бо роҳи Водии Аъзам - ба Шуғнон»[27].

Аз ҷумлаи ҷуғрофиёни араби асри X ал-Муқаддасӣ роҷеъ ба Бадахшон, хусусан маъданҳою сангҳои қиматбаҳои он маълумоти бештаре додааст: «Базахшон то кишвари туркон тӯл кашида, дар қисми болои Тахористон воқеъ гаштааст. Дар он кони гавҳаре, ки ба ёқут монанд мебошад (лаъл - Ғ.Ғ.) мавҷуд аст, ки ғайри он дигар дар ягон ҷой чунин кон вуҷуд надорад. Дар он ҷо работи Фозил ва як қалъаи аҷибе, ки азони Зубайда [зани халифаи аббосӣ Ҳорунаррашид] мебошад, мавҷуданд. Дар он ҷо конҳои лоҷувард, булӯр, санги бозҳир (подзаҳр), санги фатила (пилтасанг, асбест) мавҷуд мебошанд. Ин ахир (яъне асбест) чизест ба бардӣ (папирус) монанд, дар оташ намесӯзад. Онро дар равған андохта мегиронанд ва он мисли пилта сӯхтан мегирад ва кам намегардад. Онро дар оташи сӯзон соате мепартоянд ва он ба ҳолати аввалааш бармегардад. Аз он дастархонҳо мебофанд. Чун дастархонҳо ифлос гаштанд ва хостанд онҳоро бишӯянд, он дастархонҳоро дар [оташи] танӯр мепартоянд. Пас аз ин онҳо ба мисли ҳолати аввала баргашта тоза мешаванд. Боз санги дигаре [дар Бадахшон] вуҷуд дорад, ки чун онро дар хонаи торик гузоранд, аз худ нур афканда, чизҳои дар наздикиаш бударо равшан месозад»[28].

Муаллифи «Ҳудуду-л-олам» (асри X) бошад дар бораи Бадахшон навиштааст: «Бадахшон шаҳрест бисёрнеъмат ва ҷои бозаргонон. Ва андар вай маъдани сим аст ва зарру беҷода ва лоҷувард. Ва аз Туббат (Тибет) мушк бад-он ҷо баранд»[29].

Агар кас ба харитаи мавзеи Ҷурм нигоҳ кунад, дар шимолу шарқи мавзеи Баҳорак номҳои ду деҳаи дар муқобили якдигар қарор дошта диққати касро ба худ ҷалб менамоянд. Яке аз он деҳаҳо Сари Шаҳр ва деҳаи дар муқобили он қарор дошта Пои (Поёни) Шаҳр ном доранд[30]. Гумон меравад шаҳри Бадахшони асримиёнагӣ дар байни ана ҳамин ду деҳа ҷой дошта, яке аз он деҳаҳо дар аввал ва дигарӣ дар охири шаҳр қарор доштаанд. Аз ҳамин сабаб ҳам яке Сари Шаҳр ва дигарӣ Поёни Шаҳр ном гирифтаанд[31]. Новобаста ба ин, чи тавре дар боло қайд гардид, сарчашмаҳои арабӣ шаҳри Бадахшонро дар ғарби дарёи Вардуҷ, яъне дар ҷанубу ғарби Баҳорак ҷой додаанд, ки гумон меравад дурусташ ҳамин аст. Ҳалли ин масъала ба гузаронидани корҳои археологӣ дар он ду мавзеъ (шимолу шарқи Баҳорак ё ҷанубу ғарби он) вобаста аст.

Бояд гуфт, ки дар тӯли таърихи мавҷудияти худ се вилояти таърихии минтақа - Бадахшон, Хатлон ва Тахористон дар ҳамсоягии якдигар қарор дошта, баъзан як қисми масоҳати яке аз онҳо ба вилояти дигар дохил мешуд ва баръакс. Чунончи, агар дар асрҳои IX-XIII шаҳрҳои Нучоро (Андиҷороғ), Корбанг ва Рустои Бек то гузаргоҳи Бадахшон дар наздикии Баҳораки Афғонистони имрӯза ҷузъи Хатлон бошанд, баъди истилои муғул ва қатли омми саросарии мардуми тоҷик мавзеъҳои мазкур, ки дар соҳилҳои чапи дарёи Панҷ қарор доштанд, ба ҳайати Бадахшон даромаданд[32]. Худи Хуттал муддати тӯлонӣ ҷузъи Тахористон буд.

Дар давраи асримиёнагӣ - асрҳои IX-XIII аксар вақт дар муайян кардани ҳудудҳои шаҳру вилоятҳои ба Тахористону Хатлону Бадахшон тааллуқдошта, баъзан душвориҳое пеш меоянд, ки сабаби онҳо дар омилҳои зерин ниҳон мебошанд: умумияти таърихию нажодӣ - аз даврахои қадимтарин дар ин се вилоят (бохтариён, ҳайтолиёну тахориён) якҷоя зиндагӣ карда меомаданд ва маданияту таъриху тақдири умумӣ доштанд.

Баъд аз истилои туркҳо бар кишварҳои осиёимиёнагӣ, пас аз солҳои 560-563 ба ҳайати тахориёну ҳайтолиёни он се вилоят унсури этникии туркӣ низ дохил гардид. Зеро, баъд аз таърихи мазкур туркҳо дар давоми қариб як аср дар сарзаминҳои ёдшуда ҳукмрон буданд. Ҳокими турки Тахористон дар асрҳои VII-VIII лақаби ябғуро (ҷабғу) дошт ва ҳокими Бадахшон тобеи ӯ буд.

Дар давраи то истилои муғул Тахористон, ки Бадахшон ҷузъи он буд, дар асри XII аввал дар тобеияти Ғуриён (1149-1215) қарор дошт. Дар ин бора дар «Табақоти Носирӣ» омадааст: «Ва чун малик Фахруддин [и Масъуд] бад-он тахт[и Бомиён] биншаст, атрофи билод ва мамолики ҷиболи Шуғнону Тахористон то ба Дарвозу Балур ва атрофи Туркистон то ҳадди Вахшу Бадахшон ҳама дар забт омад»[33]. Баъд аз марги Фахруддин, писараш - султон Шамсуддин бар тахти Бомиён нишаста қаламрави худро боз ҳам васеътар намуда, тамоми ноҳияҳои Бадахшонро дар тасарруфи худ медарорад: «Чун султон Шамсуддин ба тахти Бомиён биншаст... мамолики Тахористон тамом дар забти ӯ омад. Ва баъд аз он, [ки] шаҳри Балх ва Чағониён ва Вахш ва Ҷурму Бадахшону ҷиболи Шуғнон дар тасарруфи ӯ омад, ба ҳар тараф лашкар кашид ва бар ҷумлаи он билод нофизу амр (ҳукмрон) шуд»[34].

Дар солҳои 612-613/1215-16 Муҳаммад Хоразмшоҳ дар натиҷаи хиёнат Ғазнаро гирифт[35] ва бо ҳамин минтақаи Тахористону Хатлону Бадахшон ба қаламрави хоразмшоҳиён дохил гардид.

Дар замони ҳуҷуми Чингизхон ба Мовароуннаҳру Хуросон, Бадахшон низ чун навоҳии дигари минтақа дар соли 1220 мавриди ғорату куштори сахт қарор гирифта буд, чунончи дар «Таърихи ҷаҳонкушой» омадааст: «Ва чун хотири Чингизхон аз харобии Тирмиз фориғ гашт, ба ҳудуди Кангурту Сомон рафт ва зимистон дар он ҷо раҳли истиқомат андохта, ба куштану кандану тохтан он диёрро низ [аз вуҷуди одамон] пок сохт (яъне дар он диёр одам намонд). Ва лашкар ба

вилояти Бадахшон фиристод, то он сарзаминро аз хуни куштагон ранги ёқути руммонӣ (чун анор сурх) ва лаъли бадахшонӣ доданд»[36].

Дар робита ақидаи шарқшиноси шинохта В.В. Бартольдро дар хусуси он, ки муғулҳо ба Бадахшон ҳуҷум накарда буданд («Бадахшан не был затронут монгольским нашествием...»), акнун кӯҳнашуда ҳисобидан лозим аст[37].

Дар асрҳои XIII-XIV амирзодаҳои муғул дар сарзаминҳои Тахористону Хатлону Бадахшон ҳукмронӣ мекарданд ва дар байни якдигар зиддиятҳое доштанд. Дар нимаи дуюми асри XIV набераи амир Қазағани муғул - амир Ҳусайн дар Кобулу Андароб, дар Ҳисор - амир Баёни сулдӯз, дар Бадахшон - шоҳ Баҳоуддин ҳоким буданд. Амир Ҳусайн аз амир Темур дар муқобили ҳокими Ҳисор ёрӣ пурсид. Амир Темур бо Хизри ясурӣ рӯ ба Ҳисор оварданд ва Баён сулдӯз ба Бадахшон гурехт. Иттифоқчиёни мазкур аз паси Баён ба Бадахшон омаданд. Шоҳ Баҳоуддин гурехт ва Бадахшон дар тасарруфи амир Ҳусайн қарор гирифт[38].

Дар ҳудуди солҳои 1367-68 шоҳони Бадахшон исён бардоштанд. Амир Ҳусайн дар якҷоягӣ бо амир Темур боз ба Бадахшон ҳуҷум оварданд. Дар ҷанг бо «тожикон»-и Бадахшон амир Темур дар мавзее дар як вазъи ниҳоят баде қарор гирифт, ки агар яке аз одамонаш, ки бо он «тожикон» шинос буд, ба миёна намедаромад, Темур ҷони худро аз даст медод[39].

Баъд аз ин волии Бадахшон - Шоҳ Шайхмуҳаммад ёд мегардад, ки дар соли 771/1369-70 ҳангоми маросими ба тахти подшоҳии Мовароуннаҳр нишастани амир Темур ӯ ҳамчун волии тобеи ӯ иштирок дошт[40].

Дар замони вафоти Шоҳрухи темурӣ (850/1446-47) писари хурдии Муҳаммади Ҷӯкӣ - мирзо Абобакр барои муддати кӯтоҳе Хатлону Қундузу Бағлону Бадахшонро гирифта буд. Дар соли 874/1469-70 бошад мирзо султон Маҳмуд, писари подшоҳи Самарқанд - султон Абӯсаид ҳамаи вилоятҳои дар боло зикршударо бо иловаи Тирмизу Чағониён забт намуд[41].

Дар соли 910/1504-05 лашкари ӯзбак бо сардории Шайбонихон ба минтақаҳои ҳокимнишини Ҳисору Қундуз хуҷум карда онҳоро ишғол кард ва Бадахшон низ зери таҳдиди ҳуҷуми ӯзбакҳо қарор гирифт. Вале дар ҷанги сахте, ки байни ду қувваи асосӣ дар минтақа - байни Шайбонихон ва шоҳи Эрон - Исмоили Сафавӣ дар соли 916/1510 дар наздикиҳои Марв рух дод, Шайбонихон кушта ва қувваҳояш торумор гардиданд. Баъди гирифтани Ҳирот шоҳ Исмоили Сафавӣ дар онҷо ҳокими темурии Бадахшон - писари султон Маҳмуд мирзо - Увайс мирзоро, ки дар таърих бештар бо номҳои Мирзохону Хонмирзо машҳур буд, қабул кард ва ба иловаи Бадахшон мулки Ҳисорро низ ба ӯ дод. Азбаски дар он вақт Ҳисору Хатлон як мулкро ташкил медоданд, Мирзохон акнун ҳокими як минтақаи хеле калони иборат аз Бадахшону Ҳисору Хатлон шуда монд[42].

Вале подшоҳии Хонмирзо бар Ҳисор он қадар зиёд давом накард. Ба зудӣ Убайдуллохони Шайбонӣ дар соли 919/1513-14 Ҳисорро гирифт ва Хонмирзо акнун ҳокими Бадахшону Хатлон шуда монд. Ин дафъа Хатлон аз Ҳисор ҷудо шуд.

Аз рӯи навиштаҳои мирзо Ҳайдари муғул дар «Таърихи Рашидӣ» дар соли 910/1504-05 маркази онвақтаи Бадахшон Қалъаи Зафар буда, худи Бадахшон дар ҳамон айём ба чор қисм тақсим карда шуда будааст: «Қисми болои он тобеи Кошғар буда, онро мирзо Абубакри Кошғарӣ ва баъд султон Саиди Кошғарӣ истило карда, дохили девони Кошғар намуда будаанд (яъне сокинони ин қисми Бадахшон хироҷро ба Кошғар мепардохтанд); қисми поёну нисбатан ҳамвору даромадноки он дар дасти ӯзбакҳо[и шайбонӣ] қарор дошт ва мардуми ин қисм хироҷро ба онҳо мепардохтанд; бӯлаки сеюми он - ин қисми миёнаи Бадахшон буда, даромади онро шоҳ Разиюддини «чароғкуш» мегирифт ва мардуми ин бӯлак ва аксари масоҳати Бадахшон дар мазҳаби ӯ қарор доштанд; ниҳоят, қисми чорум ин, ба таъбири мирзо Ҳайдар, иборат аз «тангиҳои Бадахшон» буд, ки Қалъаи Зафарро бо заминҳои атрофи он дарбар мегирифт»[43].

Ҳамин тавр, дар давраи ҳуҷуми ӯзбакҳо Бадахшон дар як вазъи ноҷӯри сиёсӣ қарор доштааст. Дар он айём Бадахшон муддате бе подшоҳ мемонад ва бадахшониён, ки пештар ҳанӯз аз пири рӯҳонии худ - Носири Хусрав мазҳаби исмоилияро қабул карда буданд, намояндагони худро ба Сиистон фиристода аз он ҷо пирзодаи исмоилияро бо номи шоҳ Разиюддини «чароғкуш» гирифта бо худ ба Бадахшон меоранд ва подшоҳи худ месозанд. Мирзо Ҳайдар, ки дар он вақт наврас буд ва ба назди Мирзохон ба Қалъаи Зафар мерафт, дар бораи воқеаҳои сиёсию мазҳабии Бадахшони он замон маълумотҳои муҳим овардааст. Ӯ менависад: «Дар он замон дар Бадахшон шоҳ Разиюддин ном чароғкуше пайдо шуда буд. Ҳар киро атбои (пайравони) ӯ меёфтанд (яъне онҳоеро, ки дар мазҳаби онҳо набуданд) мекуштанд ва онро сабаби наҷоту савоби охират медонистанд. Аз ҷиҳати (ба сабаби) вай роҳҳо масдуд (банд) шуда буд ва рафтани мо ба Бадахшон мутаассир (душвор) гашта. Шоҳ Разиюддин аз ҷумлаи малоҳидаи (мулҳидон, кофирон) Кӯҳистон (Қаҳистони Эрон) буд... Аксари аҳли Бадахшон он мазҳаб доранд. Оламро қадим медонанд ва баъсу нашрро қоил нестанд ва мегӯянд: «...муқайяд ба аҳкоми шариат будан дар замони пайғамбар бар ҳама фарз буд. Ин замон он чи фарз аст, ки калимаи тайиба гуфтан ва ба маънои он гаравидан фарз аст. Дигар аҳком мафқуд аст. Ватӣ (алоқаи ҷинсӣ) ба зоти худ ҳалол аст ва ҳилл аст. Он муқайяд бар никоҳ нест. Ва ба ҳар ки ватӣ мумкин бошад ва табъ рағбат намояд, ҳалол аст.

Вақти истилои Шоҳибекхон (Шайбонихон) мардуми Бадахшон ба сари худ буданд ... касе ба Сиистон фиристода ... Ин шоҳ Разиюддин пирзодаи қадимии эшон аст. Қабл аз омадани вай ... Мирзохон омада Зубайрро кушта подшоҳ шуда буд. Бо вуҷуд[и он] мардуми Роғ ва аксари ҳазораҷоти Бадахшон ба вай итоат карда буданд, вай истилои тамом

дошт. Тамоми аҳолии Бадахшон аз дуру наздик ғоибонаву ҳозирона ба вай (шоҳ Разиюддин) тавассул меҷустанд»[44].

Ҳамин тавр, шоҳ Разиюддини исмоилӣ дар чоряки Бадахшон подшоҳ буд, ҳарчанд ки аксари аҳолии Бадахшон дар мазҳаби ӯ қарор доштанд. Сабаби «чароғкуш» номида шудани шоҳ Разиюддинро мо дар як одати исмоилиёни Қаҳистон (Кӯҳистони Эрон) дармеёбем. Онҳоро дар Қаҳистон - ҷанубу шарқи Хуросон «чароғкуш» ё «бузғолабанд» меноманд. «Зеро исмоилиёни зану мард якҷоя дар шаби ялдо дар «ҷамхона» (ҷамъхона) гирд омадаву пас аз зикр гирифтан ва хондани авроду хӯрдани шароб, бузғолаеро, ки пештар бо ранги сабз ранг кардаву омода сохта буданд, оварда ба пояи чароғ мебастанд. Пас аз интиҳои маросими ибодот, бузғоларо нохост мерамониданд. Аз рамидани бузғола чароғ афтода хомӯш мешуд ва маросими лаззатёбии шаҳвонӣ байни мардону занони ҷамъхона шурӯъ мешуд. Ҳар кас дар торикии шаб, ки шарму ҳаёро мепӯшонд, ҷуфти худро пайдо мекард».

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни исмоилия аз ибтидо кӯшишҳое барои ибоҳаи маҳорим ҷой доштаанд. Чунончи олими эронӣ Фурқонӣ дар таҳқиқи худ дар ин бобат навиштааст: «Аз ҳамаи ғуллот (касони аз ҳад зиёд муболиғакунанда) маъруфтар Абулхаттоб буд... ва аз поягузорони аввалияи исмоилия буд... вай ақидаи бидъатомезе монанди: ибоҳаи (иҷозати) маҳориму зино ва ливоту дуздӣ ва шурби хамр ва тарки намозу рӯзаву ҳаҷро ба миён овард»[45].

Ногуфта намонад, ки ҳанӯз дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ дар он тарафи рӯди Панҷ, дар дараҳои Хоҳону Роғ одатҳое монанд ба «бузғолабанд» вуҷуд доштанд[46].

Дар ҳамон соли 910/1504-05 бародари Шайбонихон - Маҳмуд султон, ки волии Қундуз буд, даргузашт ва Шайбонихон ба ҷои ӯ Қамбарбийи марвиро волӣ таин кард. Қамбарбий як дастаи ӯзбакҳоро бо сардории Маҳмуд ибни Муҳаммадмахдум ном ба сӯи Қалъаи Зафар, маркази Бадахшон барои ишғоли он фиристод. Ба ӯзбакҳо намояндаи мардуми маҳаллӣ (таҳҷоӣ) бо номи Муборакшоҳ бо дастаи худ ба ҷанг пардохта ғолиб омад. Ба сабаби ин зафар қалъаи дастнораси бевосита дар соҳили Кӯкча қарордошта, ки Шафдевор (Шафтивар) ном дошт, Қалъаи Зафар номида шуд. Сабаби дигари чунин ном гирифтани қалъаи мазкур боз дар он буд, ки асли баромади худи Муборакшоҳ аз қабилаи маҳаллие буд бо номи «музаффариён» [,ки решаи ин калима низ аз «зафар» мебошад].

Бобур менависад, ки дар Бадахшон чор бек дар байни бадахшониён бо сари баланд мегаштанд ва ба ӯзбакҳо тобеъ набуданд. Инҳо Муҳаммади Қӯрчӣ, Муборакшоҳ, Зубайр ва Ҷаҳонгири туркман буданд. Ин чор бек якҷоя шуда, Носир мирзои темуриро шикаст дода, аз Бадахшон дар соли 912/1506-07 пеш карданд ва ӯ ба Кобул рафт. Дар соли 913/ 1507-08 бошад Мирзохон, ки дар Кобул буд, аз Бобур рухсат гирифта ба Бадахшон, ба Қалъаи Зафар омад. Дар ин асно дар байни бекҳои ёдшудаи Бадахшон зиддиятҳое пайдо шуданд, ки дар натиҷа Муборакшоҳро Зубайри Роғӣ кушт. Мирзохон бошад Зубайрро кушт.

Ногуфта намонад, ки Мирзохонро аз Кобул худи Зубайр даъват карда оварда буд. Аз навиштаҳои мирзо Ҳайдар, ки худ дар Қалъаи Зафар дар назди Мирзохон буд, чунин маълум мегардад, ки аҳволи Мирзохон дар Қалъаи Зафар бисёр бад будааст: «Маоши Мирзохон он қадар, ки ба хӯрдиёт (хӯрданиҳо) кофӣ тавонад буд, набуд. Дар аввалҳои баҳор дар миёни мӯътақидони шоҳ Разиюддин ихтилофе пайдо шуд [ва он] ба ҳадде расид, ки сари ӯро бурида пеши Мирзохон оварданд. Филҷумла қуввате аз шикасти малоҳида ҳосил омад»[47].

Шоҳ Разиюддин ба сабаби ихтилоф бо пайравонаш дар соли 915/1510 кушта шуда мавқеи Мирзохон дар Бадахшон каме устувор гардид. Ӯ то ҳангоми вафоташ дар соли 926/1520 подшоҳи Бадахшон буд[48]. Азбаски Сулаймоншоҳ - писари Мирзохон хурдсол буд, Бобур ӯро дар наздаш нигоҳ дошта писари навраси 13-солаи худ - Ҳумоюнро (дар соли 913/1507 таваллуд шудааст) ҳокими Бадахшон таин кард.

Ҳумоюн баъд аз шикасти сахти дуюми ӯзбакҳо аз лашкари қизилбошҳои Эрон дар соли 935/1528 дар Хуросон, тибқи хоҳиши падараш Бобур, ба сӯи Ҳисору Самарқанд лашкар кашид, аммо ба муваффақият ноил нашуда ба қафо баргашт. Дар худи ҳамин сол Бобур Ҳумоюнро ба Агра ба назди худаш даъват кард, то агар мабодо вафот кунад, Ҳумоюн ҷои ӯро гирад. Ҳумоюн дар Бадахшон амиреро бо номи Фақир Алӣ ба ҷои худ гузошта худ ба Агра ба назди падараш рафт. Амирон ва мардуми Бадахшон ба сабаби он ки ӯзбакҳо дар наздикии Бадахшон қарор доштанд, дар таҳлука афтода ба назди хони Кошғар - Саидхон расулҳо фиристода таърихеро муайян карданд, ки агар ӯ то фалон таърих ба Бадахшон ҳамчун ҳоким биёяд, бисёр хуб мешавад. Агар ӯ то таърихи мазкур наояд, бадахшониён рафта ӯзбакҳоро худашон оварда, Бадахшонро ба онҳо месупоранд. Сабаби султон Саидхонро ҳамчун ҳокими Бадахшон хостани мардум дар он буд, ки Шоҳбегими бибии хони мазкур аз авлоди шоҳони Бадахшон буд. Тибқи даъват султон Саидхон дар ибтидои соли 936/1529 то ба мавзеи Сариғчӯпони Бадахшон омада, аз он ҷо дастаи пешгарди лашкари худро тахти сардории муаллифи «Таърихи Рашидӣ» - мирзо Ҳайдари мазкур ба сӯи Қалъаи Зафар фиристод. Вақте ки мирзо Ҳайдар ба назди Қалъаи Зафар омада расид, маълум гардид, ки 11 рӯз пеш аз ин Ҳумоюн бародари хурдии худ - мирзо Ҳиндолро ба Қалъаи Зафар ҳамчун ҳокими Бадахшон фиристода будааст. Мирзо Ҳайдар ба назди Ҳиндол кас фиристода хост фаҳмонад, ки «Ҳоло фасли зимистон аст, хони Кошғар - Саидхон низ ба Бадахшон омадааст, то баромадани зимистон баъзе мавзеъҳои Бадахшонро ба хон биспор. Баъди баромадани зимистон хон низ баргашта ба Кошғар меравад». Азбаски Ҳиндол ба ин маслиҳат розӣ нашуд, «... охируламр кор бар тохт (ғорат) қарор ёфт. То омадани хон (Саид) банда (мирзо Ҳайдар) атрофи Қалъаи Зафарро фароҳам овардам (ғорат кардам) ва он ҷо аз нотиқу сомит, ки исми шайъ (чиз) бар он тавон ниҳод, дарҳам кашиданд. Баъд аз чанд рӯз хон ҳам расид. Муддати се моҳ Қалъаи Зафарро муҳосира намуданд ва атрофи онро ончи аз банда боқӣ монда буданд, мардуми хон бурданд»[49].

Ҳамин тавр мардуми Бадахшон аз зиддияти байни ҳокимони темурӣ-муғулии худ ғорат гардида, мардуми зиёде молу ҷони худро талаф доданд. Ҳиндол бошад дар қалъа ҷон ба саломат бурд.

Баъдтар Бобур Ҳиндолро ба назди худ даъват карда Сулаймоншоҳи писари Мирзохонро ба Бадахшон ҳамчун ҳоким фиристод ва дар ин бора ба хони Кошғар - Саидхон мактуб навишта фаҳмонид, ки ӯ ворисι ҳақиқии тахти Бадахшон - Сулаймоншоҳро ба он ҷо фиристодааст.

Дар ин байн Ҳумоюн, ки баъди вафоти падараш - Бобур дар соли 937/1530 дар Ҳинд ҷои ӯро гирифта буд, баъди муборизаҳою ҷангҳои зиёд бо подшоҳони мухталиф оқибат аз Шерхони сурӣ шикаст хӯрда, ба сӯи Кобул ба қафо баргашт. Ӯ дар соли 951 ё 952/1544-46 аз Кобул ба Қалъаи Зафар ҳуҷум оварда бо Сулаймоншоҳи мазкур ҷангид. Сулаймоншоҳ тоб наоварда гурехт. Ҳумоюн Қалъаи Зафарро гирифта баъд аз он ҷо ба Кишм омад. Дар Кишм ӯ бемор шуда аз ҳуш рафт. Чун ин хабар ба гӯши Комрон - бародари дигари Ҳумоюн расид, ӯ зуд ба Кобул омад. Чун Ҳумоюн аз ин хабар огаҳӣ ёфт, Қалъаи Зафарро боз баргардонида ба Сулаймоншоҳ дод ва зуд ба Кобул баргашт. Баъд аз он ки Комрон тоату фармонбардорӣ изҳор кард, Ҳумоюн ӯро дар ҳудуди соли 956/1549 ҳокими Кӯлоб таин кард[50]. Аз ин таърих сар карда то соли 1584, яъне то фатҳи Кӯлоб аз ҷониби Абдуллохони ӯзбак, Кӯлоб бо Бадахшон якҷоя ва ҳамтақдир буданд.

Дар миёнаҳои асри XVI як нафар адмирали турк бо номи Сейдӣ Алӣ Раис, ки забони форсиро хуб медонист ва ҳатто ба ин забон шеър низ мегуфт, дар асари ба забони туркӣ навиштаи худ «Миръоту-л-мамолик» (Ойинаи кишварҳо) оиди Бадахшону Хатлон маълумотҳои муҳим додааст. Сейдӣ баъди ҷанги сахти баҳрӣ бо як гурӯҳ баҳриёни худ ба Ҳиндустон меафтад. Ӯ дар соли 963/1556 аз Ҳиндустон ба Кобул ва аз он ҷо бо роҳи Бадахшону Хатлону Ҳисору Самарқанд ба ватани худ - Туркия бармегардад.

Сейдӣ мавзеъҳои зиёрат кардаашро дар асари мазкури худ зикр карда чунин менависад: «... дар аввали раҷаб [-и соли 963/1556] ба шаҳри Андароб, аз он ҷо ба вилояти Бадахшон ба Толиқон расидем. Дар он ҷо бо Сулаймоншоҳ ва писараш Иброҳим мирзо вохӯрдем. Подшоҳ дар ҳаққи мо лутфу эҳсони зиёд кард. Ӯ бо сабаби адовате, ки нисбат ба ҳокими Балх - Пирмуҳаммадхон ва ҳокими Тошкент - Бароқхон дошт, гуфт: «Ба он роҳҳо рафтани шумо хатарнок аст. Бародарҳои қазоқи (яъне - роҳзани) Пирмуҳаммадхон роҳҳои Қундузу Қубодиён ва Тирмизро зери хавф гузоштаанд. Аммо роҳҳои Бадахшону Хатлон тинҷанд, шумо ана бо ҳамин роҳҳо равед.

Подшоҳу мирзо ба ман аспу сару либос тӯҳфа намуданд. Ҷаҳонгир Алихон, акаи (бародари) зани подшоҳ (Сулаймоншоҳ) ҳокими Хатлон буд. Подшоҳ ба номи ӯ мактубе навишта ба мо дод, то ба ӯ бирасонем. Мо бо ҳамон роҳи нишондодаи ӯ ба роҳ баромадем ва ба пойтахти Бадахшон - шаҳри Кишм расидем. Дар он ҷо чорбоғи подшоҳӣ - подшоҳ Ҳумоюнро, ки Боғчаи Дуоба ном дошт, тамошо кардем. Сипас, бо роҳи

Қалъаи Зафар ба шаҳри Рустоқ ва аз он ҷо ба бандари Самтӣ расида аз оби Омӯ, яъне Ҷайҳун ба воситаи мешҳо (саночҳо, пӯстҳои дамкардашуда) гузаштем. Аз сӯи Қошғар ба вилояти Хатлон ба Дилӣ расидем. Дар он ҷо қабри сайид Алии Ҳамадониро зиёрат кардем. Пас аз он ба шаҳри Кӯлоба расидем. Дар он ҷо бо Ҷаҳонгир Алихон мулоқот карда, мактуби хоҳарашро ба ӯ супоридем...»[51].

Аз ин порча маълум мегардад, ки Сулаймоншоҳ дар он айём дар Толиқон қарор доштааст, шояд баъди шикаст хӯрдан аз Ҳумоюн. Инчунин аниқ мегардад, ки зани Сулаймоншоҳ - хоҳари ҳокими Кӯлоб буда, он ҳоким Ҷаҳонгир Алихон ном доштааст. Роҳи асосӣ аз Хатлон ба Рустоқу Кишм аз деҳаи Самтӣ ба деҳаи Боғи Хатлон ё Баҳорак қарор дошта, мавзеи марқади сайид Алии Ҳамадонӣ дар Дилӣ ном мавзеи Хатлон қарор доштааст, на дар ҷои имрӯзааш дар шаҳри Кӯлоб. Ғайр аз ин, аз порчаи мазкур адовати Сулаймоншоҳ нисбат ба ҳокими ӯзбаки Балх - Пирмуҳаммадхон баръало намудор аст, ки ин душманӣ охир ба ҷанг кашид.

Баъд аз якчанд соли ҳукмронӣ Сулаймоншоҳ ё ба тариқи дигар - Шоҳсулаймон каме пурқувват гардид. Ӯ бо писараш Иброҳим мирзо лашкаре тартиб дода қасди гирифтани Балхро намуданд. Дар Балх Пирмуҳаммадхони ӯзбак ҳоким буд. Ӯ аз писарамаки ҷавонаш - Абдуллохон, ки дар Мовароуннаҳр ба мулкгирӣ шурӯъ карда буд, ёрӣ пурсид. Абдуллохон ба ёрӣ пеш омад. Шоҳсулаймон дар ҷанг шикаст хӯрда гурехт, аммо писараш Иброҳим мирзо, ки табъи хуби шоирӣ дошт, асир афтода, оқибат бо фармони Пирмуҳаммадхон кушта шуд[52].

Бо он ки Абдуллохон якҷоя бо Пирмуҳаммадхон дар ҷанг бар Шоҳсулаймон ғолиб омаданд, бо вуҷуди он Абдуллохон нисбат ба Бадахшону Кӯлоб, ки дар он вақт як подшоҳ доштанд, дар синаи худ кина мепарварид. Хоссатан, ки ӯ то соли 992/1584 тамоми Осиёи Миёнаро ишғол намуда, фақат минтақаи Бадахшону Кӯлоб аз қаламрави ӯ берун монда буданд. Бо мақсади гирифтани минтақаи мазкур ӯ ба лашкараш амр дод, ки дар баҳори соли 992/1584 ҳама дар саҳрои Насаф ҷамъ шаванд. Подшоҳи он замони Бадахшону Хатлон Шоҳрух мирзо - набераи Шоҳсулаймон ба хотири пешгирӣ аз ин ҳуҷум Шоҳҳасан ном сайидзодаи тирмизиро бо тӯҳфаҳои зиёди қимат ба назди Абдуллохон фиристод. Аммо алакай дер шуда буд ва аз он сафорат фоидае ҳосил нагардид.

«Абдуллохон худ аз паси ӯ дар 6 муҳаррами соли 992/ 19 январи соли 1584 ба сӯи саҳрои Насаф роҳ пеш гирифт. Баъд аз чанд рӯзи иқомат Абдуллохон бо хайлу ҳашами худ ба сӯи Балх ҳаракат карда, дар охирҳои ҳамон моҳи муҳаррам (охири он - 30-юми муҳаррам - 12 феврал) ба он ҷо расид.

Баъд аз якчанд рӯз Абдуллохон амирони худро бо дастаҳои лашкар барои гирифтани шаҳрҳою навоҳии Бадахшон - Ғӯрию Каҳмарду Бағлон, Қундузу Ишкамишу Фархору Рустоқ, Толиқону Қалъаи Зафару Хусту Варсаҷу Наҳрин ва пойтахти онвақтаи Бадахшон - шаҳри Кишм фиристод. Ҳамаи мавзеъҳои ёдшуда бисёр зуд ва ба осонӣ аз тарафи

дастаҳои лашкари Абдуллохон ба ҷуз Фархору Хуст гирифта шуданд. Дар Фархору Хуст дастаи ӯзбакҳо бо сардории Муҳаммадбоқибий асир афтоданд ва баъд аз гузаштани вақти зиёде Муҳаммадбоқибийро бо чанд амири дигар фархориён озод намуданд.

Шоҳрух мирзо, ки аз соли 983/1575 сар карда ба ҷои бобои худ - Шоҳсулаймон (ё ба тарзи дигар - Сулаймоншоҳ) подшоҳи Бадахшон буд, ба ҷои ташкили мубориза, аз як шаҳр ба шаҳри дигар мегурехт ва дар ниҳояти кор бо бобои худ - Шоҳсулаймон дар Кобул қарор гирифт»[53].

Азбаски Шоҳрух мирзо гурехта буд, қалъа ва шаҳри Кӯлоб, ки дар ҷои деҳаи Тебалай, 5 километрии шарқи Кӯлоби имрӯза воқеъ буд, ба нуқтаи асосии мубориза бар зидди ӯзбакҳои Абдуллохон табдил ёфт. Хатлониёну бадахшониён шаҳри Кӯлобро мустаҳкам гардонида, писари хурдсоли Шоҳрух мирзо - Муҳаммадзамон мирзоро бо худ гирифта бо ӯзбакҳо рӯ ба рӯ шуданд. Дар хусуси он, ки дар шаҳри Кӯлоб ба лашкари Абдуллохон як гурӯҳ ашрофони маҳаллӣ ва хатлониёну бадахшониён муқобил меистоданд, Ҳофизи Таниши Бухорӣ хабар додааст: «Он муборизон: Шоҳсолеҳи Калону Шоҳсолеҳи хурд ва Шоҳмуҳаммад Баёну ҷамъе дигар аз диловарони вилояти Хатлону навоҳии Бадахшон буданд»[54].

Абдуллохон, ки шаҳру навоҳии Бадахшонро ба осонӣ гирифта буд, гумон кард Кӯлобро низ ба осонӣ мегирад. Бо ин мақсад ӯ як қисми лашкарашро бо сардории писараш Абдулмӯмин барои гирифтани щаҳри Кӯлоб фиристод. Аммо ӯ дар давоми як моҳ аз 6 май то 6 июни соли 1584 дар муқобили кӯлобиён коре карда натавонист ва аз падараш ёрӣ хост. Абдуллохон бо тамоми лашкараш ва тӯпҳо ба сӯи Кӯлоб равона шуда дар давоми зиёда аз як моҳи дигар бо кӯлобиёну бадахшониён ҷангид. Ниҳоят баъди ҷангҳои дуру дароз дар шаби 10 июли соли 1584 Абдуллохон шаҳри Кӯлобро, ки дар ҷои деҳаи Тебалай қарор дошт, гирифт[55].

Абдуллохон баъди ишғоли Кӯлоб ин вилоятро ҷудо карда ба писарамакаш Ҳазора султон дод. Аммо дар соли 996/1587 баъди гирифтани шаҳри Ҳирот тамоми минтақаи Хатлону Бадахшонро ба ғайр аз шаҳри Ҳирот ба писараш Абдулмӯмин дод: «Ва рӯзи ҷумъаи ҳафтуми моҳ [-и рабеу-с-сонии соли 996 / 18 марти соли 1587] подшоҳи динпаноҳ (Абдуллохон) тамомии мамлакати Хатлону Қундуз ва Бағлону вилояти Бадахшон ва дору-л-мулки Балх бо ҷамеи тавобеу лавоҳиқи онро то канори Оби Мурғоб ба султонзодаи фирӯзиинтисоби ҷалд (Абдулмӯминхон) дод»[56].

Ҳамин тавр, Бадахшону Хатлон аз соли 1584 дар тобеияти ӯзбакҳо қарор гирифтанд. Азбаски дору-л-мулки Абдулмӯмин шаҳри Балх буд, акнун Бадахшону Хатлон аз Балх идора карда мешуданд. Дар соли 1598 Абдуллохон вафот кард ва Абдулмӯмин ба Бухоро рафта ба тахти падараш нишаст. Абдулмӯмин пас аз 6 моҳи подшоҳӣ кушта шуд. Ниҳоят, намояндаи охирини шайбониҳо - Пирмуҳаммад дар Бухоро ва писарамаки дигари Абдуллохон - Абдуламин дар Балх ба сари қудрат омаданд.

Дар соли 1601 дар Мовароуннаҳр сулолаи нави туркӣ, ки онро «ҷониҳо» ё «аштархониҳо» ном мебаранд, ба сари қудрат омад. Дар соли 1602 Балху Бадахшон дар ихтиёри Валимуҳаммади аштархонӣ қарор гирифтанд. Чун дар соли 1015/1606-07 Боқимуҳаммад дар Бухоро вафот кард, амирон Валимуҳаммадро аз Балх ба Бухоро бурда ба ҷои бародараш ба тахт шинониданд. Бо рафтани Валимуҳаммад аз Балх мардуми Бадахшону Қундуз ва Кӯлобу Ҳисор ба муқобили Аштархониён шӯриш бардоштанд. Шӯришбардоштагон Абдулло султон ном намояндаи Шайбониёнро дар вилоятҳои ёдшуда хон эълон намуданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки намояндагони сулолаи Шайбониён дар ин шӯриш даст доштаанд. Валимуҳаммад ба муқобили исёнбардоштагон хешовандони худ - бародарон Имомқулӣ ва Надрмуҳаммадро фиристод. Онҳо Деҳнаву Ҳисору Кӯлобро ишғол намуданд. Сипас, Имомқулӣ аз наздикии Айвоҷи Қубодиён аз оби Омӯ гузашта ба Хулм ва аз он ҷо ба Ғӯрӣ рафта мирзо Ҳусайн номро, ки Тахористону Бадахшон ба дасти ӯ қарор доштанд, шикаст дод[57].

Дар ҳамон соли 1606-07 Валимуҳаммад Балху Бадахшонро ба Надрмуҳаммад дод. Баъди гузаштани 5 сол Имомқулӣ ва Надрмуҳаммад хостанд тахти Бухороро соҳиб шаванд. Бо ин мақсад дар соли 1611 Имомқулӣ бо лашкари худ роҳи Бухороро пеш гирифт. «Надрмуҳаммадхон низ лашкари Балху Бадахшонро дар андак вақт ҷамъ карда мутаоқиб (аз пушт) равон шуд»[58].

Имомқулӣ баъди соҳиб шудан ба тахти Бухоро лақаби «Хони калон» ва Надрмуҳаммадхон дар Балх лақаби «Хони хурд»-ро гирифта ҳар кадом дар давоми зиёда аз сӣ сол ҳукмронӣ намуданд. Балху Бадахшон ҳамчун ҷузъи давлати аштархонӣ бояд дар тобеияти пурраи Бухоро қарор медошт. Аммо Надрмуҳаммад дар қаламрави Балху Бадахшон озодона фаъолият мекард.

Надрмуҳаммадхон дар солҳои 30-40 асри XVII ба аз нав тобеъ намудани ноҳияю вилоятҳои Бадахшон ва атрофи қаламрави худ пардохт, зеро дар як қатор аз он навоҳӣ ҳокимони маҳаллӣ мавқеи худро устувор гардонида ба Аштархониён боҷ намепардохтанд. Дар соли 1630 ӯ писари сеюми худ - Баҳром султонро ба Кӯлоб ҳамчун ҳоким фиристод. Кӯлобро аввал Боқибийи аталиқи уйрат бо лашкар омада фатҳ намуд ва баъд онро ба Баҳром султон супорид. Аз рӯи навиштаи Маҳмуд ибни Амирвалӣ, дар он айём «Хатлон ба юмни қудрату бахти бемисоли Надрмуҳаммадхон ... ва ғамхории шоҳзода Баҳром султон бо сардории амир Боқибийи аталиқи уйрат фатҳ гардидааст. Ва Шоҳ Ғариб, ки дар он қалъа (Қалъаи Хум - Ғ.Ғ., М.Х.) мутаҳассин шуда таълимоти рофизӣ (шиа)-ро паҳн мекард, ба дасти дӯстони он давлати рӯзафзун кушта шуд ва шукри худованд, ки бо ҳамин риштаҳои умри ин хонадони осӣ барканда шуданд»[59].

Чи тавре аз маълумоти сарчашмаҳо маълум мегардад, Шоҳ Ғариб - шоҳи Дараю Дарвоз дар қалъаҳои худ - Хум ва Зайнбардор алуфаю озуқа ҷамъ оварда, он қалъаҳоро мустаҳкам намуда муддати дарозе ба лашкарҳои амирони Надрмуҳаммадхон - Содиқбийи парвоначии

дурман, Аллоҳбердибий ва Хоҷам атолиқ муқобилият нишон дод. Дар натиҷаи ҷангҳои дуру дароз аз ҳарду ҷониб сарбозони зиёде талаф ёфтанд. Оқибат, бо сабаби ба охир расидани озуқаворӣ Шоҳ Ғариб маҷбур шуд дар соли 1048/1638-39 бо амирони Надрмуҳаммад шартномаи сулҳро имзо намояд. Тибқи шартҳои шартнома Шоҳ Ғариб ӯҳдадор гардид, ки хироҷи дар давоми чор сол напардохтаи Дараю Дарвозро бипардозад, хутбаро дар қаламрави Дараю Дарвоз ба номи Надрмуҳаммад бихонад, яке аз писаронашро ба дарбори Надрмуҳаммадхон ҳамчун гаравгон ба Балх фиристонад. Баъдтар ӯ на писараш, балки бародараш Шоҳ Қирғиз номро ба Балх ҳамчун гаравгон фиристод.

Амирони Надрмуҳаммад бо фармони ӯ мавзеъҳои дигари Бадахшон ва атрофро дар давоми солҳои 1635-1640 фатҳ намуданд. Чунончи, дар соли 1635 ноҳияҳои Рӯшону Шохдара ва баъдтар Роғу Чатрорро низ гирифта тобеи Балх гардониданд[60].

Надрмуҳаммадхон писараш Хусрав султонро волии Ғӯрӣ ва писари дигараш - Қутлуғ султонро волии Қундуз таин кард. Баъд аз он ки Абдулазиз - писари Надрмуҳаммадхон дар соли 1057/1647-48 ба тахти подшоҳии Бухоро нишаст, амиронаш барои суст кардани қудрати падараш дар Балх ба ӯ чунин маслиҳат доданд: «Агар хоҳӣ, ки дар оянда падарат ва дигарон ба ту итоат намоянд, вилояти Бадахшонро номзади Қутлуғ султон кун ва шарт гузор, ки дар иваз ӯ ба падарат итоат накунад». Қутлуғ ба ин шарт розӣ шуда ба Қундуз бозгашт ва аз итоат ба падар сар печид. Надрмуҳаммад аз ин рафтори ӯ дар хашм шуда, писари дигари худ - Субҳонқулихонро хон эълон кард ва ӯро ба муқобили Қутлуғ фиристод. Субҳонқулӣ бародараш Қутлуғро дар Қундуз муҳосира кард ва ӯро ба даст оварда кушт[61].

Мо чанде пеш қайд карда будем, ки дар тӯли таърихи дуру дарози мавҷудияти худ шаҳру навоҳии се вилояти бо ҳамдигар ҳамсояву наздик - Бадахшону Тахористону Хатлон, ки нафақат таърихи ягона, балки маданияту адабиёту урфу одати муштарак доштанд, баъзан шаҳру вилоятҳои яке аз онҳо ба вилояти дигар дохил мегардид ва баръакс. Яъне сарҳадоти ин се вилояти ҳамсоя доимию собит набуданд. Шаҳодати равшани ин ҳодисаро мо дар асари Маҳмуд ибни Амирвалӣ, ки ин асари мазкурро ӯ дар байни солҳои 1634-41 дар Балх навишта буд, баръало мушоҳида менамоем. Чунончи дар фасли «Бадахшон» ӯ чунин менависад: «Бадахшонро Тахористон номем, беҳтар мебуд. Он кишварест аз иқлими чорум, ки арзу тӯл[и васеъ] дорад. Дар он конҳои маъдани тиллою нуқра, ёқут (лаъл - Ғ.Ғ., М.Х.), мис, сурб, оҳан, беҷода, булӯр, лоҷуворд ... мавҷуд аст. Дар азминаи гузашта дору-л-мулки (пойтахти) он Юмгон буд... »[62].

Дар хусуси Тахористон бошад Маҳмуд ибни Амирвалӣ ин тавр навиштааст: «Тахористон, ки онро Бадахшон гуфтан дурусттар аст, онро қисми сеюм[и Балх] меҳисобанд ва [иборат аст аз]: Қундуз, Толиқон, Фархор, Роғ, Яфтал, Юмгон, Дара, Дарвоз, Сариқҷӯён (Сариғҷӯпон), Рустоқ, Қалъаи Шоҳназар, Боғи Аварс, Дашти Қалъа, Шаҳри Равон,

Арҳанги Сарой, Оқсарой, Боғи Ҳабаш, Султон Боязид, Айбак, Бағлон, Ғӯрӣ, Хуст, Валиён, Ишкамиш, Наҳрин. Ва инчунин мавзеъҳои дигари дар кӯҳу дашт воқеъбударо то қарибии Кошғар ба он нисбат медиҳанд»[63].

Чи тавре аз ин порчаҳо дида мешавад, аксари он мавзеъҳое, ки дар фасли «Тахористон» Маҳмуд ибни Амирвалӣ овардааст, дар ҳақиқат онҳо ҷузъи Бадахшон мебошанд. Масалан, шубҳае нест, ки шаҳру навоҳии зерин: Фархор, Роғ, Яфтал, Юмгон, Рустоқ, Дашти Қалъа, Ғӯрӣ, Ишкамиш, Наҳрин ба Бадахшон тааллуқ доштанд. Аз ҳама аҷибаш дар ин аст, ки Маҳмуд ибни Амирвалиро, ки худ дар Балх мезист ва донандаи хуби ҷуғрофиёву таърихи Хуросону Мовароуннаҳр буд, ба бехабарӣ дар масоили мазкур гунаҳкор карда наметавонем.

Сабаби инро мо дар моддаи «Балх»-и асари Маҳмуд ибни Амирвалӣ меёбем. Ӯ менависад: «Дар замонҳои пешин ва асрҳои гузашта муҳандисону массоҳон ба кишвари Балх як қисми худи Балх, як қисми Бомиён, як қисми Тахористон ва [як қисми] Хутталонро дохил намуда, ба ҳар яке аз ин[вилоят]ҳо якчанд шаҳру деҳаро дар тобеият қарор дода, сипас сокинони онҳоро балхию бомиёниву тахористониву хутталонӣ номидаанд»[64].

Ин андешаи Маҳмуд ибни Амирвалӣ дуруст буда, бори дигар собит месозад, ки сокинони Балх бо навоҳии тобеаш, Тахористон, Хатлон [ва Бадахшон] ҳама ҷузъҳои як мардуму як сарзамин буда, таъриху забону фарҳангу урфу одатҳои якхела доштанд ва сарҳадоти он вилоятҳо доимӣ набудаанд. Сарҳадоти мазкури байни он вилоятҳои мазкур дар натиҷаи ҷангҳо ва кашмакашҳои сиёсӣ зуд-зуд тағйир мепазируфтанд.

Вале Бадахшон ҳамчун вилояти таърихии мустақили соҳибихтиёр бо сарзамини алоҳидаи дорои навоҳию марказ ва шоҳони худ барои муддати нисбатан дарози таърихӣ - 230 сол, аз нимаи дуюми асри XVII сар карда ташаккул ёфт. Бадахшониён дар нимаи дуюми асри XVII - аниқтараш дар соли 1068/1657-58 ба маркази Бадахшон - қалъаи Ҷузгун яке аз намояндагони хонадони сайидҳои Самарқанд - Ёрибекхонро, ки як-ду насл пештар аҷдодони ӯ ба Бадахшон омада дар мавзеи Хами Мир зиндагӣ мекарданд, ҳамчун мири худ интихоб намуданд. Ба зудӣ, дар соли 1680 як гурӯҳ хоҷаҳои самарқандӣ, ки хирқаи пайғамбарро аз роҳи Бадахшон ба Ҳинд бурданӣ буданд, дар Ҷузгун нигоҳ дошта шуда, хирқаи муборакаро низ дар ҳамин шаҳр монданд. Аз файзу баракати хирқа - Ҷузгун, маркази Бадахшон - Файзобод ном гирифт.

Азбаски ҳаводиси минбаъдаи таърихӣ, аз ба сари қудрат омадани Ёрибекхон то охири асри XIX дар «Таърихи Бадахшон»-и мавриди назари мо буда, бо тартиби хронологӣ ва асосан дуруст зикр гардидаанд, аз такрори онҳо даст мекашем.

Ҳоло чанд сухане дар бораи сарзамини Бадахшон, яъне шаҳру навоҳии тобеи он зикр менамоем, то маълум гардад, ки Бадахшони замони Ёриҳо аз кадом шаҳру навоҳӣ иборат будааст. Дар ин бора пеш аз ҳама худи «Таърихи Бадахшон» маълумоти дақиқ медиҳад. Тибқи он

Ёрибекхон пеш аз вафоташ шаҳру навоҳии зерини Бадахшонро ба 8 нафар фарзандонаш ин тавр тақсим карда додааст: 1) Ҷурм; 2) Садда ва Пасокӯҳ; 3-4) Зардев, Сарғулом, Шева; 5) Кишм, Фархор, Варсаҷ, Танги Дарун; 6) Арғунҷхоҳ; 7) Куррону Мунҷон; 8) Боғи Ҷурм.

Дар айни замон шаҳри Файзободу атрофи он бо Яфтали Болову Поён, Шаҳри Бузург дар ихтиёри худаш монда буданд. Минтақаҳои Рустоқу Янгиқалъа низ ёд нагардидаанд, ки гумон меравад онҳо низ ба округи Файзобод дохил буданд. Баъд аз вафоти ӯ ва ба сари қудрат омадани мир Юсуфалихон, дар соли 1713 мири мазкур сарҳадоти Бадахшонро ба воситаи ҷангҳо хеле васеъ гардонид. Ӯ як қисми шаҳру навоҳие, ки дар асри XVI қабл аз ҳуҷуми ӯзбакҳои шайбонӣ (Абдуллохон) дар ҳайати Бадахшон буданд ва мо аз асари Ҳофизи Таниш номҳои онҳоро оварда будем, аз нав ишғол ва ба Бадахшон дохил кард. Инҳо - Толиқон, Ишкамиш, Ғӯрӣ, Ҳазрати Имом ва Ҳафтдаҳдараи Хинҷон (ТБ. в.13б) мебошанд. Мир Юсуфалихон ҳатто шаҳри Қундузро низ гирифт, аммо онро натавонист дар тобеияти худ нигаҳ дорад.

Дертар шоҳи дигари Бадахшон - Султоншоҳ аз нав Толиқону Ишкамишро ишғол намуда, дар он одамони худро ҳоким таин кард (ТБ. в.39б). Ҳамин амир минтақаи Роғро, ки тобеи шоҳи Дарвоз буд, ба итоати Бадахшон баргардонид.

Аз «Таърихи Бадахшон» бармеояд, ки Вахон низ дар тобеияти Бадахшон қарор доштааст. Зеро Султоншоҳи мазкур барои ҷамъоварии лашкар ба хотири ҳуҷум кардан ба Чатрор, аз сарҳадоти болои Вахон сар карда то сарҳадоти поёни Бадахшон - сокинони қатағони Қундуз одамони худро фиристода буд (ТБ. в.44б). Султоншоҳ инчунин ба дастаи роҳзанони қатаған, ки аз ҷониби Кӯлоб аз оби Панҷ гузашта дар навоҳии тобеи Рустоқ - Хоҷа Ҷарғоту, Янгиқалъа, Хлиён, Чаёб ғоратгарӣ мекарданд, ҳуҷум оварда онҳоро нест кард (ТБ. в.47а,б).

Шуғнон бошад дар замони Ёриҳо нафақат мустақил буд, балки шоҳи он - Шоҳ Ванҷихон бо кӯшиши сарлашкари худ - оқсақол Баҳодури қарлиғ «ғайр аз Чоҳоб тамоми музофот [и Бадахшон]-ро иҳота намуда бар худ мутеъ сохт» (ТБ. в.66б). Фақат баъд аз кушта шудани оқсақоли мазкур мирҳои Бадахшон аз нав дар Бадахшон ба ҳукмронӣ пардохтанд. Аммо ба зудӣ дар хонадони шоҳи Шуғнон ихтилофе пайдо шуд ва мири Бадахшон - мир Муҳаммадшоҳ аз фурсати дастдода истифода бурда Шуғнонро дар охирҳои асри XVIII ишғол намуд ва Роғ низ дубора забт гардид.

Дар нимаи аввали асри XIX мир Муҳаммадшоҳ Бадахшонро ба се қисм дар байни писарони худ тақсим кард, ки муаллифони «Таърихи Бадахшон» ҳар қисми онро батафсил овардаанд: «Қисми аввал: Рустоқу ноҳияҳои тобеи он: Чоҳоб, Янгиқалъа, Қарлиғ, Даунг, Оби Осиёбҳо, Кӯли Деварӣ, Эли Кошон. Ин мавозеотро ба зери ҳукумати Мири Калон супурд.

Ва қисми дуюм: Файзобод, Яфтали Боло, Дарайим (Даройим), Тешкон, Кишм, Машҳад, Калавгон, Зардев, Баҳорак, Ҷурм, Вардуҷ,

Зебок ва Шакошим, Вахон, Шуғнон - ин мавозеотро дар зери ҳукумати Мирзои Калон - Султоншоҳ супурда, муқаррараш фармуд.

Ва қисми саввум: Саройи Баҳор, Аргу ва Яфтали Поён ва Роғ ва Шаҳри Бузург - ин ҷавонибро ба писари хурдаш - Сулаймоншоҳ супурда» (ТБ. в.86б).

Акнун дар байни ин навоҳии зикршуда мо дар ҳайати Бадахшони миёнаҳои асри XIX шаҳру навоҳии Толиқон, Ишкамиш, Ғӯрӣ, Ҳазрати Имом, Ҳафтдаҳдараи Хинҷон, Фархору Варсаҷ, Куррону Мунҷон, Хусту Фринг, Наҳрину Андаробро намебинем. Як қисми мавзеъҳои мазкурро ӯзбакҳо аз Қундуз истода ба тасарруфи худ даровардa буданд. Ӯзбакҳо на танҳо мавзеъҳои номбурда, балки дар соли 1868 тамоми Бадахшонро ишғол намуданд. Чунончи муаллифи «Таърихи Бадахшон» менависад: «Сулаймоншоҳ ... аз қалъаи Саройи Баҳор омада, қалъаи Файзобод ва соири қилоъро молик гардида, муддати ду сол ҳукумат намуд аз санаи 1283 ило (то) санаи 1285 ҳиҷрӣ (1868-69), ки такрор мири Қатағон - мир Муҳаммад Муродбек омада Бадахшонро забт намуда, мир Сулаймоншоҳро бо тамомии авлоду асҳобу бародарзодагонаш дастгир карда ба қалъаи Қундуз бурда маҳбус карда, Бадахшонро толону тороҷ карда, то муддати понздаҳ сол тасарруфи куллӣ намуд - аз ибтидои санаи 1285 то санаи 1300 ҳиҷрӣ (1882-3) тамоми Бадахшон ва Бадахшонотро» (ТБ. в. 88а,б).

Муҳаммад Муродбеки мазкур баъд аз он ки писарамакаш - Маҳмудбек, ҳокими Ҳазрати Имом Соҳиб ба муқобили ӯ исён бардошт, задухӯрдҳои байни онҳо ҳафт моҳ идома дошт, ба ҷои аз ин фурсати муносиб истифода бурда якҷоя бар зидди Муродбек мубориза бурдан, шоҳони Бадахшон барои тахти Файзобод байни худ ба муборизаҳои шадид пардохтанд. Баъдтар онҳо дар муқобили якдигар аз дастаҳои низомии афғонҳо истифода мебурдагӣ шуданд. Онҳо нафақат аз афғонҳо ба Кобул рафта ёрӣ мепурсиданд, балки ба Бухоро ба назди амир Музаффар низ барои мубориза бар зидди хешони худ рафта ёрӣ пурсиданд. Натиҷа он шуд, ки амирони афғон ва хусусан амир Абдурраҳмонхон аз зиддиятҳои байниякдигарии мирони Бадахшон истифода намуда, якеро ба дигарӣ ҷанг андохта тамоми Бадахшон ва умуман тамоми Афғонистонро ба даст даровард.

Мири охирини мустақили Бадахшон - мир Маҳмудхон буд, ки дар соли 1873 аз ҷониби лашкари волии афғони Мазори Шариф сардор ноиб Аъламхон шикаст хӯрда асир афтод. Ӯро дар маҳбаси Тошқӯрғон ҳабс карданд (ТБ. вв. 97а-98б).

Аммо мири охирини Бадахшон мир Олимхон, ки дастнишондаи амири Бухоро - Музаффар буд ва амир Музаффар мехост ба воситаи ӯ Бадахшонро ба қаламрави худ ҳамроҳ намояд, дар соли 1298 ҳиҷрӣ /1880-81 ба ҳуҷуми сардор Абдуллохони (ё Абдуллоҷон) афғон дучор шуда шикаст хӯрд ва Абдуллохони мазкур тамоми Бадахшонро ишғол намуда, худ дар Файзобод қарор гирифт. Бо ҳамин ба истиқлолияти кишваре бо номи Бадахшон хотима дода шуд. Мир Олимхон бошад

аввал ба Шуғнон ва баъд ба Бухоро гурехта дар он ҷо вафот кард (ТБ. в. 98б).

Аз байни мирони дигари Бадахшон, хусусан Муҳаммадумархони Рустоқӣ, ки дар ибтидо бо Абдурраҳмонхон ҳамкорӣ дошт, акнун дер шуда бошад ҳам нағз фаҳмид, ки мақсади Абдурраҳмонхон хотима бахшидан ба истиқлолияти Бадахшон ва ба Афғонистон ҳамроҳ намудани ин вилоят аст. Аз ин рӯ, ӯ ба маркази Бадахшон рафта хост дар якҷоягӣ бо қувваҳои мирҳои дигар ба муқобили афғонҳо исён бардорад: «Муҳаммадумархони Рустоқӣ рӯй аз давлат бартофта фироран дохили алоқаи (вилояти) Бадахшон шуда ба султон Иброҳимхон дар фитна ҳамдаст гашт. Сардор Абдуллохон мир Султоншоҳ ва Бобохони Бадахшӣ ва шоҳ Юсуфалихони «Шуғнонӣ»-ро, ки бо Муҳаммадумархони Рустоқӣ дар мафсадаву турктоз анбоз шуда буданд, гирифта бо аёлу мансубони эшон маҳбус ва равонаи Кобул кард. Ва аз ҳузури аълои ҳазрати воло мир Султоншоҳ ва Бобохон маъмур ба иқомаи Қалот шуда, аёлу тааллуқоти шоҳ Юсуфалихон дар Кобул муқим гардиданд»[65]. Ва бо ҳамин ин шоҳон аз Бадахшон ва аз саҳнаи сиёсат дур карда шуданд.

Бо ин носозгории тақдири Бадахшон ба охир нарасид. Дар охирҳои асри XIX ду давлати абарқудрати он замон, ки ҳар кадом мехостанд ҳарчи бештар заминҳои дигаронро ба тасарруф дароваранд, Англия ва Русия дар соли 1895 бо якдигар шартнома баста, сарҳадоти байни кишварҳои таҳти назораташон қарор доштаи Афғонистону Бухороро бо маҷрои дарёи Панҷу Омӯ дар болооб муқаррар намуданд. Дар айни замон ҳангоми муайян кардани сарҳадот қад-қади дарёи Панҷ, онҳо фақат манфиатҳои сӯқулҷайшӣ (стратегӣ) ва сиёсии худро ба назар гирифта, ба манфиатҳои мардуми маҳаллии ҳарду ҷониби рӯди мазкур заррае ҳам аҳамият қоил нашуданд. Аз ин рӯ нисфи Дарвозу Шуғнону Вахон дар Афғонистон ва нисфи дигари вилоятҳои мазкур дар ҳайати Бухорои Шарқӣ қарор гирифтанд. «Бо ин сарҳадмуайянкунии ғайритабиӣ манфиатҳои вилоятҳои марбута сахт халалдор гардиданд - навишта буд шарқшиноси бузурги рус В.В. Бартольд - зеро роҳ аз Кӯлоб (Хуттали қадим) ба Шуғнон ҳамеша аз тариқи Бадахшон буд, на аз тариқи роҳи душворгузари Дарвоз»[66].

Баъд аз ин Бадахшон ҳамчун вилояти алоҳида дар ҳайати Афғонистон ташкил гардид. Аммо ин вилояти Бадахшони навташкил як қисми шаҳру ноҳияҳои асосии кӯҳистони Бадахшони собиқро фаро гирифтаасту халос аз қабили: Файзобод, Кишм, Ҷурм, Баҳорак, Зебок, Куррону Мунҷон, Роғ, Шаҳри Бузург, Кӯли Шева, Вахону Шуғнону Дарвози то дарёи Панҷро.

Вале ноҳияҳои дигари Бадахшони таърихӣ ба ҳайати вилоятҳои дигари Афғонистон дохил карда шуданд. Чунончи шаҳру ноҳияҳои машҳури зерини Бадахшон - Рустоқ, Чаёб, Янгиқалъа, Фархор, Варсаҷ, Ишкамиш, Калафгон, Сари Рустоқ, Кокул, Дарқад, Самтӣ - ба ҳайати вилояти Тахор даровара шуданд.

Як гурӯҳ шаҳру ноҳияҳои дигари Бадахшон, аз қабили: Андароб, Хинҷон, Хусту Фринг, Наҳрин ва Ғӯрӣ - ба ҳайати вилояти Бағлон даровардa шуданд.

Шаҳру навоҳии Қундузу Имом Соҳиб - ба вилояти Қундуз ва Каҳмарду Яккауланг, ки дар асри XVI дар ҳайати Бадахшон ёд гардидаанд, ба вилояти Бомиён дохил гаштанд.

## Сухане чанд дар тавсифи сарчашмаҳою адабиёт доир ба таърихи Бадахшон

Чи тавре ки дар ин пешгуфтор зикр гардид, кишвари Бадахшон ба фазли мардуми шуҷои худ (ҳайтолиёну тахориён) ва ду навъ санги қиматбаҳо - лоҷувард ва баъдтар лаъл ҳанӯз аз замонҳои қадимтарин машҳури ҷаҳон будааст. Чунончи, чи тавре зикр шуд, лоҷуварди Бадахшон дар Мисру Хитою Ҳинду Руму Эрон аз асрҳои XII то мелод ба баъд маъруф буд. Маълумотҳоро оид ба ин санг дар матнҳои хатти мехӣ аз замони Ҳахоманишиҳо ва матнҳои лавҳаҳои гилӣ, ки аз замони давлати ошӯриёну бобулиён то давраи мо расидаанд, пайдо карда метавонем. Хизмати олимони замони Шӯравӣ - А.Е. Ферсман, И.М. Дьяконов, М.Е. Массон, В.В. Струве ва хусусан И.М. Дьяконов, ки лавҳачаҳои гилии замони ошӯриёну бобулиёнро хонда тавзеҳ додааст, дар омӯзиши таърихи қадимтарини Бадахшон муҳим мебошанд.

Маълумотҳои аввалинро дар хусуси таърихи сокинони Бадахшону Тахористон - ҳайтолиёну тахориён ва кишвари онҳо - Бадиян (Бадахшон) ва Тухоло аз солномаҳои сулолавии подшоҳони хитоӣ – Вэй-ши (386-581), сулолаи Суй (581-618) ва сафарномаҳои роҳиби буддоии ҳиндӣ - Дҳармагупта (охири асри VI) ва роҳиби буддоии хитоӣ - Сюан-цзан (нимаи аввали асри VII) дастрас намудан мумкин аст. Матни солномаҳои хитоӣ дар асари Н.Я. Бичурин «Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена» оварда шудааст, ки ба он дар пешгуфтор ишора шуда буд. Сарчашмаҳои зикршуда дар асарҳои олимон А.М. Мандельштам «Материалы к историко-географическому обзору Памира и припамирских областей», Т.Г. Абаева «Очерки истории Бадахшана», В.В. Бартольд «Бадахшан», Ғ.Ғоибов «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз тарафи дигар дар аввалҳои асри XX дар Афғонистон асарҳое пайдо гардиданд, ки барои омӯхтани таърихи ин давраи Бадахшон сарчашмаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравaнд. Ин пеш аз ҳама асари Бурҳониддини Кушкакӣ «Роҳнамои Қатағану Бадахшон» мебошад, ки муаллифи он ба супориши вазири ҳарбияи Афғонистон - Муҳаммад Нодирхон ва бо ҳамроҳии мутахассисони ҳарбии афғон тамоми шаҳру навоҳию деҳоти вилоятҳои Қатағану Бадахшонро то соли 1923 гашта, миқдори аҳолӣ, ҳайати миллӣ, сарватҳои табиӣ, замину об, роҳҳою кӯпрукҳою қалъаю бозорҳоро тавсиф ва ҳатто миқдори нуфуси мавзеъҳо ва шумораи дӯконҳои ҳар бозорро нишон додааст. Барои ҳар ноҳия харитае тартиб дода шудааст, ки ин ба аҳамияти асар меафзояд. Ғайр аз

ин, тибқи имконият, Кушкакӣ ба ҳар як ноҳияи таърихӣ муқаддимачае бахшида, дар он таърихи мухтасари онро зикр менамояд[67]. Асари мазкур ба забони русӣ низ тарҷума гардидааст[68].

Асари дуюми муҳим ин «Сироҷу-т-таворих»-и Файзмуҳаммадхони Котиби ҳазора, ки ӯ котиби амири афғон - Ҳабибуллохон буд, ба ҳисоб меравад. Файзмуҳаммадхон дар китоби худ ҳар дафъа лаҳзаҳои алоҳидаи вобаста ба таърихи сиёсии Бадахшонро аз соли 1747 то ба Афғонистон ҳамроҳ карда шудани он (соли 1896) овардааст. Китоб дар солҳои 1913-1918 дар Кобул ба табъ расид. Ин асари калонҳаҷми муфидро «Муассисаи таҳқиқот ва интишороти Балх» дар охирҳои асри XX дар Теҳрон аз нав ба табъ расонид, ки пештар ба он ишора шуда буд.

Дар нимаи дуюми асри XIX ду асари дигар, ки ба таъриху ҷуғрофиёи сарзаминҳои саргаҳи Омӯ бахшида шуда буданд, дар Русия ба табъ расиданд. Инҳо асари Генри Юль «Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи» ва китоби И. Минаев «Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи» мебошанд[69].

Асари аввалини ҷомеи таърихӣ, ки дар он таърихи Бадахшон аз ибтидо то асри XX ба тариқи ниҳоят мухтасар оварда шудааст, ин мақолаи нисбатан хурди В.В. Бартольд мебошад, ки дар соли 1910 дар «Энциклопедия ислама» ба табъ расида буд[70].

Вале асари таҳқиқотии муфассали ягонае, ки ба таърихи Бадахшон бахшида шуда, дар он маълумотҳои сарчашмаҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, монографияи Т.Г. Абаева «Очерки истории Бадахшана» мебошад[71].

Яке аз асарҳои муҳимтарине, ки имрӯз дар баробари асарҳои Кушкакӣ ва Файзмуҳаммадхони Котиб барои таърихи аввалҳои асри XX Афғонистон аҳамияти сарчашмавӣ дорад, ҷилди якуми «Газеттири (маълумотномаи хидматӣ) таърихию сиёсии Афғонистон» таҳти унвони «Провинсияи Бадахшон ва [навоҳии] шимолу шарқи Афғонистон» мебошад, ки ин асари 6-ҷилдаро дар соли 1973 дар шаҳри австриягии Грац олими америкоӣ Л. Адамек ба табъ расонидааст. Аҳамияти сарчашмавии ин асар дар он аст, ки Л. Адамек онро дар асоси ҳамин гуна нашрияи махфии англисӣ, ки дар соли 1914 ба табъ расонида шуда буд, тартиб дода, маълумоти он нашрияро аз нав кор карда баромада, тасҳеҳ намуда, ба он иловаҳои зиёд дохил кардааст. Асар маълумотҳои васеи этнографию ҷуғрофию таърихӣ, иқтисодию сиёсии Бадахшону навоҳии ҳамсояи он дар бар гирифтааст[72].

Дар асари олими ӯзбек Б.А. Ахмедов «История Балха (XVI-XVIII вв.)» ва асари Н.Л. Лужецкая «Очерки истории Восточного Гиндукуша во второй половине XIX века» фақат баъзе ҷиҳатҳои муносибатҳои Балху Бадахшон ва Бадахшону Чатрор акс ёфтаанду халос[73].

Таърихи ҷангҳои Абдуллохони Шайбонӣ бо бадахшониён тибқи маълумотҳои сарчашмаи ниҳоят бовариноку муҳим - «Шарафномаи шоҳӣ»-и Ҳофизи Таниш, дар асари инҷониб «Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI» баррасӣ гардида, инчунин мавзеъҳои вилояту шаҳрҳои Бадахшон пурра оварда, тавзеҳ дода шудаанд[74]. Дар ин китоб ба такя бар хабари

Ҳофизи Таниш қайд карда мешавад, ки то соли 1584 Кӯлобу Қаротегин ҷузъи вилояти Бадахшон будаанд. Ҳофизи Таниш навиштааст: «Ва чун ҳаволии Хуҷанд маркази уғруқи (қӯши) ситорамонанд шуд, ҳам дар он мақоми фархунданишон бинобар истимои он ки авлоди Дарвешхон баъд аз ҳазимат аз маъракаи Майдон ба **ҷониби Қаротегин, ки сарҳади вилояти Бадахшон аст**, пеши Ҳаким - ҳокими он гурехтааст, таваққуф намуд»[75].

Иловатан қайд менамоем, ки дар «Таърихи Бадахшон» бо номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ - топонимҳое вомехӯрем, ки ба айни ҳамин гуна топонимҳо дар мавзеи Дуоби ноҳияи Мӯъминобод дучор меоем. Чунончи дар «Таърихи Бадахшон» дар атрофи Файзобод бо деҳаҳои «Бози Паррон» (вв. 18б, 21а) ва «Турёб» (вв. 11а,27а) вомехӯрем, ки айнан дар номҳои деҳаҳои Бози Паррон ва Турёби мавзеи Дуоб такрор шудаанд. Ин ҳодиса асло тасодуфӣ нест. Ғайр аз ин як қисми мардуми мавзеи Дуоб худро аз авлоди «хоҷаҳо»-и самарқандӣ медонанд. Инчунин монандию умумиятҳои топонимҳои ҳарду ҷониби оби Панҷ, яъне Хатлону Бадахшон хеле зиёданд, чунончи, Баҳораку Файзободу Фархору Дуоби ин тарафу он тарафи дарёи мазкур.

Дар асари ба тозагӣ аз чоп баровардаи «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз» афкори тозае роҷеъ ба Бадахшон дарҷ аст. Бори аввал ҷои се шаҳри Хатлон, ки дар асрҳои миёна дар соҳили чапи Панҷ, дар мавзеъҳои қаламрави ояндаи Бадахшон қарор доштанд (Корбанг, Нучоро, Рустои Бек) ва инчунин гузаргоҳи Бадахшону мавзеи маркази Бадахшон муайян карда шудаанд. Таҳқиқоти мазкур собит месозад, ки дар давраи то истилои муғул заминҳои дар он тарафи рӯди Панҷ (соҳили чапи он) ба Хатлон тааллуқдошта, масоҳати калонеро ишғол менамудаанд ва дар ҷануб аз дарёи Панҷ қариб то зиёда аз сад километр тӯл кашида то ба наздикии Баҳорак - гузаргоҳи Бадахшони пули болои дарёи Кӯкча мерасидаанд[76].

Дар фасли 5-уми боби XI ҳамин асар - «Вазъи Хатлону Бадахшон дар нимаи аввали асри XVI» ҳолати сиёсию иҷтимоии Бадахшон, ҷангҳои ӯзбакони шайбонӣ бо бадахшониён ва муборизаҳо баҳри қудрат дар Бадахшон муфассал баррасӣ гардидаанд[77].

## Дастхати «Таърихи Бадахшон» ва тавсифи он

Дар соли 1959 бо кӯшиши устоди забони форсӣ А.Н. Болдырев дар ш. Ленинград акси фототипии дастхати В-2311 «Таърихи Бадахшон», ки дар китобхонаи Шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АИ СССР маҳфуз буд, бо муқаддимаю феҳристҳо ба табъ расид. Ин нашрия аз ҷониби шарқшиносон хуш пазируфта шуда, дар омӯзиши таърихи Бадахшон нуқтаи таҳаввуле гардид. Аз ин ҷост, ки А.Н. Болдырев аҳамияти калони ин сарчашмаро дарк намуда, ҳанӯз дар миёнаҳои солҳои 30-юми асри XX «Таърихи Бадахшон»-ро ба забони русӣ тарҷума кард. Аммо С.Е. Григорьев санҷиши мувофиқати матни аслу тарҷума, таҳрир ва ислоҳи баъзе хатоиҳои тарҷумаро анҷом додааст. Муаллифи

тавзеҳот, феҳристи номҳои ашхос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ низ С.Е. Григорьев мебошад. Ин тарҷума дар соли 1997 дар Маскав ба табъ расид[78].

Азбаски устодон А.Н. Болдырев ва С.Е. Григорьев дар муқаддимаи тарҷумаи русии «Таърихи Бадахшон» оид ба нусхаҳои он маълумоти кофӣ оварда, нусхаи мавриди тарҷума қарор доштаро бисёр хуб тавсиф намудаанд, «барои аз нав велосипед ихтироъ накардан» аз муқаддимаи устодони мазкур тибқи зарурат хулосаҳоеро, ки мо бо онҳо мувофиқ ҳастем, бо андаке тағйиротҳо дар ҳаҷми 7-8 саҳифа меорем:

«Дар бораи бори аввал пайдо карда шудани ин сарчашма («Таърихи Бадахшон», Ғ.Ғ., М.Х.) хабаре дар соли 1915 дар адабиёти илмӣ пайдо гардид. Шарқшинос А.З. Валидов дар соли 1913 ҳангоми омӯзиши китобҳои қадима дар Фарғона ду нусхаи «Таърихи Бадахшон»-ро пайдо кард. Нусхаи якум аз шаҳри Қӯқанд ба даст омада муаллифи он Сангмуҳаммади Бадахшӣ буд. Ин асар таърихи Бадахшонро аз соли 1068/1657 то соли 1223/1809 дар бар мегирифт.

Нусхаи дуюми «Таърихи Бадахшон» дар Андиҷон дар манзили мирзои маҳаллӣ бо номи Фазлбек ёфт шуд. Ин нусха нафақат он чи ки Сангмуҳаммад навишта буд дарбар мегирифт, балки баёни таърихи Бадахшон дар он аз ҷониби соҳиби нусха Фазлбек, ки замоне дар давоми якчанд сол дар Бадахшон зиндагӣ мекард, идома дода, то аввалҳои асри XX оварда расонида шудааст. Тақдири ояндаи ин ду нусха маълум нест. Вале он нусхаи дастхати «Таърихи Бадахшон», ки дар Шӯъбаи Ленинградии дастхатҳои китобхонаи Институти шарқшиносии АИ СССР зери рақами В-2311 маҳфуз аст, аз рӯи ҳамаи аломатҳо ба ҳамон нусхаи дуюм монанд аст. Чи тавре аз омӯзиши матн бармеояд, ин нусха автографи (асли дастнависи) Фазлбек (номи пурраащ - Фазлалибеки Сурхафсар «Дайҳиму-л-Аҳмар») мебошад. Ин нусха аз ду қисм иборат буда, муаллифи қисми аввали он Сангмуҳаммади Бадахшӣ, вале муаллифи қисми дуюм - «Татимма»-и он Фазлалибеки ёдшуда мебошад, ки баёни таърихи Бадахшонро то соли 1325/1907 оварда расонидааст. Гумон меравад ин ҳамон нусхаест, ки онро Фазлалибек дар шаҳри Ӯш бо дасти худ навишта ва А.З. Валидови мазкур онро дар дасти ӯ дар Андиҷон дида буд.

Дастхат нағз нигаҳдорӣ шудааст. Муқовааш нав - аз матоъ, андозаи 20,5×12,5 см. Андозаи варақҳо 20,1×12 см, адади варақҳо - 132-то, ки аз ҷумлаи онҳо ду варақи аввал ва се варақи охир навиштаҷот надоранд. Матн аз вв. 1б то 127б-ро дар бар гирифта, ҳар варақ 13 сатр дорад. Матни «Таърихи Бадахшон» аз в. 1б то 114а-ро дар бар гирифта, сипас матнҳои се иловаи дигар аз варақи 114б то 127б меоянд. Асар ба бобҳою фаслҳо ҷудо карда нашудааст (*Бояд гуфт, ки ин фикр начандон саҳеҳ аст. Дар ҷойҳои зиёди асар мо бо номҳои фаслҳо дучор меоем, ки онҳо баъзан дар матн, вале аксаран дар ҳошияҳо ва баъзан ҳам дар матн ва ҳам дар ҳошия сабт гардидаанд ва мо ҳангоми баргардон онҳоро ҳамчун номҳои фаслҳо овардаем* - Ғ.Ғ., М.Х.).

Навъи хатти дастхат - настаъликӣ намуди осиёимиёнагии хоно буда, калимаю ибораҳои на он қадар зиёди бо хатти шикаста навишташуда низ дорад. Ҳусни хатти дастхат аз аввал то охир якхела буда, далели он аст, ки онро аз аввал то ба охир як нафар навиштааст. Ӯ дар охир таърихи навишта шудани китобро ин тавр ба қалам додааст: «Ин буд, ки аз аввал то охир тамомаи мирони Бадахшонро дар ин китоби лоҷавоб «Татиммату-т-таърихи Бадахшон» зикр ёфт, андар таърихи як ҳазору сесаду бисту панҷи ҳиҷрӣ, мутобиқи санаи 1907 мелодӣ ало ядди (ба дасти) Мирзо Фазлбеки Ҳоҷии «Сурхафсар», ки қабл бар ин филҷумла Мирзо Сангмуҳаммад таълиф карда ба ҷо[е] расонида ва мавқуф гузошта. Ва бандаи камтарин муаллифи сонӣ - Мирзо Фазлбек Ҳоҷии «Сурхафсар» ба қадри ҳунари беҳунарии худ аз ҷои расиду мавқуфгузошти муаллифи аввал ибтидо карда, татиммаи ӯро ба татиммаи худ ба такмил расонида, вақоеи айёми гузаштаи яксаду бисту яксоларо аз мардумони мӯътамади содиқу-л-қавл, кӯҳансолони ба чашм дидаву гузаронида шунуда ва ба гуфтаи онҳо иктифо бурда, ба қайди таҳрир расонида ва баъзе навоқисотро аз баъзе таворихоти мавҷуда дидаву ёфта, маҳаллу мавқеи вуқӯи ҳаводисро ислоҳу тасҳеҳ намуда ин камтарин - Сурхафсар ба дафтар ҷамъ расонидам.

Умед аз нозирини ин ёдгоринома он, ки ҳаргуна саҳву хатову нуқсону бетартибие, ки дар ин авроқ манзур ояд, бандаро маъзур дошта аз зумраи беҳунарон маҳсуб доранд ва аз сари он даргузашта ба ҳусули матлаб кӯшанд, ки ғараз маҳз нишонаи мирони Бадахшон ва вақоеву сунуҳоти умрӣ ва айёми ҳукуматии мирони мушорунилайҳим фи-л-авроқ буд, бад-ин наҳҷ ба итмом расонидам. Ин аст, ки бандаи наҳифи оризу-л-‘асо (исёнварзанда, осӣ) - муаллифи сонӣ - Мирзо Фазлалибеки «Сурхафсар» арзи хидмат менамояд. Таммату-л-китобу».

Сипас, ба «Таърихи Бадахшон» се илова изофа мегарданд:

1. Насабу силсилаи шоҳону мирони мулки Шуғнон (вв. 114б-117б).
2. Тафсилу тарҷумаи [ҳоли] сайид Шоҳи Хомӯш, ки аҷдоди мирону шоҳони Шуғнон аст (вв. 118а-126б).
3. Насабномаи сайид Алишоҳи Валӣ, падарарӯси Шоҳи Хомӯш (вв. 126б-127б).

Ин иловаи охирин бо суханони зерин ба итмом мерасад:

«Тамма [би]л-хайр насабномаҷоти Шоҳи Хомӯш ва сайид Алишоҳи Валӣ, мулаққаб ба «Шоҳи Хомӯшнавоз». Итмом ёфт дар таърихи чаҳоруми моҳи рамазони-л-мубораки 1325 ҳиҷрӣ (11 октябри соли 1907) дар балдаи Ӯш, бар дасту қалами мирзо Фазлалибеки Сурхафсар «Дайҳиму-л-аҳмар» (тарҷумаи арабии Сурхафсар):

*Хат дар вараќи даҳр бимонад сад сол,*
*Бечора нависанда, ки дар хок равад.*

Таммату-л-китобу би авни-л-малики-л-ваҳҳоб».

Аксари навиштаҷот дар ҳошияҳо ба қалами Фазлалибек тааллуқ доранд ва одатан дар назди онҳо рақами 12 (١٢), ки роли имзои ӯро ичро

мекунад, гузошта шудааст. Дар назди баъзе навиштаҷотҳои ҳошия (ниг. масалан ба в.76б) ҳангоми шарҳ додани истилоҳоти «тӯпхона» ва «бандар» рақам гузошта нашудааст, вале «Сурхафсар» навишта шудааст. Шубҳае нест, ки он ба қалами Фазлалибек тааллуқ дорад.

Ба ғайр аз ин камтар ҳам бошанд, дар ҳавошии китоб навиштаҷоте мавҷуданд, ки ҳусни хатти онҳо аз хатти Фазлбек фарқ мекунанд. Атрофи он навиштаҷот бо хатти сурх ё сиёҳ хат кашида шудааст ва аз афташ онҳоро кадом хонандаи китоб навиштааст.

Фазлалибеки Сурхафсар худро муаллифи дуюми китоб номида, ба тарзи аниқ нагуфтааст, ки аз кадом калимоти матн ӯ бахши худро оғоз кардааст.

Дар тавсифи ҳукмронии амир Муҳаммадшоҳ ба навиштаҷоти зерин дучор меоем (в. 73а): «Ва аз вақти ҷулус ба маснади аморат мири муаззамии илайҳи ило явмино ҳозо (то имрӯз) шонздаҳум сол аст, ки ҳукмфармоӣ мекунад ба мувофиқи санаи 1223 ҳиҷрӣ (соли мазкур 23 феврали соли 1809 оғоз гардидааст), ки иборатан такрор меорам, ки якҳазору дусаду бисту сест аз синини ҳиҷрӣ...».

Азбаски муаллифи дуюм Фазлалибеки Сурхафсар қисми худро аз китоб, тибқи эътирофи мазкури худаш дар соли 1907 анҷом дода буд, пас таърихи дар боло овардашуда, ба муаллифи қисми аввали китоб мирзо Сангмуҳаммад тааллуқ дошта метавонад. Маҳз ҳамин санаи 1223/1808-09-ро ҳамчун санаи охирини ҳаводис З.А. Валидов дар тавсифи нусхаи китоби Сангмуҳаммад (бе изофаи номи Фазлалибек) овардааст.

Ҳамин тавр, ҳеҷ шубҳае буда наметавонад, ки қисми аввали «Таърихи Бадахшон», ки ба қалами Сангмуҳаммад тааллуқ дорад, аз ҷониби ӯ то соли шонздаҳуми ҳукмронии амири Бадахшон - Муҳаммадшоҳ оварда расонида, дар соли 1223/1808-09 ба итмом расонида шуда буд.

Албатта бо овардани таърихи мазкур матни асари Сангмуҳаммад пурра ба охир нарасида буд. Дар интиҳои китоби худ ӯ ҳамчун муаррихи дарборӣ мебоист адолати Муҳаммадшоҳро таъриф карда, умуман дар хусуси раиятпарварию инсофи шоҳон муҳокимаронӣ мекард, ки ин кор дар асар анҷом дода шудааст (вв.73а-75б).

Аз ин рӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки варақҳои мазкур низ ба қалами муаллифи қисми аввали китоб - Сангмуҳаммад тааллуқ доранд. Пас аз овардани авроқи мазкур баёни минбаъдаи ҳаводис боз аз давраи ҳукмронии Муҳаммадшоҳ, аз замони то соли 1223/1808-09 шурӯъ мегардад. Ин - қиссаи аз ҷониби амири мазкур саркӯб намудани душманонаш (вв.76а-76б) ва ишғоли Шуғнон мебошад. Дар хусуси он, ки ин ҳикояҳо низ ба қалами Сангмуҳаммад тааллуқ доранд, баёни маддоҳонаи ҳодисаҳо ва инчунин вуҷуди калимаи «Мирзо» - тахаллуси Сангмуҳаммад дар охири қитъаи шеърии нисбатан калони ба фатҳи Шуғнон бахшида шуда (в. 78а) шаҳодат медиҳанд. Қиссаи фатҳи вилояти Роғ бо суханони зерин ба итмом расидааст: «Ва мири Бадахшон қалъаву мулки Роғро тамоман забт намуда, музаффарона ба қалъаи шаҳри Файзобод баргашт...» (в. 83а).

Сипас омадааст: «...ва муддати ҳукумати мир Муҳаммадшоҳ сӣ сол буд. Ибтидои ҷулуси мири мазкур аз санаи 1207/1791 то санаи 1237 ҳиҷрӣ /1821 буда ва баъдаҳу сӣ соли дигар худро узлатгузин намуда...». Пас аз ин, ба тарзи мухтасар баёни ҳаводиси зиндагиномаи Муҳаммадшоҳ то ба тахт нишастани ӯ (шикаст хӯрдан ва кушта шудани Қубодхон, гирифтани Бадахшон аз ҷониби Шоҳванҷихон ва рондани Муҳаммадшоҳ) оварда шудааст, ки ҳодисаҳои мазкур дар солҳои 1790-1792 ҷой доштанд ва дар фаслҳои қаблии китоб муфассал баён гардидаанд. Вале дар ин такрори мухтасар ҳодисаҳо ба тарзи дигар зикр гардида, дар онҳо оҳанги маддоҳона дар нисбати Муҳаммадшоҳ аслан вуҷуд надорад.

Омӯзишу муқоисаи матн аз он дарак медиҳад, ки маҳз аз ҷумлаи: «...ва муддати ҳукумати мир Муҳаммадшоҳ сӣ сол буд...» - қисми Фазлалибек оғоз меёбад, дар ҳоле, ки ҷумлаи қаблӣ: «Ва мири Бадахшон қалъаву мулки Роғро тамоман забт намуда, музаффарона ба қалъаи шаҳри Файзобод баргашт...» - ба қалами Сангмуҳаммад тааллуқ дорад. Кори Сангмуҳаммадро идома дода, Фазлалибек қарор дод пеш аз ҳама ҳодисаҳои қаблии зикр намудаи Сангмуҳаммадро аз рӯи диди худ шарҳ бидиҳад, ки он ҳодисаҳо дар солҳои 1790-1792 ба вуқӯъ пайваста буданд. Аз ҳамин рӯ менависад, ки ӯ ҳодисаҳои 120 сол қабл рухдодаро баён кардааст.

Азбаски ҳеҷ тасаввур кардан мумкин нест, ки асари Сангмуҳаммад яку якбора бо ҷумлаи дар боло овардашуда хатм ёфта ягон хулосаву охирсухане надошта бошад, бешубҳа дар нест кардани хулосаи асари ӯ Фазлалибек гунаҳгор аст. Масъалаи дараҷаи дахолату тасарруфи Фазлалибекро ба матни китоби Сангмуҳаммад дар ҳолати пайдо шудани нусхаи боэътимоди китоби ӯ ҳал кардан имкон дорад.

Маълумотҳои мо оид ба шахсияти Сангмуҳаммад мунҳасир ба он хабарҳои мухтасаре мебошанд, ки дар қисми аввали «Таърихи Бадахшон» зикр гардидаанд. Ӯ навиштааст, ки ба Файзобод дар соли 1211/1796 дар соли чоруми ҳукмронии амир Муҳаммадшоҳ аз Афғонистон омада, дар дарбори ӯ ба гурӯҳи «аҳли қалам» (котибон) пайвастааст. Дар ин ҷо ӯ ба вазифаи котибӣ (мирзоӣ) сарафроз гардида («Мирзо» - дар порчаҳои шеърии дар китоб овардашуда тахаллуси Сангмуҳаммад низ мебошад) ба ин сифат ӯ дар соли 16-уми ҳукмронии Муҳаммадшоҳ - соли 1223/1808-09 навиштани солномаи сулолавии «Таърихи Бадахшон»-ро ба поён расонидааст. Ақидаҳои динию фалсафии худро нисбат ба ҳаёт, ки ягон маънии наве надоранд, баён намуда кӯшиш мекунад ба ин восита майли сахти худро ба нӯшидани шароб бипӯшонад (вв.77б-78а). Соли таваллуду вафот ва тафсилоти дигари ҳаёти Сангмуҳаммад маълум нестанд. (*Аз ҷониби худ қайд мекунем, ки Сангмуҳаммад суннимазҳаб будааст, зеро дар бахши худ роҷеъ ба шиаҳо чунин навиштааст (в.43б): «...он орзу дар таърихи санаи 1165 (1751) ба вуқӯъ омада, ки дар он муддат [мир Султоншоҳ] ба қалъу қамъи аҳли шиаи шаниаи ботилияи исмоилия, ки андар мамолики Бадахшоноту Чатророт аст, Султоншоҳ азму ҷазм намуда...». Ғайр аз*

*ин, дар саросари бахши худ Сангмуҳаммад ҳама ҷо дарвозиҳоро аз ҳад зиёд, ҳатто бештар аз мирони Бадахшон, ки валинеъмату хӯҷаинони ӯ буданд, таърифу тавсиф кардааст, ки шояд баромади худи ӯ аз ҳамин мардуми дарвозӣ буда бошад. Дар хусуси он ки муаллифи дуюми «Таърихи Бадахшон» Фазлалибеки Сурхафсар «Дайҳиму-л-аҳмар» исмоилимазҳаб будааст, низ шубҳае буда наметавонад, ин ҳолат ҳатто аз лақабу тарҷумаи арабии он лақаб аён аст* - Ғ.Ғ., М.Х.).

Дар хусуси зиндагии идомадиҳандаи кори ӯ - Фазлалибек маълумотҳо боз ҳам камтаранд. Ӯ худро дар китоб «мирзо Фазлалибеки Сурхафсар «Дайҳиму-л-аҳмар» ном бурдааст. Гумон меравад ду номи охири форсию арабии ҳаммаъно - тарҷумаи истилоҳи туркии «қизилбош» буда, ӯ онҳоро махсус барои ҳамин ҳолат сохтакорона фикр карда баровардааст (*Қизилбошҳо мазҳаби шиаи дувоздаҳимома дошта, ба сари худ дасторҳое мегузоштанд, ки онҳо 12 хатти сурх доштанд - ишора ба 12 имом* - Ғ.Ғ., М.Х.).

Аз қисми дуюми «Таърихи Бадахшон» аз навиштаҳои худи Фазлбек чунин бармеояд, ки қисми ба қалами ӯ марбут бударо бо иловаҳо Фазлбек дар 4-уми рамазони соли 1325 / 11 октябри соли 1907 дар шаҳри Ӯш ба анҷом расонидааст. Инчунин аз суханони дар боло зикршудаи А.З. Валидов аён аст, ки мирзо Фазлалибек дар соли 1914 дар Андиҷон мезист ва қабл аз ин дар давоми якчанд сол дар Бадахшон зиндагӣ карда буд.

Сарчашмаҳои муаллифи қисми аввали «Таърихи Бадахшон», чи тавре ба миқдори зиёд оварда шудани санаҳои аниқи рӯйдоди ҳаводис бо ҷузъиёташон дар давоми 150 сол шаҳодат медиҳанд, ӯ дар даст ҳатман солномаю ҳуҷҷатҳое вобаста ба таърихи мирони Бадахшон доштааст. Ғайр аз ин ӯ аз маълумотҳои шифоҳӣ низ васеъ истифода намудааст.

Сарчашмаҳои муаллифи қисми дуюми «Таърихи Бадахшон» - Фазлалибек асосан маълумотҳои шифоҳӣ будаанд, ки дар ин бора худи ӯ навиштааст: «...вақоеи айёми гузаштаи яксаду бисту яксоларо аз мардумони мӯътамаду содиқу-л-қавл, кӯҳансолони ба чашм дидаву гузаронида шунуда ва ба гуфтаи онҳо иктифо бурда...». Аммо, дар баробари ин қайд мекунад, ки ӯ аз баъзе сарчашмаҳои хаттӣ («...аз баъзе таворихоти мавҷуда ...маҳаллу мавқеи вуқӯи ҳаводисро [дар ҷузъи Сангмуҳаммад] ислоҳу тасҳеҳ намуда») истифода намудааст. Фақат дар овардани тарҷумаи [ҳоли] Шоҳи Хомӯш Фазлалибек навиштааст, ки онро ӯ аз китоби «Шаҷарату-с-содот» (в.119а) овардааст.

Маҳз, ба сабаби ба маълумотҳои даҳонӣ такя намудан Фазлалибек ба як қатор хатоҳои замонӣ роҳ дода, ҳатто кӯшише ҳам нанамудааст, ки онҳоро дарк ва ислоҳ намояд. Дарҳам-барҳамию иштибоҳ аз амири 15-уми ёрӣ - мир Замонуддин, ки замони ҳукмронии ӯ солҳои 1844-1864 нишон дода шудааст, оғоз меёбад. Ҳол он ки барои солҳои ҳукмронии чор амири қаблӣ (аз 11-ум то 14-ум) солҳои 1821-1868 нишон дода шудааст. Азбаски санаи вафоти Замонуддин ва ба тахт нишастани писараш Ҷаҳондоршоҳ - 1864 дуруст мебошанд, пас, гумон меравад, ки он чор амири «зиёдатӣ» дар асл хеле вақти кам ҳукмронӣ намудаанд.

Яъне онҳо дар якҷоягӣ бо амири 15-ум - Замонуддин дар давраи байни солҳои 1821-1864 ҳукмронӣ кардаанд.

Дар ҷузъҳои якум ва дуюми китоб баъзе хатогиҳои дигар низ ба назар мерасанд, вале чунин хатогиҳо дар маҷмӯъ кам буда, ин асар ҳамчун сарчашма саҳеҳу боэътимод мебошад. Қимати он нафақат дар саҳеҳию эътимоднокии он ниҳон аст. Ҳарчанд ҳар ду муаллифони «Таърихи Бадахшон» таърихи кишварро ҳамчун таърихи шоҳони он ба қалам додаанд, асар маълумотҳои зиёдеро оид ба ҳаёту зиндагонии сокинони Бадахшону вилоятҳои ҳамсояи он дар асрҳои XVII-XIX, роҷеъ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, хоҷагидорӣ, ҷуғрофиёи таърихӣ, мардумшиносӣ, одоту одоби мардум дар бар гирифтааст.

Дар сарчашма тағйирёбии сарҳадоти сиёсии Бадахшон қайд гардидааст. Сарҳадот ҳангоми забткориҳою ҷангҳои дохилии байнихудӣ, ки бо ғоратҳою асиркунии саросарӣ анҷом мепазируфтанд, тағйир меёфтанд. Сарҳадоти Бадахшон дар замони шукуфоияш дар ҷануб то ба аррапушти асосии Ҳиндукуш, дар шарқ - то ба пуштакӯҳи Помиру сарҳадоти Чатрор, дар шимол - то ба дарёи Ому ва дар ғарб - то ба сарҳадоти хонигарии ӯзбекҳо - Қатаған (вв. 39а, 43а) мерасиданд. Бекигариҳои соҳили рости дарёи Панҷ - Рӯшон, Шуғнон ва Вахон (, ки ҳоло дар ҳайати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд) - дар тобеияти мирони Бадахшон қарор дошта ба онҳо хироҷ мепардохтанд (в. 86б).

Дар хусуси ҳайати қавмии мардуми Бадахшон дар сарчашма қайд карда мешавад, ки дар кишвар мардуми зиёди тоҷик зиндагӣ мекардаанд. Онҳо муқимӣ буда ба коркарди замин машғул будаанд, инчунин ӯзбекҳо, ки ҳам кӯчӣ буданд ва ҳам ба зироаткорӣ шуғл меварзидаанд (вв. 25а, 36б, 83а). Қисми асосии ӯзбекҳоро қабилаҳои қатаған, қарлуқ, буркаву таймат (вв. 66а, 83б) ташкил медоданд. Дар минтақаҳои кӯҳистонии шимоли Бадахшон гурӯҳҳои этникии мухталифи эронизабон мезистанд, ки онҳо бо забонҳои гурӯҳи помирӣ такаллум менамуданд, аз қабили ишкошимиҳо, вахониҳо, рӯшониҳо, шуғнониҳо ва ғайра (в. 117б). Дар сарзамини Бадахшон боз балуҷҳо, ҳазораҳо, қалмоқҳо, кошғариҳо низ мезистанд. Кошғариҳо дар Файзободу атрофи он (вв. 57б, 20аб, 16а, 37б) сокин буданд. Дар сарчашма афғонҳо ёд нашудаанд. Шумораи онҳо дар ибтидо дар Бадахшон ниҳоят кам буда дар сеяки охири асри XIX миқдори онҳо ба сабаби ҳамроҳ намудани Бадахшон ба Афғонистон ва сиёсати муҳоҷиркунии амирони Кобул афзуд. Дар сарчашма ба миқдори кам қирғизҳо низ ёд шудаанд.

Дар сарчашма маълумотҳои муҳим дар бораи ҳайати мазҳабии сокинони Бадахшон оварда шудаанд, ки тибқи он сокинони водию ҳамвориҳо бештар суннӣ, аммо дар манотиқи кӯҳистонӣ бештар аҳли ташайюъ ва исмоилиҳо мезистанд. Шиаҳо ва исмоилиҳо мавриди таъқиб аз ҷониби амирони суннимазҳаб қарор доштанд (в. 117б).

Дар «Таърихи Бадахшон» маълумотҳои муҳими вобаста ба ҳаёти хоҷагидории кишвар оварда шудаанд. Дар асар як қатор манбаъҳои даромади давлат нишон дода шудаанд: андоз аз замин, ки деҳқонон онро

дар шакли молӣ месупориданд ва андоз аз чорво, ки он аз кӯчиҳо (вв. 5б,6а) ситонида мешуд. Манбаи дигар - ин даромад аз истихроҷи лоҷуворд ва лаъл, ки конҳои онҳо дар ҳавзаи дарёи Кӯкча ва соҳили рости дарёи Панҷ қарор доштанд, буданд. Сангҳои қиматбаҳои истихроҷшуда аз Бадахшон ба кишварҳои ҳамсоя бароварда мешуданд. Дар сарчашма қайд шудааст, ки лоҷуворд дар Чин қимати баланд дорад. Даромад аз фурӯши лоҷуворд ба хазинаи амир дохил мегардид (в.23а). Даромади дигари хазина, аз рӯи маълумоти «Таърихи Бадахшон» ҷангҳои ишғолӣ ба муқобили ҳамсояҳо буд. Ҳангоми чунин ҷангҳо мардум ғорат ва ба таври оммавӣ ба асирӣ бурда мешуданд. Чунончи, дар соли 1165/1751 амир Султоншоҳ аз Чатрор 15 ҳазор сокинонро ба ғуломӣ (в.45б) бурд. Ин ва ҳуҷумҳои дигар ба муқобили исмоилиҳои Чатрор ва соҳили рости Панҷ одатан зери шиорҳои ҳимояи ислому мубориза ба муқобили куфр анҷом дода мешуданд (вв. 43б,44а).

Дар асар маълумотҳо оид ба шаклҳои феодалии заминдорӣ камтар ба назар мерасанд. Дар «Таърихи Бадахшон» фақат «ҷогирҳо»-ю «вақф»-ҳо (вв. 6б,46б,80а) зикр гардидаанд, ки маълумотҳоро доир ба шаклҳои заминдорӣ дар Бадахшон пурра месозанд.

Бешубҳа маводи дар ин сарчашма омада дар хусуси қувваи ҳарбии амирони Бадахшон (вв. 16а,17а,45б) пурқимат мебошанд.

Он саҳифаҳои «Таърихи Бадахшон», ки вазъи сиёсии кишварро баъди ҳамроҳ намудани он ба Афғонистон дар соли 1873 равшан месозанд, дорои аҳамияти махсус мебошанд. Зеро дар онҳо ҳодисаҳои замони ҳукмронии амири афғон Шералихон, ҳаводиси дар Бадахшон ҷой дошта дар замони ҷанги дуюми англисҳо бо афғонҳо ва кӯшишҳои амири Бухоро Музаффархон барои ҳамроҳ намудани Бадахшон дар солҳои 1880-81 ба ҳайати Бухоро аз диду нуқтаи назари бадахшонӣ тасвир ёфтаанд...

Тибқи хабари сарчашма маркази ҳаёти мадании кишвар асосан дар пойтахт - шаҳри Файзобод ва дарбори волиҳо қарор дошт. Дар охири асри XVIII аҳолии Файзобод аз 12 ҳазор «хонаводаи муқимии ватандори аслӣ, ... ғайр аз мардуми омада» (в. 62б) иборат буд. Агар ҳисоби мардумшиносонро, ки тибқи он ҳар оила дар он ҷо аз 4-5 нафарӣ иборат буд, ба назар гирем, пас шумораи умумии аҳолии Файзобод дар асри XVIII аз 48-60 ҳазор нафар иборат будааст.

Дар Бадахшон жанри мадҳияю қасидасарой тараққӣ карда, он дар зери таъсири мактаби исломии ҳиндӣ қарор дошт. Намояндаи бузурги шеъри минтақаи Бадахшон, аз рӯи хабари муаллифони сарчашма шоири нимаи дуюми асри XVIII Абдурраҳмони охунд буд, ки дар дарбори Султоншоҳ мезист (в.52а). Дар пойтахт якчанд мадраса вуҷуд дошт, ки барои дар онҳо дарс гуфтан олимону уламои исломӣ аз Ҳиндустон даъват мешуданд (вв. 49а, 49б).

Дар забони ҳар ду қисми сарчашма ба миқдори зиёд калимаю ибораҳои забони гуфтугӯйии мардум ба назар мерасанд, ки онҳо ҳанӯз ба забони китобии мардуми форсизабони Осиёи Миёна дохил нашуда буданд. Зоҳиран «Таърихи Бадахшон» яке аз сарчашмаҳои хаттии

аввалин мебошад, ки дар он шаклҳои гуфтугӯийи феъли ёридиҳандаи «истодан» истифода гардидааст.

Ин асари таърихӣ, ки дар он ба миқдори зиёд иқтибосҳо аз Қуръон, қитъаҳои шеърӣ аз шоирони бузурги классикӣ - Саъдию Ҳофиз ва инчунин аз худи Сангмуҳаммад оварда шудаанд, дар айни замон намунаи барҷастаи мактаби адабии маҳаллии бадахшонӣ низ мебошад.

Ҳамин тавр, ин асари таърихӣ нафақат ёдгории ягонаи то ба замони мо омада расидаи таърихшиносии минтақаи Бадахшон ба ҳисоб меравад, балки он сарчашмаи дорои маълумотҳои арзишманди таърихи сиёсӣ, маводи саҳеҳу боэътимоди этникию мазҳабӣ дар бораи ҳайати аҳолӣ ва инчунин оиди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании кишвар низ мебошад (http://www.vostlit.info/Texts/rus9/Badahschan/framepred.htm).

Дар ин ҷо ба иқтибоси калон аз Пешгуфтори А.Н. Болдырев ва С.Е. Григорьев оиди хусусиятҳою аҳамияти «Таърихи Бадахшон» ҳамчун сарчашма хотима бахшида, аз ҷониби худ тавсифи сарчашмаҳоро идома медиҳем. Акнун мехостем дар бораи якчанд маъхазе, ки ба таърихи асри XIX ва аввалҳои асри XX Шуғнону Рӯшон бахшида шудаанд, чанд сухане гӯем. Яке аз чунин асарҳо «Таърихи Шуғнон» мебошад, ки онро сайид Ҳайдаршо писари Мубораакшо ном сокини деҳаи Поршневи Шуғнон дар соли 1912 ба забони форсӣ бо хоҳиши шарқшиноси маъруф А.А. Семёнов навишта буд. А.А. Семёнов онро зери унвони «Истории Шугнана» ба забони русӣ тарҷума кард ва ба он тавзеҳот навишта дар соли 1916 ба табъ расонид[79].

Асари дигаре, ки ҳаводиси дар Шуғнону Рӯшон рӯйдодаро дар давоми солҳои 1857-1920 дар бар мегирад, дастхатест, ки зери номи «Қайдҳои таърихӣ» («Исторические заметки») таҳти рақами 183 дар фонди дастхатҳои ба номи А. Мирзоеви Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст. Муаллифони он муаллимони мактаб Қурбоншо Зуҳурбекзода ва Ғарибмуҳаммад Қозизода мебошанд, ки ин асари худро дар 78 вароқи дафтари мактабӣ навиштаанд. Асар ном надорад ва санаи ягонае, ки дар он ёд мешавад, соли 1857, соли дар Шуғнон дар сари қудрат будани Абдурраҳимхон аст. Ӯ ба мардум зулму таадии зиёд мекард. Баъд аз марги ӯ - дар соли 1867 писаронаш - аввал Муҳаббатхон ва пас аз ӯ - Юсуфалихон ба сари қудрат меоянд. Амири Афғонистон - Абдурраҳмонхон дар соли 1883 ба Шуғнону Рӯшон ҳуҷум оварда, ҳокими он - Юсуфалихонро бо худ ба Кобул гирифта мебарад.

Яке аз таърихҳои муҳимтарине, ки таърихи Шуғнонро аз нимаҳои дуюми асри XIX - то солҳои 30-ми нимаи аввали асри XX дар бар гирифтааст, «Таърихи Бадахшон»-и ду муаллими дигари хоруғӣ - Қурбони Муҳаммадзода (Охуни Сулаймон) ва Муҳаббати Шоҳзода (сайид Шоҳфутур ё Футуршо) мебошад. Ин дастхат, ки дар 4 дафтари 20-варақаи мактабӣ дар солҳои сиюми асри XX бо алифбои форсӣ навишта шуда буд, аз ҷониби корманди Институти таърихи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ О. Ягонӣ бо ҳамон алифбои форсӣ ва муқаддимаи Б.И. Искандаров дар соли 1973 дар Маскав аз чоп баромад. Дафтари якум -

тасвири давраи то ба сари қудрат омадани ҳокими Шуғнон - Абдурраҳимхон, дафтари дуюм - давраи ҳукмронии Абдурраҳимхон писари Қубодхон (1792-1814), дафтари сеюм - таърихи ба Афғонистон ҳамроҳ карда шудани Шуғнон ва дафтари чорум - замони ҳукмронии подшоҳи рус Николайро фаро гирифтааст[80].

Дар дастхат диққати асосӣ ба тавсифи ҳаводиси сиёсии дар Шуғнон рух дода ва муносибатҳои байни Бадахшону Қундузу Бухорою Русияву Афғонистон ва рақобати байни вилоятҳою давлатҳои мазкур барои соҳиб шудан ба Шуғнон, равона карда шудааст. Дар он нафақат ҳодисаҳои сиёсии зикршуда, балки маълумотҳои зиёди ниҳоят муҳим дар бораи ҳаёт ва вазъи иҷтимоию иқтисодии сокинони Шуғнон низ оварда шудаанд.

Чунончи аз дастхат миқдору намудҳои андозҳои ба ҳокими Шуғнон - Абдурраҳимхон месупоридагии раият, хариду фурӯши заминҳо, ба ғуломӣ бурдану фурӯхтани одамон ҳатто аз ҷониби ҳокимони худӣ, нақши уламои мазҳабӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ноҳияи Шуғнон ва ғайраро фаҳмидан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки «Таърихи Бадахшон» ном доштани асар шартӣ буда, он асосан таърихи ҳаёти сиёсии як ноҳияи дурдасти Бадахшони таърихӣ - Шуғнони асри XIX ва аввалҳои асри XX-ро дар бар гирифтаасту халос. Асар дар асоси маълумотҳои шифоҳӣ навишта шуда, дар он баъзе хатогиҳою ошуфтагиҳои замонӣ (хронологӣ) ба назар мерасанд.

Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дастхати мазкур барои фаҳмидани воқеаҳои сиёсии асрҳои ёдшудаи Шуғнон, вазъи иқтисодию иҷтимоии он, рақобати шадиди байни Русияю Инглистон, Афғонистону Бухоро барои соҳиб шудан ба Шуғнон сарчашмаи беҳтарин мебошад. Дастхат ба забони содаю оммафаҳми тоҷикӣ навишта шуда, воқеаҳо ба тарзи ниҳоят дилчаспу воқеӣ баён гардидаанд. Хулоса, дастхати мазкур бисёр асари ҷолибу хонданӣ буда, агар он ба алифбои кириллӣ чоп мегардид, тӯҳфаи хубе барои хонандаи тоҷик мебуд.

Дар хусуси забони «Таърихи Бадахшон» гуфтан лозим аст, ки он асосан ба забони фасеҳи адабӣ навишта шуда, дар он калимаю ибороти арабӣ низ зиёд истифода гардидааст. Дар баробари ин, чи тавре устодон А.Н. Болдырев ва С.Е. Григорьев дар муқаддимаи худ қайд кардаанд, дар асар инчунин калимаҳое аз забони гуфтугӯйии мардуми маҳал низ истифода гардидаанд. Ҳамчун мисол онҳо истифода шудани феъли ёридиҳандаи «истодан»-ро қайд намудаанду халос. Мо якчанд калимаҳоеро дар асар пайдо намудем, ки онҳо дар забони гуфтугӯйии мардуми Бадахшону Хатлон то имрӯз васеъ истифода мегарданд. Чунончи:

**в.59а:** «...найзадорон гирди эшон **шиғ** гирифтанд». Шохҳои дарахтҳоро бурида онҳоро рост ва ҷафс дар замин халонидаву баста, мавзееро бо он иҳота менамоянд (гирди ҳавлӣ, оғил ва ғайра), ки онро **шиғ** мегӯянд;

**в.63б:** «...муносиба бинобар иддаои Қубод Чучка **тӯп намуда**», яъне ҷамъ овардан (и маблағ);

**в.68а:** «...дар **сангоби** Банди Аликал камин карда». Сангоб - маҷрои серсанги дарёчаҳои камоби кӯҳу дараҳо. Ин калима то имрӯз дар Хатлону Бадахшон серистеъмол аст;

**в.75б:** «...дар он мавзеъ **гандагиҳои** бисёр аз вай сар зада», яъне - бадиҳо;

**в.85б:** «...ба Шуғнон омада **қарор истод**». Ин ибора низ то имрӯз дар Хатлону Бадахшон ниҳоят серистеъмол аст, ба маънои ором истодан.

Дар охир, дар алоқа бо ҳаёти адабии Бадахшони асрҳои XVII - XIX мехостем хабареро дар бораи се шоири бадахшонӣ, ки дар Зайли асари Ҳоҷӣ Халифа «Кашфу-з-зунун» омадаанд, барои пуррагии маълумот биёварем. Яке аз онҳо Муллошоҳи Бадахшонӣ буда, дар шеър «Шоҳ» лақаб доштааст. Номбурда аз Бадахшон ба Кашмир рафта дар он ҷо мезист ва дар соли 1069/1658-59 вафот карда, аз худ маҷмӯи ашъоре ба форсӣ бо номи «Девони Шоҳ» боқӣ гузоштааст[81].

Дуюмӣ - Мир Муҳаммадафзал ибни Исломхони Бадахшонӣ дар шеър «Собит» лақаб доштааст. Ӯ дар соли 1151/1738-39 вафот карда, пас аз маргаш девони ӯ бо номи «Девони Собит» машҳур будааст[82].

Сеюмӣ - Мулло Абдулбоқии Бадахшонӣ, шоири соҳибдевон, «Возеҳ» лақаб дошт ва ҳаҷ карда буд. Возеҳ аз Бадахшон кӯчида ба Бухоро рафт ва он ҷо мезист. Аз рӯи маълумоти сарчашма Возеҳ ҳанӯз дар соли 1234/1818-19 дар Бухоро дар қайди ҳаёт буда, девони ашъор низ доштааст[83]. Ногуфта намонад, ки ин Возеҳи Бадахшонӣ дигар аст ва Қорӣ Раҳматуллои Бухорӣ бо тахаллуси «Возеҳ», муаллифи «Тӯҳфату-л-аҳбоб фи тазкирати-л-асҳоб» - шахси дигар.

## Мулоҳизаҳо доир ба тарҷумаи «Таърихи Бадахшон» ба забони русӣ

Акнун мехоҳем чанд сухане дар хусуси тарҷумаи матни «Таърихи Бадахшон» ба забони русӣ аз ҷониби устод А.Н. Болдырев бигӯем. Пеш аз ҳама саволе пайдо мешавад, ки чаро устод А.Н. Болдырев тарҷумаи «Таърихи Бадахшон»-ро ба забони русӣ, ки онро ҳанӯз дар миёнаи солҳои 30-юми асри XX анҷом дода буд, дар ҳамон солҳо ба табъ нарасонид? Ё чаро ҳангоми ба табъ расонидани чопи фототипии «Таърихи Бадахшон» тарҷумаи русии онро якҷоя бо матн чоп накард? Сабаби ин, ба ақидаи мо дар ниҳоят серталаб будани устод нисбат ба шахсияти худ мебошад. Зеро, агарчи устод тарҷумаи матнро асосан дар солҳои пеш ба охир расонида бошанд ҳам, боз ҷойҳои норавшан, чи тавре хоҳем дид, дар матн зиёд буданд.

Сонияи, бояд қайд кард, ки қисми зиёди матни се илова ба «Таърихи Бадахшон» (вв. 114б-127б) ба забони русӣ тарҷума нагардидааст. Аз ин рӯ шахсиятҳои зиёди таърихию асотирии дар матн омада низ тавзеҳ наёфтаанд.

Тарҷумаи матн ба забони русӣ асосан бисёр устодона ва хуб анҷом дода шудааст. Фақат дар он ҷойҳое, ки калимаҳо нодуруст хонда шудаанд, дар тарҷума низ номувофиқатӣ ба назар мерасад. Чи тавре

хоҳем дид, дар якчанд ҷой номҳои одамон тарҷума гардидаанд. Ин ҷо ба якчанд хатогӣ ва ғалатҳо дар тарҷума танҳо ба хотириислоҳи онҳо ишора менамоем, на барои ба устоди бузургвор санг задан:

**Вараќи 26б.** Ҷумлаи «...эшонон низ дар хонаи Арбобвафои Файзободӣ қабал шуданд» ин тавр тарҷума шудааст: «... были также осаждены в домах **верных** Мир Падишаху файзабадских людей». Дар ин ҷо бархато ном - «Арбобвафо» ҳамчун «верных» тарҷума карда шудааст.

**Вараќи 27а.** Ибораи «роҳи мирӣ», яъне роҳи васеи бехалал ба мир додан, - «был дан **путь к правлению**» тарҷума гардидааст.

**Вараќи 29б.** Ҷумлаи «...Ва он гурӯҳе, ки бибиро ба назди ӯ бурда буданд, ҳама[ро] ба дами теғ кашида маъдум сохтанд...» ин тавр хато тарҷума шудааст: «**Тех, кто его неотступно сопровождал**, всех [Султаншах], приведя к лезвию меча, уничтожил».

**Вараќи 31а.** Номи домулло Аъзам ҳамчун «**великий домулла**» барғалат тарҷума шудааст, ҳол он ки дар вараќи оянда (31б) номи ҳамин домулло ҳамчун «мулло Аъзам» омадааст.

**Вараќи 36а.** Ибораи «пар дарбофта» хонда ва тарҷума нашудааст ва дар ишораи 131 устод навиштаанд, ки «Чтение двух-трех слов неясно». Ибора ба он маънӣ омадааст, ки чи тавре паррандагони нишаста пару болашонро тоза карда истода онҳоро кушодаю пӯшида барои паридан тайёрӣ мебинанд, навкарон низ барои иҷрои фармон ана ҳамин тавр тайёр буданд.

**Вараќи 49а.** Аввали ҷумла «Аз он ҷумла ду нафар азизи кариму-н-нафс» тарҷума гардида, давоми ҷумла «ки ҳар як ба нуути «тахаллаку би ахлоќи-л-Лоҳ» мавсуф ва ба шамоили «риҷол ло тулҳиҳим тиҷоратун ва ло байъун ан зикри-л-Лоҳ» маъруф» партофта шудааст.

**Вараќи 49б.** Калимаи «Сарҳинд» бархато «**Индия**» хонда ва тарҷума шудааст, ҳол он ки ибтидо - минтақаи аввали Ҳинд (ҳоло Покистон) аз ҷониби Чатрор дар назар аст.

**Вараќи 52а.** Ҷумла ва шеъри зеринро «Ва дар тарҷеҳи фазли ин ҳар ду мирзо ва калонии амири муаллоро қитъаи байти Анварӣ, ки дар ҷаҳони худ ва бузургии подшоҳи вақти худ иншо намуда аст, кифоя мекунад, ки хуб фармуда. Қитъа:

*Баъд аз ин ҳаргиз назояд зери чархи чанбарӣ,*
*Подшоҳе чун Ғиёсиддин, гадо чун Анварӣ.*
*Хатм шуд бар вай саховат, бар мани мискин сухан,*
*Чун шуҷоат бар Алӣ, бар Мустафо пайғамбарӣ».*

Устод бо кадом сабабе онро тамоман хато: «Для прославления и возвеличивания этого высокого эмира эпохи и для демонстрации его учености [Мирза ʻАндалиб] ? написал китʻа в его честь. Китʻа:

*После этого никогда не сворачивайся в клубок под колесом.*
*Набожность нищего есть...*
*Моя выгода — слово Пророка,*

*Царствование [его] подобно оказанию [помощи].*
*Закончилось для них [время] великодушия.*
*Милость есть результат [дел] ‘Али и избранника Божьего.*
*О Боже, благослови Мухаммеда и его род*» -

тарҷума кардаанд. Ҷумла ва қитъа бояд ба забони русӣ ин тавр тарҷума карда мешуданд: «Для подтверждения превосходства и достоинств этих двух мирз (имеется в виду упомянутые мирза Абдуррахман и мирза Андалиб) и величия высочайшего эмира (имеется в виду Султаншах) достаточно привести кыт‘у Анвари, которую он посвятил своей эпохе и величию падишаха своего времени, и об этом он хорошо сказал. Кыт‘а:

*После этого под колесом небосвода никогда не родится,*
*Ни один падишах - как Гиясиддин, и ни один нищий - как Анвари.*
*Им [Гиясиддином] закончилась щедрость, а мною бедным - слово,*
*Как закончилось Алием - смелость, а Мустафой [Мухаммедом]-*
*пророчество.*

**Вараќи 61а.** Дар ҷумлаи «дар мавзеи Даҳани Кайвон аввал мулло Абдуллоҳро ба қатли ӯ фармудан» ибораи «**мавзеи Даҳани Кайвон**» умуман партофта шудааст.

**Вараќи 63б.** Дар ҷумлаи «Мардуми Қатағон муносиба бинобар иддаои Қубод Чучка тӯп намуда» устод ба кадом маъно омадани калимаи «**муносиба**»-ро, ки дар ин ҷо ба маънои «ҷамъоварии маблағу мол тибқи талаби Қубод Чучка» мебошад, нафаҳмида, дар ишораи 233 «Выражение неясно» гуфтаанд. Ва он ҷумларо ин тавр хато тарҷума кардаанд: «Жители Каттагана в силу **домогательства** Кубада Чач-ка».

**Вараќи 67б.** Дар тарҷумаи ҷумлаи «Куррону Мунҷонро, ки аз тавобеоти Сари Оби ҳазорачии Юмгон аст...» номи мавзеи «**Сари Об**» партофта шудааст: «Куран и Мунджан, которые принадлежали к областям хазарейцев Юмгана».

**Вараќи 68а.** Калимаи «**сангоб**» хато ҳамчун «**прибрежные камни**» тарҷума шудааст. Калимаи «сангоб» дар минтақаҳои кӯҳистони Кӯлобу Бадахшон то имрӯз бисёр серистеъмол аст - ба маънои маҷрои серсанги дарёҳои камоб.

**Вараќи 69б.** Мисраи сеюми шеър: «Дар ин ҷо агар дастгират кунам» хато, ин тавр тарҷума шудааст: «**Если я тебя не захвачу,[то]**». Мисраи шашум: «Ки натвон кас андар ҳарам сайд кард» хато, ин тавр «**Ибо не должно охотиться за человеком в запретном месте**» тарҷума шудааст. Дурусташ бояд «Человек не должен охотиться в запретнем месте» мешуд.

**Вараќи 70б.** «Ҷамоаи тоз», ки номи халқияти туркнажод аст, хато - ҳамчун «**волости таз**» тарҷума шудааст.

**Вараќи 71б.** Аз ҷумлаи калони «Ва ҷонбозоне, ки аз мулку мол гузашта дар номуси олӣ аз аҳлу аёл табарро намуда овораи хонумон гашта мулозимати рикоби зафаринтисобро дар Карбалои Чоҳоби ғурбат

аз ҳаловати шарбати ватан ширину лазиз دониста, ба сароби Бақиъ, «яҳсабуҳу-з-замъону моун» (Ки ташнагон онро об меҳисобанд. Ин оят дар асл хато оварда шудааст, ниг. ба тавзеҳи 170 матн) аз «айнони таҷриён» ва «ҳадоиқи фавоиқ» (ду чашмае, ки ҷорӣ мешаванд ва боғҳое, ки дар боло ҳастанд) рӯҳан дари наҷот дарсохта, даст аз хони алвони неъмат кӯтоҳ гардонида, дидагонро аз нури биноии қуррату-л-уйун аз фарзандони зебои **/72а/** дилбанд...» фақат аввали он тарҷума гардидаасту халос: «[Те] приверженцы [Мухаммад-шаха], которые, оставив свое имущество и семьи, */л. 72а/..*».

**Вараки 80а.** Ибораи «аз қавми волак» дар ҷумлаи «домулло Масҷадӣ аз қавми волаки Яфтали Поён» партофта шудааст. Тарҷумааш: «**дамуллы Масджади, [происходящего из жителей] Нижнего Яфтала**» омада аст.

**Вараки 80б.** Чанд номи одам ва мавзеъ хато хонда ва хато навишта шудаанд: ба ҷои Офтибек - **Акбийбек**, Котакӣ - **Котали**, Самтӣ - **Самати**, Янгиқалъа - **Ники Кал‘а**.

**Вараки 86б.** Ҷумлаи «...азлу насби (ба мансаб таъйину озод кардан) онҳо дар баъзе маворид вобаста ба мирони Бадахшон буд»-ро устод ин тавр хато тарҷума кардаанд: «**Происхождение** их во многих случаях было связано с [домом] эмиров Бадахшана».

**Варақҳои 92а,92б.** Устод дар ду ҷо лақаби «Мирзои Калон - Султоншоҳи Сонӣ»-ро ҳамчун «**Султан-шах**» овардаанд, ки маъноро халалдор месозад.

**Вараки 97б.** Ибораи «бо ман табаагонаш», яъне «пайравонаш, касони ба ӯ вобаста» тарҷума нашудааст ва дар ишораи 375 гуфта мешавад, ки «Выражение неясно».

**Вараки 114а.** Ибораи «оризу-л-‘асо», яъне «исёнварзанда, осӣ» - умуман партофта шуда тарҷума нагардидааст.

**Вараки 116а.** Ҷумлаи «...Акбархонбийро низ чанд нафар писарони сулбӣ будаанд»-ро устод бархато ин тавр тарҷума кардаанд: «У ... Акбар-хан-бия имеется несколько **незаконных** сыновей». Ҳол он ки баръакс, «сулбӣ» - маънои писарони аслӣ, ки аз камари Акбархон ба дунё омадаандро дорад.

**Вараки 119а.** Ҷумлаи «Азбаски даъво медоранд, ки мо ҷамоаи мирхайл аз авлоди Шоҳи Хомӯш мебошем...» ин тавр тарҷума шудааст: «Так как они утверждают, что «мы являемся **эмирским родом** — потомками Шах Хамуша». Чи тавре ки дида мешавад, «ҷамоаи мирхайл», ки гурӯҳи (қабилаи) муайяне бо номи «мирхайл» вуҷуд доштааст, «эмирский род» тарҷума шуда, «мирхайл» партофта шудааст.

Ба ғайр аз хатоҳои зикршуда, дар тарҷума боз баъзе ғалату нуқсонҳои хурди ҷузъӣ ба назар расиданд, ки аз овардани онҳо сарфи назар намудем. Инчунин дар чанд ҷойҳо порчаҳои хурду калон партофта шуда тарҷума нагардидаанд, ки ба баъзеи онҳо ишора намудем, хусусан дар матни «Замима»-ҳои асар. Новобаста аз нуқсонҳои ночизи ёдшуда, бояд гуфт, ки тарҷумаи «Таърихи Бадахшон» аз тарафи устод А.Н. Болдырев ба забони русӣ умуман дар сатҳи ниҳоят баланд анҷом дода

шуда, он бисёр дақиқ аст ва ба истиснои хатоҳои ёдшуда бо нусхаи асл пурра мувофиқат мекунад.

Дар тарҷума ва инчунин дар «Тавзеҳот»-у феҳристи мавзеъҳо, ки аз ҷониби С.Е. Григорьев тартиб дода шудаанд, номҳои як қатор мавзеъҳо дар шакли ғалат оварда, ҷои тавоҷуди баъзе мавзеъҳои дигар нодуруст нишон дода шудаанд. Чунончи, номи мавзеи Хами Мир дар Яфтал ҳамчун Хуми Мир (тавзеҳи 10) омадааст. Калимаи «*хам*» ҳозир ҳам дар кӯҳистоноти Хатлону Бадахшон серистифода буда, хамии байни ду теппа дар назар аст. Агар он хамигарӣ зиёд чуқур бошад, он вақт онро «*дара*» мегӯянд. Ба забони русӣ «*хам*» - «впадина» тарҷума мешавад. Тавзеҳи 58 «Фаранг» - дурусташ «Фринг»; тавзеҳи 133 «Лаби Ганда» - дурусташ «Лабканда»; тавзеҳи 139 «Аб-и Ники» - дурусташ «Оби Бангӣ»; тавзеҳҳои 182, 301 «Ники Кал'а» - дурусташ «Янгиқалъа»; тавзеҳи 300 «Самати» - дурусташ «Самтӣ»; тавзеҳи 315 «Ил-Баиста» - дурусташ «Эли Бойиста» ва он на дар соҳили рост, балки баръакс дар соҳили чапи Панҷ, рӯ ба рӯи деҳаи Баҳораки бекигарии Кӯлоб (ноҳияи Шӯрообoди вилояти Хатлони имрӯза), ки бевосита дар соҳили рости дарёи Панҷ воқеъ аст, қарор дошт; тавзеҳи 323 «Давунак» - дурусташ «Даунг», деҳест дар соҳили чапи Панҷ на он қадар дур аз Самтӣ; тавзеҳи 328 «Гулваган» - дурусташ «Калафгон» ё «Калавгон». Ғайр аз ин ҳама ҷо номи қабилаи ӯзбакии «қатаған» бархато ҳамчун «қаттаған» оварда шудааст.

Чи тавре муқоисаи матни Тавзеҳоти С. Е. Григорьев бо матни «Роҳнамои Қатағану Бадахшон»-и Кушкакӣ нишон дод, аксарияти маълумотҳои Тавзеҳот асосан аз ҳамин асари Кушкакӣ гирифта шудаанд.

Ҳангоми баргардони матни «Таърихи Бадахшон» ба алифбои имрӯзаи тоҷикии кириллиасос калимаю ибораҳои душворфаҳм барои осонии истифодаи асар дар ҷояшон шарҳ дода шудаанд. Дар қавсҳои одӣ **( )** тавзеҳҳо ва дар қавсҳои квадратӣ **[ ]** иловаҳои мо ба матн оварда шудаанд.

Тавзеҳотро мо асосан аз рӯи тавзеҳоти С.Е. Григорьев ба «Таърихи Бадахшон» оварда ба он ислоҳу иловаҳои бисёр дохил намудаем. Иловаҳои мо дар Тавзеҳот бо шрифти ***«курсив»*** сабт гардидаанд. Дар баробари ин мо аз овардани тавзеҳоти зиёде, ки маънои онҳо барои хонандаи тоҷик маълуманд, аз қабили: сурнай, пешхидмат, бону, лақаб, мазор ва ғайраҳо сарфи назар намудем. Дар Тавзеҳот тарзи навишти топонимҳоро бо алифбои арабӣ низ овардаем. Дар феҳристҳо агар номи шахс ё топоним дар Тавзеҳот тавзеҳ ёфта бошад, ҳарфи «**Т**» ва рақами тавзеҳ нишон дода мешаванд.

Дар охир мехостем ба як масъалаи этикӣ дар нашри дастхати «Таърихи Бадахшон» ишора намоем. Ба ақидаи мо аз худи чопи аввали фототипии ин дастхат (соли 1959) сар карда, ҳарду муаллифони он ки маълум буданд, бояд дар муқоваи китоб нишон дода мешуданд. Мутассифона, устод А.Н. Болдырев дар варақи аввали китоб номи худро ҳамчун мураттиб ва номи дастхатро оварда, аз овардани номҳои ҳарду муаллифони дастхат - мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва мирзо

Фазлалибеки Сурхафсар сарфи назар намудааст, ки ин амал ба шаъни устод зебанда нест.

Дар хотима ба он касоне, ки дар таҳияву баргардони матн ба мо кӯмаки амалӣ расониданд, махсусан номзади илмҳои филологӣ Азим Байзоев ва Абулфазл Муҳаббатов миннатдорӣ изҳор менамоем.

## P. S. Хат ғалат, маъно ғалат ...

Баъди аз ҷониби мо ба итмом расонидани мусаввадаи баргардони матни «Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар аз алифбои форсӣ ба кириллӣ, нашриёти «Маърифат» баргардони ҳамин асарро, ки онро се нафар - Қурбонбек Элчибеков, Қудратбек Элчибеков, Золшоҳ Ғуломов пештар аз мо анҷом дода будаанд, аз чоп баровард[84].

Ноширони ин асар Ҳукумати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, вале то ҷое мо медонем, асар дар Институти шарқшиносӣ мавриди муҳокима қарор наёфта буд. Агар он дар Институт муҳокима мегардид, шояд хатоҳои зиёди «мураттибон» қисман ислоҳ мегардиданд.

Асари нашршуда аз муқаддимаи дусаҳифагии «мураттибон», тарҷумаи 15-саҳифагии «Сарсухан»-и А.Н. Болдырев ва баргардони 111-саҳифагии матни «Таърихи Бадахшон» бо тавзеҳоти пурхато иборат мебошад. Омӯзиши асари мазкур нишон дод, ки «мураттибон» аз тарҷумаи русии дар соли 1997 ба табъ расонида шудаи «Таърихи Бадахшон» аслан хабар надоранд.

Эроди аввалини мо вобаста ба ин баргардони матн дар он аст, ки чаро ин ба ном «мураттибон» ба ҷои номҳои муаллифони «Таърихи Бадахшон» (мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, мирзо Фазлалибеки Сурхафсар), ки онҳо кайҳо боз дар илм маъруфанд, номҳои худашонро овардаанд? Агар онҳо ба профессор А.Н. Болдырев пайравӣ карда бошанд, он кас чун аввалин касе, ки ин асарро ба ҷаҳониён шинос кард, шояд як каме чунин ҳуқукро дошт. Вале, минбаъд ин асар бояд бо номи муаллифонаш чоп мегардид. Дигар ин ки худро «мураттиб» номидани онҳо ба мо маълум нест. Онҳо ҳамагӣ муаллифони баргардони матн аз алифбои форсӣ ба кириллӣ мебошанду халос. Он чанд эзоҳе, ки дар поварақҳо оварда шудаанд, чи тавре хоҳем дид, пур аз хатоянд.

Баргардони матн аз ҷониби «мураттибон»-и мазкур, шояд, ба сабаби он ки ин кӯшиши аввалин аст, бисёр серхато омода карда шудааст. Ба сабаби хато хондани матн дар як қатор ҷумлаҳо маъно халалдор гардидааст. Дар бисёр ҷойҳо, он ҷо, ки «и»-йи изофӣ даркор нест, он оварда мешавад, вале дар ҷое, ки он даркор аст, партофта шудааст. Калимаю ибораҳои арабӣ дар бисёр ҷойҳо ба шакли ғалат оварда, дар поварақ низ ғалат шарҳ дода шудаанд. Номҳои мавзеъҳои зиёд ғалат хонда шудаанд.

Акнун барои мисол аз саҳифаи аввали «Таърихи Бадахшон» ба як қатор хатоҳои «мураттибон», яъне муаллифони баргардони матн ишора менамоем:

**Саҳ. 21:** «Татиммаи достони умарои номдори **иззом** ва **такамуллаи** таворихи ҳуккоми олимақоми **зу-л**-эҳтироми мулки гулгашти гуҳархези Бадахшон **сонеҳо** - Аллоҳу **таъоло анна-з-залама** ва-н-нуқсон ...».

Дар худи ана ҳамин абзатси аввал 8 хато ҷой дорад. Шакли дурусти он бояд ин тавр мебуд: «Татиммаи достони умарои номдори <u>изом</u>(1) ва <u>такмилаи</u>(2) таворихи ҳуккоми олимақоми <u>зави-л</u>-эҳтироми(3) (соҳибэҳтироми) мулки гулгашти гуҳархези Бадахшон,(4) <u>сонаҳо</u>(5)-л-Лоҳу <u>таоло</u>(6) <u>ани</u>(7)<u>-з-зулми</u>(8) ва-н-нуқсони (Оллоҳи таоло онро аз зулму нуқсон дар паноҳи худ нигоҳ дорад)».

Дар ҳамин саҳифа боз 3 хатогии дигар мавҷуд аст:

| **омадааст:** | | **дурусташ:** |
|---|---|---|
| **таворихи** санаи | - | таърихи санаи |
| амир ва ҳоки**ми** соҳиби худҳо намоем | - | амиру ҳокиму соҳиби худҳо намоем |
| хонадони **илияи** | - | хонадони алияи |

Ҳамин тавр, фақат дар як саҳифаи аввали баргардон 11 хатоии дағал вуҷуд дорад.

**Саҳ. 22:** «... амир Ёрибекхон ... аз Самарқанд кӯчида омада, дар Яфтал дар мавзеи Хумимир сукунат варзида, дар ин ҳангоми саъодатфарҷом ба рух намуд. Ин воқеа чун осори салоҳияту калонӣ ва атвори қобилияту кордонӣ аз ҷабини мубини амир возеҳ ва лоеҳ буд. Байт:».

Нуқта дар миёнаи ҷумлаҳои боло аз тарафи «мураттибон» хато гузошта шудааст, зеро фикр тамом нашудааст. Он ҷумла бояд ин тавр хонда мешуд: «...амир Ёрибекхон ... аз Самарқанд кӯчида омада, дар Яфтал дар мавзеи Хами Мир сукунат варзида, дар ин ҳангоми саодатфарҷом ба рухнамуди ин воқеа, чун осори салоҳияту калонӣ ва атвори қобилияту кордонӣ аз ҷабини мубини амир Ёрибекхон возеҳу лоеҳ буд...».

«Мураттибон» дар охири ҷумла аз худашон калимаи «Байт»-ро илова кардаанд, ки он дар матни асл вуҷуд надорад. Ибораи «рухнамуди воқеа», яъне ҳодисаи рӯйдода дар варақи 44б асли китоб ва саҳифаи 58 баргардон низ омадааст: «... баъд аз **рухнамуди воқеа** мутааққиб саворӣ намояд».

**Дигар хатогиҳо:**

| | |
|---|---|
| баланд**ӣ** | - баланде |
| куллу-л-амр**у** | - куллу-л-амри |
| хав**осу** а**вв**ом | - хавоссу авом |
| **ч**унончи зоти ... ор намебоша**д.** | - «чунончи зоти ... ор намебошад». |
| **С**айидзода | - сайидзода |
| Нусхаи ахлоқаш т**ома**н **сир**уҳо | - Нусхаи ахлоқаш томман сирруҳо |
| анвори не**кӯи** муншареҳ буд. Баъд аз он ки **маснади** | - анвори некӯӣ муншареҳ буд, баъд аз он ки мусниди |

Мунт**аза**ми - Мунтазими
волон**еъ**матро - волонаҳматро
Ва ҳамчунон ки марду**ми** моро пиру пирзода дониста - Ва ҳамчунон ки мардум моро пиру пирзода дониста
х**ало**фат - хилофат
**Он чу**нон **зи ки** - Ончунон зӣ, ки

Ҳамин тавр, дар ду саҳифаи аввали матн дар ҳудуди 25 хатогӣ ҷой дорад, ки шарҳу эзоҳи онҳо ба тӯл мекашад.

**Саҳ. 23:**

тaз**ои**д - тазоюд
Шоҳимод ном **мардеро, ки** - Шоҳ Имод ном мардеро
муд**ъу**ди - маъдуди
з**ам**маашон - зиммаашон

**Саҳ. 24:**

Мушорилайҳиро маъа кулли **тобукон** - Мушоруилайҳиро маа кулли тобеагон

**Саҳ. 25:**

ду сер борро - дусираборро (номи навъи хироҷ аст)
Ва аз **муовидати** хубию - Ва аз муаллоти (сифатҳои олии) хубию
ва як ҷою - Ва ба як ҷою
Обҷузгуни - Оби Ҷузгуни

**Саҳ. 26:**

аз ҳамаи моён бузургтар ва аршади алиқ **ва-н-насабтар** - «Аз ҳамаи моён бузургтару аршаду алиқ (лоиқ) ва ансабтар (муносибтар)

**Саҳ. 27:**

зам**оя**ми - замоими

**Саҳ. 28:**

**бираҳонида** - парронида
анҷому **ас**кана - анҷому ускуна
**Байт** - дар асл нест

**Саҳ. 29:**

Хус**туфар**анг - Хусту Фринг
агар **мир** гардад - агар муяссар гардад

**Саҳ. 30:**

хай**рх**оҳӣ - хайру хубӣ

**Саҳ. 31:**

нашку**фт**ад - нашкуфад
Чу дар хона **з-ин** бияфшурд рон - Чу дар хонаи зин бияфшурд рон
**мулҷои** - малҷаи
хиттаи бодияи **мамдудаи** - Хиттаи бодияи маҳдудаи
му**маилайи** - мумиилайҳи
**маъа** кулли бародарон**и** аъёну ашроф - маа кулли бародарону аъёну ашроф
то **хафтдаҳ дараи** Хинҷон - то Ҳафтдаҳдараи Хинҷон
Ва амири Қундуз ҳам ба **чила** - Ва амири Қундуз ҳам ба ҳила

Ва «ҷил»-ро «аҳли як замон» гуфта дар поварақӣ шарҳ додаанд, ҳол он ки дар матн «ҳила» омадааст, на «ҷила».

**Саҳ. 33:**

ба тарафи **ийлаи батураи қалмоқ** - ба тарафи Ила ба [назди] тӯраи қалмоқ

**Саҳ. 37:**

саркардаи қалмоқро **авзор** кард - саркардаи қалмоқро ӯзод (гусел) кард

Ва худи ҳамин калимаро дар чанд ҷои дигар «мураттибон» бархато «**озод кард**» ва ғайра хондаанд. Ва дар поварақӣ бархато «авзор»-ро шарҳ додаанд.

**Саҳ. 39:**

**ба нишои** арақу шароб - нашъаи арақу шароб

**Саҳ. 40:**

ва ба **адади** мақдур - ва ба қадри мақдур

ки ба амр**и мӯҳтавост** - ва ба амре мӯҳтаво аст

Ва **алаа**ссабоҳ ғулом ба ҳамон хомта**мъӣ** - Ва алассабоҳ ғулом ба ҳамон хомтамаӣ

Иёлати дастгоҳи Мирподшоҳ - Иёлатдастгоҳ Мирподшоҳ

Дар роҳ бародა**ри худ** Мирподшоҳ, ки **бо исми** падари Юсуфалихон ном буд, - Дар роҳ бародари хурдии Мирподшоҳ мусаммо ба исми падар - Юсуфалихон ном буд,

мавр**ид** - мавруд

**Саҳ. 41:**

дар роҳи иқбол **аз ӯ ёд намонд** - дар раҳи иқбол аз ағёр намонад

дар роҳи **Бахош, ки** - дар роҳ ба Хош, ки

**бо дуои** ҳамсарӣ - бо иддаои ҳамсарӣ

Дигар **боз меояд** бар рӯи замин - Дигар бозӣ ояд ба рӯи замин

**Саҳ. 42:**

шароити эъзоз**и** эҳтиром буд - шароити эъзозу эҳтиром буд

ба нас**оеъ** - ба насоеҳ

**Саҳ. 43:**

Мирзо **Ҳамдин** - Мирзо Муҳаммаддин

**ба наҷобат ва асолати** мақом - наҷобату асолатмақом

Мирзо Муҳаммад **ин ду** - Мирзо Муҳаммаддин ду

**уббу**ҳат ва иёлат**и** дастгоҳи амир Султоншоҳ - уббаҳату иёлатдастгоҳ амир Султоншоҳ

**хирад**эътило - иззу эътило

**Саҳ. 44:**

Дар **хафқа** Юсуфалихон ... - Дар ҳақиқат Юсуфалихон ...

«Ҳақиқат»-ро «хафқа» хонда, «мураттибон» бархато онро дар поварақӣ шарҳ низ додаанд.

аз ҷиҳати раш**к** мо **ло, яъне** - аз ҷиҳати рашки мо ло юънӣ (рашки бемаънӣ)

аз фикри кӯтоҳанде**ши руқбаи** иродат - аз фикри кӯтоҳандеш рақабаи (гардани) иродат

**ҷалу**-л-матин - ҳаблу-л-матин

| | |
|---|---|
| му**фавви**з | - муфавваз |

**Саҳ. 45:**

| | |
|---|---|
| дар санаи **1142... Тағ**машоҳ | - дар соли 1162... Туғмашоҳ |
| **Ғорҷвин** | - Ғори Ҷувин |
| фавҷи **Бадахшон** | - фавҷи бадахшиён |
| дарраю дар**а**коб | - дараву даркоб |

Дар ҳамин саҳифа «беҳамол» - «бемонанд, беҳамто, бешарик» шарҳу тавзеҳ дода шудааст, дурусташ - «худхоҳ», «бепарво» мебошад.

**Саҳ. 47:**

| | |
|---|---|
| рухсат фармуда, **озод** намуданд | - рухсат фармуда, ӯзод намуданд |
| шарафи дастубӯсии | - шарафи дастбӯсии |
| тазо**иди** савлату | - тазоюди савлату |
| ғар**ибн**авозӣ | - ғарибу-н-навозиву |
| **муш**рик | - шарик |
| чи аз фуқарою ҷайш**и** лашкар | - чи аз фуқарою ҷайшу лашкар |
| таҷдиду **мармат** | - таҷдиду мараммат |
| ҷиҳати қасру куш**к, айвони** саропардаҳои гуногун | - ҷиҳати қасру кӯшку айвон саропардаҳои гуногун |

**Саҳ. 48:**

| | |
|---|---|
| Чун бадри давлати тӯраи қалмоқ ба **нуқси заволи ҳилоле** анҷомид, навбати давлат**и** мамлакатдорӣ ба хоқони Чин раси**д.** Дасти тоифаи хитоӣ ба **тарафи** он диёр дароз шуд. | - Чун бадри давлати тӯраи қалмоқ ба нақсу заволҳилолӣ анҷомида, навбати давлату мамлакатдорӣ ба хоқони Чин расид, дасти тоифаи хитойӣ ба тасарруфи он диёр дароз шуд. |
| ба ҳукумат ра**сидаан**д | - ба ҳукумат расида буданд |

**Саҳ. 49:**

| | |
|---|---|
| аз анвои **ҳам**осот | - аз анвои мувосот |
| гӯшмол**и** таъдиби эшон | - гӯшмолу таъдиби эшон |
| дарёи **захоир** | - дарёи заххор (саршор) |

**Саҳ. 50:**

| | |
|---|---|
| дилҷӯиву мувосоти шононро **бо ҳусни зайни вуҷуҳ** ба ҷо оварданд | - дилҷӯиву мувосоти шононро ба аҳсантарин вуҷуҳ (ба беҳтарин тариқа) ба ҷо оварданд |
| Ва навкаронашон пиромуни эшон **пари дари бофта** | - Ва навкаронашон пиромуни эшон пар дарбофта |

**Саҳ. 51:**

| | |
|---|---|
| Бадахшии **ҳузбар** | - Бадахшии ҳизабр |

Дар поварақӣ «ҳизабр» бархато ҳамчун «ҳузбар» оварда шарҳ дода шудааст. Шакли дурусти арабии он «ҳизабр», яъне «шер» аст.

| | |
|---|---|
| анҷом**и** саранҷоми хоҷагон | - анҷому саранҷоми хоҷагон |

**Саҳ. 52:**

| | |
|---|---|
| аз он вақт **асаса** | - аз он вақт асъаса |
| аз ҷавонони **кучоқ** | - аз ҷавонони қипчоқ |
| тайёру муҳайё**и** он | - тайёру муҳайё он |

| | |
|---|---|
| ҷавонони раъно **ва он мочагон** | - ҷавонони раънову оғочагон |
| Ва аз ҷумл**а** ҷавонон**ӣ** номии қалмо**қ** б**о** **қ**алпоқи **мурассаъю** камар**и** **зар**ину ҷаво**ҳиргин** | - Ва аз ҷумлаи ҷавонони номии қалмоқи боқалпоқи мурассау камарзаррин ва ҷавоҳирогин |
| дар ҳунари ши**кор, мири шик**орӣ | - дар ҳунари шикору миршикорӣ |
| **Саҳ. 53:** | |
| а**сас**аи давлати тараққиафзун | - асъасаи давлати тараққиафзун |
| ҳангоми идда**ое** он шуд | - ҳангоми иддаои он шуд |
| тара**фи** марди мардуми Бадахшон | - тарафмарди мардуми Бадахшон |
| дар ҷунбиш дарова**рда** | - дар ҷунбиш дароварад |
| Қата**я**ғония | - Қатағония |
| қалмоқ**и** қошғарӣ | - қалмоқу қошғарӣ |
| чи аз **хайёму** чи аз озуқа ва **улуфаҳои моялозим** | - чи аз хиёму чи аз озуқаву алуфа мо юлозими (он чи лозим аст) |
| м**а**возии | - мувозии |
| инъом**и** хилъат дода | - инъому хилъат дода |
| саркаш **ва ма**ъонид | - саркашу муъонид |
| ҳамаро гӯшмол**и** таъдиб медод | - ҳамаро гӯшмолу таъдиб медод |
| Обянгӣ | - Оби Бангӣ |
| қалъа**и** ба ниҳоя**т** истеҳкомот бино ниҳода | - қалъае ба ниҳояти истеҳкомот бино ниҳода |
| **Саҳ. 54:** | |
| **Таносуда кай** бошад он ҷо ҳаром | - Таносудагӣ бошад он ҷо ҳаром |
| Савум | - Саввум |
| **Саҳ. 55:** | |
| **таамулоти** одат | - таомулоту одат |
| ҳилла | - ҳила |
| Ванҷоб | - Рӯнҷоб |
| ба ҷониби **бари Роғ** рафта | - ба ҷониби Барроғ рафта |
| маъруф**у ва** машҳури атроф ва **ҷониб** ҳастанд | - маъруфу машҳури атрофу ҷанониб ҳастанд |
| **Саҳ. 56:** | |
| омада **маро** дида | - омада моро дида |
| со**д**далавҳ | - содалавҳ |
| ҳозир шуда**нд,** ҳамон | - ҳозир шудан ҳамон |
| интиқоми собиқаро аз вай **бо ҳусни** ваҷҳ бигирад | - интиқоми собиқаро аз вай би аҳсани ваҷҳ (ба тариқаи беҳтарин) бигирад |
| тангон**и** Шаббода | - тангонии Шаббода |
| ба болои қалъа**и** **фуруд** омаданд | - ба болои қалъа фурӯд омаданд |
| Байт | - дар асл нест |
| пеши **он** | - пеши ӯ |
| мавзе**ъ**и **Дав**ранг | - мавзеи Дуранг |
| қалъ**а** дар мавзе**ъ**и **зав** | - қалъае дар мавзеи Зув |
| **Саҳ. 57:** | |
| дар **муҳорибаи** эшон | - дар муҳосираи эшон |

| | |
|---|---|
| саддади муқотилаву | - садади муқотилаву |
| растухез | - растхез |
| шаҳри Хум, ки ибора**и** **нафаси пои** ҳукумати Дарвоз аст | - шаҳри Хум, ки ибора[т] нафси пойи (яъне худи пойтахти) ҳукумати Дарвоз аст |
| Чатрор, ки як қисме аз мулки **дори дастон** аст | - Чатрор, ки як қисме аз мулки Дордистон аст (яъне Чатрор як ҷузъи кишвари Дордистон аст) |
| шиъаи шаниаи **ботинияи** исмоилия | - шиаи шаниаи ботилияи исмоилия |

**Саҳ. 58:**

| | |
|---|---|
| ҳ**а**росат намояд | - ҳиросат намояд |
| ва ҷам**оаи** аз саркардагони | - ва ҷамоае аз саркардагони |
| мавр**и**д | - мавруд |
| афоғ**а**на | - афоғина |
| ба ҳамаг**ӣ** сидқу ростӣ | - ба ҳамагии сидқу ростӣ |
| ҳамин **силоҳро** | - ҳамин салоҳро |
| ҷамъоварии **қушун** | - ҷамъоварии қӯшӯн |
| **раоёт** ва **хайёмро** | - роёт (ҷамъи роя - байрақ) ва хиём (ҷамъи хайма). Хайём - хаймадӯз аст, на ҷамъи хайма |
| дами н**ой** заррин кунанд | - дами нойи заррин кунанд |
| **қушуни** нусрат**шуҳун** | - қӯшӯни нусратмашҳун |
| ҳама **мафтуъ** гашт | - ҳама мафтӯҳ гашт |
| **камоямбағӣ** | - камо янбағӣ (чи тавре мебояд) |
| **билотавақкуф** ва эҳмол**и** **лоҳува** шуд | - било тавақкуфу эҳмол [ба] Лоҳу шуд (Лоҳу ё Луткӯҳ номи мавзеест дар Чатрор) |
| нузул**и** арзонӣ фармуд | - нузул арзонӣ фармуд |

**Саҳ. 59:**

| | |
|---|---|
| шаш моҳ бад-ин **насқ бинои** нӯш | - шаш моҳ бад-ин насақ ба ною нӯш |
| Ба **хушнойу нӯшӣ** бипардохтанд | - Ба хуш нойу нӯше бипардохтанд |
| муқаррабон**и ин омӣ** | - муқаррабон инъоме |
| ва худ бо фатҳ**и** нусрати тамом | - ва худ бо фатҳу нусрати тамом |
| амири **олиму**заффар ва мансур | - амири олӣ музаффару мансур |
| расми истиқ**болҳои** пойандозӣ карда | - расми истиқбол пойандозӣ карда |

**Саҳ. 60:**

| | |
|---|---|
| соҳиби мулку мол**и** қалъа | - соҳиби мулку молу қалъа |
| убур намуда**нд** | - убур намуда |
| тороҷ пеш мегирифтанд ва **на**мерафтанд | - тороҷ пеш мегирифтанд ва мерафтанд |
| амир дар саддади истисол**и** дафъу гӯшмол**и** онҳо шуд | - амир дар садади истисолу дафъу гӯшмолии онҳо шуд |
| ҷавосис**и** мустабсирон | - ҷавосису мустабсирон |

| | |
|---|---|
| азми торочу яғмогар**ӣ** инчониб намоянд | - азми торочу яғмогарии ин чониб намоянд |
| хабари **дафеъаро** | - хабари воқеаро |
| шояд ба танбе**ъ** | - шояд ба танбеҳ |
| **Бас** ба **уфқи** ин ки | - Пас, ба вифқи ин ки |
| аз **силоҳи** онҳо хабардор буд | - аз салоҳи онҳо хабардор буд |
| мутасад**диъ** шаванд, ки фавчи **қавме** | - мутасаддеъ шаванд, ки фавчи қавӣ |
| **Саҳ. 61:** | |
| ва аз шогирдпешагон**и** **эҳзор** | - ва аз шогирдпешагону ҳуззор |
| ва ҳудуди **Халён** гузашта, ба хомтам**ъӣ** молу мавошии андаке | - ва ҳудуди Хлиён гузашта, ба хомтамаии молу мавошӣ андаке |
| ва ҳафтсад сар асп **вачҳи** миқдор**и** камону зиреҳ | - ва ҳафтсад сар асп ва чи миқдор камону зиреҳ |
| нузули ичло**с** бо тачаммул**и** иқбол фармуд | - нузули ичлол бо тачаммулу иқбол фармуд |
| дар ғояти фарохӣ ва вусъат **дар** он чо | - дар ғояти фарохӣ ва вусъат. Дар он чо |
| **Саҳ. 62:** | |
| Дигар аз **наводирони** рӯзгор **бахусуси** ин диёр | - Дигар аз наводири он рӯзгор, бахусус ин диёр |
| ҳар яке **бо «нуъута нахаллафу** би ахло**қал**лоҳ» | - ҳар яке ба нуути (сифатҳои писандидаи) «тухаллақу би ахлоқи-л-Лоҳ» (офарида мешаванд бо ахлоқи Аллоҳ) |
| шамоили **ричоли** «ло тулҳим**у** ту**чч**оратин ва ло **йутиъу** ан зикри**ллоҳи**» | - шамоили «ричолун ло тулҳиҳим тичоратун ва ло байъун ан зикри-л -Лоҳ» (мардҳое, ки онҳоро тичорату савдо аз зикри Худованд боздошта наметавонанд) |
| дар нисбати ҳазарот**и** байъат | - дар нисбати ҳазарот байъат |
| ба ичоза**и** иршод расида | - ба ичозаву иршод расида |
| фотеҳ**а хондӣ. Ба** назди амир мерафт | - фотеҳахондӣ ба назди амир мерафт |
| **Саҳ. 63:** | |
| ва **салола**ту-л-авлиёи | - ва сулолату-л-авлиёи |
| Валӣ **«бардаҳу Аллоҳа мазчаъа»** | - Валӣ, баррадаҳуллоҳу мазчааҳу (Худо қабри ӯро сард гардонад) |
| арши муалоро | - арши муаллоро |
| хатму-л-а**тб**ои | - хатму-л-атиббои |
| мизочу **тобеъ** | - мизочу табоеъ |
| амоч**а**ди аъёни | - амочиди аъёни |
| ба **шаъни** ҳочат меафтод | - ба шон ҳочат меафтод |
| ва **мӯъмину-**л-мамлакату | - ва мӯътаману-л-мамлакату |
| **Саҳ. 64:** | |

| | |
|---|---|
| муфавв**и**з | - муфаввaз |
| Чу фикрам як шикан печид**а** | - Чу фикрам як шикан печид |
| манзараи ҷа**мъи** ғафир фаввора | - манзараи ҷамми ғафир фаввораe |
| Аз он ҷумл**а** фузалои | - Аз он ҷумлаи фузалои |
| ишороти **абҷад**, муо**инаи** муболиға расида | - ишорот ба ҳадди муойинаву муболиға расида |

Дар ҳамин ҷо ба дида баромадани матни пурхатои «мураттибон»-и «Таърихи Бадахшон» хотима мебахшем, зеро давоми он низ ҳамин хел пурнуқсон аст ва овардани ҳамаи он ғалатҳо саҳифаҳои зиёдеро ишғол хоҳанд кард. Муқоисаи 43 саҳифаи матни баргардон аз 111 саҳифа бо асли форсии матни «Таърихи Бадахшон» нишон дод, ки «мураттибон», яъне муаллифони баргардони матн аз ӯҳдаи вазифаи дар пеши худ гузоштаашон ба хубӣ баромада натавонистаанд. Муқоиса аз он дарак медиҳад, ки сатҳи тайёрӣ ва донишҳои филологии «мураттибон» чи аз ҷиҳати забони тоҷикӣ ва чи забони арабӣ ва инчунин таъриху ҷуғрофиёи Бадахшон дар сатҳи паст қарор доштааст. Ба ин ғалату нодуруст хондани калимаҳою ибороти зиёди чи форсию чи арабӣ, нодуруст овардани «и»-йи изофа, хато овардани номҳои зиёди мавзеъҳои ҷуғрофӣ далел шуда метавонад. Бори дигар аз он мавзеъҳо ёдрас мешавем:

| **«Мураттибон» хондаанд:** | **Дурусташ:** |
|---|---|
| **Обянг**ӣ | - Оби Бангӣ |
| ба ҷониби **бар Роғ** рафта | - ба ҷониби Барроғ рафта |
| мавзеи **Давранг** | - мавзеи Дуранг |
| мавзеи **зав** | - мавзеи Зув |
| **Ванҷоб** | - Рӯнҷоб |
| дар роҳи **Бахош** | - дар роҳ ба Хош |
| **Ғорҷвин** | - Ғори Ҷӯвин |
| то **ҳафтдаҳ дараи** Хинҷон | - то Ҳафтдаҳдараи Хинҷон |
| Ху**стуфара**нг | - Хусту Фринг |
| **Хумим**ир | - Хами Мир |
| Чатрор, ки як қисме аз мулки **дори дастон** аст | - Чатрор, ки як қисме аз мулки Дордистон аст |
| **Халён** | - Хлиён |
| ва эҳмоли **лоҳува** шуд | - ва эҳмол [ба] Лоҳу шуд |
| **Илвоста** | - Эли Восита |
| **сари Рустоқ** | - Сари Рустоқ |
| **деҳи Варӣ** | - Деҳварӣ |
| аз тавобеоти **сароби** Ҳазорчаи Юмгон | - аз тавобеоти Сари Оби ҳазорачии Юмгон |
| **Самат** | - Самтӣ |
| **Бодон** | - Ёвон |
| **домуллои масҷиде** аз қавми | - домулло Масҷадӣ аз қавми волаки |
| **даволаки** Яфтали Поёнӣ | - Яфтали Поён |
| **Довуранг** | - Даунг |

| | |
|---|---|
| **обу осиёбҳо** | - Оби Осиёбҳо |
| ва **кӯлу девараии Илкошон** | - ва Кӯли Деварию Эли Кошон |
| **Валиғ** | - Қарлиғ |
| Ёғур**деҳ** | - Ёғурда |

Хулоса, муставою дараҷаи баргардони матни «Таърихи Бадахшон» аз ҷониби «мураттибон» аз форсӣ ба кириллӣ дар сатҳи паст қарор дошта, он дар ҳеҷ сурат нусхаи мавриди эътимод буда наметавонад. Дар нусхаи баргардони мо бошад чунин хатоиҳо ҷой надоранд, нусха ба асл мувофиқ аст, мавзеъҳо ва калимаю ибораҳои душворфаҳм дуруст тавзеҳ дода шудаанд.

**Ғолиб Ғоибов**
**Маҳмудҷон Холов**

## ТАВЗЕҲОТИ ПЕШГУФТОР

[1] Ферсман А.Е. Очерки по истории камня. Т. I.- М., 1954. - С. 267-268.

[2] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана. - Ташкент, «Наука Узб. ССР», 1964. - С. 69.

[3] Дьяконов И.М. Приложение. Ассиро-вавилонские источники по истории Урарту. // Вестник древней истории, №2, М.-Л., Изд. АН СССР, 1951. - С. 355-356; Абаева Т.Г. Очерки. - С. 70.

4 Дьяконов И.М. Приложение. Ассиро-вавилонские источники. - С. 356.

[5] История Узбекской ССР, т. I, книга I. - Ташкент, 1955. - С. 46; Абаева Т.Г. Очерки. - С. 70.

[6] Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых. - Л., Изд-во АН СССР, 1934. - С. 16; Струве В.В. Новые открытия в царском некрополе Фив. // «Восток». - М., 1922, №3. - С. 154.

[7] Муфассал роҷеъ ба таърихи пайдоиши лаъли Бадахшон, нигар ба мақолаи Ғ. Ғоибов «Оид ба пайдоиши номи лаъли Бадахшон». // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1990, №4. - С. 3-7.

[8] Абу-р-Райхан Мухаммад ибн Ахмед ал-Бируни. Собрание сведений для познания драгоценностей. Перевод с арабского языка А.М. Беленицкого. - Л., Изд-во АН СССР, 1963. - С. 74-75; Ғ. Ғоибов. Оид ба пайдоиши номи лаъли Бадахшон. - С.3.

[9] Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёсу-л-луғот, ҷ. 2. Таҳиягари матн Амон Нуров. - Душанбе: «Адиб», 1988. - С. 210-211.

[10] Абу-р-Райхан ал-Бируни. Собрание сведений. - С. 74.

[11] Ғ. Ғоибов. Оид ба пайдоиши номи лаъли Бадахшон. - С.3.

[12] Книга Марко Поло. Перевод старофранцузского текста И.П. Минаева. - М.: Государственное изд-во географической литературы, 1956. - С. 74.

[13] Мӯъҷаму-л-булдон лил-шайх ал-имом Шиҳобиддин Абӯабдулло Ёқута-л-Ҳамавӣ, ҷ. I. - Байрут: Дора-л-китоба-л-арабӣ, 1977. - С. 360.

[14] Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёсу-л-луғот, ҷ. 2. - С. 210-211; Ғ. Ғоибов. Оид ба пайдоиши номи лаъли Бадахшон. - С.6.

[15] Абу-р-Райхан ал-Бируни. Собрание сведений. - С. 73.

[16] Абу-р-Райхан ал-Бируни. Собрание сведений. - С. 76.

[17] Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена, изд. второе. ТТ. I - III. -М.-Л., 1950; т. II. - С. 268-269.

[18] Дар бораи ҷанги туркону ҳайтолиён ва ақидаҳои мухталифи олимон оид ба таърихи вуқӯи ҷанги мазкур, нигар ба асари Ғолиб Ғоибов «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз». -Душанбе: «Дониш», 2006. - С. 104-111.

[19] Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и припамирских областей. // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Таджикской ССР, том LIII. - Сталинабад, 1957. - С. 106-107.

[20] Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира. - С.10; Ёддоштҳои Сюан-цзан роҷеъ ба сафари ӯ дар Афғонистон. Тарҷумаи Муҳаммад Карим. // Маҷаллаи «Ориёно», №3. - Кобул, 1340. - С. 51.

[21] Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира. - С. 117.

[22] Ас-Самъонӣ Абусаъд Абдулкарим. Китобу-л-ансоб. Ат-табъа-л-увло / Ҳаққақаҳо ва қаддама лаҳо Муҳаммад Аҳмад Ҳаллоқ. - Байрут: Дор эҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1999, ҷҷ. I-IV; ҷ. IV. - С. 535, ҷ. I. - С. 209.

[23] Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира. - С. 111-119.

[24] Ёддоштҳои Сюан-цзан роҷеъ ба сафари ӯ дар Афғонистон. - С. 51.

[25] Ал-Истахрӣ. Китоб масолика-л-мамолик. - Теҳрон, 1969. - С. 278; Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. - Байрут: Маншурот дор мактабату-л-ҳаёт, 1992. - С. 373.

[26] Ал-Истахрӣ. Китоб масолика-л-мамолик. - С. 279; Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. - С. 373-374.

[27] Ал-Яъқубӣ. Китобу-л-булдон. - Байрут: Дор эҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1988. - С. 59.

[28] Ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. - Байрут: Дор эҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1987. - С. 239.

[29] Ҳудуду-л-олам мина-д-машриқ ила-л-мағриб. Ба кӯшиши доктур Манучеҳри Сутуде. - Теҳрон, 1340/1962. - С. 105.

[30] Бурхан-уд-Дин-хани Кушкеки. Катаган и Бадахшан / Перевод с персидского П.П. Введенского, Б.И. Долгополова и Е.В. Левкиевского. - Ташкент, 1926. - С. 120.

[31] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 179-180.

[32] Дар ин бора муфассал нигар ба Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 176-186, 200-203; Г. Гоибов. К вопросу о локализации средневековых городов Хутталя. // Ахбори АИ ҶТ, Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятӣ, 2006, №3. - С. 142-147.

[33] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV / Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе, «Амри илм», 1999. - С. 502.

[34] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. - С. 503.

[35] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 250-251.

[36] Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонкушой, ҷ. I. - Теҳрон, 1337. - С. 68.

[37] Бартольд В.В. Бадахшан. - Сочинения, т.III.- М.: «Наука», 1965. - С. 345.

[38] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 269-270.

[39] Ҳамон ҷо. - С. 281,282.

[40] Ҳамон ҷо. - С. 285.

[41] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Чопи сангӣ (литографӣ). - Теҳрон, 1271 (1854-55). Ҷузви сеюми ҷилди III. - С. 237.

[42] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 344.

[43] Ҳамон ҷо. - С. 355, 356.

[44] Ҳамон ҷо. - С. 356; Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. // Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон № 475. - ВВ. 161б, 162б, 163а, 164а.

[45] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 357; Фурқонӣ Муҳаммад Форуқ. Таърихи исмоилиёни Қаҳистон. - Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1381 ҳ.ш. - С. 328-329, 96,97,147,148.

[46] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 357, 358;

[47] Ҳамон ҷо. - С. 358, 359; Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. ВВ. 164а, 169а, 169б; Бабур-наме. Записки Бабура. / Перевод М. Салье. - Ташкент, Изд-во АН Уз. ССР, 1958. - С. 179, 234, 247.

[48] Оиди ин таърих нигар ба: Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 359-360.

[49] Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. - В. 278б; Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 361-362.

[50] Гулбаданбегим. Ҳумоюнномa. - Тошкент: Ӯз. ССР Фанлар Академияси нашриёти, 1959. - С. 106,108,113,114; Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 362-363.

[51] Сейдӣ Алӣ Раис. Миръоту-л-мамолик. / Аз туркӣ ба ӯзбекӣ тарҷумаи Ш. Зуннунов. - Тошкент, 1963. - С. 95-97. Оид ба Дилӣ ва мавзеи марқади сайид Алии Ҳамадонӣ нигар ба: Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - Душанбе: «Амри илм», 1998. - С. 137-144; Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 372-379.

[52] Ҳофизи Таниш ибни Мирмуҳаммади ал-Бухорӣ. Шарафномаи шоҳӣ. / Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон № 778. ВВ. 201а-208а, (минбаъд - Ҳофизи Таниш); Оиди Абдуллохон - нигар ба: Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 146-152; Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 366-368.

[53] Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 116.

[54] Ҳофизи Таниш. Шарафномаи шоҳӣ. - В. 478б.

[55] Муфассал оид ба ҷангҳои Абдулмӯмину Абдуллохон бо кӯлобиёну бадахшониён ниг. ба Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 114-122. Дар бораи он, ки шаҳри

Кӯлоб он вақт дар ҷои деҳаи Тебалай қарор дошт, ниг. ба Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 379-386.

[56] Ҳофизи Таниш. Шарафномаи шоҳӣ. - В. 543б.

[57] Ахмедов Б.А. История Балха (XVI - первой половины XVIII вв.). - Ташкент: «Фан» Узбекской ССР, 1982. - С. 101.

[58] Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ. Тоҷу-т-таворих. // Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон № 2282. - В. 81а.

[59] Махмуд ибн [Амир]вали. Море тайн относительно доблестей благородных (География). - Ташкент: «Фан» Узб. ССР, 1977. - С. 38,39, прим. 154.

[60] Ахмедов Б.А. История Балха. - С. 107-108.

[61] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 411-412.

[62] Махмуд ибн Амирвали. Море тайн. - С. 23.

[63] Ҳамон ҷо. - С. 27, 28.

[64] Ҳамон ҷо. - С. 27.

[65] Мулло Файзмуҳаммади Котиби ҳазора. Сироҷу-т-таворих, ҷ. 3, бахши I, - Теҳрон, Муассисаи таҳқиқот ва интишороти Балх, 1373 ҳ.ш. - С. 33-34.

[66] Бартольд В.В. Сочинения. Т. III. - М.: «Наука», 1965. - С. 346-347.

[67] Бурҳониддини Кушкакӣ. Роҳнамои Қатағану Бадахшон. - Кобул, 1302 ҳ.ш. /1924.

[68] Бурхан-уд-Дин-хан-и Кушкеки. Катаган и Бадахшан. Перевод с персидского П.П. Введенского, Б.И. Долгополова и Е.В. Левкиевского. - Ташкент, 1926.

[69] Юль Генри. Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи / Перевод с английского О.А. Федченко. - СПб., 1873; Минаев И. Сведения о странах по верховьям Аму-Дарьи.- СПб., 1879.

[70] Бартольд В.В. Бадахшан. Сочинения. Т. III. - М.: «Наука», 1965, с. 343-347.

[71] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана. - Ташкент: «Наука Узб. ССР», 1964.

[72] Historical Gazettier - Badakchan province and North-Eastern Afghanistan. Historical and political Gazettier of Afghanistan. Ed. by Ludwig V. Adamec. Vol.1- Graz, 1972.

[73] Ахмедов Б.А. История Балха (XVI-первой половины XVIII вв.). - Ташкент, 1982; Лужецкая И.Л. Очерки истории Восточного Гиндукуша во второй половине XIX века. - М., 1986.

[74] Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 114-117, 153 ва феҳристи мавзеъҳо - С. 257, моддаи «Бадахшон».

[75] Ҳофизи Таниш. Шарафномаи шоҳӣ. - В. 445а.

[76] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С. 176-186, 200-207.

[77] Ҳамон ҷо. - С. 354-365.

[78] Та'рихи Бадахшан (История Бадахшана). Факсимиле рукописи. РАН Отделение истории, Институт востоковедения Санкт-Петербургского Гос. Университета, Восточный факультет / Издание текста, перевод с персидского А.Н. Болдырева при участии С.Е. Григорьева. Введение А.Н. Болдырева и С.Е. Григорьева. Примечания и приложения С.Е. Григорьева. - М.: Восточная литература, 1997, 255 с.

[79] История Шугнана. С персидского перевел и примечаниями снабдил А.А. Семенов. - Ташкент, 1916.

[80] Курбан Мухаммадзода, Мухаббат Шохзода. История Бадахшана / Издание текста, примечания и указатели А.А. Егани. - М.: «Наука», 1973; А. Ҳабибов. Ганҷи Бадахшон. - Душанбе: Ирфон, 1972. - С. 315.

[81] Исмоил бошо ибн Муҳаммадамин ибн Мирсалим ал-Бобонӣ. Эзоҳа-л-макнун фи-з-Зайл ало Кашфи-з-зунун ан асомийи-л-кутуб вал-фунун. Ҷ. III. - Байрут: Дору-л-фикр, 1990. - С. 510. Аз рӯи таҳқиқоти устод А. Ҳабибов, Муллошоҳи мазкур дар Арк ё Араксо ном деҳаи вилояти Рустоқи Бадахшон дар соли 990/1582 ба дунё омадааст. Ӯ яке аз шоирони пурмаҳсултарини Бадахшон буд, ки ба ғайр аз девони ғазалиёту рубоиёту қитаот боз даҳ достони дигар эҷод намудааст. - Ниг.: А.Ҳабибов. Ганҷи Бадахшон. - С. 98-99.

[82] Исмоил бошо ибн Муҳаммадамин. Эзоҳа-л-макнун. Ҷ. III. - С. 495. Дар «Ганҷи Бадахшон»-и устод А. Ҳабибов омадааст, ки номи Собит - Муҳаммадафзали писари Мирзиёуддини Ҳусайн мулаққаб ба «Исломхони Воло» будааст. Ӯ низ чун бародараш Ҳиммат дар Хусти Бадахшон ба дунё омада, ба Ҳиндустон ҳамроҳи падараш сафар карда дар он ҷо зиндагӣ мекардааст. Падараш - Исломхони Воло дар соли 1074/1663 аз дунё рафтааст. - Ниг.: А. Ҳабибов. Ганҷи Бадахшон. - С. 96, 150, 198.

[83] Исмоил бошо ибн Муҳаммадамин. Эзоҳа-л-макнун. Ҷ. III. - С. 536.

[84] Таърихи Бадахшон. Душанбе: «Маърифат», 2007, 132 с.

# ТАЪРИХИ БАДАХШОН

**/1б/** Бисми-л-Лоҳи-р –Раҳмони-р-Раҳим

Татиммаи достони умарои номдори изом ва такмилаи таворихи ҳуккоми олимақоми зави-л-эҳтироми (соҳибэҳтироми) мулки гулгашти гуҳархези Бадахшон, сонаҳо-л-Лоҳу таоло ани-з-зулми ва-н-нуқсон (Оллоҳи таоло онро аз зулму нуқсон дар паноҳи худ нигоҳ дорад) аз санаи 1068 ҳиҷрӣ (1657-1658) ибтидо шуд, камо қола-ш-шоиру (чи тавре ки шоир гуфтааст):

*Биё эй муганнӣ ба гулбонги рӯд,*
*Наво баркаш аз хусравонӣ суруд.*
*Ки пешиниёнро салое (нидое) диҳем,*
*Яке табъи худро ҷилое диҳем.*
*Бар ин дахмаи кӯҳнаи хусравон,*
*Алам барфарозам зи ному нишон.*
*……………………………………*[85]*,*
*Ба акси майи базми Ҷамшеду ҷом.*
*Ки шояд ба эъҷози он умри нав,*
*Дубора* **/2а/** *диҳам рафтагонро гарав.*

Аммо баъд ва моҷарое, ки таҳрир меёбад, чун дар таърихи санаи ҳазору шасту ҳашт 1068/1657 буд, ки аз ҳокимони соҳибиқбол аҳаде қоиммақоми маснади аморат намонд ва мардуми ӯзбаки қатағония[86] бинобар қурби ҷивор истилову ғалабаи тамом намуда, дасти тааддиву зулм дароз карданд. Ва мардуми Бадахшон аз турку[87] тоҷик[88] бо ҳам салоҳ намуда, ки «Якеро аз миёни қавм мухтор намуда, амиру ҳокиму соҳиби худҳо намоем, ки

*Ҷаҳон чун тан асту ҷаҳонбон сар аст,*
*Ҷаҳон бе ҷаҳонбон тани бесар аст».*

Мардуми Яфтал[89], ки бадахшиюласли ин ноҳиятанд, амир Ёрибекхон ибни Шоҳбек ибни мир Зоҳидхон - аз ҷумлаи дудамони хонадони алияи тоҳира, аз вилояти Даҳбеди[90] Самарқанд ба робитаи пирзодагӣ ба як ду пушт ҳасби тақдири азалӣ бинобар хоҳиши мардуми яфталӣ, ки муриду мухлиси ин хонавода будаанд, **/2б/** аз Самарқанд кӯчида омада, дар Яфтал дар мавзеи Хами Мир[91] сукунат варзида, дар ин ҳангоми саодатфарҷом ба рухнамуди ин воқеа, чун осори салоҳияту калонӣ ва атвори қобилияту кордонӣ аз ҷабини мубини амир Ёрибекхон возеҳу лоеҳ буд:

*Болои сараш зи ҳушмандӣ,*
*Метофт ситораи баланде*[92]*,*

бинобар он ки гуфтаи: «Куллу-л-амри марҳунатун би авқотиҳо» (Ҳар як кор вақту замони худро дорад) мувофиқи сабту-т-таҳрири дабири тақдир маншури ҳукумату давлат ба номи ӯ нигошта, иттифоқи аном аз хавоссу авом бар он афтод, ки: «Чунончи зоти бобаракоташон пирзодаву пешвои мост, амиру муқтадои мо ҳам ӯ бошад, ки худ сайидзода ва пири маврусии қавманд ва аҳадеро аз амру фармонашон нангу ор намебошад».

Амири мазкур ҳам, ки нусхаи ахлоқаш томман сирруҳо ба асрори хубӣ мувашшаҳ ва ишфоқи қарину-л-ишроқаш ба анвори некӯӣ муншареҳ буд, баъд аз он ки мусниди **/3а/** вакили маснади иқбол ва мунтазими арикаи иҷлол гардид, ҳиммати волонаҳматро дар ин амр бар он дошт, ки ба навъе аз аҳсани вуҷӯҳ (ба тарзи беҳтарин) муомила намояд, ки ҳусни ихлос ва эътиқоди мардум аз хонадони нубувват сусту фосид нагардад ва бозори ривоҷи дудамони сафвату сафо муҳмалу косид нашавад. Ва «Ҳамчунон ки мардум моро пиру пирзода дониста амир гирифтаанд, мо ҳам дар боби аморат, ки фи-л-ҳақиқат асарест аз осори хилофат ба муқтазои ин, ки: «Ё Довуд! Инно ҷаалнока халифатан фи-л-арзи ли таҳкума байна-н-носи би-л-адл»[93] (Эй Довуд! Мо туро дар рӯи замин ҷонишин сохтем, то дар байни мардум адолатро ҷорӣ намоӣ!) дар умури зарурия иқомаи ҳудуди шаръияро кор фармуда, аз он чӣ набояду нашояд эҳтироз бояд намуд».

*Ҳеҷ донӣ, ки вақти зодани ту,*
*Ҳама хандон буданду ту гирён.*
*Ончунон зӣ, ки баъди мурдани ту,*
*Ҳама гирён шаванду ту хандон.*

[Ӯ] қавоиди инсофу диёнатро ҳасба-л-мақдури худ **/3б/** барпову устувор дошта, ки давлати рӯзафзун рӯз ба рӯз дар тараққиву тазоюд афтода, мардуми ӯзбакро пеш-пеш аз вилояти Бадахшон барканда менамуд. Соле ду бар ин баромад, ки баъзе аз мардуми Яфтали Поён кӯтоҳандешӣ намуда, Шоҳ Имод ном мардеро аз миёни худ мир гирифта, дар мавзеи Лойоба[94] барои ӯ қалъае сохтанд ва ҳам аз ин ҷиҳат амир Ёрибекхони мазкур дилозурдагӣ карда, кӯчида ба Ҳиндистон рафт. Чун мардуми қатағония аз рафтани амир Ёрибекхон воқиф гаштанд, Маҳмудбий[95] лашкар кашида ба Бадахшон расид. Аз он чӣ тааддиву ситам буд, ба мардуми Бадахшон карда, дар сӯбаи[96] Ҷурм[97] қалъае ба номи худ сохта ва аз худ ҳокиму илғор[98] монда.

Дар ин вақт тамомии мардум ба рафтани амир Ёрибекхон таассуфи тамом хӯрданд ва ба яқин донистанд, ки бе амир Ёрибекхон аз ин балия халосӣ намеёбанд, лиҳозо боз дар байни худҳо **/4а/** ҷӯшида, аз ҳар сӯба ақсақолҳои мӯътабарро ихтиёр намуда, маъдуди сездаҳ одамшавандаи дурустро ихтиёр карда, ба талаби амири мазкур ба Ҳиндустон фиристоданд.

Ва амир дар Ҳиндустон ҳам аз қароре, ки ривоҷи тамом ёфта буд ва ба мартабаи калониву рутбаи бузургӣ расида буд, илтимоси ин касон,

ки дар хизматашон расида буданд, қабул накард ва ихтиёри бозгашта ба Бадахшон омаданро амир ваъда ҳам надод. Ва оқсақолон ҳам аз илтимосу илтиҷову илҳоҳи худ ҳам барнагаштанд ва маъруз доштанд, ки: «Агар амир бо маъияти (ҳамроҳи) мо ба Бадахшон наравад, моён ҳам даст аз домани олӣ барнамедорем ва баъд аз ин ҳар зараре, ки мерасида бошад, дар зиммаашон бошад, вассалом».

Пас, ночор амир Ёрибекхон аз илтиҷои ақсақолон дарнагузашта, ноилоҷ қабул карда озим гардид ва ақсақолон ҷамеи тааллуқоти амирро чи аз бурё **/4б/** ва чи аз саги тозӣ ҳамаро бор баста аз Ҳиндустон ба Чатрор[99] расониданд. Ва аз он ҷо озим шуда ба кӯтале, ки миёни Чатрору Бадахшон аст, расиданд. Ва пас дар ин ҷо фаҳмиданд, ки яке аз модасагони тозии ҷаноби ҳазрати амир дар Чатрор бачагон зойида буд, он ҷо мондааст. Лиҳозо баъзе аз ҳамон оқсақолон баргашта ҳамон сагро бо бачагонаш бардошта ба зери кӯтал оварда расониданд.

Ва ҳазрати амирро хабари омаданаш дар мулки Бадахшон шоеъ шуд. Мардумони акобиру ашрофи вилоят ҷамъ шуда баиттифоқ пешвозу истиқбол баромада амирро бо камоли иззату эъзоз пазироӣ карда мубоöракбоду хушомадиҳо карда шодӣ намуданд.

Ва пас маслиҳати вилоятро карда иттифоқ намуданд: «Аввалан қалъаи Ҷурмро аз ӯзбакия холӣ намоем» гуфта, ибтидо аз қалъаи Ҷурм ӯзбакро бароварданд **/5а/** ва худҳоро ба қалъаи Ҷурм молик сохта ҳаррӯза ӯзбакияро аз қалъаҳои Бадахшон баровaрда, охиру-л-амр аз ҳадди мавзеи Латтабанд[100] гузаронида хотирҷамъ мамолики Бадахшонро мутасарриф шуданд.

Ва Шоҳ Имод, ки дар қалъаи Лойоба, ки худ қалъае сохта он ҷо бошиш менамуд, пас ба болои ӯ лашкар кашида ба қалъаи мазкура рафтанд ва дар баробари қалъа саф бар саф истода, бечора Шоҳ Имод аз қалъаи Лойоба маа писарону навкарони худ маҳз барои холӣ кардани мавзеи мазкур баромада ба муҷаррадӣ рӯ ба рӯ шудан мушоруилайҳиро (мазкурро) маа кулли тобеагон ба қатлу қамъ расонида маъдум (нобуд) сохтанд. Ва ин ҳангом амир Ёрибекхон музаффарану мансуран аз он ҷо бозгашт карда ба мақарри худ омада нузули иҷлол намуд.

Ва пас аз итмоми ин кор ҳамаи акобиру ашрофи вилоят муттафиқан **/5б/** машварат намуданд, ки: «Якдараҷа ба пойтахт - Балх[101] рафта ҷаноби амиру-л-умарои ломеу-н-нури шарофатҳузури ҳазрати сайид Субҳонқулихонро[102] мулоқот ва зиёрат бояд кард». Бинобар ин маслиҳати қарордода, амир Ёрибекхон маа умаро ва ақсақолони худ озими Балх гардида ба мулоқоти Субҳонқулихон мушарраф шуда, паси чанд рӯз мураххас гардида. Ва локин дар ҳукумату маснади мирӣ Ёрибекхон дар хиттаи Бадахшон ба расми истиқлол аз тарафи хони Балх рухсати том ёфта ба мулки Бадахшон омаданд ва қалъаи Ҷузгонро[103] маҳз барои ӯ сохтанд ва биноӣ шаҳр ниҳоданд.

Ва ба ҷиҳати мададу маошашон дусираборро[104] ба Яфтал ва закоти молро ба Туркия[105], наъли аспро ба Арғунҷхоҳ[106], хироҷи дигарро ба Чакона[107] вазъ намуданд. Ва дар ҳангоми ҳосилоти мазкур ақсақолони ҳар қавм хироҷ гирифта чун муҷро (пардохт) менамуданд, он олиҷаноб

амир Ёрибекхон дасти дуо бардошта **/6а/** фотеҳа мехонданд ва аз муаллоти (сифатҳои олии) хубиву некномии худ дар намегузаштанд.

Ва ҳам дар он овони давлати амири соҳибу-д-давлат ва-л-каромат, яъне мир Ёрибекхони валӣ, ҳазрати эшони шайх Муҳаммадамон, ки маҳалли истиқомату бошишашон дар мавзеи Такнов[108] буд ва ба якҷо ва хонаи дигар дар мавзеи Кӯлак[109] ном ҷое, ки поёнтар аз Яфтал буд

ва ҳазрати эшони шайх Муҳаммадамонро аз мавзеи Такнов кӯчонида оварданд ва бинои қалъа аз Оби Ҷузгуни он рӯяи об карда ва бинои шаҳрро низ ниҳоданд.

Ва ҳам дар ҳангоми ҳукуматашон чанд нафар ашхоси муаззам аз хоҷаҳои[110] Самарқанд хирқаи муборакаи шарифаи мӯҳтарамаи ҳазрати набавӣ, сала-л-Лоҳу алайҳи олофу-т-таҳия вассаломро, бо худ гирифта аз роҳи Бадахшону Чатрор озим ба Ҳиндустон гардида буданд. Ва баъд аз ин ки аз тавобеоти Бадахшон убур намуда **/6б/** ба кӯтали Дуроҳ[111] қариб мерасанд, ки хабари воқеа ба гӯши амир расониданд. Ва амир било таваққуф одамон мутааққиб фармуда, хоҷагонро аз сари кӯтали Дуроҳ гардонида вориди ҳузур намуданд. Ва баъд аз он хирқаи муборакаро ба тарафи Ҳинд бурдан нагузоштанд. Маслиҳат бар он қарор доданд, ки хирқаи муборака дар хиттаи Бадахшон маҳалли зиёрату мазори мутабаррик бошад.

Лиҳозо хоҷагони хирқабарандаро дар Бадахшон ҷои сукунат, замин ва хонаву боғ меҳрубонӣ карда мутамаккин сохта ва андар шаҳр як маҳалли хубро маҳзи ниҳодану мондани хирқаи муборака иморати олия сохта ва зиёратгоҳи мӯъминин гардонида ва хирқаро дар он иморат гузоштанд. Ва хоҷагони самарқандиро, ки хирқаро онҳо оварда буданд, дар он остонаи муқаддаса рутбаи шайхиву мутаваллигарӣ ва соҳибу-д-даъватӣ бахшида, то ҳозиҳи-з-замон **/7а/** дар он остонаи алия падар бар падар, писар бар писар шайхиву мутаваллигарӣ намуда истодаанд. Ва аз сабабе, ки хирқаи муборака дар шаҳр[и Ҷузгун] омада қарор гирифт, бинобар ҳамин шарофат, пойтахти Бадахшонро шаҳри Файзобод ном ниҳоданд.

Ва мир Ёрибекхони валӣ муддати панҷоҳ сол комронӣ намуда фарзандони бисёр ёфт. Ва аз ҷумлаи фарзандони қобилу комилу-л-истеъдод бузургтару калонтар аз ҳамаи фарзандон Шоҳ Сулаймонбек буд, сӯбаи Ҷурмро ба вай дода. Дуюм Юсуфалихонро Садда[112] ва Пасокӯҳро[113] супурд. Саввум ва чаҳорумин, ки Хоҷа Ниёз ва Хоҷа Исҳоқ буданд, ба ҳар дуи инҳо Зардеву[114] Сарғулому[115] Шеваро[116] номзад намуда доданд. Ва панҷум Шоҳ Исмоилбекро **/7б/** аз Кишм[117] то Фархору[118] Варсаҷ[119] ва Танги Дарун[120] муайяну номзад фармуд. Шашум - Зиёуддинро ба Арғунҷхоҳ таъин намуд. Ҳафтум - Мирзо Қандро ба Куррон[121] ва Мунҷон[122] таъин кард. Ҳаштум - мир Улуғбекхонро ба Боғи Ҷурм[123] муқаррар намуд.

Оқибату-л-амр, баъд аз тамоддии ин муддати мадиду аҳди баид бо дӯлобгардӣ ва каҷрафториву инқилоботи даврон амир Ёрибекхони валӣ дар санаи якҳазору яксаду ҳаждаҳ (1118/ 1707-1708) такмили анфоси маъдудаи ҳаёт намуда, садои «ирҷаӣ»[124]-ро (баргард) «лаббайк»-зан

гардида, аз ин ҷаҳон видоъ намуд «Инно ли-л-Лоҳи ва инно илайҳи роҷеун»[125] (Мо аз они Худоем ва ба назди ӯ бармегардем).

Ва ҳамон дам, ки тоири хазрои рӯҳонӣ аз қафасу колбади ҷисмонии зулмонӣ ба олами улвӣ тайарон (парвоз) намуд ва соири авлод филфавр, яъне ҳамаи онҳое, ки дар фавқ мазкур шуданд, аз камоли фаросату доноиву огоҳӣ бар ин ваҷҳ иттифоқ намуданд, ки: «Аз ҳамаи моён **/8а/** бузургтару аршаду алиқ (лоиқ) ва ансабтар (муносибтар) Шоҳ Сулаймонбекро сазовор аст қоиммақоми қиблагоҳи моён ва вориси пояи тахти Файзобод ва ҷойнишини падари моён буда ва замоими ихтиёроти ҷузъиву куллӣ ба уҳдаи бародари бузурги мо буда ва ҳамаи мо бародарон ҳамвора мутеу мунқоди Шоҳ Сулаймонбек буда бошем», гуфта, муттафиқан ҳамаи бародарон омада, дасти адабу таъзим бар синаи садоқат устувор дошта, ба бародари худ Шоҳ Сулаймонбек дар мавқеи таъзиму эҳтиром ҳозир истода мунтазири фармон шуданд. Пас ҳама ба иттифоқ бархоста расми такфину таҷҳизро карда тадфин намуданд.

Ва дар ҳангоме, ки тобути падари худро ба тадфингоҳ, ки мебурданд, дар зери тобути он марҳуми ҷаннатмакони хулдошён **/8б/** ҳамаи бародарони фавқулбаён аз чапу рост бо ҷамъи аъёну ашроф пиёда ба роҳ мерафтанд ва аз ҷумлаи бародарон фақат Шоҳ Сулаймонбекро дар асп савор намуда ва паси тобути қиблагоҳашон савора то ба сари манзили хокдон расониданд.

Ва пас аз дафну дуову фотиҳа боз ба ҳамон минвол бародари худро танҳо ба асп савор карда ҳамаи бародарон ва аъёну ашроф дар зери рикоби Шоҳ Сулаймонбек то ба дари қалъаи Файзобод пиёда омада зери дарвоза нузул намуданд ва паси муддати маъҳуди дуову фотиҳахонӣ ҳар кадоми бародарон ба маҳалли қароргоҳҳои худҳо муроҷиат карданд.

Ва чун ҳокими Қатағон, ки Маҳмудбий ном дошт, аз воқеаи фавти амир Ёрибекхони марҳум иттилоъ ёфт, шӯълаи фасоду инодро афрӯхтаву андӯхта, лашкари фаровон аз мардуми ӯзбаки **/9а/** Қатағон ҷамъ намуда, ба болои Файзобод ғавру ғулув карда расида дар ҳаволии остонаи Хоҷа Абулмаъруф чодару хаймаву хиргоҳу аламу байдақ устувор намуда, бо хавоссу ҷонсупори худ дар ин мавзеъ фурӯд омада. Ва нисфи лашкараш аз мавзеи Сангмӯҳри Боло[126] то сари Пули Зич[127] фаромада мутааҳҳиди он шуданд, ки алассабоҳ ба як ҳамла қалъаву шаҳрро дар қабзаи иқтидори худ дароваранд.

Ва амирзодагон дар ин моҷарои ҳокими Қатағон – Маҳмудбий ҳайрону саргардон дар гуфтугӯ буданд: «Бо ин чӣ навъ муомила бикунем? Онҳо бо вуҷуди зулмпешагӣ бисёранд ва мо камем. Бо вуҷуди камбудии мо дили мо бо худост ва худованди таоло ёри мост. Умед аст, ки ба изни олаҳӣ фардо ба мадади ҳаққ, субҳонаҳу таоло ва бадрақаи иқбол аз сари номусу нанг **/9б/** чунон бояд кӯшид, ки нашъаи бангу бӯза[128] аз димоғи ин хомхаёлон ва шубонони гӯсфандсифатон парронида, ҳамчун гургу шер бар ин галаву рама бояд задан».

Ва бар ин наҳҷ маслиҳат қарор дода аз ҳар сӯ қаровулон муҳайё карда алассабоҳ аз ду тараф сафорой муқобили ҳамдигар шуда баякбора

садои табл даркашида дар талоши ҷангу ҷидол афтода. Бадахшиён бо ҷумлаи мирзодагон дар рикоби зафаринтисоби мир Шоҳ Сулаймонбек якдилу якҷиҳат истода бо ӯзбакони қатағония муҳорибаву муқотила намуданд. Ва дар андак соат аз рӯз ӯзбакони масти бодапараст тобу тоқат наёварда рӯ ба ҳазимат ниҳода тамоми анҷому ускунаи зарурии худҳо ҷобаҷо дар майдон тарк карда, баъзе ба қатл расида, баъзе ҷон ба амон бурда дар кӯҳу дашт фирор намуданд. **/10а/** Ва мардумони Бадахшон музаффару мансур ва бо амволу ғаноими бисёр дар майдони худ монданд.

Ва ҳокими Қатағон мир Маҳмудбий ин гуна шуҷоату баҳодурии Шоҳ Сулаймонбекро дида таҳсин намуда ду калима байте дар васфи ӯ навишта ирсоли хизмат намуд:

*Хуш он писар, ки нишинад ба маснади падараш,*
*Шукуфа гар биравад, ҷонишин шавад самараш.*

Ва Юсуфалихон, ки баъд аз Шоҳ Сулаймонбек аз ҳама калонтар ва соҳибрушду паҳлавонтар буд, ба мансаби сипаҳсолорӣ имтиёзи ном ёфт. Ва аз барои ривоҷи мулку бозор ва умури тиҷорат мулло бобои Қамариддинро, ки марде буд номдор аз саканаи қарияи Яфтали Поён, мумиилайҳиро (номбурдаро) ба Балх равона намуд ва чизе тангае, ки аз сайид Субҳонқулихон боқӣ монда буд, ҳамаро бор карда аз Балх **/10б/** ба Бадахшон оварданд. Бақияи тангаи сиёҳ ва носараро аз Хусту[129] Фринг[130] оварданд.

Ва он вақте ки бобои Қамариддин аз Балх омад, чизе ба сабаби гуфтаи бадхоҳону аёлон Қамариддин аз мир рашкбариву шакбарӣ карда, дар сададу ҳаракати замиронаи худ гардид, ки: «Ба як навъе агар муяссар гардад, мир Шоҳ Сулаймонбекро аз ҳукумат маъзул дошта ва ё ӯро ба қатл расонад».

Лиҳозо Қамариддин мирро ба ҷиҳати сайру тамошои мулки Ҷурм далолату тарғиб карда ба ҷиҳати сайр равонаи Ҷурм намуд. Охир [дар] мавзеи Чинори Ҳамза[131] то деҳаи Шӯробак[132] мири мавсуфро ба дараҷаи шаҳодат расонид. Аммо дар ин амри макрӯҳ Қамариддин бо мирзода Хоҷа Ниёз муттафиқ ва ҳаммаслиҳату якҷиҳат буд, бад-ин мӯҷиб, ки баъд аз фавти Шоҳ **/11а/** Сулаймонбек, ба пойтахт - қалъаи Файзобод мир Хоҷа Ниёз миру ҳокими мустақил бошад. Ва мири мутаваффиро муддати ҳукуматаш дар Бадахшон ҳафт[133] сол буд, ки дар санаи як ҳазору яксаду бисту панҷ (1125/1713) Шоҳ Сулаймонбеки шаҳид аз ин дори фонӣ реҳлат намуд.

Ва чун хабари ин қазияи номарзия ба самъи мир Юсуфалихон, ки ҳоким ба қалъаи Пасокӯҳ буд расид, бо ҳамроҳии понсад савори ҷаррори сиёҳпӯши[134] азодор ба ҷиҳати нангу номуси бародари калони худ аз роҳи Яфтали Поён саворӣ намуда дар роҳ аз он чи шояду бояд ба мардуми қитъаи Турёб[135] тааддии тамом карда, баъзеро шикамчок сохта ғазанфарона расид.

Ва мир Хоҷа Ниёзу Қамариддинбобо ҳарду фирор намуда дар мавзеи Зардев дар қалъаи Варм[136] даромада ва атрофи қалъаро ба барзаговони ҷуфтӣ қулба карданд, яъне шиёр (шудгор) карда об монданд.

Ва мир Юсуфалихон ҳам филфавр расида било таваққуф **/11б/** ба болои қалъаи Варми қурои Зардев тохтутозе карданд ва чандин сар аспон ба лою гил дармонда шуданд ва чанд нафар мардумон аз навкарони Юсуфалихон ба захми гулӯлаи тир захмину маҷрӯҳ ва мақтул шуданд ва мир ҳам дар муҳосираи қалъа сахт кӯшид. Чун қалъа зиёда танг буд, дар қабал афтод. Ва мир Хоҷа Ниёз ба аҳди он, ки Зардевро, чунонки дар тақсими ӯ афтода буд, ҳам аз вай бошад ва ҳарчанд бобои мулло Қамариддин монеъ шуд, гӯш ба насиҳати ӯ наниҳод ва ба хидмат, яъне ба ҳузури мир Юсуфалихон баромада. Ва мир ҳам бо камоли меҳрубонӣ ва хайру хубӣ ба ӯ муомила карда инъому эҳсони бисёр дода мир Хоҷа Ниёзро аз ҳузури худ мураххас фармуд. Ва ҳангоме, ки аз ҳузури мир берун шуд, дар ҳамон замон мардумро ба қатли ӯ далолат намуда.

Мардум аз ин ҷиҳат, ки марди мақтулшаванда ба мисли соири амирзодагон **/12а/** амирзодаи коффаи (ҷамеи) мусалмонон аст ва низ аслан сайиду-н-насабанд, ба куштану қатлу зарби соҳибзода ҳалол надида ва ин амри шанеаро муносиби ҳоли худҳо надиданд ва дар ин амр ҷуръату ҷасорат накарданд. Ва ба Хоҷа Исҳоқ, ки бародари Хоҷа Ниёзи мазкур буд, ишорати ин маънӣ намуданд, ки ӯро ҳам ту бикуш. Хоҷа Исҳоқ қадаре мувофиқи амри Юсуфалихон рафтор карда бо бародараш Хоҷа Ниёз музоҳим шуд, вале аз ӯҳдаи ба ҷо овардани ин кор набаромад, яъне накушт.

Ва Хоҷа Ниёз, ки бародари худро дар маҳалли музоҳимат дид, як кулӯхи хиштмонанди сахтро гирифта ба паҳлӯи бародари худ Хоҷа Исҳоқ зад, ки аз зарбати зарб суст шуда ба замин афтод. Мир Зиёуддин дид, ки Хоҷа Исҳоқ аз ӯҳдаи **/12б/** кор набаромад ва кор ба вайронӣ кашида сайди бадастафтода аз каманди тасарруф раҳову бадар меравад, бо он ки баччае буд ва аз унфувони ҷавонӣ ҳанӯз таматтӯъ наёфта, бе амру фармони мир Юсуфалихон аз ҷой бархост ва ба шамшер мир Хоҷа Ниёзро маҷрӯҳ сохта, ҳуҷумоварона ҳалокаш намуд. Ва баъдаҳу қалъаро сахт муҳосира карда гирифта мулло бобои Қамариддинро ҳам ба ҳеҷ ваҷҳ рӯи диданиаш намонда буд, дар тӯпхонаи қалъа баромада ба тиру туфанг бисёреро ба ҳалокат расонида буд, ҳамон тӯпхонаро оташ заданд, то ки дар байни шуову шӯълаи оташ сӯхта бимурд.

Ва баъдаҳу мир Юсуфалихон ба маснади калониву амирӣ расид. Ва ӯ марде буд қавӣ ва дуруштҳайкалу шуҷоъ ва ба улуми сиёсӣ олиму ҳушёр ва дар саффи ҷавонон **/13а/** намоён ва ҳангоми корузор дар ҳар боб чаққон ва тайёру муҳайё буд ва ҷалдкору пурдил ва шерчангол буд.

## Таъриф ва мир шудани Юсуфалихон

*Ҷавон буд, лекин ба дониш куҳан,*
*Сикандархурӯшу арастусухан.*
*Дар ин гулшанобод - мулки Бадахш,*
*Гуле ҳамчу ӯ нашкуфад файзбахш.*
*Зи симургу ҳудҳуд сухан гуфт соф,*
*Бувад ҷойи ӯ дар паси кӯҳи Қоф.*
*Зи иқболи симурғи фолманд,*
*Сарони ҷаҳонро пару бол канд.*
*Чу дар хонаи зин бияфшурд рон,*
*Лаҳад диду малҷаи худ сар дар он.*

Филҷумла, баъд аз забту рабти вилоёти Бадахшон ба иттифоқу ёриоварии бародарон ва соири аъёну ашроф хеле осуда, дар конуни замири худ ба доияву таҳияи асбоби муҳорибаву муқотила бо мардуми ӯзбаку қатағония мусаммам буд, то ки: «Як дараҷа насиб мешуд, мусаххару тасарруфи хиттаи бодияи маҳдудаи **/13б/** Қатағония менамудам ва ному нишони худ чун амирони пешин баланд менамудам ва ному шӯҳрати мирони собиқ дар ин асри ҷадид барпо менамудам, асбоби шӯҳрату тараққӣ ва давлату иқболи Бадахшон мебуд». Ва ҳамвора мири мумиилайҳи (номбурда) бад-ин орзу орзумандӣ менамуд.

Пас аз чанде тараддуди тамоми томм ва саъйи мо ло калом намуда, бо ҳусни иттифоқ маа (бо) кулли бародарону аъёну ашроф якдил шуда, ба сипоҳи бисёр ва хайлу хадаму ҳашами бешумор ба тарафи ӯзбакия ва қатағония юруш карда, аз Толиқону[137] Ишкамиш[138] ва Ғӯриву[139] Ҳазрати Имом[140] то Ҳафтдаҳдараи Хинҷон[141] дар ҳитаи фармон дароварда ва боҷу хироҷро бе сарфаву муҳобо гирифта Қундузро[142] низ дар камоли сахтӣ ба муҳосираи шадида гирифтор карда. Ва амири Қундуз ҳам ба ҳилаву робитаи хурдиву калонӣ **/14а/** дар Қундуз илтифоту адами музоҳимати ӯ ба навъе аз гандатарин авқот ба сар мебурд, ки интиқоми чандинсолаи мардуми Бадахшонро аз ӯзбак гирифта, ки мӯҷиби таҳсину офарини ҳамҷаворон ва ҳамсояхонони ин ҳудуд гардид.

Ва муддати панҷ сол бад-ин минвол ҳукмронӣ намуда, оқибатуламр Ҳасанбой ном марде буд аз ҷамоаи темурбек, ки муддате дар Ёрканд[143] афтода ва аз он ҷо ба ин вилоят омада буд, ба навъе, ки тавонист мир Юсуфалихонро ба шарбати заҳромез ба дараҷаи шаҳодат расонид ва дар санаи якҳазору яксаду сӣ (1130/1717-18) аз олам рафт.

Ва ҳангоме ки мир Юсуфалихон дар ҳолати муҳтазар (марг) буд, ки мардум ба иттифоқи худҳо дар шаҳри Файзобод бародари шашуми ҳамин мирони мутаваффо, ки ба мир Зиёуддинхоҷа мавсум буд, **/14б/** мумиилайҳиро ба ҳукумату мирӣ насб карда, ба ҳамроҳии худҳо мирро гирифта болои қалъаи Зағирчӣ[144] рафта, нақораи шодиёна монда эълони мирӣ карда.

Ва аз ин рӯй писари марҳум Юсуфалихон - Мирподшоҳ ном бо ҳамроҳии аъвони (тарафдорони) худ дар Мадрасаи эшони Махдумзода

ибни эшони шайх Муҳаммадамон маҳсуру қабал шуда ба вартаи ҳайронӣ дармонданд.

Ва аз қалъаи Зағирчӣ, ки наздик ба қалъаи Файзобод аст, ба миқдори ним фарсах (3 км), аз он қалъа мир Зиёуддин бо хавоссу аъвони худ ба болои мадраса ҳуҷум оварда, муқотилаи сахт [дар]гирифта охир мадрасаро оташ заданд ва сӯхтанд. Пас Мирподшоҳ валади Юсуфалихон дид, ки кор ба душворӣ анҷом ёфт, ночор тағйири либос карда ва танҳо лаб-лаби дарё аз **/15а/** рахнаи сӯхтаи мадраса баромада гурехт ва худро ба қалъаи Лойоба расонид, ки дар он ҷо яке аз мулозимони эшон - Паҳлавон Қазоқ ном бо ӯ дучор гардид ва дар хидмати ӯ шуд.

Ва чун аз он ҷо ба мавзеи Сайидбойӣ[145] расиданд, чанд нафар аз оқсақолони туркия аз Зиёбеку Рашидбек ва ғайриҳимо дар роҳ бо мирбачча дучор шуданд. Охируламр салоҳи кор дар он диданд, ки ҳама баиттифоқ қасаму савганд ва паймон намуданд, ки: «Аҳаде аз байни моён ин воқеаро ба мир Зиёуддин нарасонанд ва соҳибзодаи худро ба аҳволи худ монанд».

Ва Мирподшоҳ худро саломат ба Пасокӯҳ расонид ва мардуми Саддаву Пасокӯҳ баякбора нангу номус карда ба болои мир Зиёуддин ҳуҷум намуда ба қалъаи Файзобод омаданд **/15б/** ва аз ҳар тараф ҳуҷуму тохтутозӣ карда ҷанг намуданд. Ва Мирподшоҳ дар ҳини ҷанг ба дасти худ найза гирифта ба тарафи мир Зиёуддин ҳамлаовар шуда, мир Зиёуддин ба зарби найза маҷрӯҳ шуда ва фавҷи сипоҳи ӯ низ ривоҷ наёфта шикаст хӯрданд ва мир Зиёуддин ночор қалъаи Файзободро таслим намуд.

Ва худи мир Зиёуддин ба тарафи Чатрор фирор намуд ва аз он ҷо ба Кобул рафт. Ва аз Кобул худро ба Қундуз расонида, вопас бо мададгории мирони Қатағон аз Қундуз баромада қалъаи Файзободро забт карда ба тасарруфи худ гирифт ва ба ҳукумати қалъаи мазкура пардохт.

Ва дар ин асно Мирподшоҳ гурехта ба Пасокӯҳ рафт ва Мирзо Набот, ки писари аршади мир Зиёуддин буд, **/16а/** ӯро ҳокими қалъаи Фархор намуд. Мардуми Фархор дар андак муддат мухолифат намуда ба Юсуфбий - амири Қундуз дастгир карда доданд ва Мирзо Наботи мазкурро ба қалъаи Ҳазрати Имом бурданд ва дар он ҷо муқайяд карданд.

Ва мир Зиёуддин ба истимои ин воқеа қозӣ Оллоҳқулро, ки аз аъёни қавми туркияи оқбӯрӣ буд, ба истимдоди нангу илтимоси номус ба тарафи Ила[146] ба [назди] тӯраи[147] қалмоқ[148] фиристода мадад хостанд ва дар андак муддат даҳ ҳазор савори ҷаррор ба ҷиҳати мададгорӣ расиданд. Ва дар шаҳр нодаромада рӯ ба тарафи Толиқон ниҳода, ки пеш аз он, ки ӯзбак аз ин воқеа огаҳӣ ёбад, ба сари онҳо худҳоро бирасонанд. Ва дар он ҳангом Мирзо Наботро бурда дар мавзеи Ишкамиш муқайяд сохта буданд.

Лашкари қалмоқ баъд аз убур ба **/16б/** сӯбаи Толиқон се тӯб гашта, се ҳазор ба ҷониби Ҳазрати Имом рафтанд, се ҳазор рӯ ба тарафи Ишкамишу Ғӯриву Бақлон[149] ниҳода, чаҳор ҳазор нафар дар муқобили

Қундуз истоданд. Ва ҳам дар як рӯз чаповул намуда, тамомии амлоки мазкураро забту тохтутоз намуда, Мирзо Наботро аз Ишкамиш халос намуда, бозгашт карда вориди Файзобод гаштанд ва баъд ба ватани худ муроҷиат намуданд.

Мир Зиёуддин муддати ҳаждаҳ (18) сол ҳукумату комронӣ намуда, чун ахтари бурҷи иқбол аз машриқи ҷоҳу ҷалол ба уфуқи мағрибу завол расид, явми ид буд, ки аз қазоёи олаҳӣ чапанаи[150] ҷангӣ, ки аз русуми шуми ин шаҳр буд, дар байни падару писари ӯ Мирзо Набот **/17а/** ҷанге азим барпо шуд. Мирзо Набот ҳам соҳиби шаъну унвон буд, чапанҳои ҳамоқатшиор аз ҷонибайн бо ҳам дарафтоданд ва шӯълаи ҷанг афрӯхтанд. Мирзо Набот аз сари хомиву нодонӣ тарафи чапанҳои худро гирифта, чапанҳои мир Зиёуддин – падарашро зада пеш карда шикаст дод ва мири падарашро аз ин воқеа хуни ғайрат ҷӯшида, теғ аз ғилоф баркашида, писари худро пешандоз кард. Ва Мирзо Набот, ки падари худ ба чунин ҳолати ғазаб дид, гурехта рафта ба хонаи қозӣ Оллоҳқул даромада мутаворӣ гашт. Ва мир ҳамчунон бо шамшери бараҳна дар ақиб расид. Қозӣ хост, ки забон ба шафоат кушояд ва падар аз беодобии писар афв намояд, то ки худ бепарда нашавад. Аммо аз он рӯе, ки ғазаби мир ба истило кашида буд ва хуни вуҷудаш дар моддаи савдо **/17б/** ҷӯш карда, чунончи гуфтаанд, байт:

*Ҳамоно, ки пайванди шаҳ оташ аст,*
*Ба оташ ҳам аз дур дидан хваш аст.*
*Чу аз хашми худ барфурӯзанд чеҳр,*
*Ба фарзанди худ барнаёранд меҳр.*

Қозӣ дар ин ҳол аз худ бим бардошта шамшери худ кашида ба ҳамон шамшер мирро шарбати шаҳодат чашониду кушт ва таърихи ӯро аз ин лафзи ҳасбу-л-ҳол , ки «қозӣ ба корд зад» тавон ёфтан. Яъне дар санаи 1148 ҳиҷрӣ (1735-36) мотамхонаи ин дори фаноро падруд сохта, муқими кошонаи бақо гардид ва аҳди ҳукумати фарзандони амир Ёрибек ба итмом расид.

Ва чун Мирзо Набот дид, ки мирро қозӣ Оллоҳқул шаҳид кард, филфавр аз хонаи қозӣ баромада роҳи фирор дар пеш гирифта ба мавзеи Аргу[151] рафт. Мирподшоҳ бо фавҷе аз лашкари Садда ва Пасокӯҳ било таваққуф **/18а/** расида, дар Файзобод ҳоким шуд.

Сулаймонхон, писари Шоҳ Сулаймонбек дар Ҷурм ҳоким буд. Ӯ ҳам аз қалъаи Ҷурм саворӣ намуда ба Мирзо Набот иттифоқ шуда ҳар ду болои қалъаи Файзобод омаданд ва Мирподшоҳро муҳосира карданд. Ва баъд аз муҳосираи бисёр Мирподшоҳ боз ба ҷониби Пасокӯҳ роҳи мирӣ талабида, ба ҷониби Пасокӯҳ бозгашт кард ва Файзободро ба Сулаймонхон ибни Шоҳ Сулаймонбек, ки аз мерос мулки ӯ буд, таслим намуд. Ва чун худи Мирподшоҳ ба Саддаву Пасокӯҳ рафт, оқсақолони Саддаву Пасокӯҳро фиристод, ки ба қалъаи Файзобод рафта расму ифои таҳнияту муборакбодӣ ва фотеҳахондӣ намуда, Сулаймонхонро қалъаи падарӣ ва ба ҳукумати меросӣ табрик намоянд.

Ва ҳар гоҳ Мирзо Набот аз ин воқеа хабар ёфта **/18б/** одами мӯътамадуалайҳии худро ба назди Сулаймонхон ба ин мазмун фиристода, ки: «Оқсақолони Мирподшоҳро ба мо равона созанд, ки он чи хоҳад, дар бораи онҳо хоҳанд кард».

Мир Сулаймонхон аз изҳори ин маънӣ зиёда барошуфт, ки: «Ӯро дар илтимоси ин умур чӣ дахл аст? Ва миру соҳибу-л-ихтиёри би-л-асолат худи моем ва ҳар хубиву бадие, ки бошад, ба мо тааллуқ дорад».

Мирзо Набот ҳам аз вуқуфи ин мазмун бо худ барошуфт ва ба сари мир Сулаймонхон лашкари худро муҳайё карда расида, дар мавзеи Бози Паррони[152] кӯҳи Ҷулуғар[153] рӯбарӯи шаҳр фурӯд омада яке аз навкаронаш, ки зиёда баҳодуру мубориз буд - Ниёз Баҳодур ном писари Имомқули Чоҳобӣ, аз мир рухсат гирифта, ки рафта аз шаҳр хабар ёфта биёяд. Чун ба пул расид, дид, ки тахтаҳои пулро гирифта вайрон карда **/19а/** буданд. Ва Имомқули мазкур аспи худро болои пули вайрона ронда ба тарафи хушкӣ гузашта, чанд нафарро ба найза зада парешон кард ва панҷоҳ нафар, ки барои муҳофизати пул муқаррар буданд, ҳамаро пароканда намуд.

Чун Мирзо Набот аз қароргоҳи худ ин дастбурдиро муоина кард, дарҳол бо ҷумлаи навкарони худ баякбора асп тохта ба шаҳр омада Сулаймонхонро дар қалъа муҳосира карданд.

Чун ин хабар ба Мирподшоҳ расид, ӯ ҳам дарҳол бо навкарони бисёр омада дар мавзеи Лойоба фурӯд омад. Ва Мирзо Набот ба овозаи ин хабар ҳайрон шуда баночор пас гашта ба Аргу мурочиат намуд. Ва мир Сулаймонхон дид, ки аз ӯҳдаи кашокаши рӯзгор баромадан наметавонад, ночор Файзободро ба Мирподшоҳ дода **/19б/ х**уди Сулаймонхон ба қалъаи Ҷурм рафт.

Баъдаҳу Мирподшоҳ тадоруки лашкару асбоби худ фароҳам намуда, болои Аргу ба сари Мирзо Набот юруш фармуд. Мирзо Набот ҳам пойи мухосимат устувор дошта, дар байни якдигар ҷанге азим воқеъ шуд. Ва Мирподшоҳ шикаст хӯрда аз роҳи Қароқӯзӣ[154] фирор карда ба ҷониби Пасокӯҳ рафт. Ва баъзе аз сипоҳи ӯ нобуд шуданд, боқӣ ҳамаро бараҳнаву урён ва ба хории тамом захмӣ гашта ба хонаҳои худ баргаштанд ва расида қарор гирифтанд.

Ва он ҳангом мир Мирзо Набот ба тулӯи ахтари иқбол расида, ба сари маснади ҳукмронӣ дар қалъаи пойтахти Файзобод ба мартабаи калонӣ расид. Мирзобошӣ, ки калону умдаи қавми оқбӯрӣ буд, ӯро ба **/20а/** ҷониби Ила, ба назди тӯраи қалмоқ фиристод, ки аз он ҷо ба ҷиҳати кӯмак лашкар оварда Мирподшоҳро бо мулки Саддаву Пасокӯҳ дастгиру хароб созад. Ҳанӯз муддати бисёре нагузашта буд, ки лашкари қалмоқ расид.

Ва Мирподшоҳ бо ҳамроҳии тамомии мардум дар қалъаи Роғдашт[155] мустаҳкам гардиданд. Фавҷи қалмоқ низ ба сари қалъа тохтутоз оварда, ғалаба карда ва қалъаи Роғдаштро шикастанд ва Мирподшоҳ ба ҷониби Чоҳоб фирор карда рафт ва бақияи мардумро тамом дастгиру асир намуданд.

Ва баъдаҳу мир Мирзо Набот бо саркардаи қалмоқ бисёр инъому эҳсон ҳасбу-л-истеъдоди салтанати худ карда, ҳадяву пешкаш дода, саркардаи қалмоқро ӯзод кард. Ва аммо саркардаи қалмоқ писари мир Мирзо Наботро бо худ **/20б/** гирифта ба назди Ғулданги Ҷаранг[156] - тӯраи қалмоқ ба Ила бурд. Ва он мирбачча ҳам дар он ҳудуд бемор шуда мурд ва он мирбаччаи мутаваффоро ба даруни боғе, ки дар шаҳри Ила буд, дафн карда мақбара сохтанд.

Дафъаи сеюм Шоҳ Бӯзахӯрбек, ки бародари Мирзо Набот буд, аз ҷиҳати тақсиму расади ҳиссаи хеш дар умури мулкдорӣ аз бародари худ коҳиш ёфта, ба назди тӯраи қалмоқ ба шаҳри Ила рафта истиғоса (талаби ёрӣ) намуда истимдоду кӯмак талабид. Фавҷе аз лашкари қалмоқ ба ҳамроҳии худ овард ва баъд аз вуруди ин ноҳият аз кӯҳи Ҷулуғар то кӯҳи Регӣ[157] хаймаву шомиёна зада фаромаданд. Ва мир Мирзо Наботро дар шаҳр муҳосира намуда муддати мадид истоданд ва ҳаррӯза ҷангу ҷадал дар мобайн **/21а/** мекарданд. Ва мир Мирзо Набот болои сафилу[158] суффаи қалъа, ки майдони қалъа буд, ҳаррӯза нафиру нақораву табл ба наво меёвард. Ва қалмоқон дар болои мавзеи Бози Паррон саф кашида, бад-ин минвол чанд моҳи мутаволӣ зарбу кӯб дар миён менамуданд.

Чун кори Мирзо Набот рӯ ба истеҳкому қувват расида буд, аз дасти қалмоқ мувофиқи муддаову дилхоҳи онҳо амре, ки ӯро дастгир намоянд ва ё қалъаро бишкананд, ба вуҷуд наёмад ва муяссар нашуд. Лиҳозо, баночор бинои мусолаҳаву силаи раҳму бародариро дар байни бародарон ба ҳам расонида, ба якдигарашон оштӣ дода ва ин амри муҷодала ба хубӣ файсала карданд.

Ва ин маротиб қалмоқон ба сӯи мулки худҳо озим шуда **/21б/** ба роҳи Дарвозу[159] Қаротегин[160] мурочиат намуданд, вале ба саломатӣ ба мулки худ натавонистанд рафтан. Чунки, бинобар сабабе дар арзи роҳ дар маҳоллоти Қаротегин бо он қалмоқон ҷанге воқеъ шуда, ки кулл ба қатлу торoҷ мерасанд ва аҳаде аз онҳо ба тарафи Чин ҷон ба саломат намебарад. Ва баъд аз ин воқеа Мирзо Набот ба фориғболии тамом ҳокиму фармонфармои пойтахт - Файзобод гардид.

Ва дар аҳди ҳукумати ӯ аз ашхоси орифу обиду олим ва омилу кошифу зоҳиду аъламу муттақӣ ва шайху-л-машоих, орифи раббонӣ, ки аз қавми дегрезон соҳиби кашфу каромот ва хориқи одот, пешвои ҳама ва устоди кулл охунди мулло Абдурраҳмон буд, ки дар Мадрасаи Боло ба таълими улуми зоҳириву ботинӣ мепардохт ва аз акобиру асоғир ва адониву аолӣ, ҳама мутеу мунқоди **/22а/** ӯ буданд, дар улуми зоҳириву ботинӣ устод ва муршиди хоссу ом буда ва калиди абвобу футӯҳи мусулмонон, ки маоқиди умур аз вақоеу савонеҳи рӯйдод ба сабаби ӯ, алайҳи-р-раҳма, мунҳалл мешуд.

Гӯянд, ки рӯзе барои амри заруре охунди мулло Абдурраҳмон ба назди мир Мирзо Набот рафту дид, ки як сари шере дар паҳлӯи Мирзо Набот хобида аст. Ва пас аз он мир пурсид, ки «Боис чӣ бошад, ки ҳарсола шерон чун сагон чандин бачча мезоянд, мисли сагон бисёр намешаванд. Сирри ин амр чӣ бошад?». Ҳазрати эшони мумиилайҳи фармуданд, ки «Шерону навъи шерон золимтарини даррандагонанд ва

золимро дар умру зиндагонӣ баракат чандон намебошад». Ва мир Мирзо Набот, ки дар золимӣ ба ҳадде расида буд ва **/22б/** аз ин латифаи Мирзо Набот хеле мутаассир гардида шикасти тамом рӯйдодаш шуд.

Ва дигар аз уламову машоҳири он вақт ва муқтадои кибори аҳд қозию-л-қуззоти-л-ислом ва зубдаи хонадони изом эшони қозӣ мулло Миробид, ки дар насабу ҳасаб ҳам сайиду ҳам олим буд ва соҳиби ному нишон ва дар калониву эҳсон гӯиё мири сонӣ ӯ буд ва дар ҳамаи умури шариату миллат росиху устувор буд ва мардум дар ҳамаи умур руҷӯъ ба ҷанобашон медоштанд ва аз хони ниами (неъматҳои) эҳсонашон ҳама мустафизу баҳраманд мебуданд, эшон ҳам ба нисбат ба ҳазрати охунди мулло Абдурраҳмон шогирд будаанд.

Ва мир Мирзо Набот дар аҳди худ аз ҷинси гала ҳазор ва аз рама чандин **/23а/** ҳазор тадорук намуда, дар мояҳтоҷи (эҳтиёҷоти) аспи навкария ғайр аз ягон асп аз худ то оқсақоли муқарраб, ки аз Бухоро ва Туркмон аз туҷҷорон мехариданд, ҳоҷаташон намеафтод. Балки [аз] ӯ аспу гӯсфанд ва галаву рама ба Кобулу Ёрканд ба фурӯхт мерафт ва аз ҷинси кониёт лаълу лоҷувард ҳосили бисёр ба ҳусул мепайваст.

Ва ба он зулму ситам, ки ба ҳадди муболиға дошт, аз инъому эҳсон ва хони ниами алвони ӯ дар таҳриру баён овардан намешаванд, ки ғолибан ба як инъом додан одамро ба мартабаи ғано мерасонид ва хилофи амри ӯро намудан ва ҳамон дам ҳалок шудан баробар буд, занонро ёрои он набуд, ки аз хона берун оянд. Ва яке аз ғуломони худро, ки баҳодуру қобил буд, Тахтабек ном, сипаҳсолори худ намуд. Сариштаи мулкдориву мулккушоӣ ба дасти ӯ дода, ба нафси худ мудом дар субҳу шом ба нашъаи арақу шурб **/23б/** ва машғул бад-ин минвол муддати дувоздаҳ сол комронӣ кард ва дар охири кор аз дасти ҳамон ғуломи намакҳароми нофарҷом шароби талхи аҷал нӯшид. Маълум, ки Тахтабек дар номуси худ чизе аз мир рашк бурда, мардумро аз ҷиҳати зулму тааддии мир фирефтаи афсуни худ намуда, чун ҳамаи мардум аз татовули аёдии (дастони) ҷаври ӯ мутааззӣ (дар азоб) буданд, дар инҳидоми (шикасти) давлати ӯ розӣ шуданд.

Рӯзе он ғулом дар хизмати ҳазрати охунди мулло Абдурраҳмон дар ҳангоми хилват чунон ба арз расонид, ки: «Барфарз мардумро аз дасти золим халос намудан ва ба қадри мақдур дар ин боб кӯшидан лозим будаву савоб бошад ё не?». Ҷаноби эшон матлаби соилро (пурсандаро) дониста фаҳмиданд, ки ба амре мӯҳтаво аст. Лиҳозо мувофиқи саволи муҷмал ҷавоби ала-л-иҷмол тақрир фармуда, ба ин қадар иктифо намуда, ки: «Ин қадар ҳам не». Ғулом донист, **/24а/** ки роз аз парда бурун афтод ва илтимоси он намуд, ки сирри ӯ фош насозанд ва худ ҳам мутааррizи ин амр нашавад. Ва ҳамон шаб мирро куштанд ва тамаи хоми ӯ бар он тааллуқ гирифта буд, ки худ миру ҳокими би-л-истиқлол гардад. Ва алассабоҳ ғулом ба ҳамон хомтамаӣ ба ҳузури эшони қозӣ омада ба арз расонид, ки: «Ҳоло ҳазрат дар бораи мо чӣ салоҳ мебинанд?». Эшони қозӣ дар ҷавоб гуфт, ки: «Зиндагонӣ басе ба ҳар кас ғанимат аст, шуморо расаде зиёда аз ин амрест муҳол». Ғулом аз он ҷо, ки зираку фаҳим буд, ҳақиқати аҳволро дониста ва бо фавҷе, ки

дастпарвардҳои худ мукаммали аспу яроқу анҷом буданд, фироран ба Чатрор рафтанд ва дар таърихи санаи як ҳазору як саду шасту як (1161/1747) мир Мирзо Набот ҳам аз ин ҷаҳони дору-л-эҳзон ба дору-л-бақо реҳлат намуда берун рафт.

*Онҳо, ки аз адам ба ҷаҳон раҳнамун шуданд,*
*Вобастаи муҳаббати дунёи дун шуданд.*
**/24б/** *Дар корвони умр надиданд фурсате,*
*Рахти сафар кашида аз ин ҷо бурун шуданд.*

Иёлатдастгоҳ Мирподшоҳ, ки дар аҳди мир Мирзо Набот дар сӯбаҷоти мавозеи Чоҳоб[161] буда, Сулаймонхонро, ки аз Ҷурм баровroutinely, ӯ низ дар назди Мирподшоҳ рафта буд. Чун аз қазияи ҳоилаи рӯйдод[а] огоҳӣ ёфтанд, ҳар ду баиттифоқ ба оростагии лашкари худҳо озими шаҳри Файзобод гаштанд. Дар роҳ бародари хурдии Мирподшоҳ мусаммо ба исми падар - Юсуфалихон ном буд, ба бародари калон арз намуда, ки: «Беҳтар аз ин мавруд (маврид) боз муяссар намешавад. Биё то Сулаймонхонро ҳам дар ин ҷо бикушем ва худро аз кашокаши бисёри рӯзгор халос созем, то дигар хори озор дар раҳи иқбол аз ағёр намонад». Мирподшоҳ аз ин ҷиҳат, ки вақте тавъану курҳан паноҳ ба ӯ бурда буд ва дар олами футувватy ҷавонмардӣ ин маъниро **/25а/** муносиби аҳволи худ надид. Ва баъд аз ҷулусу комгорӣ Ҷурмро ба Сулаймонхон дода мураххас намуд.

Чун дар роҳ ба Хош[162], ки ҷои айлоқнишини молдорони туркия аст, расид ва галаву рамаи Мирзо Набот, ки дар он чарогоҳ буд, ҳамаро дастбурд намуда, баъд аз вуруди Ҷурм ба иддаои ҳамсариву амакписарӣ ва нифоқу бадаҳдӣ зоҳир сохта, рӯз ба рӯз эълони туғён баровард ва яке аз занони Мирзо Наботро Мирподшоҳ ба бародари хурди худ - Юсуфалихон дод. Ва дигариро аз махдароти ҳарамсарой номзади шаҳзодаи воломанзалат, амири кабир, ки Султоншоҳ аст, номзаду гӯшзад кард. Ва бибии мазкура махфиёна ба мир Сулаймонхон паём карда ва мир било тавaққуф чанд нафар мардумони ҷарроррo шабошаб **/25б/** равона сохт ва бибӣ аз роҳи обдузд ба сари меод рафта, бо ҳамроҳии касони Сулаймонхон ба орзуи мувосалати ӯ шитофт.

Мирподшоҳ дар ин боб волидаи моҷидаи худи мир Султоншоҳро ба ҷиҳати илтимосу талаби бибии мазкура ба Ҷурм назди Сулаймонхон фиристода, ки: «Албатта аз қавоиди бародарӣ дарнагузашта ва умре, ки бар сари як маснад дар ғаму ғурбат ба сар бурдем ва қадами ранҷу роҳат ба якдигар супурдаем, муносиб ин нест дар паи номуси якдигар кӯшем ва ба адоват хурӯшем». Байт:

*Мабодо, ки фардо зи чархи барин,*
*Дигар бозӣ ояд ба рӯи замин,*
*Ҳамон беҳ, ки рӯят бимонад ба мо,*
*Фалак нест бо ҳеҷ кас ошно.*

Сулаймонхон чун аз азми таваҷҷӯҳи бегим мутталеъ шуд, истиқбол намуда он чӣ шароити эъзозу эҳтиром буд, зиёда кулл ба русум расонида ба ҷо овард ва он чи аз ҳадоёву таҳоиф низ ба қадри мавҷуд ба ҳам расонид. Вале бибиро дар олами номус **/26а/** ба ихтиёри худ гузошта, ки: «Агар заррае майл ба рафтан дошта бошад, аз ҷониби мо мураххас аст. Валекин базӯр дасти баста доданро бегим сазовори аҳволи мо набинад ва ниҳояти ин гандагӣ бар мо написандад».

Ва филҷумла дар ин боб арбоби уқул ба насоеҳ ва мавъизаи шофию вофӣ забон кушуда насиҳат намуданд, абадан коргар наомад ва пас [аз] мурочиати он валиюнеъмат бибиро Сулаймонхон ба никоҳи худ оварда бар занӣ гирифт. Аз ин сабаб миёни Сулаймонхон ва Мирподшоҳ хусумату нифоқ афтода, охири кор ба хунрезӣ мунҷар шуда, ба андак замон Сулаймонхон ба лашкари худ фармон дода ба болои Мирподшоҳ ҳуҷум карда ба Файзобод омада Мирподшоҳро ихроҷ намуд. Ва ӯ, яъне Мирподшоҳ дар мавзеи Лойоба қалъае сохт ва нӯҳ моҳ **/26б/** дар он ҷо буд ва бо худ аҳде кард, ки: «То қалъаи Файзободро нагирам, мӯи сарро низ нагирам».

Ва баъд аз гузашти нӯҳ моҳ бинобар давлатхоҳии қавми дегрезон, ки он қавм аз умдаи ақвоми шаҳранд, аз гузари онҳо даромада дар миёни хиёбони шаҳр муҳорибаву муқотилаи азиме воқеъ шуда ва Сулаймонхонро шикаст дода овора сохт. Ва Сулаймонхон ба Ҷурм рафт. Муддати ҳафт моҳ дер нашуда буд, ки боз лашкар кашида болои Файзобод омад. Ва дар ин ҳангом мир дар қалъа сахт касал буд ва он чи давлатхоҳони ӯ буд, ҳама маъюсан ба ҳар тараф мунташир шуданд.

Ва Мирподшоҳ, Абулфайз ва Шоҳ Офтоб аз оби он рӯя[163] ба кӯмаки мир омада эшонон низ дар хонаи Арбобвафои Файзободӣ қабал шуданд. Хуллас ин ки мирро ба ҷониби Пасокӯҳ **/27а/** роҳи мирӣ[164] дода, дар айни шиддати марази мавт мутаваҷҷеҳи Пасокӯҳ гашта, дар байни роҳ, дар мавзеи наздик ба Турёб ҷон ба ҷонофарин супорид. Байт:

*Ҷуз бори надомат набувад ҳосили омол,*
*Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл?*

Баъд аз ин воқеа мирони аз оби он рӯяи мазкураро низ ба Дариюн[165] мураххас намуда муддати ҳафт сол Сулаймонхон дар Файзобод калониву ҳукмронӣ намуд. Ва Юсуфалихони сонӣ дар Пасокӯҳ истода мир Султоншоҳ аз он ҷиҳат, ки Чоҳобро падари бузургвори ӯ номзади ӯ сохта, дар он ҷо осуда.

Ва аз ҷумлаи фарзандони Мирподшоҳ аз ҳама калон - Мирзои Калон, ки Мирзо Бурҳониддин аст. Дуюм мир Султоншоҳ. Саввум мир Мирзо Муҳаммаддин. Чаҳорум мир Тӯрабозхон. Панҷум Мирзо Мақсуд. Шашум Мирзо Абулфатҳ. **/27б/** Шаш писар аз [э]шон боқӣ монд.

Аз Мирзои Калон сайидату-н-нисо Неъматбегими Калон духтаре буд, ки онро мир Султоншоҳ ба ҷиҳати писари худ - амир Муҳаммадшоҳ хостгорӣ намуда. Мири Калон - мир Султоншоҳи сонӣ, мир Мирзои

Калон, мир Мирзо Бурҳониддини сонӣ, мир Сулаймоншоҳ аз он наҷобату асолатмақом ба вуҷуд омадаанд.

Ва аз мир Султоншоҳ ҳамин як нахли пурсамараи бӯстони шоҳӣ - амир Муҳаммадшоҳ ва мир Абдуссамадхон ва аз мир Мирзо Муҳаммаддин ду писар монд. Калону қобили эшон вафот ёфта, дигараш, ки дар теъдод ҳеҷ нест. Ва аз Тӯрабозхон касе намонда аст. Ва аз Мирзо Мақсуд – мир Муҳаммад Ризобек ва аз мир Абулфатҳ – мир Шоҳ Валихон қоиммақом мондаанд, ки **/28а/** бинобар тафсили аҳволот нигориш ёфта хоҳанд шуд, иншоаллоҳ.

## Баёни ҳукумати Султоншоҳ

Бар ин наҳҷ, ки уббаҳату иёлатдастгоҳ амир Султоншоҳ чун ба бисту чаҳорсолагӣ расид, қадам бар тахти ҳукумат ниҳода дағдағаи мулкгириву салтанату ҳукуматравоии Юсуфалихониро барпо сохта, тамоми хиттаи Бадахшону Бадахшонотро мутасарриф гардида, ҳатто ки аз ҳудуди худ таҷовуз ба ҳудуди хиттаи ӯзбаки Қатағон карда. Бад-ин муҷиб, ки он амири уббаҳату ҷалолаттахмир бинобар мояи иззу эътило, ки дар ниҳоди олинажоди ӯ вадиат буд, дар оғози амр дар мавзеи Чоҳоб ба давлати рӯзафзун уруҷ намуда, фармонравои кулл гардид.

Нахустин бародари бузурги шон Мирзои Калон, яъне Мирзо Бурҳониддин аз сари ҳушёриву огоҳӣ дар ҷабини ӯ ҳувайдо **/28б/** дид ва аз сари адаб таъзиму такрими ӯро ба худ лозим дида, ба калонии ӯ таслим намуд ва ба хулуси ният дар камоли муҳаббат ихтиёрро ба дасти ӯ дода, дар ғояти одоб бархоста салому икроми ӯро камо ҳува (чи тавре лозим аст) ба ҷой овард ва рутбаи ҷонишинии обову аҷдодро ба ӯ муборакбод намуда, муроқиби он буд, ки мабодо амӯяшон - Юсуфалихони сонӣ рашке ба вай намояд. Дар ҳақиқат Юсуфалихони сонӣ - амӯяшон, шояд ки аз ҷиҳати рашки мо ло юънӣ (бемаънӣ) бинобар инҳирофи табиати ноҳамвор аз фикри кӯтоҳандеш рақабаи (гардани) иродат аз рибқаи (каманди) итоат боздошта, аз сулуки ҷоддаи таслиму ризо истинкоф (нописандӣ) намуда, осори туғёну гарданкашӣ аз вай ба шуюъ пайваст.

Ва баъд аз эҳтидову таҳдид, ки ба ҷое нарасиданд, лашкарро аз Чоҳоб бар сари ӯ кашида, чун ҳаблу-л-матин тавбаро **/29а/** собиқ аз ин шафоатхоҳи худ нанамуда буд, шафоати касе дар бораи ӯ қабул нашуд. Ва ба як юруш ӯро аз қалъаи Пасокӯҳ барканда карда, Пасокӯҳро ба илтимоси бародараш - Мирзои Калон, ба ӯ муфаввaз дошта. Оқсақолонро дар байн аз худ то Сулаймонхон ба омадурафту муросилоту номаҷот муайян фармуда, дар олами унсу мувосилат ба тадбири кайдиву макрӣ (фиреб) робитаи хешӣ ба ҳам расонида, духтари Сулаймонхонро ба худ номзад сохта.

Ва аз ирсоли русул идхол дар аиззаву ашрофи шаҳр намуда, ҳақиқату моҳияти мардумро дарёфта, ба идроку тадорук кори худ ба сар бурда, ба болои шаҳри Файзобод омад ва бе ҷангу ҷадал шаҳрро дар қабзаи тасарруф даровaрда мусаххар намуд. Ва ҳар гоҳ Сулаймонхон

бегонагии мардумро мушоҳида намуда, аз беэътибории мардум ва аз феъли шанеи худ ҳароси **/29б/** тамом бардошта, ҷуз роҳи фирор ба худ муносиб надид, ноилоҷ ба тарафи Ҷурм рафт.

Ва амир Султоншоҳ ҳам таоқуби ӯ рафт ва дар он ҷо низ кораш мувофиқи дилхоҳ нашуда ба тарафи Чатрор фирор кард. Ва он гурӯҳе, ки бибиро ба назди ӯ бурда буданд, ҳама[ро] ба дами теғ кашида маъдум сохтанд. Ва ин ҳангом ғайр аз оби он рӯя, яъне ғайр аз он тарафи об ҳамаи мулк мусаххару муяссар шуда, ба пойтахт - Файзобод ҷонишин гашт.

**Воқеаи шоҳони мулки Дарвоз ба таърихи санаи 1162 ҳиҷрӣ (1748)**

Ва баъд аз инқизои як сол аз суръати сайри фалаки беҳамол (худхоҳ, бепарво) аз афтоду хези замонаи қарибу-з-завол дар соли 1162 шоҳони мулки Дарвоз  Туғмашоҳ ва Шоҳ Дарвоз ва Мансурхон ва Азизхон ва Шоҳрух Мирзо ва Саодатшоҳ ва Султон Маҳмуд аз писарони Шоҳ Ғарибуллоҳ бо камоли таҷаммулу **/30а/** асосу дабдаба ба хиттаи Шуғнон[166] омада, камари  адоватро бо мир Султоншоҳ барбаста. Амир ҳам бо фавҷи бекарон дар болои кӯҳи Айлоқ[167] дар лаби кӯлу ҳавзи Шева дар муқобили эшон фуруд омаданд. Ва мирзо Сиддиқ ном шахсеро ба саркардагии қӯшӯни анбӯҳи пешҷанг ба мавзеи қарияи Ғори Ҷӯвин[168] фиристода.

Ва аз ҷониби дигар лашкари шоҳони Дарвоз даррасиданд, бо фавҷи бадахшиён муҳорибаву муқотила намуданд ва лашкари Султоншоҳ[ро]  шикаст дода. Аз камоле, ки мардумони Дарвоз дар соири умур аз мардумони Бадахш дар бораи ҷангу ҷидол моҳиру тайёр буданд, бо вуҷуде ки фавҷи аҳолии Дарвоз дар вилояти мо нобаладу мусофир буданд ва дар ҳама ҳол ба ҳамаи кӯҳу дараву даркоб мо бадахшиён балад будем ва пешраву раҳбар доштем, бо ин қадар маҳорати худ дар мулки худ пешрафти иқболро дастёб нашуда мардумони **/30б/** Дарвоз гӯйи сабқати дастбурдӣ аз  майдони нангу номус бурда, шикасти фоҳиш ба лашкари бадахшиён дода ва бисёртар аз лашкариёнро маа Мирзои Калон  асири шоҳони Дарвоз шуданд.

Ва баъдаҳу лашкари Дарвоз амир Султоншоҳро мулаққаб ба «Аждаҳор» таъқиб намуда, боз ҳамон воқеаи қабл рӯйдод гардида, лашкари Султоншоҳ пароканда шуд. Ва ғайри чанд каси маъдуд, ки дар залоли отифату пояи иқболи ӯ худро ба Файзобод расониданд, бақияи тамоми афвоҷи Султоншоҳ дастгири панҷаи тақдир гаштанд.

Ва баъд аз тороҷу ахзи (ситонидани) асбобу яроқу аслиҳаву аспу либос ва ғаноими бешумор, ки манофеи афвоҷи шаҳи дарвозиён шуд, пас усароро (асиронро) рухсат доданд магар Мирзои Калонро батанҳо **/31а/** бо худ ҳамроҳ ба Дарвоз оварданд.

Вопас, амир Султоншоҳ, яъне Султони Аждаҳор бинобар талаби Мирзо, ҷаноби афзалу-л-уламо ва сиққату-л-фузало домулло Аъзам охунди муфтӣ, ки нисбати домодӣ ба Мирзои Калон, яъне Мирзо Бурҳониддин дошт, бо чандин тӯҳфаву ҳадоё назди шоҳони Дарвоз фиристода таваққӯи  пас гардонида фиристодани  Мирзоро дархост

карданд. Ва ҳангоме ки муфтии мумиилайҳ ба пойтахти дору-л-ҳукумати Дарвоз ба нафси (худи) шаҳри Хум (Қалъаи Хум) ворид шуд, мушоруилайҳиро аз тарафи шоҳони Дарвоз расми таъзиму такрим ва ҳурматдориро ба ҷой оварда, меҳмонияту сафораташро қабул карданд.

Як рӯз дар маҷлиси шоҳӣ нишаста буданд. Аз ҳар қисм аъёну ашроф, фузалову уламо ҳозир буданд, ки ба як рамзу имое бар муфтии мазкур **/31б/** фаҳмонид, ки: «Муқаддимаи мубоҳисаи илмияву диния дар миён андохта шавад». Лиҳозо муноқишаву мубоҳисаи тавил дар байни муфтӣ ва олимони он ҷо воқеъ шуда, охируламр тарҷеҳу хатми маҷлис ва исботи масоил ба номи сафоратпаноҳ эшони муфтӣ мулло Аъзами охунд шуда.

Ва пас аз ин маҷолис рӯзе муфтии охунд боз талаби рухсату изн додани Мирзои Калонро аз Туғмашоҳ - шоҳи Дарвоз намуд. Ва шоҳи мазкур низ ба самъи қабул исғои масъалат ба мир Султоншоҳ ва охунди муфтиро намуда Мирзо Бурҳониддин, яъне Мирзои Калонро бо маияти (якҷоягӣ) муфтӣ охунд ба анвои иззату ҳурмат ва ҳадоёи лоиқа аз Қалъаи Хум рухсат фармуда, ӯзод намуданд. Ва пас аз чандрӯза таййи талоли пурмалоли кӯҳистон вориди қалъаи Файзобод гашта ба шарафи дастбӯсии амир Султоншоҳ мушарраф гашта фараҳманду шодон осуданд.

Ва баъд **/32а/** аз ин рӯзҳо ибтидо карда ба умури мамлакатдорӣ пардохта, рӯз ба рӯз тараққиву тазоюди савлату ҳукумат барзиёда гардид ва дар маъмуриву ободонӣ ва тараққиву рафоҳияти ҳоли фуқарову мамлакат кӯшида, ҷумлаи вайрониҳо рӯ ба ободонӣ ниҳод ва рӯз ба рӯз шӯҳрати некномиву сахову карам, ғарибу-н-навозиву раиятпарварии ӯ гӯшраси атрофу ҷавониб гардида, ҳамҷаворони мулкат чи аз дуру чи аз наздик, чи аз ёру чи аз шарик ҳама муроқиби ин давлатманди шаҳир шуда, офарину таҳсинхон гардиданд.

Ва саъйи иҷтиҳоди ӯ он буд, ҳар олиму фозил, [ки] иддаои улум мекард ва ҳар ҳунарманде, ки ба ҳар навъи ҳунар ҳунарманд бошад ва ҳар шахсе, ки ба кадом навъи коре, ки асбоби тараққии мулк бошад ва даъвои коригарӣ бикунад, ҳамаи онҳо[ро] ало қадри мақдур (тибқи имконият) муносиби ҳолашон бар **/32б/** ҳар кадоми онҳо ионату кӯмаку мададрасонӣ мекард, то ки фароҳам кардани асбоби ободонии мулку вилоят ва шӯҳрату шаъну шавкат гардад. Ва ҳама дар айёми ҳукуматаш аз кабиру сағир ва чи аз даҳоқину аз бодиянишин ва асҳоби ҳирфату ҳунар ва чи аз фуқарою ҷайшу лашкар кулл дар камоли ризову мамнун, осудаҳоливу тараққӣ рафтор намуда, баракату неъмат ва касрати молу амволу ҷоҳ касб намуда, шодону фарҳон дар зилли (сояи) отифати амир Султоншоҳ осуданд.

Ва ҳам дар ин таърих ҷумлаи қилоу бандароти дохилаи мамоликро таъмиру таҷдиду мараммат фарохӯри мавқеаш намуда, ободон карданд. Ва аз ҷинси аҷоибнигори рангоранг хаймаву шомиёнаву хиргоҳ ҷиҳати қасру кӯшку айвон саропардаҳои гуногун тайёру муҳайё карда, сариштаи камбудиҳо карданд. Ва **/33а/** дар аксари авқот дар боғи «Чаҳор чаман» ба айшу нӯш дар он боғ ба сар мебурданд ва анвои лаъбу

сармастӣ ва сархушиву боданӯшӣ ва нағмасаройӣ ва базми гулчеҳрагону лоларухон ва паривашон. Ва ашхоси хушилҳон аз ҳанҷараи ҳалқуми андалебсадоён андар он ҳалқаи дилҷамъӣ муҳайёву ошкоро мебуд, ки шоире дар ин хусус мегӯяд:

*Муғаннӣ чу бардоштӣ чангро,*
*Чу мум об кардӣ дили сангро.*
*Зи дастонсароён дар он кӯҳсор,*
*Ту гӯйӣ қиёмат шудаст ошкор.*

## Хабари омадани хоҷагон аз Ёрканду Кошғар[169]

То ба як сол бад-ин минвол ба давлату иқбол ба сар бурд, ки муқаддимаи омадани хоҷаҳои бовиқор аз самти Ёрканду Кошғар ба зуҳур пайваст:

*Шунидам зи пирони таърихгӯй,*
*Ҷаҳондидагони шумо ранҷҷӯй.*
*Аз он ҷумла гувоҳӣ дошт пеш,*
*Мулло Сангмуҳаммад*[170] *зи аҳволи пеш.*
*Ки оре, чу соле баромад бар ин,*
*Шуда бахт наздику давлат қарин.*
**/33б/** *Сababро ба таъйиди иқболу ҷоҳ,*
*Мусаббаб, ки карда буд аз баҳри шоҳ.*
*Зи меҳре, ки дошт ӯ бар ин шоҳбоз,*
*Ба фарбеҳтарин сайдаш овард тоз.*

Дар санаи 1163[171]/1749-50 фирор кардани хоҷагон маа се ҳазор нафар воқеъ шуд. Ду бародарон аз содоти Махдуми Аъзамӣ аз ҷумлаи наберазодаҳои Қалмоқи Қошғарӣ, ки ба чандин пушт абан ан ҷаддин (аз падару бобо) дар он диёр будаанд ва ба ҳамон нисбату пирзодагӣ пешвову муқтадои он навоҳот будаанд, чун бадри давлати тӯраи қалмоқ ба нақсу заволҳилолӣ анҷомида, навбати давлату мамлакатдорӣ ба хоқони Чин расид, дасти тоифаи хитойӣ ба тасарруфи он диёр дароз шуд, ин ҳардуи бародарон аз байни эшон ба рутбаи хониву калонӣ имтиёз ёфта, ба ҳукумат расида буданд. Аз аввал ба мувофиқи [ояти] «Атиуллоҳа ва атиу-р-расула ва увли-л-амри минкум»[172] (Ба Аллоҳ, ба пайғамбар ва ба сардорони худ итоат намоед!) аз анвои мувосоту аснофи мадорот ба дарбори подшоҳӣ аз хоқони Чин, ки ба ҳам расонида буданд **/34а/** ва фориғу-л-болу бегазанд умри худҳоро ба айшу ишрат ба сар мебурданд. Ва ҳар гоҳ иддаои калониву истиқлол дар сарашон афтода ва бодаи ғурур димоғашонро бар он овард, ки пои мутобиат аз сабили итоат кашида по аз ҳадди андоза берун шуд.

Шоҳаншоҳи Чин бинобар гӯшмолу таъдиби эшон ба як даста аз сипоҳи хитойӣ муқаррар ба дафъи шонон фармуд. То ба як сол корузор намуда бадар омад, соли дуввум дучанд сипоҳи дигар аз Чин омаданд.

Ба инҳо низ қитолу ҷидол намуда худро аз даст надоданд ва пои мардонагӣ устувор дошта ва дуди димор аз ниҳоди рӯзгори куффори ашрори Чин баровада ва мардона кӯшиш кардаанд, аммо ба дарав кардан аз ҷангалу найистон чизе кам кардан натавонист, азбаски афвоҷи Чин бисёр буданд.

Ва соли саввум дарёи заххор (саршор) **/34б/** аз лашкари бешумор аз он дору-л-ҳарб баякбор ба истисоли (нест кардани) инҳо муайян гардида, фавҷ-фавҷ расидан гирифта аз он ҷо, ки маҷоли муқовиматро муҳол дида, бо миқдори дувоздаҳ ҳазор буна[173], яъне хонавор аз мардони кори мубориза тшиор, ки аз ҷумлаи мулозимон буданд, бо ҳамроҳии худҳо гирифта шаҳри Ёркандро тороҷ намуда рӯ ба ин диёр ниҳоданд. Дар роҳ чизе ки меёфтанд, дастбурд намуда ғанимат мепиндоштанд.

Ва нӯҳ ҳазор буна, яъне хонавор аз эшон ба самтҳои мамолики Хӯқанд афтоданд, яъне рафтанд. Ва се ҳазор нафар, ки бақия ба ҳамроҳи шонон монда, мазкурон аз роҳи Помир ба роҳи Шуғнон рӯй ба Бадахшон оварданд. Чун ба Шева расиданд, хабари воқеаи омадани хоҷагонро ба самъи амир Султоншоҳ расониданд.

**/35а/** Амир Султоншоҳ ба ҷиҳати он, ки бо хоҷагони фирорӣ дар насабу ҳасаб муттаҳиду-л-аслу нажод буданд ва аз тааддиву истилои куффор овораи ин сабилу диёр гардида мусофири воҷибу-л-икром ва-т-таъзим буданд, лиҳозо эъзозу икроми шонро лозим дида, ба вуруди шонон дар сӯбаи Арғунҷхоҳ оқсақолонро ба истиқболи меҳмонон фармуда, ки дилҷӯиву мувосоти шононро ба аҳсантарин вуҷуҳ (беҳтарин тариқа) баҷо оваранд.

Валокин аз лашкари авбоши бебошашон дар мавзеи Арғунҷхоҳ чизе аз молу аспи мардум ахз намуда. Соҳибони мол, ки бинобар итлофи амволашон тоқат наоварда сурати ҳоли лашкариёнро ба роҳи аризадорӣ ба хоҷагон расониданд. Валокин хоҷагон арзи фуқароро гӯш накарданд. Ва аз истимои ин воқеа дили амир Султоншоҳ мутағаййир гардида, бо вуҷуди **/35б/** он Мирзои Калон, яъне Мирзо Бурҳониддинро ба пешвоз фиристод. Ва худи амир дар Оби Ҷузгун[174] бинобар икрому таъзими меҳмонӣ истиқбол намуда вохӯрдӣ карда то болои қалъаи Зағирчӣ омада, ба манзили худ мурочиат фармуда, хоҷаҳо дар он ҷо саф кашида ва шомиёнаву хиргоҳу хаймаи худҳо устувор карда. Ва дар шаҳр ба чашми харидор ва ба тааммули бисёр нигоҳ карда ва доияи он дар хотирашон афтод, ки: «Агар тавонанд, газанде ба мир Султоншоҳ расонанд ва ин мулкро ба худҳо ба ғанимат гирифта ҳокиму мутасаррифи Бадахшон гарданд».

Бале, хоҷагон дорои се ҳазор савори ҷаррор аз мардони кор дар мулозимати худ тайёр доштанд, ки ҳар кадом рӯ ба рӯи шери нар меҷангиданд ва аз ҳуҷум овардану қурбон шудан боке намедоштанд. **/36а/** Ва навкаронашон пиромуни эшон пар дарбофта мунтазири имою ишораву фармон мебуданд. Аз чошт то вақти охири пешин дар қалъаи Зағирчӣ ба мавқифҳои худ тавaққуф намуда, то кӯчу бунаҳои онҳо батамомӣ дар ҳаволии остонаи ҳазрати Абулмаъруф чодару хайма зада

фуруд омаданд. Он замон эшон ҳам саворӣ намуда дар боргоҳи худҳо нузул сохтанд.

Амир Султоншоҳ дар олами инсонияту муруввату одамият ба расми меҳмонӣ зиёфати мулукона фармуда алассабоҳ Мирзои Калонро ба талаби эшон марсул сохт ва хоҷагон омаданро ба дарбори олӣ аз ҷумлаи нангу ор шумурда наёмаданд. Аз ин ҷиҳат хотири амир Султоншоҳ зиёда кудурат пазируфта барошуфт ва аз хомтамаии эшон ба худ фаҳмид. Эшон аз вақти бомдод кӯчу бунаро аз сари кӯтал убур фармуда, **/36б/** Хоҷаи Калонро, ки дар ҳукумат дахле надошт, ба расми фотеҳахондӣ ба пеши амир фиристода, амир ӯро дар қалъа аз ҷиҳати истинкофи (нописандии) бародараш нигаҳ дошт.

Ва Хоҷаи Хурд бо шогирдпешагонашон ба Лабканда[175] аз боло то поён саф кашида то намози дигар истода, чун донист, ки буна, яъне хонавода ва аҳлу аёл аз кӯтал гузашта ба як манзиле расидаанд, он замон озим гардида роҳи қофилаи хеш дар пеш гирифт. Лашкариёни ӯ дар ҳини убури кӯчу буна аз кӯтал галаву рамаи мардуми туркияро аз рӯи дашти Лойоба ҳар чӣ ки ёфтанд, ба худ бурданд ва аз ин дастдарозии шон амирро дар олами ғайрат ғазаб бар хотир муставлӣ гашт.

Бомдодон, ки эшон мутаваҷҷеҳи Аргу шуданд, амир ҳам дар ақиб афтода **/37а/** дар дашти Аргу бо ҳамдигар муқобил афтода, муқотилаи азим барпо карда заду кушти бисёре карданд, ки шоир мегӯяд:

*Бадахшии ҳизабр он даррандахӯй,*
*Рабуда зи шерони дарранда гӯй.*
*Дурахшида фатҳ аз сипеҳри барин,*
*Ба номи амири Бадахшонзамин.*

Валҳосил, дар зарфи ду-се соати муқобилаву муқотила афвоҷи хоҷагон тобовари бадахшиён нашуда, рӯ ба гурез ниҳода, билкулл анҷому саранҷоми хоҷагон чи аз ганҷу зарру гавҳар ва амволу аҷноси нафис ва матои гаронбаҳо, ки ба саркори олӣ ихтисос дошт, тамом махсуси амири равшанзамир - Султоншоҳ гардид. Ва бештар аз он буд, ки муншии дафтарнависи сареу-р-рақам адади онҳоро дар силки тақрир сабту ҳисобу китоб намояд, чунон ки шоир ба таърифи он гӯяд:

*Зи тосу зи мӯлӯн шутурборҳо,*
*Ҷавоҳир ба манн*[176]*, зар ба харворҳо.*
**/37б/** *Матои гаронмоя аз ҷинс-ҷинс,*
*Ки нодида чашми кас аз ҷинну инс.*
*Зи ҳар чиз к-аш ном бурдан тавон,*
*Равон шуд аз он корвон-корвон.*
*Кашиданд онро саворон ба ҷаҳд,*
*Ба даргоҳи Султоншаҳ шоҳи аҳд.*

Алқисса, се ҳазор буна аз мардуми қалмоқу кошғарӣ баякбор оварда сокини шаҳри Файзобод гардонида аз он вақт асосаву дабдабаи

иёлату бузургии амир ба ҳадди муболиға расида. Се ҳазор савори хунхор бо тумтароқ, бо камону судоқ аз ҷавонони қипчоқ мукаммали аспу яроқ дар рикоби зафаринтисоб тайёру муҳайё, он қавми сармасти бодапараст аз рӯз то шаб муқайяди нойу нӯш, машғули ҷӯшу хурӯш буданд.

Ва аҳолии шаҳри Файзобод ба вуруди инҳо нақши кудурату хафақон аз ҳошияи лавҳи хотир пок зудуда ба вифқи табоеи он зарифон ва ҷавонони раънову оғочагон, яъне ҷавонзанони зебо мудом **/38а/** саргарми базму сӯҳбат буда ва амир Султоншоҳ низ дар халову мало дар садади ҳамин хаёлу савдо буд.

Ва аз ҷумлаи ҷавонони номии қалмоқи боқалпоқи мурассау камарзаррин ва ҷавоҳирогин қариб сесад кас аз умдаи ашрофи қавм аз амсоли[:] Исломбек ва Таваккалбек ва Фарғумирзо, Инкишбек, Дулбаҷиён, Болтуҷиён, Ҷарғалон, Бозунк ва ғайриҳим аз қавми қалмоқ; ва Абдулхолиқбек, Усмонбек, Ниёзбек, Абдурраҳимбек, Муҳаммадаминбек ва Шукурбек, Абдураззоқбек, Яъқуббек ва Иноятбек ва амсоли инҳо аз қавми қошғарӣ; ва аз маҳрамбаччаҳои зулфу кокулдор, ки дар маъракаи амир имтиёз ёфта: Абдулкарим, Абдурраҳмон, Яъқубҷон, Тангрибердӣ, Бӯлислом, Хоҷамёр, Лочин, Бурончӣ ва ақрони инҳо, ки **/38б/** таҳрир ёфт, мӯҷиби тӯли калом аст.

Ва аз он ҷумла, ки Худоёр қӯшбегист[177], дар ҳунари шикору миршикорӣ ба шарафи иззату ихтиёри амири комгор расиданд. Дигар Исломбек додхоҳ[178], ки ба хушкарди назари вологуҳари амир байна-л-ақрон шарафи имтиёз ёфта ба рутбаи сипаҳсолорӣ сарафроз гардид.

Чун дабдабаву асъасаи давлати тараққиафзун бад-ин гуна истиълову тақвияту савлат ва сарпанҷаи бозуи амир пазируфт, ҳангоми иддаои он шуд, ки дағдағаву дабдабаи обои киром ва аҷдоди изомро равнақу интизом дода, эъломи зафару эҳтимомро ба тасхири вилояти Қатағон, ки тарафмарди мардуми Бадахшон ва аз асл муониди эшонанд, дар ҷунбиш дароварад, то дуди димор аз димоғи бодиянишинони қимизмаст бароварда, тобеу мунқод намоянд. **/39а/** Ва бар ин ният камари ҳиммат барбаста силоҳи мардонагӣ пӯшида «Таваккал бар Худо!» гуфта, раҷо восиқу умед содиқ аз худованди бандапарвар карда юруш фармуд.

## Бори дуввум рафта забт кардани вилояти Қатағон. Фатҳи дуввум дар мазомини юруши амир Султоншоҳ ба сари ҳудуди Қатағония бо анбӯҳи афвоҷи Бадахшон ва бо фавҷи дарёмавҷи ҷавонони қалмоқу қошғарӣ

Баъди тартиби туғу байдақ бо таҷаммулоти шоҳӣ ҳама анҷом мукаммал - чи аз хиёму чи аз озуқаву алуфа мо юлозими (он чи лозим аст) дурустиро ба ҷо оварда ва айзан дар хидмати амир мувозии понсад нафар ашхос аз руасои мардуми қатағония ба расми мулозим пешакӣ аз тавоифи муносиба дар хизмат буда. Ва мир ҳамаро аз сари нав инъому хилъат дода, дар рикоби зафаринтисоб ба иддаои пешҷангӣ ва даъвоталабӣ омодаву тайёр истода, манозилу мароҳилро рангу равнақ

дода, дар Толиқон фурӯд омада, муддати шаш моҳ **/39б/** қалъаро қабалу муҳосира карда ва гирифта ба яке аз давлатхоҳони худро дода.

Ва аз он ҷо ба тарафи Ишкамиш убур фармуда ва ҳар чи ки аз душманони саркашу муъонид дар он вилоят рӯйдод мешуд, ҳамаро гӯшмолу таъдиб медод. Ва баъд аз тасарруфи он қуро ба Оби Бангӣ[179], ки мавзеест наздики Қундуз, дар ҳамон мавзеъ фурӯд омада, қалъае ба ниҳояти истеҳкомот бино ниҳода, Қундузро ҳамчун сиёҳии мардумак дар чашми танги ӯзбакон дар қабалу муҳосира кашид.

Ва Қубодхон[180] (Қувват) хон, ки аз ҳокимони олиқадру баҳодурони номдор буд, андар қалъаи Қундуз ба мисли пашшае, ки ба ҷангали Қундуз афтода бошад ва худро Қубодхон ба навъе барпо дошта, муддати дароз бад-ин сон расонида, гоҳе хурсанду арҷманд мерафт ва гоҳе ба фарҳату масаррат мурочиат мефармуд. Билохир баночор тарҳи мусолаҳаву оштигарӣ дар байн андохта, роҳи дӯстиро пеша кард. Пас аз он ҷо амир Султоншоҳ мурочиат намуд, чунонки гӯянда мегӯяд:

**/40а/** *Ҳамин аст бозичаи хусравон,*
*Чунин кардаву мекунад сарварон.*
*Ба сайдозмойе, ки орад ба чанг,*
*Беҳ аз шери хобида рӯбоҳи ланг.*
*Чу фардо бувад рӯзи номусу ном,*
*Таносудагӣ бошад он ҷо ҳаром.*
*Чунон рав сӯи хасм дар размгоҳ,*
*Ки ё сар ниҳӣ ё ситонӣ кулоҳ.*
*Зи дунё ғараз ному нанг асту бас,*
*Чи беҳ з-он ки номе бимонад зи кас.*
*Ба мардӣ гарат ном гардад баланд,*
*Аз он номи некӯ шавӣ баҳраманд.*
*Агар аждаҳо бошад, ар шарзашер*[181]*,*
*Сӯи одамизода наояд далер.*
*Натарсӣ зи хартуми пилони маст,*
*Ки он остинест холӣ зи даст.*

## Саввум, фатҳи мулки Роғ[182]

Шоҳ Ёдгор - ҳокими Роғ сокини қалъаи Ёвон[183] чун аз қадимулайём сӯбайи Роғ, ки дар байни шоҳони мулки Дарвоз ва мирони мулки Бадахшон дар ҳини ғалабаву истилои ҳар кадом тараф ба ҳамон тараф тобеу хироҷгузор гардида, муомилоти раияигиро ба ҷо меоварданд **/40б/** вале, ҳангоме ки бинобар ғалабаи дарвозиён сӯбайи мулки Роғро ба ҳокимону шоҳони Дарвоз таомулоту одат чунин буд, ки ҳар хонае соле як танга ва ҳар бозу шунқору чарғу шоҳин, ки сайёдони Роғ ба сайд дастгир мекарданд, ба қалъаи дарвозиён ба шаҳри Хум медоданд ва ҳамчунин бар ғалабаи бадахшиён, роғиён бад-ин минвол хироҷгузор буданд.

Ва мир Султоншоҳ аз камоли қуввату шуҷоату такмили сипоҳ ба нерӯи бахту иқбол Шоҳ Ёдгор аз шоҳи Дарвоз тарки тобеият намуда истиқболу рӯоварӣ ба мир Султоншоҳ намуда, фақат аз ҳукуматхонаи Дарвоз рӯгардон гашта, робитаи қадимаро Шоҳ Ёдгор барҳам зад. Аз ин ҷиҳат ҳокимони Дарвоз, ки дар шаҳри Хум дар қалъа ба ҳукумати куллӣ мустақим буд, Мизробхон буда ва **/41а/** дар тадбири кори худ афтода, ки навъе карда Шоҳ Ёдгорро ба ҳила дастгир карда гӯшмоле ба ӯ ба ваҷҳе бидиҳад, ки ба ибрати аҳволи ӯ мар - дигаронро панд бошад.

Лиҳозо Мизробхон, ки марде буд қавиҳайкалу шерчангол ва дар маъракаву майдон ба усули қадим баҳодуру олим буд, хусусан дар маҳорати найзаву шамшер, чи пиёдаву чи дар саворагӣ ҳунармандии том дошт ва касе ҳам аз найзадастону камонкашон ва найзаву камони ӯро ба кор бурдану камон кашидан аз ӯҳда барнамеомаданд.

## Хабари омадани Мизробхон - шаҳи Дарвоз ба болои қалъаи Роғ

Ва дар амри масъалаи Роғ Мизробхон бо ҳамроҳии бародарон аз амсоли Шаҳ Дарвозхон ва Шаҳ Мансурхон ва ғайриҳим, ки собиқ аз ин зикр ёфтаанд, аз сарҳади Дарвоз ба музофоти Роғ - то Рӯнҷоб[184] ва Сиёҳоб[185] нузул намуда, одами мӯътамад дар байн монда, **/41б/** ки: «Ба [назди] Шоҳ Ёдгор равед ва ӯро дида ба насоеҳ ба худ тобеъ созед!».

Шоҳ Ёдгор аз сари нодонӣ, ки сарҳадиву қишлоқӣ буд, аз қалъаи худ баромада ба расми сайру тафарруҷ ба ҷониби Барроғ[186] рафта. Ва дарвозиён, ки аз қадим дар фунуни улуми сиёсиву сипоҳигарӣ маъруфу машҳури атрофу ҷаноиб[187] ҳастанд, шабошаб ба болои қалъаи Ёвон ғавру ҳуҷум ва нардбон гузошта қалъаро гирифтанд ва қалъадорро маа мардумони мӯътамад, ки дар қалъаи Роғ буданд, дар банду занҷир кашиданд.

Ва ба Шоҳ Ёдгор низ аз сари фанну реву макр одам монда, ки: «Бе ваҳму андешаву ҳарос омада моро дида, то ки қалъаву мулки ӯро ба ӯ бозпас бидиҳам». Ва он содалавҳ ба фиреби ӯ фирефта гардида ба ҳузури Мизробхон ҳозир шудан ҳамон амр ба қайду занҷираш кард, ки интиқоми собиқаро аз вай биаҳсани ваҷҳ бигирад.

**/42а/** Чун ин хабар ба самъи мир Султоншоҳ расид, лашкари фаровон аз турку тоҷику ӯзбаку қатағон муҳайё карда, ба зудӣ болои қалъаи Ёвон ба ҳарби дарвозиён расида аз ҷониби тангонии Шаббода, ки бандест[188] тунд, саф-саф шуда ба болои қалъа фуруд омаданд, чунонки шоир гӯяд:

*Фурӯд омад аз кӯҳ селоби тез,*
*Ки аз пеши ӯ кӯҳ кардӣ гурез.*

Чун дарвозиву бадахшӣ бо ҳамдигар муҳорибаву муқотила карданд ва дарвозиён худро ба қалъаи Ёвон маҳсур карданд ва амир Султоншоҳ музаффарона ба хурсандии том дар мавзеи Марч рӯ ба рӯи қалъаи Ёвон нузул карда. Ва шабонгоҳ ба машварати баъзе хавосси

хидмати худ маслиҳат чунон диданд, ки: «Албатта дарвозиён зарбу кӯб бисёр диданд, акнун моро бояд, ки аз ин ҷо қадре ба канора равем, то ин ки дарвозиён роҳи гурези **/42б/** худҳоро холӣ ёфта, ночор баромада ба тарафи Дарвоз гурезанд, ки маҷоли истиқомати онҳо басе муҳол аст». Пас, амир бинобар маслиҳати хоссони худ аз мавзеи Марч[189] баромада мутаваҷҷеҳи мавзеи Дуранг[190] шуд, яъне барои холӣ сохтани роҳи дарвозиён ба ақиб гашт.

Чун ҳангоми саҳар дарвозиён майдонро аз ағёр холӣ ёфтанд ва лашкари ҷойдории Роғ аз ҷониби амир, ки дар рӯи Ёвонқалъа ба имдоди амир истода ва аз пас гашта рафтани амир бехабарона бар ҷои муайян истода ва ғофилона аз дасти дарвозиён ба қатл расиданд.

Чун амир Султоншоҳ дид, ки дарвозиён ихтиёру ҳаракати баргашта рафтан надоранд, қалъае дар мавзеи Зув[191] андохта дар қабалу муҳосираи онҳо сахт кӯшида, лашкари бисёр бо саркардаи **/43а/** номдор муқаррар фармуда, аз ин баҳор то баҳори оянда дар муҳосираи эшон кӯшиданд. Ва чун айёми сармо мубаддал ба гармо шуд, аз тарафи Бадахшон болои қалъаи Ёвон ба муқобилаи шоҳони Дарвоз лашкари бисёр омада фурӯд омаданд ва садади муқотилаву муҳориба кӯшиданд, ҳамчунон ки шоире дар ин боб сухан гуфта. Байт:

*Дар он санглохӣ ба ҳам барзаданд,*
*Ба ҳам сар ба сар хуш баробар заданд.*
*Қафо дода дарвозиён дар гурез,*
*Суботе надида дар он растхез.*
*Яле номвар, яъне  Мизробшоҳ,*
*Чу дидӣ ҳуҷуми бадахшӣ сипоҳ.*
*Чунон кардӣ аз чобукӣ бозгашт,*
*Ки танҳо зи қалби сипаҳ мегузашт.*
*Гирифтӣ чу найза ба даст устувор,*
*Намондӣ ба болои зин як савор.*
*Чунин гоҳ дар ҷангу  гаҳ дар гурез,*
*Бурун кард қавми худ аз растхез.*

Ҳосили матлаб, дасти амир Султоншоҳ баландӣ карда, қадре ба як тали баланд баромаду дар пайи корузор буд, ки Мизробшоҳ **/43б/** ба зер омада рӯ ба тарафи шаҳри Хум, ки ибора[т] нафси пойи (пойтахти) ҳукумати Дарвоз аст, мурочиат намуданд.

Ва дуюмин маротиб ба мулки Роғ ба қалъаи Ёвон Ёдгоршоҳ ҳоким гардида, амири Бадахшон ба хотирҷамъии том ба қалъаи Файзобод мурочиат намуд.

### Фатҳи мулки Чатрор. Фатҳи чаҳорум - саропои ҳудуду тавобеоти алгои ишратхонаи Чатрор, ки як қисме аз мулки Дордистон[192] аст

Мир Султоншоҳ иддаои он намуд, ки: «Агар эзиди барҳақ зафар муносиби ҳоли ман бинад, хиттаи мулки Чатрорро ба ҳайзи тасхир

оварам». Маҳалли вуқӯи ҳодисаву ҳангоми он орзу дар таърихи санаи 1165[193] (1751) ба вуқӯъ омада, ки дар он муддат ба қалъу қамъи аҳли шиаи шаниаи ботилияи исмоилия, ки андар мамолики Бадахшоноту Чатророт аст, Султоншоҳ азму ҷазм намуда, ки ҳамаи **/44а/** онҳоро дар забту шиканҷа даровaрда ҳиросат намояд ва дар он боб ба андешаи мамлакатгирӣ мулоҳиза ба кор мебурд.

Иттифоқан Муиззиддинхони боҷурӣ бо ду нафар писари худ аз Мансуралихон ва Маҳмудхон ва ҷамоае аз саркардагони қавми афғон аз мӯманд ва солорзоӣӣ[194] аз мулки худҳо баромада, фироран ба мулки Чатрор расида ва аз Чатрор ба овозаи калонии мир мутаваҷҷеҳи Файзобод гардида омада ба мулоқоти мир ноил гардиданд.

Ва амир ҳам дар ин мавруд аз омадани мусофирони арҷманд зиёда хурсанд шуда ва андешае, ки дар дили олӣ хутур ёфта буд, бо ӯ дар миён ниҳод, зеро ки мардуми афоғина ба Чатрор ғолиб мебошанд. Муаззамуилайҳии мазкур ба хотирхоҳии амир ба ҳамагии сидку ростӣ даромада, изъони ин амр **/44б/** намуда. Амир баъд аз инъому икром ӯро бо фавҷе гарон аз лашкари худ бар он дошта, ки баъд аз нузули саддаи[195] Зебок[196] пеш рафта ва худ баъд аз рухнамуди воқеа мутааққиб саворӣ намояд ва писари калони хони мазкурро - Мансуралихон бо худ нигоҳ дорад.

Ва ҳамин салоҳро хони мазкур аз амир писандида муҳосилонро аз сарҳади Вахон[197] то поёни ҳудуди Бадахшон ва қурои Қатағон ба ҷамъоварии қӯшӯн фармуда аз ҳар ҷониб фавҷ-фавҷ омадан гирифтанд. Ва баъд аз иҷтимои асокир ройоту (байрақҳо) хиёмро ба тамомии зебу зинат бароварда:

*Бифармуд то Рахшро зин кунанд,*
*Дам андар дами нойи заррин кунанд.*

Тамаввуҷи дарёи қӯшӯни нусратмашҳун мутаваҷҷеҳ гардида, дар саддаи Зебок фурӯд омада, хони мазбурро бо мавкиби қавию анбӯҳ аз роҳи кӯтали Дуроҳ ва кӯтали Нуқсон[198] пеш равона намуда, ба **/45а/** муҷарради убури лашкар ба диёри Чатрор аз мавзеи Шуғут[199] то қалъаи пойтахт ҳама мафтуҳ гашт.

Чун ин хабар ба самъи олӣ расид, писари Муиззиддинхони мазкурро камо янбағӣ (чи тавре мебояд) ба инъому лутфу эҳсон мумтоз сохта, баякборагӣ било тавaққуфу эҳмол [ба] Лоҳу[200] шуд. Чун ба пойтахт (Чатрор) нузул арзонӣ фармуд, аз сарҳади ҳудуди мулки мазкур то поёни Дурош[201] ҳамаро ҳамчун моҳиёни бедасту по ва галаи гӯсфандони мондабарҷо дар тӯри иқбол ва шиғи иҷлол даркашида, Тӯри кӯп[202] то Мӯри кӯп[203] ва табобеоти Мастуҷ Ҷинс[204][ро] ба аҳолии онҳо гирифта, мутаворишудагонро низ аз ҳар бурҷу кӯҳу канор ёфта. Ва саркардагон ва бо лашкариён қишлоқ ба қишлоқ фаромада асиронро дар ҳузури худ ҷамъ менамуданд.

Ва муддати шаш моҳ бад-ин насақ ба ною нӯш дар басотини **/45б/** ишратхонаи мазкур ба сар бурданд. Ва ҳар кас ба таври худ ғуломони

хубрӯ ва канизакони сунбулмӯро ба худ ороста, ҳама вақт ба базму сӯҳбат пардохта, дари тарабро ба худ мафтӯҳ доштанд, чунон ки шоире дар ин боб мегӯяд:

*Ба ҳар хона базме биёростанд,*
*Ба хуш нойу нӯше бипардохтанд.*

Ва он чи аз хумси асиронро мустасно карданд ва маҳзу махсусу расади мир Султоншоҳ ба ҳисоб се ҳазор нафар ғуломбачча ва ҷориягон буданд. Ва маҷмӯи асирони дар қайди ҳисоб омада ва зоҳиран дар ададн даромад - понздаҳ ҳазор буданд. Ва ғайр аз он асирон, ки дар пинҳонӣ буд, дар назари дафтарнавис наёмаданд. Ва [аз] ин миқдори башуморрафт фарохӯри иззату виқори саркардагону муқаррабон инъоме аз ҳиссаи саркори олӣ дар бораи ҳар кадом судур ёфт.

**/46а/** Ва баъд аз инқизои шаш моҳ мир Султоншоҳ аз тарафи худ шахсеро дар қалъаи Чатрор мансуб намуда ва худ бо фатҳу нусрати тамом мутаваҷҷеҳи мулки Бадахшон гардид. Ва маъдуди чиҳил нафар ғулому канизак дар ваҷҳи қаламона, яъне ҳаққу-л-қалам ба мирзо Абдурраҳмон ва мирзо Андалеб дода ва зиёда бар он ки қабл бар ин расади худҳо гирифта буданд.

Он гоҳ ки амири олӣ музаффару мансур вориди ҳудуди Бадахшон гардид, аҳолии вилояти Бадахшон расми истиқбол пойандозӣ карда, бад-ин мазмун ба лисони худҳо муташаккиран тараннумсозии амири кабир, марҳабову хушомадӣ намуда, гуфтанд:

*Ҷонҳои мо фидои ту ҷонон, хуш омадӣ,*
*Бо фатҳ рафта омада Султон, хуш омадӣ.*
*Бе ту мабод сафҳаи авроқи рӯзгор,*
*Туғрои дилкушои Бадахшон, хуш омадӣ.*

Ва аз он ҷумлаи баҳодурон ва баъзе аз ғуломон, аз амсоли Ниёзмуҳаммад Баҳодур ва Ғарибмуҳаммад ва Гургалии ясовул ва Нуралии пешхизмат **/46б/** ва Одинаи ясовул ва ғайриҳим, ки ба ҳусни қобилият мумтоз буд, дар байни ақрону амсол ба иззату имтиёз расид ва ҳар як соҳиби мулку молу қалъа гаштанд:

*Оҳан, ки ба форс*[205] *ошно шуд,*
*Филҳол ба сурати тило шуд.*

## Воқеаи панҷум. Дастгир намудани лашкар ва яғмогарони Хатлон[206] (Кӯлоб)

Аз Мовароуннаҳр дар таърихи 1166 (1752) буд, ки аз дарёи Ҷайҳун мардумони лашкарӣ ва ғайрилашкарӣ, яъне кӯлобиён убур намуда аз ҳар раҳгузару мамарре, ки бошад, мегузаштанд ва фавҷ-фавҷ мерасиданд. Дастдарозӣ карда, дар мулки Чоҳоб ва Янгиқалъа[207] ба молу мавошии

аҳолии он ҷо толону яғмову тороҷ пеш мегирифтанд ва мерафтанд. Ва амир Султоншоҳ дар ин амр мутаассир шуда, амир дар садади истисолу дафъу гӯшмолии онҳо шуд.

Бинобар ин, дар ин хусус ҷавосису **/47а/** мустабсирон аз давлатхоҳони қатағон муайян дошта, ки: «Ҳар гоҳ ки анбӯҳи бисёре аз яғмову ғоратгарони тобеаи Хатлон, яъне кӯлобиён азми тороҷу яғмогарии ин ҷониб намоянд, хабари воқеаро зудтару пештар ба мо расонанд, ки шояд ба танбеҳу таъдиб расонида шаванд».

Пас, ба вифқи ин ки: «Алмаръу изо ҷадда ваҷад» - «Оқибат ҷӯянда ёбанда бувад», яке аз наздикони он диёр, ки аз салоҳи онҳо хабардор буд, ба хидмати Султоншоҳ арзадошт намуд, ки: «Дар ин ду - се рӯз албатта мутасаддеъ шаванд, ки фавҷи қавӣ аз яғмочиёну ғоратгарони Хатлон иттифоқ карда, ба сари Чоҳобу Янгиқалъа ва Хлиён[208] аз об убур намуда хоҳанд расид».

Амир аз қалъаи Файзобод ба лашкари тайёр ва аз шогирдпешагону ҳуззор било таваққуф савор шуда, вақти намози хуфтан аз беруни Рустоқ ба як гӯша илғор карда истоданд.

**/47б/** Ва нимаи шаб буд, ки худро ба мавзеи Хоҷа Ҷарғоту[209] расонида, болои пуштае, ки дар он ҷост, фурӯд омад ва алассабоҳ, ки сафедадам буд, нимаи лашкари яғмогарони Кӯлоб[210] (Хатлон) поёнтар аз Хоҷа Ҷарғоту истода, нимаи дигар қариби чаҳорсад савор аз шоҳроҳи калони миёни қалъаи Тахтобод[211] ва ҳудуди Хлиён гузашта, ба хомтамаии молу мавошӣ андаке таваққуф намуда истоданд.

Чун касони амир ба фармудаи олӣ роҳҳоро гирифта банд карда буданд ва ҳеҷ асаре аз одаму мол пайдо нашуд, чун донистанд, ки рӯз равшан шуд ва кор ба расвоӣ мекашад, ночор пас гаштанд.

Ва аз ин тараф амир Султоншоҳ фармон дод ва хатлониёнро таоқуб карда расида заду кӯфти бисёре карда, дусад нафар хатлонӣ ба қатл расида ва ҳафтсад сар асп ва чӣ миқдор камону зиреҳ ва найзаву шамшер ба улҷа дастгир гардид, ки **/48а/** шоир гӯяд бад-ин мазмун, ки бад нагуфтааст:

*Қалиле аз он нима к-аввал парид,*
*Дигар ҷумлагиро сар аз тан бурид.*
*З-аспон ба даст омадаш ҳафтсад,*
*Камону зиреҳ, найза беш аз адад.*
*Дусад каллаи марди номӣ ба теғ,*
*Бурида шуд аз раҳзанон бедарег.*

Дар ин корузору гирудор ба миқдори ду рӯз ба сар бурда, пас аз итмоми ин амр, ба тарафи Машҳад[212] сафар карда, байт:

*Бифармуд бар пуштаи он диёр,*
*Амир он дусад каллаҳоро манор.*

Пас, саломат ба Машҳад расида ба қалъаи Нусратобод[213] нузули иҷлол бо таҷаммулу иқбол фармуд. Нусратобод номи қалъаест, ки амир баъд аз тасхири Толиқон ва қурои Қатағон дар мавзее, ки вайро Машҳад ном аст, ба истеҳкоми мардум саройе бино фармуда, дар ғояти фарохиву вусъат. Дар он ҷо **/48б/** миқдори шаш ҳазор хона ба ҳам расонид ва дар он иморате ба[рои] худ таъмир фармуда буд ва бар он ҷой бозору дакокин барпо карда ба ободонии он ҷо ҳиммат намуд.

Ва бисёртарини авқот ба ҷиҳати масолеҳи умури мамлакати ӯзбакия дар он ҷо мебуд, зеро ки аз эътидоли ҳаво ва вуфури сайду шикор бинобар завқмандӣ амир худ бо афвоҷи хосса дар он ҷо ба сар мебурд. Ва инчунин дар мавзеи Дариюн қалъае андохта ва таъмироти дилкаш намуда, ҳангоми шикори сайду будана (билдорчин) аксари авқот дар он ҷо сукунат менамуд.

Дигар аз наводири он рӯзгор, бахусус ин диёр дар овони давлати олитабор чанд нафар ашхоси номдор, ашрофу аҳрор ва олимони зу-л-эътибор ба таҳрир меояд, ки дар ин **/49а/** атроф олиму ашрофи бани Одам, бахусус ҳеҷ кадом аз ҳуккоми олимақом мавҷуду муяссар набуд.

Аз он ҷумла ду нафар азизи кариму-н-нафс, ки ҳар яке ба нуути (сифатҳои писандидаи) «тухаллақу би ахлоқи-л-Лоҳ» (офарида мешаванд бо ахлоқи Аллоҳ) мавсуф ва ба шамоили «риҷолун ло тулҳиҳум тиҷоратун ва ло байъун ан зикри-л-Лоҳ»[214] (мардҳое, ки онҳоро тиҷорату савдо аз зикри Худованд боздошта наметавонанд) маъруф.

Аввал олиму орифи раббонӣ, комилу кошифи ҳаққонӣ, мутаварреи парҳезкор, эшони мавлавӣ Абдулҷаббор, қаддаса сирраҳу, ки таҳсили улуми зоҳирӣ дар Лоҳури Ҳинд намуда буд, дар нисбати ҳазарот байъат дар хизмати ҳазрати ҳоҷӣ Муҳаммадамини Лоҳурӣ карда ва ба иҷозаву иршод расида, дар Файзободи Бадахшон дар Мадрасаи Боло мебуданд.

Амир ба хизматашон зиёда муҳиббу мухлис буд ва дар ҳар амре, ки шон хотирхоҳӣ менамуданд, хилофи он ба вуҷуд **/49б/** намеомад. То вақти чошт ба муроқиба иштиғол дошта, баъдаҳу ба тадриси улум мепардохт ва мудом дар риёзату муҷоҳида буданд. Ва дар айёми идҳо ба лозимомаду фотеҳахондӣ ба назди амир мерафт ба як ёбӯйе савор шуда, ки он ёбӯ ба сад тозиёна ба зӯр аз ҷой пой меронд. Ва ба атрофи зери рикоби олими мазкур ҳар вақт ба миқдори панҷоҳ нафар олимони соҳибилму дастор мебуданд. Ва рӯзҳои ҷумъа баъд аз намоз ба зикри ҷаҳр амри иштиғол менамуданд.

Дуюм, сайиду-с-содоти-л-изом ва сулолату-л-авлиёи кином эшони мир Ғиёсиддин, қаддаса сирраҳу, ки эшон дар Сарҳинд[215] дар хидмати Шоҳ Маъсуми Валӣ, баррадаҳуллоҳу мазҷааҳу (Худо қабри ӯро сард гардонод), таҳсили аҳволи ботинӣ карда, иҷозаву иршод ёфта. Ва аз барои ҳаҷҷ ба зиёрати ҳарамайни-ш-шарифайни (дар Маккаю Мадина) рафта дар роҳ ба сабаби истилои ҷазб, ки ба эшон муставлӣ буд, муддати **/50а/** шаш моҳ дар Барри (саҳрои) Маҷнун афтода безоду роҳила (бе тӯшаи роҳу чорвои саворӣ) бинобар ғалабаи аҳвол дар он биёбон буд. Ва дар айёми давлати Султоншоҳ вориди шаҳри Файзобод гардида худ яке аз содоти кибори ин диёр буданд.

Рӯзҳои душанбе ва ҷумъа ба зикри ҷаҳр иҷоза медоданд ва қариби чаҳорсад қаландар дар хидматашон буд. Ва қаландарбаччагони хушилҳон замзамаву нағмае, ки аз ҳанҷараи ҳалқум мекашиданд, дилҳои каррубиёни арши муаллоро мерабуданд. Ва эшон либоси фохир мепӯшиданд ва агар кулоҳу ҷанда мекарданд, аз шолҳои гаронбаҳои Кашмир кулоҳу жанда месохтанд ва ба аспи хуб савор мешуданд ва ҳар гоҳ, ки ба назди мир рафтанд, ба ҳамон шеваи қаландарӣ бо қаландарбаччагони хушовоз замзамаандозикунон мерафтанд.

**/50б/** Саввум, аз ҳукамои номдори ҳазоқатшиор, хатму-л-атиббои охиру-з-замон, Ҷолинусу-л-аволӣ ва Буқроту-с-сонӣ, ҳақиқатшиноси мизоҷу табоеъ, муҷтаҳиду-л-қиёси зуҷоҷу саноеъ, соҳиби табъи салим Муҳаммадносири ҳаким, ки эшон низ аз Ҳиндустон ба Бадахшон афтода, яке аз аозими аркону амоҷиди аъёни амири кабир гардида, дар шаъну иззат гӯиё амири сонӣ ӯ буд. Ба ғайр аз зоти олӣ ба каси дигар намепардохт ва аиззаву ашрофро, ки ба шон ҳоҷат меафтод, яке аз худдоми худро ба кори ӯ маъмур месохт ва худ бари бемор намерафт.

Чаҳорум, аз вузарои номдору надими эътибор азудуддавла ва мӯътаману-л-мамлакату-л-олияту-л-ҳолия, муассиси асоси ихлосу эътиқод, бониву мабонии иродату иттиҳод, ар-рафиқу-ш-шафиқ мирзо Муҳаммадсиддиқ, ки дар маротиби ихлос аз ҳавову ҳавас гузашта, дар марзиёти амир фонӣ гашта. **/51а/** Амир ҳам ӯро мухтору-д-давлаи худ гардонида, ахзу ҷабри муомилот ва одобу саломи хурду бузург ва хироҷу шикан ҳама ба ӯ муфаввaз гашт ва доду фарёди фуқарову ғурабо ба ӯ мутааллиқ гардид. Ва амир Султоншоҳ тамом ба фориғболӣ ба айшу ишрати худ саргарми бодаи ғуруру нафсонӣ ва масти шаробу кабобу майи ноб буда, фароғат менамуд.

Панҷум, мирзо Абдурраҳмон, ки дар табъу назми диловезу ашъори рангини малоҳатомез ба дараҷаи Мирзо Абдулқодири Бедил расида, ки аз ибороти ашъори дилкашу дилчаспи ӯ ин аст:

*Чу фикрам як шикан печид он зулфи мусалсалро,*
*Нахондам, лек донистам киноёти мутаввалро.*

Рӯзе дар боғи «Чаҳор чаман» дар анҷумани шоҳона дар манзараи ҷамми ғафир фавворае дар миёни ҳавз муҳайё дошта ва дар сари фаввора себеро, ки гузошта буданд. Бинобар ҳаракати фаввора **/51б/** он себ дар миёнаи об мутаҳаррику дар бозӣ буд, ки амир фармуд, ки: «Фузалои анҷуман ҳар як бадоҳатан дар шаъни ин себи фаввора чизеро бигӯянд, ба инъоми мулукона сарафроз хоҳанд шуд!».

Аз он ҷумлаи фузалои малоҳатшиор мирзо Абдурраҳмон чобукдастӣ намуда гуфт:

*Баски кардам гиря, он бераҳм дар наззора шуд,*
*Дил ба ашк омад бурун, себе сари фаввора шуд.*

Азбаски бетааммулу тафаккур бадоҳатан иншо фармуд, мӯҷиби таҳсину офарини амиру маҷмаиён гардид ва амири кабир бо хилъати фохира ва бо замми даҳ ҳазор танга бахшишу инъом сарафрозаш намуд.

Шашум, мирзо Андалеб, ки аз Эрон ба хидмати амир расида, дар таълифи иншо ва таснифи ибороти назму наср ва вазъи луғоту ороиши нукот ба индироҷи румузу ишорот ба ҳадди муойинаву муболиға расида. Ва яке аз муншиёни рӯзгору фозилони номдор ва соҳиби зеҳни баланд буд ва табъи расо дошт. Ва инда-л-эҳтиёҷ ба дарбори **/52а/** подшоҳӣ ба дору-с-салтанаи Кобул ба хидмати султони даврон - Аҳмадшоҳи подшоҳ ӯро мефиристод. Ва дар тарҷеҳи фазли ин ҳар ду мирзо ва калонии амири муаллоро қитъаи байти Анварӣ, ки дар ҷаҳони худ ва бузургии подшоҳи вақти худ иншо намуда аст, кифоя мекунад, ки хуб фармуда. Қитъа:

*Баъд аз ин ҳаргиз назояд зери чархи чанбарӣ,*
*Подшоҳе чун Ғиёсиддин, гадо чун Анварӣ.*
*Хатм шуд бар вай саховат, бар мани мискин сухан,*
*Чун шуҷоат бар Алӣ, бар Мустафо пайғамбарӣ*[216]*,*
салавоту-л-Лоҳи алайҳи ва ало олиҳи.

Ҳафтум, мулло Абдуллоҳ, ки дар фасоҳати забону малоҳати баён нодири аср буд ва яке аз мӯътамадону саркардагони баҳодурони майдон ва ҳокими қалъаи мулки Чоҳоб ва надими хос. Ва амир ӯро бисёр дӯст доштӣ, ки худ олиму доно ва дар умури **/52б/** сипоҳигарӣ моҳир ва дар фанни хушхонӣ ва дар мавсими зикри ҷаҳр ва хутбаҳои аъёду намози ҷумъа ба ҳадде ба алҳону талаффузи хуш такаллум менамуд, ки гӯиё сангро ба таронаи пурсӯз гудоз диҳад ва ҷонҳоро аз ҳазизи носут ба алийини малакут ба парвоз оваранд.

Ва аз ҳама фоиқ аз рафиқони амир, ки зиёда далеру густох буд, ҷаноби мирзо Хоҷаҷони Рустоқӣ буд, ки ғолибан амирро дар олами рафоқату иттиҳод дар ибörату латифагӯӣ ва ҳазл аз латифу қабеҳу малеҳ бинобар мусоидати вақт ҳарчи мехост бемуҳобо мегуфт ва амир ӯро ҳазлан аз вай меписандид ва ӯро «додар»[217] мегуфт ва дар халову мало аз вай ҳиҷоб набуд.

Ва аксари инъоми амир ба бузургону уламову фуқарои аз дур омада ва ҳар маъзуру нобино мерасид, ба охундони калон дар ҳар додан ва инъом кардан аз сӣ то чиҳил ҳазор тангаи нақд ва аспу сару по **/53а/** яке медод.

Ва аз ҳама охунди мулло Орифро, ки дар илм ба мартабаи алломагӣ фоиз гашта, дар айни авҷи ҷавониву некӯсуратӣ ва покизауслубӣ буд, бинобар ғурури илм, ки: «Хамру-л-илми ашадду мин хамри-л-инаб» (шароби илм аз шароби ангур дида пурқувваттар аст) аз ваҷҳи гуфтугӯи илмӣ андаке густохиву ҷуръат ба нисбати ҳазрати Эшони Мавлавӣ ба ҳам расонида ва аз он вақт боз ба маразу-л-мавт афтода, ки гуфтаанд. Байт:

*Дар он мақом, ки хубон ба ғамза тир зананд,*
*Аҷаб мадор сари ӯ фитода дар пое.*

Ва аз қароре, ки амирро ба ӯ муҳаббати том буд, дар боргоҳи худ ба ҳуҷраи хоссае ҷой дода болину бистари зарбафту махмали шоҳона барои ӯ муҳайё сохта ва ҳаким Муҳаммад Носирро ба адвияву ағзияи он муллои бемор таин намуда, ҳатто ки ғизоро ба дасти худ медод.

Чун бемории ӯ сахт иштидод пазируфт, ночор мулло Орифро ба ҳамон болину бистари мулукона ба хонааш фиристод. Оқибату-л-амр **/53б/** ба фармудаи худаш ӯро ба назди Эшони Мавлавӣ бурданд ва аз ғояти надомату пушаймонӣ дар узрхоҳӣ чунон ба арз мерасонид, ки: «Эй араб, пасттарин ходимат мебошам ва надонистам ва бад кардам ва тавба!». Ва ҳазрати Мавлавӣ ҳарчанд, ки мефармуданд: «Бас-бас, чунин магӯед, ки Шумо олимед», ӯ забони маъзарат аз худ намекашид, пайваста мегуфт ва ҳазрати Мавлавӣ ӯро дуои имон мекард ва аз дуои умр чизе намегуфт ва ба забон намеовард. Охир мулло Ориф такмили анфоси маъдудаи ҳаёт намуда аз дори фонӣ реҳлат намуда бимурд.

### Воқеаи нуввоб Шоҳвалихони афғон[218]

Ва дигар як-ду воқеа аз афту хези дунёи ғаддори беқарор ба таҳрир меравад, ки шоир чунин гуфта, ки бад нагуфта. Байт:

*Мабош эмин аз бозии рӯзгор,*
*Ки чун мори пурзаҳр дорад нигор.*
*Дар ин лоҷувардӣ саройи дудар,*
*Зи дунболи мутриб расад навҳагар.*
**/54а/** *Чунин аст дастури чархи куҳун,*
*Ки чун сар барорӣ, барорад зи бун.*

Эътизоди хилофату фармонравоӣ, эътимоди салтанату кишваркушоӣ, вазири аъзам, дастури муаззам нуввоб (муовин, вазир) Шоҳвалихони афғон, ки лисону-т-тарҷумони подшоҳ буд ва соҳиби асрору ҳамрози Аҳмадшоҳ[219], бинобар эҳтимоми муҳими саодати мунтазам аз ҳусули мақсади аъло ва вусул ба зариаи ақсо, ки идроки онро султон бидуни вуҷуди он вазири ботадбир муҳол дониста, аз пешгоҳи хилофат ба иқтои Тӯрон[220] ва убур ба сарҳади Бадахшон маҳз ба найли саодат аз ба даст овардан ва ба дилу ҷон бурдани хирқаи мутабаррикаи мукаррамаи муаззамаи мӯҳтарама, ало соҳибуҳо-с-салавот ват-таслимот, маъмур гардида, дар асъади соот (соатҳои саъд) ва амҷади авқот бо асокири ҷароири дурронӣ ва сипоҳи рикобӣ бо аъломи уюқсой ва хиёми мароҳилорой мутаваҷҷеҳи Туркистон[221] гашта. Ба вурӯди ақсои завоёи **/54б/** Ҳазораҷот[222] ва тамомии умарову ҳукком аз сардори Балх ва Қубодхон ва ғайриҳимо аз аъёну аркон ҳама ба истиқбол шитофта.

Ва ба вурӯди Қундуз Қубодхон ҳусули ин давлатро мӯҷиби шону шавкати худ дониста, ки собиқ аз ин ҳамароизи муштамил бар истилову дастдарозии амир ба мардуми Қатағон ба хидмати подшоҳ ба дору-с-салтанаи Кобул ба таволиву такрор марсул дошта. Ва вазири муаззам ҳам би-л-исола маъмур ба самти Бадахшон буд, ки аз он рози мастур ғайр аз вазиру подшоҳ аҳаде воқиф набуд. Ва Қубодхон омадани вазирро, ки аз ҷумлаи кӯмаку имдоди худ дониста, ҳарфе амирро дар миён оварда, ки интиқоми худро дар ин мавруд аз амир Султоншоҳ хоҳанд гирифт. Ва вазир ҳам илтимоси ӯро қабул фармуда ба дарёи асокири нусратмаосир мутаваҷҷеҳи Бадахшон гардиданд ва муддаои худро махфӣ дошта, ки мабодо он биҳиштилибосро[223] **/55а/** аз ҷой беҷой созанд ва аз ҳусули таманнои шоҳаншоҳӣ маҳрум бимонанд.

*Роз магӯ фош, ки гуфтан балост,*
*К-аз паси девор басе гӯшҳост.*

Чун роёти зафароёти навоби комёб бо қӯшӯни нусратмашҳун аз вилояти Толиқон убур фармуд, Нусратободро касони амир аз пештози сарсар (боди сахт, киноя аз лашкари навоб) муаскар (лашкаргоҳ) вогузошта рӯ ба ҳазимат (гурез) ниҳоданд.

Чун хабари воқеа ба амир расид, аз камоли ғайрату мардӣ, ки дар вуҷуди худ дошт, дар садади он даромад, ки рафта дар мавзеи Иманобод[224] сари роҳ бар эшон гирифта яке худро ба онҳо бизанад, ки торумор намояд.

Ва саркардагон ин ҷуръатро аз амир напазируфтанд, ки: «Манорае дар пеши кӯҳи баланде баровардан ва шамъе дар пешгоҳи офтоб афрӯхтан **/55б/** чӣ салоҳ бошад?». Бо он ки оқсақол Ҳайдарбеки яфталӣ, ки марде буд суханвар, ӯ ба арзи амир расонид, ки: «Аввал фаҳмида шавад, ки давлатхоҳ кист ва дар муқаддимаи нангу номус кадомӣ бо мо ёрӣ мекунад ва ба кӣ хубии худро кардаем, ки алҳол ҷонбозӣ тавонад кард?». Зеро ки баъд аз вурӯди қалмоқу кошғарӣ мардуми бадахшӣ аз назари марҳамат андаке афтода чандон саргармӣ надоштанд.

Ва аз ин сухан амир фаҳмид, ки ҳақиқат чист. Ва алассабоҳ, ки офтоби оламтоб ламъапоши бисоти замин гардид, пешравони сипоҳи вазир Шоҳвалихони афғон расидан гирифтанд ва аз таҳти кӯтали Рисагон[225] то сари пул чодару хайма securityзаданд.

Ва амир Султоншоҳ низ аз ин сӯй фавҷи худро ороста ва мехост, ки ба ному нишони худ бо ҳам радду бадале намояд. Фирқа – фирқа аз ҷониби амир аз мардуми элҷорӣ[226] ҷудо гашта, рӯй ба хидмати **/56а/** вазир Шоҳвалихон ниҳоданд. Амир ҳам ба кори худ гардида бо тамомии лашкари худ ба ҷониби Эли Восита[227], ки мавзеест байни Пасокӯҳу Чоҳоб дар ғояти истеҳком, бад-он ҷо рафт.

Вазир Шоҳвалихон хирқаи шарифаро ба худ саодати дорайн (ин дунёву он дунё) дониста, бо худ гирифта дигар чандон ба сӯду зиёни Бадахшон напардохт, ки он ҷо, ки муддао буд расид ва таманное, ки дошт, ба ҳусули он мушарраф гашт ва бо худ мегуфт:

*Шукри Худо, ки ҳар чи талаб кардам аз Худо,*
*Бар муқтазойи ҳиммати худ комрон шудам.*

Ва баъд аз тасхири Файзобод, .............. номро[228] аз ҷониби худ ҳоким намуда, мурочиат ба дору-л-амни подшоҳӣ фармуда.

Амир ҳам азми Файзобод намуда вориди шаҳр гардида ва онро, ки вазир Шоҳвалихон ноибу-л-ҳукума намуда ба қалъаи Файзобод муқаррар карда буд, Султоншоҳ ба ғайри ҳақќ ҷабран ба қатл **/56б/** расонида ва худ такроран ба қалъаи Файзобод муқим гардид. Ва умри азизи худро ба лаҳву лаабу сармастии бодаву арақу шароб ва бозии занону маҳвашон сарф намуда, ба ризову норозигии аҳли вилоят коре надошт ва ҳамчунон дар олами беномусиву бешармӣ гирифтори ҳамасророни шароратангез буда, ки чи аз бародарону чи аз аъёну аркони давлат ба сидқу яқин мухлису мӯътақидаш набуданд.

Ва дар ин муддат чанд воқеае рӯй дод, ки агар ҷаноби ҳақќ аз касе иқболро гирифта офтоби давлату бахти ӯро ба дараҷаи заволу идбор расонад, бар худи зоти ақдаси парвардигорӣ ба наҳҷе осон аст. Ва беинсониятии амир ба дараҷае сар зад, ки ва ба мартабае расид, ки гоҳе дар ҳарам ҳафтае паё-пай аз арақ маст ва бо моҳрӯён сармасти хобу ғафлат ба сар мебурд. Ва аз муқаррабон **/57а/** бисот ҳам ӯро намедид ва гоҳе берун бо чанде аз рафиқон ба маъдуди чанд ба шурбу шаробу мушоираву китоб муқайяд мебуд. Ва ҳеҷ кас аз мулозимон, ки интизоми муҳоми мамлакатдорӣ бад-эшон манут [буд], роҳ ба маҳфили ӯ намеёфт. Аксарии хавоссу авомро бад-ин ҷиҳат дар ихлос сустиву таҳовун пайдо шуд.

Ва бародарони комёбро, ки гоҳе ба тариқи нудрат шарафи мулоқот муяссар мешуд ва бо худ ҳамтабақ намекард ва баъд аз кашидани тамбоку чилимро бе найу мил мисли соири-н-нос ба дасти бародарон медод ва дар умури зарурия ароизро ба воситаи баъзе аз роздорони базму инбисот мерасониданд. Аз ин сабаб хотири эшон ҳам ба гаронӣ анҷомид ва мардуми бадахшӣ аз ҷиҳати ривоҷи кори қалмоқу кошғарӣ ва обрӯмандии мардуми ҳарҷойӣ зиёда ба худ хафаву мутааллим ғайр аз як мирзо ва ё аз амсоли ӯ аз роздорони маъдуд, ки:

*Ба танҳо чӣ бархезад аз як савор?!*

**/57б/** Тӯрабозхон, ки дар иддао аз ҳама фоиқ буд, туғён дар табиати шон афтода аз мавзеи Кӯл[229] юруш намуда Рустоқро ба худ гирифт. Ва аз он вақт боз, ки ҳангомаи мухолифати ӯ ба шуйӯъ кашида, овоза ба беғамхонаи ишрати амир расид, гӯиё оташе буд, ки дар гулхонаи нозу наими аморат афтода, ки ҳаргиз аз ин навъ мухотира дар ҷавори худ ва пиромуни хотири орамидаи ӯ нагардида. Ва аз ин маънӣ тааҷҷуби тамом ба ӯ рӯй дода ва оташи ғазаби ӯ сар зада филфавр ба ҷамъоварии лашкар амр намуд. Ва дар андак мӯҳлат сипоҳу лашкар саворӣ фармуда, чун ба Деҳварӣ[230] ва Эли Кошон[231], ки аз қурои мардуми балуҷ, аз раоёи

Тӯрабоз убур фармуданд, он чӣ тааддӣ, ки буд, дар бораи он бечорагон ба зуҳур расонид. Азбаски аввал онҳоро таҳдиду иршод фармуд, ки вориди ҳузур шаванд, онҳо дар ҷавоб беодобона дар пеш омада, ки: «Ҳар гоҳ **/58а/** Тӯрабозхон ба мулозимат биёяд, моён хоҳем омадан». Бинобар ин ҳамаро асиру дастгир карда, аксари онҳоро ба қатл расонида ба мулки адам фиристод.

Ва Тӯрабозхон дар ин боб ба Қубодхон, ҳокими Қатағон одамон дар миён дошта, ки: «Ба меоду мавъуд било таваққуфу эҳмол ворид шавад». Ва Қубодхон ин маъниро аз Тӯрабозхон муждаву хушхабарӣ дониста, дар саранҷоми кори худ шуд ва мунтазири он буд, ки ба имое аз ҷониби Тӯрабозхон худро ба Рустоқ ба имдоди ӯ бирасонад.

Чун ғулғулаи ворасиди мир Султоншоҳ расид, Тӯрабозхон аз шаҳр ба мавзеи Сари Рустоқ[232] омада ба нусратии фавҷе аз кӯмаки сипоҳи ӯзбак, ки Қубодхон ба пуштиву тақвияти ӯ пештар аз худ фиристода буд, қалъае дар Сари **/58б/** Рустоқ бино карда, баробари қадди одамӣ девор бароварда буд, ки баякбор пештози лашкари амир расидан гирифт ва аз тарафайн ҷанг пайвастанд. Амир ҳам нузул фармуд.

Тӯрабозхон ба мулоҳизаи он, ки: «Агар аз омадани Қубодхон ба зоти амир Султоншоҳ газанде расад, ба ӯ албатта ба тариқи увло хоҳад расид», лиҳозо арзадоште муштамил бар нодониву нофаҳмӣ ба тазаммуни аҷзу фурӯтанӣ ва бо индироҷи ин, ки: «Аз бузургон афв будаст, аз тиҳидастон хато» ва бо индимоҷи хабари Қубодхон ба таҳқиқ омадан ва ҳазрати соҳибро бояд баргаштан ва ё дар ҷое мустаҳкам истодан ва баъд аз мураҷиати Қубодхон худ ба хидмати олӣ рафтан[ро] марсул дошта.

Амир ба истимои ин тақрир зиёда барошуфт, ки: «Ғуломзодаро бин, ки моро ба воситаи Қубодхон бим медиҳад. Мо, ки Қубодхонро борҳо дар **/59а/** ҷангалистони Қундуз кофта намеёфтем, дар ин дашти бехасу хор, ки ӯро биёбам, сайди худро чӣ гуна аз даст дода, бозпас мураҷиат намоям?». Ва чун қазо кори худ карда буд, гӯш ба насиҳати ҳеҷ кас надошт ва аз субҳ то шаб ба ҳимакашии танӯри ҷидол қиём намуданд ва саргарм бихуфтанд.

*Муаззин баровар аввал қунут,*
*Ки субҳона ҳайю-л-лазӣ ло ямут*
(Офарин бар зиндае, ки нахоҳад мурд).
*Шабехун зад аз сӯи поён Қубод,*
*Ба ҳангома чун лашкари тундбод.*

Ва ҳанӯз саргармии нашъаи хоби хонахароб аз димоғи сипоҳи амир нарафта буд, ки найзадорон гирди эшон шиғ гирифтанд ва ғулғулаи гирогиру валвалаи милтиқу тир ба ҳам расид ва аз он ҷо, ки ихлосу эътиқоди мардум аз амир баргашта буд, чандон кӯшиш ҳам накарданд ва худҳоро дастгири ӯзбак карданро беҳтару хубтар диданд аз он ки аз дасти амир халосӣ ёбанд. **/59б/** Лашкар аз муқаддимаи нангу номус гузашта, камондоре, ки камонаш пур аз тир буд, нахост, ки як тир

андозад. Дар як дам ҳама асиру дастгири ӯзбак шуданд, то ки муқаддима (дастаи пешҷанг, авангард) ба сари амир омада, ӯро ба нафси нафиси худ фуроварда назди Қубодхон бурданд.

Ва Тӯрабозхон аз он вақт боз, ки амирро гирифтанд, филфавр аз ин лашкар гӯша гирифта, ба ҷониби Файзобод фирорӣ гашт. Қубодхон чун дид, ки шерамарди майдон - Тӯрабозхон ба Файзобод рафта, дар пайи кори худ шуд.

Ҳангоме ки амир Султоншоҳро ба ҳузури ҳукумату дастгоҳи ҳокими Қатағон – Қубодхон оварданд ва Қубодхон бо камоли адаб аз ҷой бархоста ба таъзими тамом истиқбол намуда ба болои манзил нишонида ва худ ба зонуи адаб нишаста гуфт: «Дар олами сипоҳигарӣ чунину чунон мешавад, кудуратро ба хотири шариф **/60а/** роҳ надиҳед, ки қавоиди одамият дар миён боқӣ аст». Баъдаҳу ҳамаи лашкариёнро раҳоӣ дода аз амир илтимоси мӯҳр кард, ки хутут (мактуб) аз ҷониби амир нависанд, ки гумоштагон қалъаҳоро яла кунанд. Амир гуфт: «Мӯҳр ба дасти мӯҳрдор буд, ҳоло маълум нест, ки ба дасти кӣ афтода бошад?».

Чун дар олами сиёсат ҳокими муаззаму илайҳи Қубодхон ба ҳадде буд, ки сӯзане дар лашкари ӯ гум намешуд, ба муҷарради он ки фармуд: «Биёред!», оварданд. Ва амирро маа бародарон ва мирзо ба ҳамроҳи худ ба Қундуз расонида, аз он ҷо ки боз ба сари Тӯрабозхон юриш фармуда, худ дар мавзеи Аргу фаромада, пешравони лашкараш ба Файзобод расиданд.

Ва Тӯрабозхон аз қалъаи Файзобод фирор намуда дар Пасокӯҳ, дар қалъаи Котак[233] даромад. Ва ҳам дар мавзеи Аргу баъзе аз муфсидону бадхоҳони гумроҳ ҳокими мумиилайҳ Қубодхонро бо он ҳама мардигарӣ дошт, бар он **/60б/** овард, ки аз нангу номус гузашта ва аҳду паймон шикаста, мир Султоншоҳи Аждаҳорро ба дараҷаи шаҳодат расонад, ки собиқ аз ин  инчунин кори нолоиқ аслан аз ӯ ба вуҷуд наёмада буд. Ба васвасаи шайтанатпешагон ҳукми тақдири азал ба ҷой омад «Ал-ҳукму ли-л-Лоҳи таъоло» (ҳукм бар дасти Худои бузург аст), дар санаи 1179 ҳиҷрӣ (1765-66) [дар ҳошия 1184/1770-71], ки якҳазору яксаду ҳафтоду нуҳум ба мувофиқи таърихи «Гуле аз боғи Ирам рафт», колбади ҳайулоии мураккаб аз аносири зулмонии он маҳфилорои равзату-с-саломи ҷовидонӣ аз пешдиди назари зоҳирбинони олами моддаву сурат мастуру мухтаҷиб гашт, чунон ки шоир гӯяд, марсия:

*Дарахти каёнӣ даромад зи пой,*
*Замин гуфт: «Бале!». Осмон гуфт: «Вой!».*
*Зи аҳли муҳиббон баромад фиғон,*
*Чу дар Карбалой бад-он ғофилон.*
*Макун носипосӣ дар ин хонадон,*
*Ки лозим бувад ҳурмати дудамон.*
*Маризе ба шиква далер омада,*
*Аҷал хост аз ҷони ба сер омада.*

**/61а/** Алқисса Тӯрабозхон ба Котак даромадан ва лашкар ба таоқуб расидану муҳосира намудан ва боз Тӯрабозхонро аз қалъа баровардан ва роҳ гирифтан ва ба назди Қубодхон - ҳокими Қундуз бурдан ва дар мавзеи Даҳани Кайвон[234] аввал мулло Абдуллоҳро ба қатли ӯ фармудан ва ӯ аз ин маънӣ ибо намудан ва боз ба мардуми саддаӣ додану ӯро куштан, дар ду-се рӯз ин вақоеъ ба инсиром расид.

Ва Қубодхон баъд аз ҳубут (фаромадан) ба самти Қундуз мирзо Сиддиқро бо ҳамроҳии яке аз саркардагони худ ба Файзобод фиристод ва мирзо Мақсудро низ бо ҳамроҳии амир ба дараҷаи шаҳодат расонида, мирзо Муҳаммаддин ва мирзо Абулфатҳ ҳарду дар Қундуз монданд.

Ва дар таърихи санаи якҳазору яксаду шасту шаш (1166/1752) амирзодаи **/61б/** ҷавонбахту бедордил аз батни модар ва аз сулби падараш, ки марҳуми мағфур мир Султоншоҳ ба вуҷуд омада, ки таърихи вилодаташ низ мувофиқи ҳуруф «Мири Бадахшӣ» дар ҳисоб омада, санаи 1166 мешавад.

Ва ҳангоме ки мири марҳум ба дараҷаи шаҳодат расид, ин навҷавони навраси боғи ҳукумат дар синни чаҳордаҳсолагӣ омада ва таматтӯе аз бӯстони комронӣ ҳосил намуда, дар мавзеи Чоҳоб ноибманоби амир буд ва баъд аз шуниду фаҳмиди ин воқеаи сониҳа амирзода Муҳаммадшоҳ ба ҷониби Такнов рафт ва муддате мадид дар мавзеи Такнов ба сар бурд.

Ва Мирзо дар андак замоне саркардаи Қубодхон[ро] падруд намуда, худ гумоштаи би-л-истиқлоли Қубодхон гардид ва баъдаҳу бинобар хоҳиши мардуми Бадахшон ва дафъи тӯҳмати иддаои миригарии **/62а/** худ Насруллоҳхонро мир гирифта, аммо сариштаи калониву ихтиёри ҳама дар дасти ӯ буд. Ва дар андак фурсат мирро аз Такнов талаб намуда дар қалъа даровард ва Насруллоҳхон аз дасти мир Муҳаммадшоҳ шарбати марг чашида ин оламро видоъ намуд, дар санаи 1181 (1767) мақтул гардид.

Чун Қубодхон аз ин воқеа хабар ёфт, фавҷе касир аз лашкар ба саркардагии Қубод Чучка ном ба болои Файзобод равона намуд. Қубод Чучка баъд аз вуруд аз мавзеи Обхӯра[235] то қариби Сангмӯҳр фаромада аз тирамоҳ то айёми буҳор истода ҳарчанд ба ҷидолу қитол кӯшид, фатҳи Файзобод муяссар нашуд.

Чун найири аъзам (офтоб) таййи буруҷи зимистону баҳорон намуд ва ҷумлаи саҳрову кӯҳу дашт лолагуну хурраму гарму нарм шуд, он гоҳ худи Қубодхон дар таърихи санаи 1182 (1768) бо лашкари фаровон юриш **/62б/** намуда расид. Чун мардум донистанд, ки аз камоли камқувватӣ тоқати муқовимат нест ва наметавон кардан, ночор гурӯҳ–гурӯҳ ва тоифа-тоифа шуда ба инқиёду мутобиати ӯ шитофтанд ва Мирзо низ ба мулозимати ӯ рафт.

Ва мир чун аҳволи мардум бад-ин минвол дид, рафтани худро аз ҷумлаи заруриёт дониста, бо ҷамоае аз намакпарвардагони худ бемуҳобо «Таваккалту ала-л-Лоҳ» - гӯён дар пеши ӯ шуд. Ин ҳангом ба воситаи қаҳри Қубодхон балои азим ва харобии тамом ба ин диёри вофиру-л-эътибор аз қаҳру ғазаби илоҳӣ нозил шуд, ки тамоми аҳли шаҳр, ки

иборати дувоздаҳ ҳазор хонаводаи муқимаи ватандори аслӣ буд, ғайр аз мардумони омадаи муқими ватан шуда, ҳамаро яғмову асир карда тороҷ намуд, ки аз он ҷамъияти касира ба миқдори чаҳор то панҷ хонаводаи расида **/63а/** монданд.

Хуллас ин, ки мир Муҳаммадшоҳро бо ҳамроҳӣ ба Қундуз бурд ва ба дилҷӯйии ӯ чунон саъю ҳиммат намуд, ки абадан гарду ғубор дар домани мир падидорӣ надошт ва ҳамеша мир Муҳаммадшоҳ дар сафару ҳазар бекаманд ҳампои ҳокими Қундуз – мир Қубодхон буд.

Қубодхон заррае қадр дар таҳаққури ӯ кӯшиш надошт ва ҳамеша ҷуз иззату ҳурматдорӣ василае надошт. Ва мир доим дар арзи ду сол бо фориғболии томм ба шикори сайд умр ба сар мебурд, ки ба як ногоҳ воқеае пеш омад, ки интиқоми тамоми амиру амирзодагони лозиму-л-эҳтиром ва умарои изом амири кабири олимақом ба тааддии тамом аз вай биситонд.

Ва ба мувофиқи ин ки: «Изо арода-л-Лоҳу шайъан ҳаййаа асбобаҳу» (Агар Худо кореро хоҳад, сабабҳои онро муҳайё месозад) доруғаи дафтар фармони қазоҷараён, ки маншурро ба номи яке аз сипаҳдорони афғон **/63б/** андар таърихи санаи 1184 ҳиҷрӣ (1770) муштамил ба танбеҳу истиҳлоки ӯ маркум фармуда, сардори мазкур ба сипоҳи мавфур ба ороиши аълому хиём дар ҳаволии Қундуз фаромада. Мардуми Қатағон муносиба[236] бинобар иддаои Қубод Чучка тӯп намуда, амири кабири номдори олитабор Худойназарбек, ки дар бораи ӯ ҳам он чи беҳурматӣ буд, Қубодхон ба зуҳур расонида. Ва ӯ чун амирзодаи асли Қатағон буд, дар ин мавруд ба кӯмаку пуштиву сарони афғон ривоҷ ёфта мардуми атроф ба ӯ ҷамъ гаштанд. Атрофу акнофи вилоят ҳама аз дасти Қубодхон рафт ва дар як Қундуз қабал монда. Ин вақт амирро дар қайди занҷир муқаййад сохт, ки мабодо ба назди сардори афғон биравад ва мирзо Муҳаммаддинро низ ба зери занҷир гирифтор намуда мустаҳкам намуд ва ба касони **/64а/** худ ҳавола намуд, ки аз шаҳр бароварда ба қатлаш расонад.

Ҳар гоҳ, ки ӯро ҳокимон, яъне касони Қубодхон ба хориҷи шаҳр ба ҷое, ки мехостанд бурданд ва ба қатли ӯ озим шуданд ва ҷамъе аз сипоҳи афғонро дар он ҳин гузарашон ба он ҷо афтод, диданд, ки мулозимони Қубодхон дар паи коре ҳастанд. Ва мулозимони Қубодхон ба мушоҳидаи фавҷи афғонӣ баякбора тори ғайраташон гусехта шуда ва худҳо гурехта рафтанд ва бандиёни воҷибу-л-қатлро ҳамчун дар банд гузошта бирафтанд.

Ва дастаи фавҷи афоғина (афғонҳо)[237] омада бандиёни мазкурро аз банд халос дода, раҳоӣ ёфта, аз он ҷо ба Бадахшон омаданд. Амир Худойназарбек ба имдоди афоғина дар шаҳр даромад ва Қубодхон шабошаб мехост, ки ба як гӯшае фирор намуда аз ин маҳлака худро бароварад.

Чун аз қалъаи Қундуз баромад ҳам **/64б/** дар ҳаволии Қундуз ӯро дастгир намуданд ва мир Муҳаммадшоҳро аз бандихона ёфта ба ҳамон ҳолати бандигарӣ ба назди мир Худойназарбек оварданд. Ва мир Муҳаммадшоҳи (дурусташ - Худойназар) мазкур, ба муҷарради

даромадан ҳамон мирро истихлос фармуда ки: «Қадри зар заргар шиносад, қадри ҷавҳар – ҷавҳарӣ».

Алассабоҳ, ки аламдори сипеҳри барин ба манҷуқи заррин ба ҳамаи фатҳу зафар аз муъаскари анҷуму қамар аламро ба матлаи анвар расонид, кор ба гардиши гардуни даввор билъакс афтода, мири дар камоли шаъну шавкат Қубодхони ҳокими Қундузу Қатағон муқайяд ба салосилу банду ағлоли уқубат гирифтор. Чунончи ки шоир гӯяд:

*Сари шаб сари расму тороҷ дошт,*
*Саҳаргаҳ на тан сар, на сар тоҷ дошт.*
*Ба як гардиши чархи нилуфарӣ,*
*На Нодир*[238] *ба ҷо монду не нодирӣ.*

Алқисса, мир Худойназарбек Қубодхонро ба дасти мир дод, ки бо сахттарин уқуботу азоб ӯро **/65а/** қасос намояд, ки баробари хуни падари худ – Султоншоҳ карда шавад ва ин қасоскунанда мир Муҳаммадшоҳ валади Султоншоҳ аст:

*Уқобест ашҳаб сипеҳри дуранг,*
*Шабе сулҳ созад, кунад рӯз ҷанг.*
*Машав гарра бар ҷоҳу молу манол,*
*Ки рӯйест ин ҷумларо дар завол.*

Аз он ҳангом ки найири иқбол (офтоб) алами иҷлолро аз матлаи камол бароварда, ҳокими Қундузу Қатағон – Қувватхон (Қубодхон)-ро мир Муҳаммадшоҳ валади марҳуми шаҳид - мир Султоншоҳ ба қурбонгоҳ кашон – кашон бурда, ба мувофиқи ин ки:

*Қазо гуфт: « Гиру» қадар гуфт: « Деҳ!»,*
*Фалак гуфт: «Аҳсан!», малак гуфт: «Зеҳ!»*[239].

ӯро қурбони теғи бедареғ намуда ва худи мир дар андак муддат ба тамомии фарҳату масаррат вориди Файзобод гардид.

**/65б/** Ва Сулаймонхонро, ки амири марҳумӣ овораи водии сарсонӣ гардонида, фироран аз роҳи Чатрор ба самти дору-л-хилофаи Кобул рафта буд ва муддате дар он ҷо ба сад ғурбату анвои мазаллат ба сар бурда ва ҳам дар он музофоти Кӯҳдомани[240] Кобул вафот ёфт ва бимурд.

Ва писари ӯ Баҳодуршоҳ валади Сулаймонхон баъд аз интиқоли падари худ аз роҳи Чатрор озими Бадахшон гардид ва баъд аз вусул ба музофоти Бадахшон, тоифае аз давлатхоҳони Сулаймонхон ба ӯ дарпайвастанд ва ҳамон машъалаи иноди пешинаро афрӯхта, болои Файзобод омада, ҷангу ҷидоле дар байн андохт.

Оқибат мир Муҳаммадшоҳ ба ҷониби Чоҳоб рафт ва боз аз он ҷо омада Баҳодуршоҳи муддаиро ба тарафи Ҷурм баровард ва ҳамчунин чанд маротиб ва мукаррар дар байн радду бадал карданд.

## [Қиссаи] Шоҳ Ванҷӣ, ҳокими Шуғнон

Шоҳ Ванҷӣ - ҳокими Шуғнон, бинобар харобии тамом **/66а/** аз ҷиҳати нифоқи мирон иддаои Бадахшон дар сари ӯ афтода, ки дар давлату инъом дар ин кӯҳистон назире надошт ва дар он аҳд марҷаунилайҳии (яъне ҳама ба ӯ муроҷиат мекарданд) ин навоҳӣ гашта.

Яке аз норасидони дуни бехирад аз қавми қорлиғ оқсақол Баҳодур ном аз ҷумлаи баҳодурону шогирдпешагон, ки дар умури сипоҳигарӣ ҳушёру тайёр буд, василае ба Шоҳ Ванҷихон дарпайваст ва ба таъйиди давлати ӯ интизоми тамом ёфт ва кори ӯ ба шӯҳрат кашид. Ва ҷамъе касире ба давлатхоҳӣ ва тақаррубу инъоми Шоҳ Ванҷӣ ба ӯ ёр гардида саранҷоми кори ӯ ба он анҷомид, ки Файзободро ба номи Шоҳ Ванҷихон дар тасарруф овард.

Ва мадди назари Шоҳ Ванҷӣ он ки, агар мирони маврусии Бадахшонро ба даст оваранд, он ҳангом кори ӯ ба ваҷҳе осон ба инсиром мерасад ва ба ҳамин умед ӯро парвариш мекард:

**/66б/** *Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл?*

Ва оқсақол Баҳодур дар илму макру фиреб устоде буд, анвои икрому аснофи инъоми ӯро ба худ хазинаи муфт дониста, тартиби сипоҳу навкар ба ваҷҳи камол намуда, чунон шуд, ки ғайр аз Чоҳоб тамомии музофотро иҳота намуда бар худ мутеъ сохт.

Ва Баҳодуршоҳ валади Сулаймонхонро дар Ҷурм муҳосира карда муддати ҳафт сол дар муҳосираи ӯ кӯшид. Охир ба аҳду қасам ӯро дар Ҷурм ба назди худ талабида ба муҷарради омадан ӯро гирифта, нақзи аҳду паймон карда, Баҳодуршоҳро ба олами боқӣ фиристод. Оқсақоли намакбаҳаром дар ҳаққи валию-н-неъмати худ чи кори номарғубро раво дид, ки аҳаде ҷуз нафрин таҳсин нахонданд ва сазовори лаъну таън гардид.

Аммо мир Баҳодуршоҳ дар аввали ҳоли худ ҷавоне буд бошарму ҳаё **/67а/** ва ғояти камолу ҷамол ва писандидагии афъол, ба либоси аброр ороста ва ба ахлоқи аҳрор пероста ва баъд аз тамоддии овон ба мӯҷиби муҷовирати баъзе аз бебокон, ба ҷиҳати ғалабаи нашъаи бангу бӯза аз ахлоқи ҳамида баргашта, ба авсофи замимаи зулму қатлу ғорату бераҳмиву беинсофиро пешниҳоди худ гирифта, аксари аъёну ашрофу арконро ба қатл расонид. Мирзоро ҳам ӯ кушт ва ба ҷиҳати истилои ҷафои ӯ ҳамаи мардум аз вай безор шуданд. Ғолибан ба ин сабаб оқсақол Баҳодур ривоҷ ёфт то Рустоқ ва боқии ҳудуд ҳама ба ӯ муҳайё. Ва он сангбарсарзадаро санги лоҷувард соҳиби шаъну шавкат намуд, ки лоҷувард дар мамлакати Хитой баҳои тамом ёфт, то ки як сер[241] санги Бадахшон ба ҳазору понсад рупия расид. Ва дар ин боб чунон қадағани тамом фармуд, ки резасанге аз он ба дасти аҳаде аз акобиру асоғир намеафтод. **/67б/** Ва ҳам бар ин лоҷувард хазинаи маъмура аз нуқуду ёмбӯи нуқра ва аҷноси амтиаву ақмиша аз ҳар ҷинс ба ҳам расонид.

Куррону Мунҷонро, ки аз тавобеоти Сари Оби[242] ҳазорачии Юмгон[243] аст, тохту тороҷ намуда ҳамаро фурӯхтанд ва хазина бар хазина биафзуд. Ва доимо хаёли он хомтамаӣ бар он буд, ки хидмати мирро [Муҳаммадшоҳро] ба чи ҳилаву макр ба даст оварад ва ҳамеша кор ба макру фиреб мекард.

Ва якбор дар ин боб ба сари Чоҳоб лашкар кашида ва коре аз дасти ӯ наёмад. Ва маккорона ба худ андешид ва мардуми Яфталро ба худ дӯстдорон намуда, фармуд, ки ба хидмати мир Муҳаммадшоҳ пайғом намоянд ба баҳонаи он ки: «Агар он олиҷоҳи асолатдастгоҳ дар байни қавм дароянд ва ҳама ба оқсақол Баҳодур якбора ҳуҷум карда бунёди оқсақол Баҳодурро хушк намоем ва тухми ӯро аз сафҳаи рӯзгор барандозем».

Ва аз он ҷумлаи фиребгарон яке оқсақол Ҳайдар буд аз Яфтали Поён. Ва ба ҳамин **/68а/** фиреб мирро то паси кӯҳи қарибi Банди Аликал[244] оварданд. Ва оқсақол Баҳодур бо лашкари бисёр дар сангоби[245] Банди Аликал камин карда, ки шояд коре тавонад кард. Ва аз он ҷо боз ҳам чанд одами мӯътамадро ҳамроҳи оқсақол Ҳайдар намуда, ки сухани ӯро мир аз ҷумлаи кизбу ифтиро намедонанд, ба хидмати мир Муҳаммадшоҳ фиристоданд, ки бемуҳобо ба зудӣ вориди Яфтал шаванд.

Оқсақол Ҳайдар аз он ҷо ки парвардаи ниамои (неъматҳои) ин давлатхона буд, ақли худро ба кор бурда ва кӯтоҳандешии ӯро саҳл дониста, чун ба ҳузури лозиму-с-сурури мир расид, хабари воқеаро би айниҳи (айнан) ба самъи мир расонид ва ҳам аз он ҷо мир ба ҷониби Чоҳоб муроҷиат намуд. Ва худ ҳам аз хонумон гузашта сар дар қадами олӣ ниҳод ва мулозимати соҳибзодаи худро саодат дониста ва аз он чӣ ки тааддӣ буд, бо аҳлу аёли ӯ расид. Аммо таманноe, ки он маккор дар дил дошт, аз ҳусули он маҳруму маъюс монд.

Хайруллобеки утрончӣ аз ҷумлаи **/68б/** қавми туркия вазири ӯ буд. Ашӯрмуҳаммад девонбегиро ва мулло Абдурраҳмон бародари калони оқсақол Қурбонҷонро дар қалъаи Дариюн аз ҷиҳати қавмият, ки аз ҷумлаи қарлиғ мирзоест, ҳоким намуда буд ва худи оқсақол Қурбонҷон ясовули ӯ буд.

## Рафтани мир Муҳаммадшоҳ ба Дарвоз ва кӯмак хостани ӯ аз Шоҳ Мансурхон

Ва як боре мир ҳам ба ҷониби Дарвоз ба назди Шоҳ Мансурхон ба талаби кӯмаку имдод рафт. Ва Шоҳ Мансурхон низ он чи ки шароиту русуми қадрдонӣ буд, изъофан (дукарата) дар бораи мир Муҳаммадшоҳ ба зуҳур расонид. Ва Шоҳ Мансурхон илтимоси мирро ба худ лозим дониста муҳиме ба ҷониби Кӯлоб (Хатлон) дошт. Дар бозгашти сафар ба тамомии лашкар аз ҷониби мулки Роғ юриш карда дар мавзеи Дуоба[246] аз Яфтали Боло нузул фармуд. Пешравони аскари ӯ аз кӯтали Каҷхам[247] пеш-пеш убур мекарданд.

Ва оқсақол Баҳодур ҳам ба лашкари худ аз Лойоба гузашта қариб ба зери кӯтал расид. Қазоро ҳамон шаб, ки шоҳ дар **/69а/** Дуоба буд, яке

аз шоҳони Қаротегин - Шоҳ Болту ном соҳиби лашкару ҳашаму хадам буд, ба андешаи хаёли фосид хост, ки шоҳро ҳамон шаб бигиранд ва он чи аз дасти ӯ биёяд, сарфа накунад.

Ва дар ҳангоме, ки қариби нисфи шаб, ки хилват аз малову хало ёфта дар саропардаи шоҳ даромад, аммо аз дасти ӯ ҳеҷ наёмад. Валекин Шоҳ Мансур дар олами фаросат донист, ки хаёли ӯ ба чи қарор ёфта аст. Фардо, ки машъалаи ҷанг аз ду тараф шӯъла гирифт, Шоҳ Мансур ба ҷиҳати мухолифат фӣ мо байни худ чандон кӯшиш накард ва ҳам аз он ҷо муроҷиат намуда.

Чун ки ба Дарвоз ба Қалъаи Хум расид, Шоҳ Болтуро дар ҳузури худ дошта фармуд, ки: «Туро ба хонаи худ ба тамомии низому эҳтишоми худ бояд рафтан ва тадоруки истеҳкоми худ бояд кардан, ки армон дар хотират намонад, ки мо ҳам инак ба таъқиб мерасем ва ҳар чи бо ҳам **/69б/** дорем, ҳам он ҷо мекунем», камо қола-ш-шоиру (чи тавре шоир гуфтааст), байт:

*Бубинем к-аз мо ду давлат кирост?*
*Худо ҳар киро дода бошад, сазост.*
*Дар ин ҷо агар дастгират кунам,*
*Фидои дами тегу тират кунам.*
*Нахонанд мардон маро некмард,*
*Ки натвон кас андар ҳарам сайд кард.*
*Бирав то ту бошӣ ба маъвои хеш,*
*Ки мурдан бувад муфт, дар ҷои хеш.*
*Шунидам, ки шерон зи бемоягӣ,*
*Ба марг оянд аз поси ҳамсоягӣ.*
*Ракокат бувад бозро дар насаб,*
*Ки бо кабки ҳамсоя орад ғазаб.*
*Шунидам, ки дар муддати ҳафт сол,*
*Баровард дуд аз сари бадсигол.*
*Чу шерона шоҳе Сикандарнажод,*
*Ба мардӣ зи рӯбаҳ баровард ёд.*
*Аз он пас сарашро ба шамшер дод,*
*Ба он ташна тезоби ғам сер дод.*

Баъд аз он ки Шоҳ Мансурхон муроҷиат намуда ба кори худ шуд, мир Муҳаммадшоҳ ба ҷониби Чоҳоб рафт, умеде, ки аз имдоди махлуқ дошт, мунқатеъ гашт. Ва якбор ба Қӯрғонтеппа[248] назди Оллоҳбердибек, **/70а/** ки аз ҷамоаи тоз[249] буд, рафт. Аз он ҷо ҳам қадрдонии чандон наёфт, билкулл аз ёрии бандагон силсилаи орзуи худро гусаст ва рӯи ниёз ба даргоҳи азизи беанбоз овард.

Чанде аз рӯзҳо гузашта буд, ки хабари марги оқсақол Баҳодурро мужда гӯён ба таъҷил ба самъи мир расониданд, ки аз ҷумлаи мардуми Куррону Мунҷон, ки аз оқсақол Баҳодури қарлиғ тааддиву тааззӣ ёфта буданд, ду-се нафарӣ аз онҳоро дар тӯпхонаи қалъаи Файзобод муайян фармуда буд. Ва аммо таъиншудагон адоват дар дил нигоҳ дошта

мунтазири фурсат мебуданд, ки навъе карда кори он бадсиголи бадашколро ба итмом расонанд.

Ва худи оқсақол Баҳодур ҳар рӯз чошту пешин болои суффаи мирзо Набот шатранҷбозӣ мекард, ки аз фили каҷбози фалак кишту мот расида.

Рӯзе ба муҷарради бархостан аз суффа ва мутаваҷҷеҳ шудан ба қалъа он ҷавонмардон аз сари тӯпхона ба туфанги дутира, ки пеш аз ин ба ду-се рӯз туфангҳои худро хуб ба нишона расонида ва борутро мувофиқи туфангҳои худ дуруст **/70б/** карда, аз сина то шиками ӯро ба қаровул гирифта, чунон заданд, ки решаи омоли зиндагонӣ аз рагу пайи вуҷуди нобуди ӯ аз беху бун барканда, рӯзи равшанро ба назари он турки тангчашми бадмаст торик сохт. Ҳарчанд ки шиками пурбоди худро ба фӯта маҳкам баст, коргар наомада ларза ба андоми ӯ истило карда, шаб то ба рӯз ба талоши талхии ҷон кандан овора буд, ки қолаб тиҳӣ намуда ҷасади пурҳасадашро ба тирахок супурданд. Ин буд сабаби фавту марги оқсақол Баҳодури қарлиғ, ки баён карда шуд.

## Воқеаи мири мустақил шудани мир Муҳаммадшоҳ ибни мир Султоншоҳ

*Биё марҳабо мири фархундахӯ,*
*Ки рафт аз миён мардаки фитнаҷӯ.*
*Нигини сулаймонӣ омад ба даст,*
*Ба ифрити малъун даромад шикаст.*
*Аз он регдевори бунёдсуст,*
*Биное намондаст барҷо дуруст.*
*Туӣ зебу ранги мулки Бадахш,*
*Ба сӯи Бадахшон равон соз Рахш.*
**/71а/** *Хазина агар боядат, ҷо ба ҷост,*
*Нигаҳ дошта ӯ насиби шумост.*
*Чунин асту дар олами неку бад,*
*Ки мероси мӯзӣ ба горе расад*[250].
*Биё[р] соқӣ он ҷоми фарҳатфазой,*
*Ки Ҷамшед омад ба меҳмонсарой.*
*Ба ҷоме, ки арзад ба мулки ҷаҳон,*
*Майам деҳ ба коми дили меҳмон.*
*Гар ӯ мир шуд, ман шудам мирзо*[251]*,*
*Бувад хуш худоят, Муҳаммад ризо!*
(Яъне, Худо аз ту розӣ, Муҳаммад ризо).

Мувофиқи таърихи санаи як ҳазору дусаду ҳафт (1207/1792)[252] буд, ки дар шарифтарин овон ба даромади моҳи мубораки рамазон, дар айни инфитоҳи абвоби ҷинон (дар ҳолати кушодани дарҳои ҷаннат) ва ороиши ҳуру ғилмон, ба таскини илтиҳоби нирон - он миру амирзо[д]аи олитабори азиму-л-виқори касиру-л-иқтидори уббаҳату иёлатпаноҳи наҷобату асолатдастгоҳ ва сиёдату шарофатинтибоҳ - мир Муҳаммадшоҳ ибни мир Султоншоҳ ба тамомии иззу ҷоҳ, ба оростагии

навкару сипоҳ, аз қаъри чоҳ ба авҷи моҳ **/71б/** тараққӣ фармуда ба вуруди шаҳри Файзобод музиби арикаи иҷлол (зебдиҳандаи тахти ҷалолат) ва мусанниди маснади иқбол гардид. Ва аз хазина он чи гардун захираи ӯ ниҳода буд, ҳама зеваророи ҷавонони ихлоскеш ва мулозимони хайриятандеш гашт ало ҳасби тафовути дараҷот (ҳар кадом мувофиқи дараҷаи худ) ҳар кадом аз он ҳаззе вофир ёфт, соҳибони амониву омол ба муроду орзуи худ расиданд.

Ва ҷонбозоне, ки аз мулку мол гузашта дар номуси олӣ аз аҳлу аёл табарро намуда, овораи хонумон гашта мулозимати рикоби зафаринтисобро дар Карбалои Чоҳоби ғурбат[253] аз ҳаловати шарбати ватан ширину лазиз дониста ба «сароби биқиъ, яҳсабуҳу-з-замъону моун»[254] (Ки ташнагон онро об меҳисобанд) аз «айнони таҷриён»[255] (дар он ду чашма ҷорӣ аст) ва «ҳадоиқи фавоиқ» (боғҳое, ки дар боло ҳастанд) рӯҳан дари наҷот дарсохта, даст аз хони алвони неъмат кӯтоҳ гардонида, дидагонро аз нури биноии қуррату-л-уйун аз фарзандони зебои **/72а/** дилбанд пӯшонида, дар ҳуқуқи адои вафо ба ҷафо пардохта, ба даромади иди давлати дудаи дудамони сурайёмакон ба мартабаи қусво ва матолиби узмо фоиз гардиданд, аз байни амсолу ақрон мумтоз гаштанд. Зиҳӣ ҳокими маҳкамаи қазову қадар, ки ҳасби некниятии башар ҳақро ба ҳақдор расонид!

Мири қадрдони дӯстнавози душмангудозро баъд аз ҷулуси авранги аморат муваффақ бар тавфиқоти марзия бар он овард, ки русуми номарзои умарои мо мазоро (гузаштаро) барҳам зада, ахлоқи ҳамидаву афъоли писандида аз сар бунёд ниҳода, такаббур, ки аз шиори ҷабборон аст, нақши онро аз лавҳи хотир пок шуста, ба мисоли ёру рафиқ бо ҳамдамони шафиқ ба як табақ таом ва ба як суфра нон мехӯрд ва садророёни базму тараброро дар паҳлӯи худ роҳ медод ва аз соғари саршори обу шароби ӯ ҳама сероб мешуданд ва субҳу шом **/72б/** дарбору боргоҳи ӯ кушода ба рӯи хешу бегона боз буд. Ва хавоссу омро бор медод ва алвони ниами ӯ дар суфраи ӯ паҳну мунбасит буд ва бар ҳама қадршиносиву дилҷӯӣ мекард ва барои аёдати беморон мерафт ва бар намози ҷанозаи мӯъминон ҳозир мешуд ва пас аз фароғи намози субҳ як пора каломи қадим тиловат менамуд ва намозро ба имоми худ дар қалъа ба ҷамоат адо мекард ва ба маҷлиси уламову сулаҳову машоих ба сидқу ихлос ворид мешуд.

Ва аз муҳаррамот - чун амориду нисвони ғайр иҷтиноб мекард ва аз қатли анфус, ки иборат аз ҳадми (шикастани) бунёни яздонӣ аст, ҳатто-л-мақдур (то ҳадди имкон) парҳез медошт ва касеро ба ғайри шаръ таъзир ба мол намекард, шаробиёну бангиву бӯзахӯронро сахт қабеҳу кареҳ медонист, дар нишастан дузону менишаст, **/73а/** ҳамвора уламову машоихро ба таъзим эҳтиром менамуд ва дар гуфтушунуди рӯзгор беадабона амирвор худро тарҷеҳ намедод ва гоҳ-гоҳ аз рӯи нишот ба саргармии муқаррабон ба тафреҳи табъ мусалласи ангурӣ ба ҳадди эътидол, ки ба дараҷаи сукрон (мастӣ) нарасад, мехӯрд ва аз ваҷҳи дафинаву хазина ҷуз моддаи таваккул чизе надошт ва ҳар чи ки ба ӯ

мерасид, хайроту инъом мекард ва давлатхоҳони худро аз ҳавоиҷоти рӯзгор мустағно менамуд.

Ва аз вақти ҷулус ба маснади аморат, мири муаззамии илайҳи ило явмино ҳозо (то имрӯз) шонздаҳум сол аст, ки ҳукмфармоӣ мекунад ба мувофиқи санаи 1223 ҳиҷрӣ (1808), ки иборатан такрор меорам, ки якҳазору дусаду бисту се аст аз синини ҳиҷрӣ - аз қаҳту касрату футурӣ дар Бадахшон ба фазли худовандӣ воқеъ нашуда. Ва рӯз ба рӯз дар ҷумлаи хурду бузурги аҳолӣ ва элу улуш (улус) неъмату **/73б/** баракат фаровон шуда, ҳатто ки баракат дар оби равону борону меваи дарахтону шири ҳайвоноту чорпоёну нуқуду ҳубуб аз ҳар ҷумла, ки дар дохилаи мулк мебуд, дар вуфури баракату нумӯ таъсири тамом ҳосил буд, чунончи аз қиссаи «Баҳроми подшоҳ ва рустоӣ» аз мазмуни мақолоти китоби «Хамса»-и Низомии, қаддаса сирраҳу, Ганҷавӣ мубайян аст.

Ва баъд аз ин, умед аз ҳазрати бории таъоло ва ба юмну баракати зоти майманатлузуми мири равшанзамир он аст, ки ин кӯҳистони ноҳияи Тахористону[256] Бадахшону Бадахшоноти лаълхези шодиангезро аз ҳаводиси рӯзгору ҳавоҷиси фалаки даввор ва инқилоботу тағйири моҳу сол ва аз захми чашми тангчашмони муъонидони ҳамҷавор маъмуну масун дошта, маҳфузу маҳзуз дород! Иннаҳу қарибун муҷиб (Худо қариб асту иҷобат мекунад).

Чи неъмати бузург аст, ки мардум шоду мамлакат обод, касеро **/74а/** ба касе коре на ва вайронаву харобазорҳо дар ин аҳд ҳама маъмуру ободон ва аз ноиттифоқиву ҷабру зулм, ли-л-Лоҳи-л-ҳамд, нишоне на ва наметавон ёфтан.

Фирқае бар он аст, ки ҳукумат ба ҷуз аз сиёсат равнақпазир нест. Ва тоифае бар он аст, ки равнақи мулкдорӣ ва низому комгорӣ дар рафоҳияту осоиши ибод аст, ки бузургон гуфтаанд. Байт:

*Подшоҳе, ки тарҳи зулм фиканд,*
*Пойдевори мулки хеш биканд.*
*Накунад ҷаврпеша султонӣ,*
*Ки наёяд зи гург ҷӯпонӣ*[257].

Оре, мамлакат чамане аст, ки бе дастёрии боғбон имкони таровату ибтиҳоҷ напазирад ва насоими анбаршамоими алтоф, алтофи хусравони меҳрубони файзрасон ба равоиҳи фавоиҳи **/74б/** рӯҳу райҳони ғунчаҳои хуниндили бӯстону гулистон оламу одамро ба шакарханди нозу ниам ва матолибу маориб расонида, сарсабзи оби отифату иноят медоранд, ки: «Ва ҷаално мина-л-мои кулла шайъин ҳайй»[258] (Ҳар чизи зиндаро аз об падид овардаем) долл бар ин мақол аст.

Дар ҳақиқат вуҷуди зи-ҷуди (соҳиби сахову карам) ҳуккоми олимақоми нисфатфарҷом ба масобаи (монанди) ҳумои ҳумоюн аст, ки сояи отифатпояи боли иқболи ҳумоюнмисолро бар сари ҳар ки андозад, натоиҷи давлату фавоиди баракат бар он мураттаб гардад.

Чи (чу) салотини кирому хавонини изом қаҳрамони бунёни сифату-л-ҷалол ва сутуни боргоҳи ҷабарутанд, ки ҳаққ таъоло ва тақаддус ба ҳикмати болиғаву доноии комила низоми оламиёну мадори коргоҳи одамиён ба вуҷуди адлу буди эшон мануту марбут дошта: «Яфъалу-л-Лоҳу мо яшо ва яҳкуму мо юрид»[259] (Худо он чи ки хоҳад, мекунад ва ба ҳар чи ки хоҳад, ҳукм мебарорад) аз ин ҷост, ки **/75а/** гуфтаанд: «Ибодати чандинсолаи зоҳидон ба адли якрӯзаи султон баробарӣ надорад». «Қола-л-Лоҳу таъоло: инна-л-Лоҳу яъмуру би-л-адли вал-эҳсони ва итои зи-л-қурбо ва йунҳиҳим ани-л-мункари вал-бағйи лааллаҳум ятазаккарун»[260] [саҳеҳаш: «Ва янҳо ани-л-фаҳшои вал-мункари вал-бағйи яъизукум лаъаллакум тазаккарун] (Худованди бузург гуфтааст: Ба таҳқиқ Худованд ба адлу эҳсону ёрӣ ба хешовандон амр менамояд ва аз корҳои баду ношоистаю ситам манъ месозад. Бошад, ки пазирои панд шавед).

*Ҷаҳон аз рангу бӯ созад асират,*
*Вале дар пеши арбоби басират.*
*На ранги дилкашашро эътиборест,*
*На бӯи дилфиребашро мадорест.*

Ва гуфтаанд, ки:

*Марди хирадманди ҳунарпешаро,*
*Умр ду боист дар ин рӯзгор.*
*То ба яке таҷриба омӯхтӣ,*
*Бо дигарӣ таҷриба бурдӣ ба кор.*

Саодатманде, ки ба тамоддии муддату тӯли маишат аз гарму сард ва неку бади рӯзгор дидаву чашида ва бар ҳасби имтиёзу идрок интизори вафо аз гардиши гардуни бӯқаламун, ки ба андак ҳаракат аз ҳоле ба ҳоле мунқалиб мегардад ва шоҳро аз гадо имтиёз наметавонад кард, ба ҷуз аз ибрат аз зоиҷҳои (зиҷҳои) **/75б/** ин тақвим манзури назари некӯасари ӯ нашуд ва написандид ва ба фиреби тӯли амал мубталову дучор нагашт, чунонки гуфтаанд:

*Ҷаҳон назди доно наарзад ба ҷав,*
*Бар ин боми кӯчак чу тифлон мадав.*
*Чу лозим бувад хуфтан андар магок,*
*Чи бар тахт мурдан, чи бар рӯи хок.*
*Дар он дам, ки ояд аҷал пешво,*
*Напурсад, ки шоҳ аст ин ё гадо.*
*Чу имрӯзу фардо равӣ з-ин ҷаҳон,*
*Сабукбор рафтан ғанимат бидон.*
*Ба ғамхории хонаи тангу тор,*
*Чароғи амал гар тавонӣ биёр.*
*Аҷал он замон чун забунат кунад,*

*Аз ин қасру айвон бурунат кунад.*
*Амал гар бувад зоди раҳ нест бок,*
*Вагарна бимурдиву гаштӣ ҳалок.*

Ва баъд аз итминони хотиру ҳусули дараҷоти комронӣ ва сариштадории мулк, мири муаззамиилайҳи, яъне мир Муҳаммадшоҳ арбоб Муҳаммадамини Чоҳобиро, ки дар он мавзеъ гандагиҳои бисёр аз вай сар зада ва дар ҳаққи мири мазкур расонида буд ва мувофиқи бардошти замону зиқии (тангии) **/76а/** вақт дар олами таҳаммул бардошту сабр намуда ва ба ваҷҳи сиёсат қатли ӯро дар чорсӯи наззорагиёни халқ ба ибрати хавоссу авом лозими вақт дида, зангори хотирро, ки мӯриёнаи дилнишин гашта буд, ба сайқали ҷафову интиқом зудуда шуд.

Ва Хайруллобеки утрончӣ, ки вазири оқсақол Баҳодури қорлиқ буд, бо ҳамроҳии чанд нафар аз ҳаводорони якдил ҳасади худҳо бар он овард, ки рахна дар ин давлат андозанд. Онҳо низ ба оташбозии беҳуда худро худ ба худӣ сӯхтанд.

Ва баъд аз он ки ин сиёсатро кофӣ дониста, иғмозу чашмпӯширо ба ҷароими кӯтоҳандеш дар пеш гирифта, агар аз касе ҳаракате беҷо дида ва ё аз касе чизе шунида, онро манзури назар надошт ва батамомӣ ҳиммати волонаҳматро ба меҳрубонӣ гумошт, чунончи борҳо осори тамарруду туғён аз Шоҳвазирбеки Қачӣ ва амсоли **/76б/** ӯ муоина намуда дар меҳрубонии онҳо кӯшид.

Ва ҳам дар ин овон дар оғози субҳи давлат ва бадви иқбол султон Ҷалолиддин ибни Шоҳ Ванҷӣ ҳокими мулки Шуғнон бо падари худ мухолифат намуда, ба хидмати мири Бадахшон омад. Дар ин мавруд ҷаноби мир Муҳаммадшоҳ фарзанди дилбанди ааззу аршаду хотирписанд амирзодаи ҷавонбахту комёби худро, ки мир Султоншоҳ мулаққаб ба Мирзои Калон аст, Султоншоҳро бо фавҷи бисёру ҷавонони коргузор ба ҷиҳати мусаххар кардани мулки Шуғнон маъмуру пешрав фармуда.

Ва мирзодаи мумиилайҳи ҳангоме, ки ворид ба сари кӯли Шева гардид, пешравони фавҷи худро рухсати дастбурдӣ дода ва аласбабоҳ худ ҳам ба тамоми хайлу хадаму ҳашам юруш фармуда, миқдори ҳафтод (70) тӯпхона[261], ки дар тангнои роҳ буд, ба як тохту тоз аз онҳо гузашта дар мавзеи Гулбоғ[262] рӯ ба рӯи қалъа фурӯд **/77а/** омаданд ва фавҷи мулки Шуғнон маа ҳокими он диёр, яъне Шоҳ Ванҷихон дар қалъа маҳсуру қабал шуданд.

Ва ба шунудани ин хабари зафарасар мир Муҳаммадшоҳ ҳам шабошаб илғор фармуда расид. Ва Шоҳ Ванҷихон ҳам ба миёнаҷӣ ва воситаи баъзе аз аркони ин давлат, ки замони (кафолати) Шоҳ Ванҷихонро ба худ гирифтанд, ба мулозимати мир расид ва мирро ба даруни қалъаи Барпанҷаи[263] дору-л-ҳукумаи Шуғнон бурда он чӣ ки бисоту сарвату хазоин, ки ба қадри мақдур дахли вилоят буд, ҳамаро ба хидмати мир Муҳаммадшоҳ намуданд.

*Зи анвои махмал бурун аз шумор,*
*Муталло матоъ аз ҳазорон ҳазор.*
*Наботе зи ҳар ҷинс анбордон,*
*Матои хитоӣ ба қимат гарон.*
*Хитоию таҳвору мӯлӯни зар,*
*Ҳам аз хомпӯ, ин дигар, он дигар.*
*Аз ин парча он парча ранги дигар,*
*Гар ин нуқра будаст, он буд зар.*
**/77б/** *Сафеду сияҳ, зарду сурху кабуд,*
*Дигар он ки аз зар ҳама тору пуд.*
*Зи Эронзамин ё зи Руму Фаранг,*
*Ҳам аз шоли кашмирии хубранг.*
*Ҳам аз мушку аз заъфарон ганҷдон,*
*Зуруфи гаронмояи меҳтарон.*
*Самури сияҳ, пӯстинҳои нарм,*
*Латиф аз бирешим, гаронқадру гарм.*
*Зи ҳар навъ аҷносу нақди ҷаҳон,*
*Ки бошад сазовори ганҷи меҳон.*
*Фузун аз адад, бештар аз шумор,*
*Қанотири симу зари бегубор.*
*Зирреҳҳои довудиву говсар,*
*Сабуквазну афзун ба қимат зи зар.*
*Ҷавоҳир зи ҳар ҷинс пур дурҷ-дурҷ,*
*Чу шаб дар фалак пур зи сайёра бурҷ.*
*Мулукона зевар мурассаъ нигин,*
*Тавила сутурони зарриназин.*
*Хачир то шутур бо сақарлоту ҷул,*
*Ҳамон нойу сурною таблу дуҳул.*
*Аз он дегҳои чу деги ҳамом,*
*Баковул ба сомони он субҳу шом.*
*Табақҳои чиниву хонҳои тос,*
*Зи ҳар чиз к-он н-ояд андар қиёс.*
*Ба ҳадя ҳама гашта муҷрои мир,*
*Кунун мир шуд мири равшанзамир.*
**/78а/** *Якеро ба кон нуқраи сими хом,*
*Хито то Хутан нуқраи тар тамом.*
*Тақозои савлат бар он кор баст,*
*Ки то ройгон давлат ояд ба даст.*
*Яке ганҷ бинҳоду бас ранҷ бурд,*
*Дигар омад он ганҷро пок хӯрд.*
*Яке менишонад ниҳоли умед,*
*Умед он дигар ёфту ин ноумед.*
*Дар ин ҷо касеро бувад дастбурд,*
*Ки ҳар чиз к-овард дар даст хӯрд.*
*Дар ин корзори таманнохарош,*
*Шаберо ба умеди фардо мабош.*

*Ба шаб баҳри фардо машав зулласоз,*
*Зи шаб то ба рӯз аст роҳи дароз.*
*Мабодо дар ин роҳи хавфу хатар,*
*Шавад ранҷи ту муфт ганҷи дигар.*
*Биё[р] соқиё май, ки дам ин дам аст,*
*Нафас дар тани мард ноҳамдам аст.*
*Маям деҳ ҳалол, он чи дорӣ ҳазар,*
*Ки ман дарди фардо надорам ба сар.*
*Надонам чи субҳ аз фалак мерасад,*
*Мули нимрас аз намак мерасад.*
*Аз он кард хӯ табъи Мирзо*[264] *ба мул,*
*Ки кам нақд беҳ аз басе нася пул.*
*Казо қола аҳлу-л-араб фи-р-русум,*
*Ки ан-нақду фӣ илкум беҳ аз аббу ум.*
(Чунин гуфтаанд арабҳо дар боби одоту русум,
Ки накд барои шумо аз падару модар беҳ аст).

**/78б/** Аз он ҷо ки найл ба мадориҷи давлат ало ҳасби вусъати аҳли дувал аст, чунон ки ҳукамо фармудаанд:

*Гурбаи мискин агар пар доштӣ,*
*Тухми гунҷишк аз ҷаҳон бардоштӣ.*
*Ин ду шохи гов агар хар доштӣ,*
*Ҳеҷ касро пеши худ нагзоштӣ*[265].

Ҷаноби мир Муҳаммадшоҳ бо вуҷуди он ки маҷмӯи аҳли Шуғнонро ба худ асиру дастгир дид, бинобар тараҳҳуму меҳрубонӣ ҷамъи қалиле, ки аз барада (бардаҳо) ба ишораи Шаҳ Ванҷихон ба худ гирифт ва дасти татовул аз юрту улус кӯтоҳ намуда, дар харобии мулки Шуғнон кӯшиш накард. Ва ҳамаро аз сари ҷонбахшӣ ва озод фармуд ва аз он ганҷи беранҷ дархӯру мартабаву виқори ҳар кас инъомеву икроме муайян карда, ба давлати тамому савлату камол мароҷиат намуд. Аммо ҳар нафаре, ки ба саркардагиву хидмату оқсақолӣ муносиб буд, онҳоро ба оқсақолӣ ва саркардагии **/79а/** юрту улуси худҳо муқаррар фармуд.

Ва аз он ҷумла ҳурмату муборизатдастгоҳ оқсақол Қулмуҳаммадбек ибни оқсақол Давруқбек, ки аз ҷумлаи аҷиллои вукалои амир буд ва ҳамсангу посанги тарозуи мирзо Сиддиқ буд, ӯро ба ҷои мансаби мирзо Сиддиқ насб карда, ба хитобу алқоби муғулбегӣ[266] ва оқсақоли оқсақолон мумтозаш гардонид. Зеро ки ӯ марди хушхӯйу камгӯй ва дилҷӯй буд ва аз аввал то ба охир ҷуз марзиёти мир мухолифат нахостааст ва нахост, рӯз ба рӯз кори ӯ дар тараққиву тазоюд буд.

Дуюм - мирзо Шукурбек, ки атоӯғлии[267] қавми туркия аст, аз қадиму-л-хидматони мир буд дар ғояти обрӯмандӣ ва доим ба изҳороти ҳақгӯиву манфиатрасонии халқуллоҳ буд ва ангуштнамои вилоят буд ва ба анвои иноёти мир ва ғано сарафроз буд ва дар санаи 1223 /1808 **/79б/**

як ҳазору ду саду бисту се, ки ба охир мерасад, вафот ёфт ва писари ӯро ба ҷои падараш насб намуд.

Ва дар соли чаҳорум 1211/1796 баъд аз фатҳи Роғ, ки анқариб ба нигориш хоҳад расид, ба омади ин бекораи ҳеҷкора[268] аз вилояти Афғонистон - Боҷур[269] ба Бадахшон маъдуди чиҳил адад корду шамшери зарринғилоф, ки бар ҳасби ихтиёри мир аз хазина дурустӣ намуда шуд, ба ҳар кадом аз саркардагони мӯътамад муқаррар гашт. Чунончи Қулмуҳаммадбек, ки дар мартаба фоиқ аст. Дуюм - мирзо Шукурбек. Саввум - Исмоилбек, ки бародари Қулмуҳаммадбек аст. Чаҳорум - оқсақол Қурбонҷони қорлиқ, мирзое, ки вазир ва мири бузург аст. Панҷум - бародарзодаи Муҳаммадюнуси ясовул, ки дар мартабаи қурбу ҳурматдории мир аз ҳама пешқадам аст. Шашум - оқсақол Айёмбек, ки аз қавми Яфтал, ки соҳиби аламу ҳашам аст **/80а/** ва оқсақолбошии ҷамоайи тоҷикия аст. Ҳафтум - махдуми Мирзо Исматуллоҳ валади эшони қозӣ Миробид, ки ба авсофи ӯ пардохтан калом ба тӯл меанҷомад, Арғунчхоҳ ба ӯ муфаввaз аст. Ҳаштум - девонбегӣ Одинамуҳаммад, ки дар олами иззату обрӯмандӣ қариб ба мартабаи мирон аст ва худ соҳиби инъому эҳсон дар давлати мир, балки [соҳиб]ихтиёр буд ва мадрасае, ки қарибi ҳаволуи (ҳавлии) мир аст, бинокардаи мумиилайҳи аст. Ва ушри ғаллаи мардуми шаҳр бинобар меҳрубонии мир вақфи ҳамин мадраса намуда шуд ва дар ин боб санаде ба мӯҳри мир ва амирзодагон ба дастхати сиқаи олиҷаноб ашрафу-л-уламо охунди домулло Масҷадӣ аз қавми волаки Яфтали Поён нигориш ёфта. Нуҳум - Ғурбати девонбегӣ, ки надиму рафиқи мир аст. Даҳум - арбоб Муҳаммад Назарбек ибни оқсақол Қаландарбек аз Яфтали Боло, писари оқсақол Раҳмондод. **/80б/** Ёздаҳум - арбоб Гадомуҳаммад бародари оқсақол Қаландарбек. Дувоздаҳум - Рашидбеки утрончӣ бародари Хайруллоҳбек. Сездаҳум - Рустамбек писари Қаландарбеки калтатоӣ. Чаҳордаҳум - Офтибек. Понздаҳум - Назармуҳаммади ясовул писари Шоҳ Қосимбек. Шонздаҳум - оқсақол Абдулваҳҳоби шаҳрибузургӣ. Ҳафтдаҳум - махдум Мирзовафои котакӣ. Ҳаждаҳум - махдум Муҳаммадсолеҳи симурғӣ валади домулло Ниёзмуҳаммад аз Чоҳоб, арбоб Давлат ва Давлатбек валади Арбоб Ғозибек; мулло Абдулҳамид валади мулло Мирзоназар аз Самтӣ[270]; Танибек аз Янгиқалъа[271]; Эшмуҳаммадбек аз Хлиён; эшони қозӣ Мансур аз Рустоқ; Худойбердибеки парвоначӣ ва ҷаноби Мирзомансур ва Хоҷамқули парвоначӣ; Ниёзмуҳаммад Баҳодур ҳокими Дариюн ва бародарзодаи Ашӯрмуҳаммади ясовул ва Давлатмуҳаммади ясовули қорлиқ; Гургалӣ ясовул ҳокими Юмгон; хоҷа Аъробӣ ҳокими Зардев.

**/81а/** Аз мирони бародарони комгор - мир Абдуссамадхон, мир Шоҳвалихон, мир Муҳаммадризобек, Мирподшоҳ ибни Шоҳ Абдулқодир аз авлоди шоҳраисӣ аз шоҳони мулки Чатрор.

Алалқиёси ҳозо маъракаро ба зарру зевар ороста, худи мир иддаои он намуд, ки музофоти тобеаи Бадахшонро тавъану курҳан дар қабзаи иқтидору тасарруф оварад.

### Воқеаи Роғ бо Шоҳ Абулфайзхон ибни Шоҳшуҷои марҳум

Лиҳозо Шоҳ Абулфайзхони роғӣ ибни Шоҳшуҷоъ, ки бинобар тафриқаи рӯзгор ба урузи умарои Бадахшон ҳар ки ба иддаои худ ба малози ҳавосири ҳасин (паноҳи ҳисорҳои мустаҳкам) ва қилоъ чароғи нахват аз димоғи ҳушунат барафрӯхта, русуми истикбор дар пеш гирифта, ҷоддапаймои истиғнову ибо буданд.

Ва Шоҳ Абулфайзхон ҳам ба истеҳкоми худ мағрур гашта сари такаббур ба остонаи алияи мир Муҳаммадшоҳ аз рӯи инқиёду таслим **/81б/** фароҳам намеовард ва ба таҳдиду иршоди элчиёни мир Муҳаммадшоҳ гӯш намениҳод ва аз панди ҳеҷ кас баҳра намешуд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба тарафи мир майлон намедошт ва бо он ки ҷиҳатмандии собиқа ба ин хонадон дошт, аз сулуки ҷоддаи офият истинкоф намуд. Бинобар ин ғайрати мир дар садади танбеҳу таъдиби ӯ ба лузум кашид, ки ба як садамаи зарб дуд аз димоғи ӯ барорад, ки дигаронро низ кифоя намояд.

Ва баъд аз тадоруки қӯшӯни зафармашҳун озими қалъаи Ёвон гардида, худ дар мавзеи Марч нузул намуд. Лашкари мир гурӯҳ – гурӯҳ аз баландиву гарива сар карда омаданд.

Ва Шоҳ Абулфайзхон дар истеҳкоми қалъа ва шерозии (атрофи) ӯ ба ҳасби мақдури худ ҷидду ҷаҳди тамом намуда. Ва мардуми Роғ ба ҷиҳати номуси шоҳи худҳо ва нанги мулки худҳо комилу тамом фароҳам омада дар банди **/82а/** он буданд, ки фардо ба соиқаҳои тирборон наҳангони дарёи вағоро ба қатароти амтори борони арақи хиҷолати худ аз худ дафъ созанд.

Ва он рӯз сипоҳи Бадахшон то ба шаб орамида ва баъзе машғули ною найу базму тараб шабро ба рӯз оварданд. Ва алассабоҳ таблу нақораи ҷангро ба наво андохта машғули ҳарбу зарб карданд, чунонки шоир мефармояд. Назм:

*Саҳаргаҳ ҷавонон ба фармони мир,*
*Зи қурбон камон хост ва аз хун тир.*
*Яке найза дар дасту дигар туфанг,*
*Яке наъра мезад, дигар табли ҷанг.*
*Ҳаме як зи шамшеру дигар зи шоф,*
*Ба ҳангомаи ҷанг мекард лоф.*
*Зиреҳпӯш мардони ҷангозмой,*
*Ба майдони мардӣ фишурданд пой.*
*Зи карнову сурно баромад фиғон,*
*Фиғоне, ки мерафт бар осмон.*
*Биҷунбид лашкар баякборагӣ,*
*Сипаҳ тунду ҳӯ тезу тарборагӣ.*
**/82б/** *Дар атрофи он қалъа гирд омаданд,*
*Ба ҳам рӯ ба рӯ, сар ба сар дарзаданд.*
*Зи мардӣ, ки бо ҳам баробар шуданд,*
*Шикастанд девору андар шуданд.*
*Ҷавонони ҷондеҳ ба иқболи мир,*

*Накарданд он рӯз парвои тир.*
*Басе номӣ аз мардуми ҷонсупор,*
*Бимурданд мардону дар мурдазор.*
*Кунад оқибат марди номусдор,*
*Сари хеш дар пои мавло нисор.*
*Бар ин аст расми ҷавонпарварӣ,*
*Ки дар хидмати хоҷа сар биспарӣ.*
*Ба таърихи «роғӣ»*[272]*Абулфайзхон,*
*Зи Ёвон «шуд овораи хонумон».*
*Зи сармояи обу хок ин диёр,*
*Гулу мева дорад ба даст чанор.*
*Тиҳӣ гашт аз халқ он марзу бум,*
*Набинӣ магар чугд ё буми шум.*

Охируламр дар ин муҳорибаи ҷонсӯз, ки дар таърихи санаи 1211 ҳиҷрӣ (1796. Бояд гуфт, ки Сурхафсар ё хонандае ба 1211 ислоҳ даровардa, онро 1259/1843 навиштааст) воқеъ шуда буд, Абулфайзхон тобу тоқат накарда, ночор сари фирор дар пеш ниҳода, ба тарафи мулки Дарвоз гурехт ва ба маснади ғурбату заҳмат афтода, дар яке аз мавзеоти **/83а/** мулки Дарвоз, ки Кӯф ва Хоҳон[273] мегӯянд, раҳли иқомати мусофират андохт.

Ва мири Бадахшон қалъаву мулки Роғро тамоман забт намуда, музаффарона ба қалъаи шаҳри Файзобод баргашт ва муддати ҳукумати мир Муҳаммадшоҳ сӣ сол буд. Ибтидои ҷулуси мири мазкур аз санаи 1207 (1791) то санаи 1237 ҳиҷрӣ (1821) буда ва баъдаҳу сӣ соли дигар худро узлатгузин намуда ва писарони худро ба ҳар мулку қалъаҳои Бадахшон номзаду таъйин намуд. Ва аз ҷумлаи писарони худ якеро номзади Файзобод намуд, ки марқуми килки баён хоҳад шуд (ва дар санаи 1267/1850 фавтида шуд).

Ва муҷмалан тафсилот ба тарзи дигар дар ҳаққи мир Муҳаммадшоҳи мазкур баён кунем, ки ҳангоме ки Доробек[274] ном аз ҷамоаи буркаву таймат, ки ӯзбакияи мулки Қатағон буд, чунин мушорикат ба ҳукумати Қубодхони фавқу-з-зикр намуда, Доробеки мазкур бо элу улуси худ машварат намуда иғтишош **/83б/** барпо кард, ки: «То ба кай Қубодхони қатағон дар ҳаққи моён ҷабру зулму тохту тозу бедодӣ мекунад? Ҳоло бояд, ки ҳама якдилу якҷиҳат шуда, ҳуҷум бикунем ва Қубодхонро аз миён бардорем».

Ва бар ин қарор Доробек элу улуси худро ҷамъ сохта ба болои Қубодхон омада муҳориба намуданд ва Қубодхонро дар қалъаи Қундуз муҳосира намуданд ва Қубодхон дар қалъа ба танг омад дар камоли тангӣ. Қубодхон хост, ки шабона аз қалъа берун шуда фирор намояд. Баногоҳ шаб андар торикӣ аз қалъа худро раҳо карда, ба якбора ба хандақ меафтад ва аз зарбати афтодан пойи Қубод маҷрӯҳ шуда, ҳамчунон дар зерии хандақ мадҳушона муаттал (беҳаракат) мемонад.

Алассабоҳ навкарони **/84а/** Доробек Қубодхонро маҷрӯҳан аз хандақ ёфта ба ҳузури Доробек меоваранд. Ва Доробек фармон медиҳад,

ки: «Қубодхонро ба писари Султоншоҳи мулаққаб «Аждаҳор», ки мир Муҳаммадшоҳ аст, бидиҳед, то ки ба қасоси хуни падари худ бикушад». Ва мир Муҳаммадшоҳ валади Султони «Аждаҳор» дар он ҳангом ба дасти Қубодхон маҳбус буд ва мир Муҳаммадшоҳро аз банд халос карда оварданд ва Қубодхонро ба мир Муҳаммадшоҳ супурданд ва мир Муҳаммадшоҳ Қубодхонро ба қасоси падари худ ба қатл расонид ва бикушт.

Ва Доробек муддати се моҳ мир Муҳаммадшоҳро тарбият намуда, пас бо мададу кӯмакрасонии худ мир Муҳаммадшоҳро ба ҳукумати Файзобод расонид.

Мир Муҳаммадшоҳро се писарон буданд ва ҳар се бародарон аз батни **/84б/** як модар мутаваллид буданд. Аввал Султоншоҳи мазкур, ки мир Муҳаммадшоҳ ӯро амири лашкар намуда ба болои Шуғнон ба муҳорибаву муҳосираи мири Шуғнон ба роҳи кӯли Шева гумошт, то ки қалъаи Шуғнонро забт намояд. Дар ҳақиқат омада забт намуд, ки зикраш гузашт. Дуюм Мири Калон ва сеюм Сулаймоншоҳ[275] буданд, ки вақоеи ҳар кадом ба тафсил хоҳад расид.

Ва мир Муҳаммадшоҳи мазкур дар айёми ҳукуматаш муддати се сол аз ҳукумат афтода, ба қалъаи Эли Бойиста[276], ки дар лаби оби Омӯя рӯй ба рӯи мавзеи Баҳорак[277], ки аз маҳкумоти мулки Кӯлоб, ки тобеи амири Бухорост, фирор намуда сукунатгузин буд.

Ва сабаби фирор кардани Муҳаммадшоҳ чунон буд, ки Шоҳ Ванҷихон – ҳокими Шуғнони морра-з-зикр (ёдшуда) афвоҷи шуғнияро ҷамъ намуда, оқсақол Баҳодури муфсиди мазкурро, ки аз ҷамоаи қорлиғи Қатаған буд, амири лашкар намуда, **/85а/** ба тарафи Файзобод ба роҳи мулки Ғорон[278] ва мавзеи Сарғелону Зардеву Шакошиму[279] Вардуҷ[280] равон намуда, то қалъаи Баҳораки[281] боло аз Файзобод забту мусаххар карда ва худи Шоҳ Ванҷихон пас гашта ба Шуғнон омад.

Ва аз қалъаи Баҳорак фавҷи Шуғнон ба раёсатии оқсақол Баҳодури қорлиғ Файзободро бо соири қалъаҷоташ забт намуд, магар тобеоти Ҷурм ба ҳайзи забту тасхири ӯ наёмад ва натавонист, ки тобеъ бинамояд, ба ҷиҳати он ки дар қалъаи Ҷурм ба ҳукумати он ҷо Баҳодуршоҳ валади шоҳ Сулаймонбек, ки аслан аз ҷамоаҳои меҳтарони Чатрор буд, ҳоким буд[282].

Ва дар соли саввум се нафар аз мардумони Мунҷон, ки бародарзани оқсақол Баҳодури қорлиқ буданд, аз камоли бадсулукии ақсақоли мазкур байни худ маслиҳат намуда, домоди худҳоро ба туфанг зада куштан[д] **/85б/** ва баъд аз итмоми қатли мушоруилайҳи мардумони аъёну ашрофи Бадахшон билиттифоқ бархоста, мир Муҳаммадшоҳро аз қалъаи Эли Бойиста оварда, ба ҳукумати Бадахшон батакрор насб карданд.

Ва сабаби пас гашта рафтани Шоҳ Ванҷӣ аз қалъаи Баҳорак он буд, ки ба самъи Шоҳ Ванҷихон хабар расид, ки шоҳи Дарвоз – Шаҳ Туркхон ном аз Қалъаи Хум бо фавҷи мулки Дарвоз омада, ихтиёри он дорад, ки вилояти Шуғнонро забт намояд. Лиҳозо аз Баҳорак баргашта ба Шуғнон омада қарор истод.

Он ҳангоме, ки мир Муҳаммадшоҳи Бадахшӣ аз қалъаи Эли Бойиста омада ба қалъаи Файзобод мутамаккин шуд ва тамоми қалъаҷотро ба тобеияти худ овард, пас мулки Бадахшонро се тақсим намуд.

**/86а/** Қисми аввал: Рустоқ[283], тобеон: Чоҳоб, Янгиқалъаи Қарлиғ[284], Даунг[285], Оби Осиёбҳо[286] ва Кӯли Деварӣ[287], Эли Кошон. Ин мавозеотро ба зери ҳукумати Мири Калон супурд.

Ва қисми дуюм: Файзобод, Яфтали Боло, Дарайим[288], Тешкон[289], Кишм, Машҳад, Калавгон[290], Зардев, Баҳорак, Ҷурм, Вардуҷ, Зебок ва Шакошим, Вахон, Шуғнон - ин мавозеотро дар зери ҳукумати Мирзои Калон - Султоншоҳ супурда, муқарраpаш фармуд.

Ва қисми саввум: Саройи Баҳор[291], Аргу ва Яфтали Поён ва Роғ ва Шаҳри Бузург[292] - ин ҷавонибро ба писари хурдаш - Сулаймоншоҳ супурда ва худии мир Муҳаммадшоҳ барӣ аз ҳукумат шуда, дар кунҷи хилватнишинӣ сӣ соли дигар умр ба сар бурда, шарбати марги табиӣ чашида бимурд мутобиқ аз санаи 1237 (1821) то санаи 1267 ҳиҷрӣ (1850). Ҳукумат намудан навбати мир Султоншоҳ омад, ки баёнаш хоҳад омад.

**/86б/** Ва дар ин айёми ҳукумати писарони мир Муҳаммадшоҳ, Шоҳ Ванҷихон – мири Шуғнон фавтида буд. Боз аз қарори собиқ ҳокимони Шуғнону Вахон ҳама ба итоату хироҷгузории мирони Бадахшон даромаданд ва азлу насби (ба мансаб таъйину озод кардан) онҳо дар баъзе маворид вобаста ба мирони Бадахшон буд. Ва ҳамвора мири соҳибу-л-ихтиёри мустақилу-л-ҳукума дар мамолики Бадахшон – Мирзои Калон, яъне Султоншоҳ валади аршади мир Муҳаммадшоҳ буд, ки баъд аз падари худ дар Бадахшон сӣ сол ҳукумат намуда бимурд ва ибтидои ҳукумати мир Султоншоҳ аз санаи 1237 (1821) то санаи 1267 ҳиҷрӣ (1850) воқеъ шуда.

Ва баъдаҳу писари мутаваффои мир Султоншоҳро – Ёрибекхон[293] ном буд, мумиилайҳи ба синни ҳаждаҳсолагӣ даромада, аз айёми ҷавонӣ баҳраёб гардида, аз санаи 1267/1850 ибтидо бар қалъаи Файзобод **/87а/** ба маснади мирӣ нишаст то муддати як сол.

Ва баъд аз он бо раъйу савобдиди мӯътабарони Бадахшон амӯи мир Ёрибекхон, ки ба қалъаи Рустоқ ҳукумат мекарду Мири Калон ном дошт, аз Рустоқ ба Файзобод омада ба ҳукумат нишаст.

Ва мир Ёрибекхон бародарзодаи худро ба қалъаи Баҳорак таъйин намуда, худи Мири Калон муддати чаҳор сол ҳукумат карда буд, ки ҳокими Қатағон – Муҳаммад Муродбек[294] ном ба Бадахшон омада, муҳорибаву муҷодила дар таърихи санаи 1272 ҳиҷрӣ (1855) намуда ва Мири Калон тобовар нашуда, ночор ба тарафи Шуғнон ба назди Қубодхон фирор карда омад. Ва ин Қубодхони ҳокими Шуғнон писари Султон Ҷалолиддин ибни Шоҳ Ванҷихон буд. Ва баъдаҳу ҳокими Қатағон – мир Муҳаммад Муродбек Бадахшонро **/87б/** забт намуда, ихтиёри забту рабти вилоятро ба ӯҳдаи мулло Гадоймуҳаммади Яфталӣ гузошта, худ ба тарафи Қатағон шитофт ва тамоми Бадахшонро то муддати панҷ сол (санаи 1272 то 1277 ҳиҷрӣ, 1855-1860 мелодӣ) мутасаррифу молик буд.

Ва дар ин асно аъёну ашрофи мулки Бадахшон аз итоати мири Қатағон - Муҳаммад Муродбек ба ҷон расида, изҳори туғён карда, мулло Гадоймуҳаммади Яфталиро ба иғтишош саргардон карда, ба Шуғнон ба ҳузури Мири Калон валади Муҳаммадшоҳ одам фиристонида, талабу дархост карданд, ки: «Зуд ба Бадахшон озим буда биёед, ки мулки Бадахшон боз дар тасарруф омад».

Ва Мири Калон аз Шуғнон ба кӯчаи[295] Ғорон омада, ба кӯтали Ёғурда[296] убур карда ба кӯчаи Зардеву Сарғелону[297] **/88а/** Баҳорак ба Файзобод расида ва мулки Бадахшонро аз чангу тасарруфи мири Қатағон халосӣ бахшида, тасарруф намуд. Аз санаи 1277 то санаи 1283 ҳиҷрӣ (1860-1866), яъне ба зарфи шаш сол Мири Калон ҳукумат намуда бимурд.

Ва баъд аз фавти Мири Калон Сулаймоншоҳ – бародари хурди мутаваффои мазкур, ки собиқан зикри ӯ дар қалъаи Саройи Баҳор омада буд, мир Сулаймоншоҳ валади мир Муҳаммадшоҳ аз қалъаи Саройи Баҳор омада, қалъаи Файзобод ва соири қилоъро молик гардида, муддати ду сол ҳукумат намуд аз санаи 1283 ило (то) санаи 1285 ҳиҷрӣ (1868), ки такрор мири Қатағон - мир Муҳаммад Муродбек омада, Бадахшонро забт намуда, мир Сулаймоншоҳро бо тамомии авлоду асҳобу бародарзодагонаш дастгир карда, ба қалъаи Қундуз бурда маҳбус карда, Бадахшонро толону **/88б/** тороҷ карда, то муддати понздаҳ сол тасарруфи куллӣ намуд - аз ибтидои санаи 1285 то санаи 1300 ҳиҷрӣ (1882) тамоми Бадахшон ва Бадахшонотро.

Ва дар ин айёми истилои Қатағон Кӯконбек ном марде аз гумоштагони мир Муҳаммад Муродбеки қатағон буд, ки Кӯкони мазкур аз ҷамоайи ӯзбакияи қарлиқ валади оқсақол Баҳодури мазкуру-з-зикр буд, мумиилайҳи Кӯконбек панҷ сол ҳокимӣ намуд. Ва дар асной ҳокимии Кӯконбек Ҷаҳонхон - ҳокими қалъаҷоти мулки Вахон ба Кӯконбек расми боҷу хироҷ ва итоату ошноӣ пеша накард. Бинобар ин Кӯконбек Баҳодурхон ном бародари худро ба ҷиҳати элчигарӣ ба Вахон ба назди Ҷаҳонхон фиристод. Ва Ҷаҳонхонро аз гуфтори Кӯконбек ва аз ақволи (суханони) ваҳшиёнаи Баҳодурхон - бародари Кӯконбек дар қаҳр омада, бародари Кӯконбек валади Баҳодур оқсақолро кушт.

**/89а/** Ва Кӯконбек аз шунидани ин воқеа малӯл шуда, бо фавҷи Бадахшон рӯй ба тарафи Вахон намуда, барои гӯшмол додану забт кардани ҳокими Вахон ва Ҷаҳонхон равона шуд.

Ва пас аз вуруди Кӯконбек Ҷаҳонхон тобу тоқати муҳориба накарда, рӯ ба тарафи Чатрор ниҳода ба кӯтали Доркут[298] гузашта фирор намуд. Ва мир Ҷаҳонхон бо аҳлу аёл ва аъёну ашрофи худ худро ба ҳузури меҳтар[299] Гавҳарамон расонид. Ва Кӯконбек низ бо фавҷи Бадахшон Ҷаҳонхонро таъқиб карда-карда аз ақбаи (кӯтали) Доркут гузашта, дохили Чатрори Боло шуд. Ва он ҳангом мири Чатрор – меҳтар Гавҳарамон аз рӯи муросову мувососозӣ Кӯконбекро истиқбол намуда **/89б/** ба тарзи итоат рафтор намуд.

Ва пас аз ифшои муомилаи Гавҳарамон - мири Вахон Ҷаҳонхон аз Чатрори Боло фирор намуда ба тарафи Чатрори Поён рафт. Дар ҳузури

меҳтар Шоҳ Кутур расида, воқеаи ҳолот ва савонеҳи аҳволоту воқеоти мудҳишаи худро баён намуд.

Ва аз Чатрори Боло Кӯконбеки қорлиғ барои забту дастгир кардани Ҷаҳонхони вахӣ ва Чатрори Поён озим шуда ва чӣ миқдор илова бар фавҷи худ аз навкарони меҳтар Гавҳарамон гирифта роҳӣ шуд.

Ва аз ин ҷуръату ғайрати Кӯконбек мири Чатрори Поён – меҳтар Шоҳ Кутур хабардор шуда, афвоҷи маълумаи муқарраpаи худро маъмур сохт, то ки садди роҳи Кӯконбекро гирифта корсозӣ намоянд. Ва дар миёнаи Чатрори Боло ва **/90а/** Чатрори Поён ҷое буд, ки як тараф дарё ва тарафи дигар кӯҳи баланд. Роҳе дошт, ки мурури мардумон аз ҷои саъбу-л-мурур (душворгузар) ба ниҳояти сахтиву душворӣ буд ва ҳар киро дар ҳини гузаштан бими сақт шудану афтодан ба дарё буд. Ва ин ҷой филҷумла ба дасткории устодон ва мардикор имконпазир ба гузаштани савору пиёдагон ба ночорӣ кифоят мекард.

Ва меҳтар Шоҳ Кутур фармон дод, ки ҳамон роҳи борик ва мавзеи саъбу-л-мурурро вайрон бикунанд, то ки ба тарафи қалъаи Чатрори Поён ба бадахшиён имкони омадан нашавад. Чатрориён мавзеи мазкурро вайрон карданд ва афвоҷи Бадахшон ва Чатрори Боло маа амири лашкар Кӯконбек валади оқсақол Баҳодури қорлиғ омада, дар ин ҷо маътал шуда, имкони **/90б/** убуру мурур нашуд.

Баночор Кӯконбек тадоруки дуруст кардани роҳро намуда, чӯбу оҳану устоду мардикорон муҳайё сохта, дар таҳияву таъмири мавзеи мазкур саъю иҷтиҳод намуд. Ва устодону мардикорон машғули кор буданд ва худи Кӯконбек низ болои кор ҳаррӯза истода саъй мекард. Ва ҳаррӯза болои як санге менишаст, ки поёни санг бисёр ҷои бад буд, ки агар шахсе аз он ҷой фурӯ раҳо кунанд, фақат аз санг ба санг фурӯ кӯфта, устухонҳояш нарма-нарма шуда, охир ба дарё меафтод.

Ва як рӯз болои ин санг нишаста буд ва шахсе аз ясовулону хидматгорони меҳтар Гавҳарамон бо маслиҳати нуҳуфтаи меҳтари мазкур муроқиби ин кор мебуд ва вақту фурсат мешумурд, то ин ки Кӯконбекро ба итмом расонад.

**/91а/** Қазоро ясовули мазкур Кӯконбекро болои санги мазбур дар ҳолати бехабарӣ ёфта ва фурсатро ғанимат шумурда, баякбора Кӯконбекро аз болои санг ба тарафи дарё хато ва сақт карда, фурӯ раҳо мекунад. Ва Кӯконбекро гӯшту пӯсту устухон санг ба санг зада, лату кӯб хӯрда, нарма-нарма шуда, охируламр ба дарёи Чатрор афтода рафт ва бимурд.

Ва пас аз ин кор сипоҳи Бадахшон бе сару сардор монда ва чатрориёни Болову Поён ба сари бадахшиён аз ҳар тараф ҳуҷумовар гардида, афвоҷи Кӯконбек чи аспу чи аз асбобу улоғ ва анҷому амволу аҷнос билкулл асири панҷаи чатрориён шуданд. Ва мардуми Чатрор ҳамаи афвоҷро бараҳнаву пиёда карда, ба роҳи **/91б/** кӯтали Дуроҳ ва Хартеза[300] убур намуда, ба тарафи Бадахшон рафтани асиронро рухсаташон доданд. Ҳама равонаи вилояти худ гардида, роҳӣ шуданд. Айёми сармо наздик буд ва дар аснои роҳ чанде аз бадахшиён аз

шиддати сармо зери кӯталҳо талаф шуда, бақияи мондагон ба Бадахшон омаданд.

Ва ҳанӯз Бадахшонро Муҳаммад Муродбеки қатағон мутасарриф буд. Ва ҳокими Қундуз мир Муҳаммад Муродбекро амӯзодае буд, ки Маҳмудбек ном дошт. Ҳукумати вилояти Ҳазрати Имом Соҳиб ба ӯ муқаррар буд ва мушоруилайҳи дар ин асно эълони иғтишош намуда, балвои дохилӣ барпо кард. Ба ночор Муҳаммад Муродбек аз Қундуз ба дафъ кардани амӯзодаи худ ба Ҳазрати Имом омада, то муддати ҳафт моҳ ба ҳарбу зарб ва муроқибаву муҳосира мекӯшиданд. Ва мир Ёрибекхон валади Султоншоҳ ба ҳамроҳи **/92а/** Сулаймоншоҳ ба Тошқӯрғон[301] маҳбус буданд.

Ва авлоди Султоншоҳи сонӣ, ки лақаби ӯ «Мирзои Калон» ибни мир Муҳаммадшоҳ буд, номбурда Султоншоҳро се писар буд. Аввал Миршоҳ, ки исмаш аслан Замонуддин буд. Дуюм Насруллоҳхон, саввум Юсуфалихон буданд. Ин номбурдагон дар Толиқон дар ҳузури эшони Қосимхӯҷа назарбанд буданд.

Ва дар аснои гирудори ҳокими Қатағон – мир Муҳаммад Муродбек ба амӯзодаи худ  - Маҳмудбек ҳокими Ҳазрати Имом Соҳиб ва ин мир Муҳаммад Ёрибекхонро мири Қатағон изн дод, ки рафта Бадахшонро забт намояд ва худ мутасарриф бошад. Бинобар фармудаи ҳокими Қундуз Муҳаммад  Ёрибекхон омада ба қалъаи Файзобод мир шуд.

Матлаб, сурати воқеа чунон буда, ки Муҳаммад Ёрибекхон **/92б/** ба пеши Мирволӣ ҳокими Тошқӯрғон, ки Мирволӣ валади Ганҷалибек дар банд буд ва ҳамвора Муҳаммад Муродбек ба амӯзодаи худ Маҳмудбек задухӯрд мекард.

Дар ин айём писарони Мирзои Калон, яъне Султоншоҳи сонӣ, ки номи онҳо Миршоҳ (Замонуддин) ва Юсуфалихон ва Насруллоҳхон буданд, аз Толиқон гурехта ба тарафи Кӯлоб - ба Баҳорак рафтанд ва дар он ҷо дурустӣ ва тадоруки худро карда омада қалъаи Рустоқро бо музофоташ забт намуданд.

Ва волии Тошқӯрғон мир Муҳаммад Ёрибекхонро нуҳуфта озод намуд, ки: «Ҳоло амӯзодагонат баъзе қилои Бадахшонро омада молик шуданд ва туро низ сазовор аст, ки рафта забту сариштаи мулки **/93а/** Бадахшонро намо». Лиҳозо мир Ёрибекхон аз Тошқӯрғон баромада ба роҳи Ғӯрӣ ва Бағлону Кишм омада тасарруфу сариштаи мулк намуд.

Баъд аз он мир Муҳаммад Муродбек – ҳокими қалъаи Қундуз барои муҳориба ба Бадахшон омад ва маслиҳати ҷангидан нашуда, бо мир Ёрибекхон ба роҳи мусолиҳа пеш омада, муқаддима ба сулҳ анҷомид (дар асл: анҷоманд) ва ҳокими Қундуз пас гашта ба Қундуз рафт. Ва мир Ёрибекхон муддати панҷ сол ҳукмронӣ намуда, дар соли шашум фавтид.

Ва пас аз фавти Ёрибекхон Шоҳ Сулаймонбек - бародараш ҳокими Дарайим буд, омада мир шуда то ба зарфи якуним моҳ ҳукумат намуд. Чаро ки Аҳмадшоҳ ном валади Сулаймоншоҳ ибни мир Муҳаммадшоҳ дар қалъаи Аргу ҳоким буд, ӯ омада муҳорибаву муҷодилаи бисёре

намуда, мутасаррифи Файзобод гардид ва Шоҳ Сулаймонбекро боз ба қалъаи **/93б/** Дарайим мансуб кард.

Муддати тасарруфи Аҳмадшоҳ Бадахшонро ба зарфи се моҳ буд. Баъд аз он мир Шоҳ Сулаймонбеки мазкур бо писари амӯяш Миршоҳ (Замонуддин), ки ҳокими қалъаи Рустоқ буд, ҳар ду бо маслиҳати якдигар ба болои мир Аҳмадшоҳ омада, дар Файзобод ҷидолу қитол намуданд. Охируламр, қалъаи Файзободро гирифтанд ва Аҳмадшоҳро бадарға карданд.

Ва дар санаи 1260 ҳиҷрӣ (1844) Миршоҳ Замонуддин ба тамоми мулки Бадахшон ҳокими билистиқлол шуда, муддати айём бист сол буда, худи Миршоҳ ба аҷали табиӣ вафот ёфт.

Баъд аз фавти Миршоҳ писараш мир Ҷаҳондоршоҳ[302] ба ҳукумат дар Бадахшон мансуб гардида, то муддати панҷ сол ҳукумат кард. Вале дар айёми ҳукуматаш як маротиба бо фавҷи Бадахшон озими забти вилояти Қундуз (Тахористон) гардид. **/94а/** Он гоҳ ҳокими Қундуз Султон Муродхон буд. Муҳорибаи сахте дар миён афтода, тамоми вилояти Қундузро забт кард ва мир Ҷаҳондоршоҳ дар қалъаи Қундуз Алибердихон ном писарамӯи Султон Муродхонро ҳоким намуд. Ва дар Хонобод амӯи Султон Муродхонро ҳоким карда ва дар қалъаи Толиқон Муҳаммад Каримбекро ҳоким намуда, пас худ ба тарафи Файзободи Бадахшон шитофт. Ва Султон Муродхон саломат ба тарафи Ғӯрӣ гурехт ва он ҷо истиқомат менамуд.

Ва дар соли шашум аз ҳукумати мир Ҷаҳондоршоҳ, мир Султон Муродхон аз Ғӯрӣ барои истимдод ба назди Файзмуҳаммадхон валади Дӯстмуҳаммадхони афғон[303], ки дар Тахтапул[304] ҳоким буд, рафта истимдоду кӯмак хост. Пас Файзмуҳаммадхон ба **/94б/** Султон Муродхон фавҷи низомӣ дода ба болои Бадахшон фиристодаш.

Он ҳангоме, ки фавҷи мазкур омада Қатағонро ва Қундузияро[305] тамом забт карда болои Бадахшон расиданд ва бо ҳам мир Ҷаҳондоршоҳ муҳорибаву муқотила намуданд, мири мазкур тобу тоқати зарби сипоҳи низомиро наёварда, ночор баромада ба тарафи Чатрор фирор намуд дар таърихи санаи 1284 ҳиҷрӣ (1867-68). Дар он гоҳ дар мулки Чатрор меҳтар Амону-л-мулк хон буд. Султони Бадахшон - мир Ҷаҳондоршоҳ дар ҳузури меҳтари Чатрор мусофиратгузин то якчанд муддате шуд.

Аз қароре, ки Султон Муродхон набераи мирони Бадахшон буд, чун Мизробшоҳ валади Сулаймоншоҳ ва Маҳмудшоҳ ва Иброҳимхон валади амир Аҳмадшоҳи бадарғашуда ва мир Мирзо валади мир Маҳмуд ва мир Олимхон валади шоҳ Сулаймонбек нисбати **/95а/** холӯигарӣ ба Султон Муродхон медоштанд ва аз ҷиҳати қаробатӣ ва хешовандияшон мир Султон Мурод доим муину мададгори мазкурин буд.

Пас Султон Муродхон холӯяш Мизробшо валади Сулаймоншоҳро ба Бадахшон ба ҳукумат насб намуда, худи Султон Муродхон ба Қундуз рафта муқим шуд. Ва муддати ҳукумати Мизробшоҳ дар мулки Бадахшон якуним сол буд, ки Ҷаҳондоршоҳ валади Миршоҳ (Замонуддин) аз Чатрор ба Кобул рафта, аз амири Кобул – амир

Муҳаммадаъзамхон[306] валади амир Дӯстмуҳаммадхон[307] талаби ҳимояту мададгорӣ намуд.

Ва дар он асно амир Муҳаммадаъзамхон ба мир Ҷаҳондоршоҳ кӯмакрасониро кардан натавонист. Азбаски амир, муаззамиилайҳи ба иғтишошоти дохилӣ, ки мобайни ӯ ва мир Шералихон буд, **/95б/** задухӯрд доштанд ва мир Ҷаҳондоршоҳро кӯмак кардан бинобар бардошти тақозои вақт муяссар нашуд, пас Ҷаҳондоршоҳ ба ночор ба Балхи Бохтар[308], яъне ба Мазори Шариф омада, аз Мазори Шариф боз мутаваҷҷеҳи Бадахшон шуда, бо ҷамъи атрофиёни Бадахшон якҷиҳату якдил шуда, ҳуҷум оварданд. Мир Мизробшоҳ тоб наёварда ба тарафи мулки Кӯлоб фирор кард ва мир Ҷаҳондоршоҳ боз мутасаррифи Бадахшон гардид. Ва Мизробшоҳ дар Кӯлоб ба аҷали табиӣ вафот ёфт.

Ва як соли дигар Ҷаҳондоршоҳ дар Файзобод ҳукумат ронд ва анвои ҷабру зулмро пешниҳоди худ карда ва мардумони Бадахшон аз ҷабру зулми ӯ ба ҷон сер шуданд.

Пас мардумони Бадахшон иттифоқ намуда, амӯзодаи мир **/96а/** Мизробшоҳро, ки дар Кӯлоб буд ва Маҳмудшоҳ ном дошту фироран ғурбатгузин буд, мумиилайҳиро хостанд ва аз Кӯлоб Маҳмудшоҳ омада Бадахшонро мутасарриф шуд.

Ва мир Ҷаҳондоршоҳ шахсан ба Кӯлоб фирор кард ва аз он ҷо ба Бухоро рафт. Дар хидмати амир Музаффар[309] якчанд фурсат муқим буда, пас ба Самарқанд ба ҳузури мир Абдурраҳмонхон[310] рафта, муддати як ҳафта дар Самарқанд истиқомат намуда, боз ба тарафи Хӯқанд ба пеши хони Хӯқанд – Худоёрхон омад. Ва дар Хӯқанд чанде истиқомат намуда, боз аз Хӯқанд ҳаракат намуда, ба Шуғнон омад. Ба болои мир Маҳмудхон муҷодила намуд ва ин муҷодила коргар наафтода, боз баргашта ба Шуғнон омад, яҳтамил (эҳтимол) соли 1287/1870-71.

Ва мир Маҳмудшоҳ дар таърихи санаи 1291 ҳиҷрӣ (1874-75) болои Шуғнон **/96б/** омада ва дар он асно мир Юсуфалихони шуғнӣ ба Шуғнон ҳоким буд. Ҷаҳондоршоҳ аз біми мир Маҳмудшоҳ ба дараи маҳоли Шохдара[311] гурехта, ба сарҳади Вахон гузашта, боз ба Чатрор рафт ва муддати чаҳор сол дар ҳузури меҳтари Чатрор – меҳтар Амону-л-мулк монд.

Ва пас аз чаҳор сол боз ғайрат намуда, ба болои Бадахшон омада, ба қалъаи Баҳорак фуруд омад ва болотар аз қалъаи Файзобод мавзеест Уқобшин[312] ном, дар ин мавзеъ бинои ҷангидан кард.

Аммо дар ин айём дар таърихи санаи 1287 (1870-71) волии Қундузу Қатағану Бадахшон ноиб Аъламхон буд, тоқати ҷангидан наёварда, боз баночор ба роҳи Шева фироран ба Шуғнон омад. Ва мир Юсуфалихон – ҳокими Шуғнон мутааҳҳид ба аҳди **/97а/** мир Ҷаҳондоршоҳ нашуда, дар Шуғнон ба истиқомати Ҷаҳондоршоҳи мавсуф ризо нашуд. Ночор мири мазкур ба роҳи Ҷавшангоз[313] ба Помир баромада ба Фарғона рафт ва аз он ҷо боз ба Самарқанд ба ҳузури сардор Абдурраҳмонхон омада мусофир шуд.

Ва пас аз чанд муддате озими шаҳри Тошканд шуда, фармонфармои Туркистон Кофмонро (Кауфманро) дида, арзи ҳолоту

эъломи савониҳоти мудҳишаи худро ба тақдим расонида, ба вазифае аз тарафи дарбори импротурӣ муваззаф гардида. Пас, аз Тошканд мураххас шуда, боз ба Фарғона омада, болотар аз шаҳри Марғилон ба қарияи Учқӯрғон дар соҳили рӯдхонаи Исфиром[314] сукунатгузин гардид, то вақте ки писарони худаш аз падарашон изҳори норозигӣ намуда, писараш, ки Шердилхон ном буд, падари худро ба туфанг зада маҷрӯҳан мақтул сохт.

**/97б/** Сабаби норозигии писарони Ҷаҳондоршоҳ он буд, ки ҳамвора бо писарони худ дар камоли сахтгириву дуруштӣ ва туршрӯӣ муомилаву рафтор менамуд, ки ҳамаи тобеони ӯ чи аз навкарону ғуломон ва ҷориягон ҳама аз бадҳазмии ӯ ба ҷон расида безор шуда буданд. Биноан алайҳи, бо ман табаагонаш[315] (пайравонаш) билиттифоқ ба қатлаш ҳама иқдом намуданд. Тахминан қатли ӯ дар санаи 1295 ҳиҷрӣ (1878) буд.

**Воқеаи мир Маҳмудшоҳ ба тарзи дигар дар инҷо нақл карда мешавад**

Ҳоло боз руҷӯъ ба  масъалаи мир Маҳмудшоҳ бояд кунем, ки мир Маҳмудшоҳи фавқулбаён муддати панҷ сол ҳукмфармоӣ кард ва дар ибтидои соли шашум амир Шералихон[316] соҳиб фармоне ба сардор ноиб Аъламхон – волии Мазори Шариф дода, ки: «Бояд Бадахшон забт карда шавад».

Лиҳозо сардори мазкур ба қадри кифоят бо фавҷи низомӣ болои Бадахшон омада Бадахшон забт намуда, мир Маҳмудшоҳро **/98а/** дастгир намуда, ба Тошқӯрғон бурда маътал гузошт ва пас ҳукумати Бадахшонро бинобар фармудаи амир Шералихон, ноиб Аъламхон сардори мазкур ба қабзаи ҳукуматравоии мир Олимхон ибни шоҳ Сулаймонбек супурда, худи сардори мазкур пас ба Мазори Шариф рафт.

Ва мир Олимхон то ба як сол аз тарафи амир Шералихон дар Бадахшон волӣ буд ва баъд аз он худсарона ҳаракат намуда хост, ки эълони истиқлолият намояд ва хеле туғёни тоғиёна карда рафтор мекард, ки дар ин байн боз сардор Аламхон ба ҷиҳати забту танбеҳу гӯшмоли мир Олим ва бадахшиён омада, аз сар то пои Бадахшонро забт кард. Ва мир Олим пас аз он ба Шуғнон фирор карда ва чанде дар Шуғнон истиқомат карда, пас ба Дарвоз омад ва дар Қалъаи **/98б/** Хум ба ҳузури шоҳ Муҳаммад Сироҷиддинхон ибни Султон Маҳмудхон муқим шуда муддати як зимистон истиқомат намуда, пас ба шаҳри Бухоро ба назди амир Музаффархон – амири Бухоро рафта сокин гардид.

Ва баъди мир Олимхон то муддати панҷ сол хиттаи  Афғонистону Бадахшон дар тасарруфи амири равшанзамир Шералихон буд. Ва ҳангоме, ки инглисиён мутасаррифи шаҳру навоҳоти Кобул[317] шуданд, амир Шералихон ба Мазори Шариф истода. Пас, амир Шералихон ба аҷали табиии худ фавтид дар санаи 1296 ҳиҷрӣ (1878-79)[318].

Ва баъд аз ин воқеаи вафоти амир Шералихони марҳум, Абдулфайзхон ном як нафар шаҳзодаи дарвозӣ, ки аз авлоди Исмоилхон – шаҳи Дарвоз буд, дар вилояти Роғи Бадахшон фирораи сукунатгузин буд ва шаҳзодаи мазкур хеле марди босубот, моҳиру тайёру дар илми

сипоҳигарӣ **/99а/** чобуку чолок ва босаъю ғайрату ҳиммат буд, ба иттифоқи Султон ном валади Абдуллоҳхон, ки биннисбат аз мирону мирзодагони Роғ буд, якдилу якҷиҳат шуда бо ионати элу улус лашкар кашида ба болои Бадахшон, ки қалъаи Файзобод мақару-с-салтанати мулк аст, омада бо мардумони афғонӣ ҷангу ҷадал карданд ва халқи бисёре аз тарафайн талаф шуданд.

Ва дар ин асно Бобохон[319] валади Насруллоҳхон ибни Мирзои Калони мазкур ва Шоҳ Иброҳимхон валади Аҳмадшоҳ ибни Сулаймоншоҳ бародари Мирзои Калон буданд, мумиилайҳимо (ин ду нафари ёдшуда) дар Мазори Шариф ба дасти ҳуккоми афоғина бандӣ буданд, баъд аз фавти амир Шералихон аз банд халос шуда, дар ҳини муҳорибаву муҷодилаи Султони роғӣ ва Абдулфайзхон расиданд.

**/99б/** Мумиилайҳимо бо мушоруилайҳимо якдилу якҷиҳат шуда ин чаҳор нафар ба иттифоқи якдигар болои афғонон бо халқи бисёр аз ҳар ҷониб ҳуҷум карданд. Бо вуҷуди беназмӣ ва афғонон бо вуҷуди боназмӣ теъдодашон камтар буд, ба бенизомон, ки бисёр буданд, тоб наёварданд ва афғонҳо ба тарафи мулки Тахористон (Қундуз) равона шуданд.

Ва пас аз холӣ шудани Бадахшон ин чаҳор нафар мирзодагони фавқулбаён мулки Бадахшонро мутасарриф гардиданд, бад-ин наҳҷ, ки аҳолии Бадахшон дар Файзобод Бобохонро ба амиру-л-умарогӣ талқиб намуда (лақаб дода) мири кулл сохтанд ва соири номбурдагон ҳар як ба ҳар қалъае ба муносиби ҳолашон номзад шуда, ҷузъӣ ҳукумат намуданд, то муддати якуним сол хӯрду бурд карданд.

**/100а/** Ва баъди ин амр, Шаҳзода Ҳасан ном бародари мир Ҷаҳондоршоҳ, набераи Миршоҳ (Шоҳ Замонуддин) бо ҳамроҳии Муҳаммадумархон валади Юсуфалихон, ки бародари Миршоҳ буданд, аз вилояти Фарғоназамин омада, болои мири мирон – Бобохон, маснаднишини тамомаи мулки Бадахшон, балвову иғвову ҷидол намуда, мир Бобохонро дастгир кардаву баста ба пеши мир Юсуфалихон – ҳокими вилояти Шуғнон фиристоданд.

Ва пас худи Шаҳзода Ҳасан валади Миршоҳ дар Файзобод нишаст ва мири калон шуд. Ва Муҳаммадумархонро ба Рустоқ ҳоким кард, то муддати як сол ҳокимӣ намуд. Ва қабл аз ин Абдулфайзхон номро зикр карда будем, шахси мазкур **/100б/** ба ҳукумати ҳеҷ қалъае номзад нашуда, холисона дар ҳузури мир Шаҳзода Ҳасан мавқуф монда истиқомат намуд.

Пас, амири Бухоро – амир Музаффархон аз ин воқеот хабардор гардида, филҷумла дар рашк ва дар шакку бадбарӣ афтода бими он кард, ки: «Ин марди номӣ - Абдулфайзхон марди шуҷоу далеру бомаърифат аст. Мабодо як рӯзе ҳамчуноне, ки ба саъю ғайрату ҳиммат мулки Бадахшонро аз дасти афоғина интизоъ намуд, мисли ин низ Дарвоз ва ё Қаротегину Кӯлобро аз тасарруфи ман интизоъ намуда, ғалаба намояд, аҷабе нест». Амир Музаффар ба ин хаёл дар фикри дастгир кардани Абдулфайзхон шуда дар тадорукот кӯшид. Ва пас аз ҷустуҷӯи афкор амир Музаффари марҳумро чунин маслиҳат савоби раъйи оламорой гардид, ки яке амирзодагони **/101а/** Бадахшон - мир Олимхон валади шоҳ

Сулаймонбек, ки фироран аз Бадахшон ба ҳузури амири равшанзамир омада дар Бухоро сукунат меварзид, ҷаноби амири олӣ мумиилайҳи мир Олимхонро изну рухсат ва яроқу анҷому аслиҳаву инъоми нуқуду асп ва он чӣ ки тааллуқ ба ионатмандӣ бошад, дархӯри ҳоли мир Олимхон муносиб дида, ба тарафи мулки меросиаш рухсаташ дод, то ки рафта тасарруфи Бадахшон намояд ва агар тавонад илоҷе намояд шаҳзодаи Дарвоз – мир Абдулфайзхонро дафъ намояд.

Мир Олимхон фотеҳаи ҷаноби олӣ амири Бухороро гирифта, аз он ҷо ба Кӯлоб омада мехост, ки аз оби Омӯя бигзарад. Дар ин ҳол Шаҳзода Ҳасан – мири Бадахшон аз омадани мир Олимхон воқиф шуда фаҳмид, ки албатта мир Олимхон ба тасарруфи Бадахшон ва бандиву дастгир намудани Абдулфайзхон меояд. «Лобуддист (бояд), ки дар салоҳи он бикӯшем ва ба ҳар навъе, ки илоҷ намоем, **/101б/** беҳбудии ҳол дар он хоҳад буд», гуфта раъйи Шаҳзода Ҳасан бар ин қарор ёфт, ки: «Бояд, ки мо ҳамин Абдулфайзхонро даст баставу бандӣ сохта ба амир Музаффархон фиристонем». Чунки қабл аз ин аз Шаҳзода Ҳасан Абдулфайзхонро талабида буд, ки: «Ба ҳузури мо фиристода шавад».

Ва мир Шаҳзода Ҳасан баночор бинобар риояи он, ки: «Шояд, ки ба иҷрои ин амр мир Олимхон наёяд», гуфта, мир Абдулфайзхонро баста, ба ҳайати асире ба Кӯлоб ба мир Олимхон оварда супурданд.

Ва дар он ҳол дар Кӯлоб Худойназари атолиғ - фотеҳи Кӯлобу Ҳисору Балҷувону Қаротегину Дарвоз сокин буд. Ва мир Олимхон мир Абдулфайзхонро ба Худойназари атолиғ супурд. Ва Худойназари атолиғ Абдулфайзхонро ба Бухоро фиристода ба ҳузури амир арзӣ шуд, ки: **/102а/** «Банданавозо! Аз тарафи Бадахшон он шахси хостаро ба даст оварда фиристоданд, ки инак ин ғулом ба ризоҷӯйӣ ба дарбори гардунмадор ба ҷиҳати атабабӯсӣ (остонабӯсӣ) фиристодам. Ҳоло чист, ки ман ғуломи камтарин мир Олимхонро бо афвоҷи мавҷудаи мулки Кӯлоб (Хатлон) ба тарафи Бадахшон кӯмаку имдод расонида гусел намоям ё на?».

Ва андар ҷавоб Худойназари атолиғро амир Музаффар чунин иршод намуда фармон содир кард, ки: «Мир Олимхон якчанд собир буда бошад, то ки бубинем мардумони Бадахшон мир Олимхонро толиб ҳастанд ё на? Агар барфарз толиб ҳастанд ва аз тарафи Бадахшон мардумони хуби содиқу-л-ақвол ва мӯътамаду-л-атвор маҳз бар талабу хоҳишу ташриффармоии мир Олим меоянд ё на? Ва бар он қарор кори **/102б /** мир Олимхонро кӯмакрасонӣ карда ӯзод карда шавад, то ки аз об гузашта ба мулки Бадахшон биравад ва илло (агар не) рафтани мир Олимхон бе хоҳиши аҳолии Бадахшон аз ҳикмат нест».

Ва мир Худойназари атолиғ ҳам бинобар фармоишоти ҷаноби олӣ кор ба сар бурда истода мунтазир ба тарафи Бадахшон буданд. Дар ин айём фалаки найрангнамуни бӯқаламун тарҳе андохта ва шакле дар миёнаи мир Шаҳзода Ҳасан ва Муҳаммадумархон сохта, ноиттифоқӣ дар байн афтода, бинобар талош кардани вилоят нифоқу иғтишошу балво барпо карданд ва мулки Бадахшон дар миёнаи инҳо батакрор ба бесаранҷомӣ оид шуд. Ва мир Шаҳзода Ҳасан аз рӯйдоди ин

ноиттифоқии мир Муҳаммадумархон ба танг омада, баночор мир Олимхонро аз Кӯлоб дархост намуд, ки: «Албатта бояд, ки ба муҷарради хоҳишнома расидан, умед аст **/103а/** аз оби Омӯя гузашта дарҳол ташриффармо бошанд».

Ва дар ҳамон айём ҳокими аморатхонаи Кӯлоб - Алмосбекбий ном марде буд, бинобар амри муаттала ва мавқуфаи ҷаноби олӣ - амир Музаффархон, мир Олимхонро рухсат дод, ки: «Акнун мувофиқи амри номаи олӣ хоҳишмандони Бадахшон мутобиқ афтода, матлаб ба ҳусул омада шуд. Ҳоло ҳаракат ба болои Бадахшон карда шавад, вале шӯҳрату ифшо макунед, ки ман ба иҷозаи ҷаноби олӣ - амири Бухоро ба Бадахшон меравам ва ба ҳар кас шӯҳрати рафторро ба ному ихтиёри худ нисбат бидиҳед ва худ ба худ таваккал намуда омадам, то бубинам лутфи ҳақҡ чи хоҳад буд».

Баъдаҳу мир Олимхон аз оби Омӯя гузашта ба роҳи Роғ ба Файзобод омада, ба ҳузури мир Шаҳзода Ҳасан расида, чанде **/103б/** бо ҳам нишаста роҳат намуданд. Ва ин мир Олимхон бо Шаҳзода Ҳасан бародарандар буданд. Яъне модари ҳарду яке буд, вале аз падар ҷудо буданд. Ҳангоме ки мир Шоҳ Сулаймонбек вафот ёфт, фарзанди ӯ, ки модари мир Олимхон буд, падари мир Шаҳзода Ҳасан, яъне Миршоҳ вайро ба занӣ қабул кард ва аз ӯ мир Шаҳзода Ҳасан таваллуд ёфт. Ин буд сабаби бародарӣ бо якдигарашон.

Баъд аз он мир Шаҳзода Ҳасан ба мир Олимхон фавҷ дода маъмур ба музофоту қалъаи Кишм намуд, ки ҳукумати вилояти Кишм ба дасти амӯзодааш - мир Султоншоҳ буд. Ва мир Олимхон бо як даста фавҷ ба болои Султоншоҳ- ҳокими Кишм рафта муҳорибаву муҷодила намуда маҳалли Кишмро **/104а/** бо тавобеоташ забт намуд.

Пас, ночор Султоншоҳ ба тарафи Рустоқ фирор намуда ба пеши бародараш Муҳаммадумархон - ҳокими Рустоқ рафт. Ва баъд аз он Шаҳзода Ҳасан сипоҳи Файзободро бар худ гирифта ва бо хайлу хадаму ҳашам ба роҳи Яфтал ба Рустоқ озим шуд.

Ва мир Олимхон бо он чи ки фавҷ бо ҳамроҳии худ дошт, ба роҳи Кунбанд[320] ба болои Рустоқ биёмад ва инҳо аз ду тараф ба муҳосираву забти Рустоқ муқайяд шуданд. Ва ҳокими Рустоқ - Муҳаммадумархон низ аз ин ҳодиса воқиф гардида, бо элу улусу навкару сипоҳиёни худ таҳияи муҳориба намуда, ба мудофиа пардохта аз Рустоқ то ба Шаҳри Бузург омада мехост, ки ба мир Шаҳзода Ҳасан **/104б/** ҳамла кунад ва дар ин ҳин хабар расид, ки мир Олимхон омада қалъаи Рустоқро муҳосира кард.

Пас, Муҳаммадумархон - ҳокими Рустоқ ноилоҷ монда, нифоқро ба иттифоқу вифоқ мубаддал карда, аз роҳи сулҳу дӯстӣ баромада, ба Шаҳзода Ҳасан истиқбол намуд. Ва мир Шаҳзода Ҳасан низ ӯро истиқбол намуда, расми икрому иззатдориро ба ҷой овард.

Пас, мир Шаҳзода Ҳасан ба мир Олимхон фармон кард, ки: «Ҳоло бояд, ки аз қабалу муҳосира кардани қалъаи Рустоқ фароғат буда, даст бикашед, чунки мо ба амӯзодаи худ мусолиҳаву иттифоқ намуда, қалъаи Рустоқро пас ба худаш супурдем».

Ва мир Олимхон бинобар фармудаи бародари худ кор ба амал оварда, аз муҳосираи Рустоқ баргашт **/105а/** ва ба ҳузури мир Шаҳзода Ҳасан омада ҳар ду ба иттифоқи якдигар баргаштанд. Ва мир Шаҳзода Ҳасан ба Файзобод омад ва мир Олимхон ба Кишм омад ва ин ҳар ду мирон то муддати ду моҳ ба иттифоқи том умр гузарониданд.

Боз такроран ҳокими Рустоқ - Муҳаммадумархон бинои носозгориро пешниҳоди худ карда иғтишош барпо кард. Ва мир Шаҳзода Ҳасан бар худ чунин салоҳ дид, ки Бобохон валади Насруллоҳ, ки дар Шуғнон фирорран сукунатгузин буд, ӯро хоста биёварад ва дар ҷои Муҳаммадумархон ҳокими Рустоқ кунад. Ва Муҳаммадумархон - амӯзодаи мир Бобохони фирорӣ буд.

Бино алайҳи, мир Шаҳзода Ҳасан кас фиристода аз Шуғнон Бобохонро талаб намуда гуфт, ки: «Зуд биё, ки **/105б/** ман туро ба ҷои Муҳаммадумархони намакбаҳаром ба қалъаи Рустоқ ҳоким хоҳам кард». Ва Бобохон валади Насруллоҳхон аз Шуғнон ба Файзобод ба ҳузури мир Шаҳзода Ҳасан омада нишаст. Оҳиставу рустӣ ва таҳияи фавҷи худҳоро намуда, ба баъзе навоқисотро ислоҳ намуда ба болои Рустоқ азимат карданд. Вале дар аснои роҳ тарзу равиши муфсидона пеш гирифта рафта Рустоқро тороҷу яғмо карданд ва амволу ғаноим ба ғайри ҳаққ гирифта.

Ва Муҳаммадумархон тоб наёварда ба Кӯлоб фирор карда бирафт ва пас ба ҷои ӯ мувофиқи ваъдаи худ ба Рустоқ - Бобохон валади Насруллоҳхонро ҳоким насб карда, худи мир Шаҳзода Ҳасан ба қалъаи Файзобод мурочиат намуда, аз Рустоқ равона шуда **/106а/** то ҳанӯз ба Файзобод нарасида буд, ки аз тарафи Туркистон сардор Абдурраҳмонхон валади Афзалхон навосаи амир Дӯстмуҳаммадхон аз волии Тошканд изну рухсати азимати вилояти вофиру-л-баракати Афғонистон ёфта, ба роҳи Кӯлоб ба Кӯлоб омада, ба Шаҳзода Ҳасан валади Миршоҳ коғаз фиристода, ки: «Мо бинобар тақдири илоҳӣ озими вилояти маврусии худ гардида ба мулки Кӯлоб омадам. Умед аст ба ёрии ҳаққ таъолои азза ва ҷалла ва кӯмакрасонии Шумо - хешовандони диниву дунёӣ аҷабе нест, ки ба мақсади ақсо ва матлаби аълои худ расида бошам. Аз ин ҷо ба мулки Шумо расида ва аз он ҷо ба Кобул биравам, шояд ба сарафрозиву мумтозӣ баргузидаи парвардигори олам гардида, бар тарбияи миллати наҷибаи умуми Афғонистон сарфи умри азиз намоям **/106б/** ва дар салтанати Афғонистон саъйу ҳиммат намоям ва шумоён низ дар ин амр соӣ бошед, вассалом».

Ва мир Шаҳзода Ҳасан илтимоси сардор Абдурраҳмонхонро қабул накард. Бобохон - ҳокими Рустоқро ба лаби дарёи Омӯя ба маъбар (гузаргоҳ) фиристод, ки: «Ҳатта-л-имкон, агар тавонӣ сардор Абдурраҳмонро аз об ба тарафи Бадахшон убур надеҳ, то ки ба роҳи дигар озими Кобул шуда биравад». Ва то расидани мир Бобохон ба лаби Омӯя мир Абдурраҳмонхон як рӯз пештар пешдастӣ карда, аз об гузашта ба тарафи Бадахшон омада истода буд, ки ҳокими Рустоқ - Бобохон сардор Абдурраҳмонхонро тасодуфан истиқбол намуд ва ба ҳамроҳи худаш ба Рустоқ овард.

Ва аммо Муҳаммадумархон, ки қабл аз ин ба Рустоқ ҳоким буд ва ҳангоми **/107а/** омадани Бобохони фирорӣ аз Шуғнон ба хосткории мир Шаҳзода Ҳасан ва пас лашкар кашидан ба Рустоқ ва фирор кардани мир Муҳаммадумархон ба Кӯлоб ва аз тарафи Туркистон омадани сардори мазкур ва ба ҳамроҳии худ аз Кӯлоб овардани Муҳаммадумархонро то ба Рустоқ ва пас Муҳаммадумархонро дар қалъаи Рустоқ насб намудан, сардори мавсуф маҳзи муҷарради вуруди сардори волотабори Кобулистон[321] ва азл шудани Бобохон ва ҳамчунин ба саргардон мондани мир Бобохон, сардор Абдурраҳмонхон ба худ чунин салоҳу савоб дид, ки: «Мир Бобохонро низ ба кор бояд андохт».

Лиҳозо дар ин амр муносиби умуроти ислоҳоти сиёсӣ ва найранҷот ва пулитиқӣ бо ҳамроҳии Бобохон якҷиҳат шуда амр фармуд, ки: «Ҳоло шумо ба қалъаи Файзобод болои хешованди худ биравед **/107б/** ва қалъаи Файзободро забт намоед ва худ дар Файзобод ҳокиму мутасаррифи куллӣ бошед». Мир Абдурраҳмонхон бад-ин наҳҷ Бобохонро таълим намуд.

Баъдаҳу Бобохон бинобар таълимоту роҳнамоии сардори олитабор Абдурраҳмонхон таҳия ва асбоби лашкари худро муҳайё карда аз Рустоқ озими забти Файзобод гардида равона шуда ба лаби дарёи Кӯкча[322] дар мавзеи Олтунҷилу[323] ба ҳамроҳии мир Шаҳзода Ҳасан муқобила карда ҷангиданд. Ва мир Шаҳзода Ҳасан тоби ҷангу муқотилаи мир Бобохонро наёварда ба ночор роҳи фирор пеш гирифта рӯ ба тарафи Чатрор ниҳод ва мир Олимхон ба Кӯлоб гурехт ва Бобохон қалъаи Файзободро забт намуд, то арсаи ду моҳ ба Файзобод муқим буд.

Ва баъд аз он сардор Абдурраҳмонхон бо ҳамроҳии **/108а/** ҳокими Рустоқ - Муҳаммадумархон ба Файзобод омаданд. Ва мир Бобохон сардор Абдурраҳмонхонро истиқбол намуда аз рӯи таъзиму такрим ба қалъаи Файзобод ба ҷои хоссе, ки аз қадим маҳалли истиқомати мирон буд, ҷой дода ва худи мир Бобохон ба хонаи дигар тарҳи сукунат андохт.

Ва сардор Абдурраҳмонхон муддати як моҳ дар Файзобод истиқомат намуда, оне (лаҳзае) аз фикру мулоҳизаву тадорук ва фароҳам кардани ахбороту аҳволоти атрофу акнофи умуми мамлакати Афғонистон намеосуд. Вақто ки ҷумлаи муҳиммоти зарурии азми худ ба итмом расонид, пас ба ионати худованди оламиён ва мир Бобохон лашкари Бадахшонро ба худ гирифта, ба даргоҳи худованд **/108б/** рӯи аҷзу ниёз оварда, ба тарафи Қундуз (Тахористон) юриш намуда рафта истода буд, ки ҳокими Мазори Шариф - Ғуломҳайдаралихон аз Мазори Шариф як даста фавҷи низомӣ ба болои Қундуз номзад намуда фиристод ва афвоҷи ҳокими мазкур омада қалъаи Қундузро забт карданд. Ва ҳокими Қундуз - Султон Муродхон аз Қундуз гурехта ба ҳузури мир Бобохон ва сардор Абдурраҳмонхон омада дар мавзеи Калавгон мулҳақ шуд.

Баъдаҳу мир Абдурраҳмонхон ба сардори фавҷи Мазори Шариф коғаз намуд, ки: «Ман то ба ин ҷо омадам ва шумо ба ман итоат намоед!». Ҳангоме ки ин муқаввила (сухан) миёни фавҷи афғония иштиҳор ёфт, ғулғула миёни фавҷ афтода, охируламр фавҷ баиттифоқ

моил ба сардор Абдурраҳмонхон шуда, аз саркардаи худ рӯйгардон **/109а/** шуданд ва ба саркардае итоат накарданд. Ва сардори фавҷ аз камоли хиҷлату номуси худ худро ба дасти худ ба туфангча зада мақтул сохт. Ва саркардаи дуюми фавҷи мазкур - Саид Аҳмадхон ном дошт, пилтанҳои мазкурро баста ба ҳузури сардор Абдурраҳмонхон ба Толиқон омада, ба сардор Абдурраҳмонхон итоат кард.

Ва аз Толиқон ин ҷамоаи касира ба иттифоқи томм маан (бо ҳам) ба Хонобод[324] омаданд ва сардор Абдурраҳмонхон чанд рӯзе дар Хонобод истода аз мавзеи Калавгон мир Бобохонро ба ҳузури худ талабид ва мир Бобохон низ омада ба мулоқоти сардор фоиз шуд. Пас сардор Абдурраҳмонхон мир Бобохонро дар Хонобод маътал гузошта ба ҷои ӯ мир Муҳаммадумархон - ҳокими Рустоқро ба қалъаи Файзобод ба мансаби аморат насб карда фиристод.

**/109б/** Ва дар ин асно аз волии Кобул, ки инглис[325] буд, коғази дархост ба сардор Абдурраҳмонхон расид, ки: «Бояд батаъҷил ба тарафи Кобул озим бошед!». Баъд аз ин дархости волии инглис сардор Абдурраҳмонхон сардор Абдуллоҷонро (Дар «Сироҷу-т-таворих» ҳама ҷо «Абдуллохон» омада - Ғ.Ғ.) ба Хонобод гузошта, худ ба тарафи Кобул мурочиат намуда, тахти маврусии обову аҷдоди худро мутасарриф гардида, мустақилона ба ҳукумати Афғонистон қаро[р] ёфт ва ин вақоеъ дар санаи 1297 (1879-80) буд.

Чун дар ин сол ҳангоми тирамоҳ буд, ки мир Олимхон валади шоҳ Сулаймонбек, ки собиқан зикраш гузашта буд, аз рӯи ҳаракатдоди амир Музаффар - амири Бухоро, мир Олимхони мазкур аз Кӯлоб таҳияи асбоби тайёригарии худ карда, бо чанд нафар ашхоси мутеаи худ аз оби Омӯя гузашта, ба роҳи мулки Роғ озими **/110а/** Файзобод шуда ба айлоқгоҳи мавзеи Шева омада буд, ки баъзе давлатхоҳони давлати афғония чун Султони Роғӣ ва ғайри дигар садди роҳи мир Олимхонро гирифта нагузоштанд, ки ба Файзобод биравад.

Пас, ночор мир Олимхон бо мардумони монеъшавандагон дар мавзеи Шева ҳарбу зарб намуда, давлатхоҳони давлати афоғинаро гурезониданд. Ва баъд аз ин воқеа мир Олимхон ба роҳи Бомдара[326] ба Баҳорак омада фурӯд омад.

Ва мир Муҳаммадумархон - ҳокими Файзобод аз ин хабар иттилоъ ёфта лашкари Файзободро ҷамъ карда ба Баҳорак омад ва дар Дашти Хайробод[327] бо мир Олимхон ҷангиданд. Ва мир Олимхон дар табиати худ аз аввали ҳоли умри худ як ҷасорату қобилиро доро буд, ки дар ин ҷо далерона муқаддимаву корзор намуда, бо камоли **/110б/** шуҷоат аламбардори мир Муҳаммадумархон - ҳокими Файзободро ба шамшер зада кушт. Баякбора алами (байрақи) фавҷи Бадахшон ба замин афтод ва фавҷи ҳокими Файзободи Бадахшон диданд, ки алами афвоҷ барҳам хӯрд, лашкари мир Муҳаммадумархон баякбора мунҳазим гардида пароканда шуданд ва худи ҳоким Муҳаммадумархон аз мавзеи Дашти Хайробод ба тарафи Файзобод фирор карда ва аз он ҷо ба Рустоқ гурехта омад.

Ва мир Олимхон дар санаи 1297 ҳиҷрӣ (1879-80) қалъаи Бадахшонро забту тасарруф намуд. Ва мир Олимхон мустақилона муддати ҳафт моҳ ба ҳукумат қоим буд, ки ҳокими собиқи Файзобод - Муҳаммадумархон аз Рустоқ ҳаракат карда, ба болои мир Олимхон омада, поён аз Файзобод ба қалъаи Саройи Баҳор бо мир Олимхон ҷангид. Боз ҳам Муҳаммадумархон **/111а/** тоқат наёварда шикаст ёфта, боз ба Рустоқ гурехт.

Ва пас аз чанд муддате дар таърихи санаи 1298 ҳиҷрӣ (1880-81), сардор Абдуллоҷон аз Хонобод бо чанд даста сипоҳи фавҷи пилтании низомӣ ба Бадахшон омада, дар мавзеи Машҳад бо мир Олимхон ҷангид. То зарфи се моҳ дар қабалу муҳосираву задухӯрд буданд, ки дар охири кор мир Олимхон тобу тоқати афвоҷи низомиро наёварда, ба ночор фирор намуда ба тарафи Шуғнон, ба пеши холӯи (тағои) худ мир Юсуфалихон - ҳокими Шуғнон омада, дар зарфи се моҳ дар Шуғнон мусофир буд. Ва сардор Абдуллоҷон тамоми Бадахшонро забт карда бо фавҷи низомӣ дар Файзобод истиқомат намуданд.

Баъд аз он мир Олимхон аз Шуғнон ба Бухоро омада, бақияи анфоси маъдудаи ҳаёти худро такмил намуда, садои «ирҷаӣ»[328]-ро **/111б/** лаббайкзанон иҷобат фармуда, дар Бухорои Шариф вафот ёфт. «Қолу инно ли-л-Лоҳи ва инно илайҳи роҷиун»[329] (Гуфтанд: Мо аз Худо ҳастем ва ба назди ӯ бармегардем).

Ва дар Бухоро аз мир Олимхон як зан ва як писар ёдгор монда, ки исми писари мазкур Искандархон аст. Дар таърихи санаи 1315 ҳиҷрӣ, мутобиқи санаи 1896 мелодӣ аз Бухоро Искандархон валади мир Олимхон ибн Шоҳ Сулаймонбек ба мулки Шуғнон омада ва дар мулки Шохдара, ки яке аз маҳолли мутаалliқаи Шуғнон аст, истиқомат намуда, пас ба вилояти Ғорон рафта, дар қарияи Қозидеҳ[330] ва Баршор[331] таваттуну истиқомат варзида тааюш (зиндагӣ) менамоянд. Ва аз ин Искандархон ибни мир Олимхон ду писар мутаваллиданд: исми бузургаш мир Олим аст ва исми дуюминаш Аъзамхон аст.

Ва ҳоло Искандархони мавсуф маҳз ба хидмати бечорагӣ ва тарбияи **/112а/** атфолу аёли худ ва [ба] ман табаагони (пайравони) худ иштиғол намуда, ба касби деҳқонӣ ва («ва» - зиёдатист) сариштаи авқот ва маишатгузаронӣ дорад. Ва марди тунду тезу ҷоҳил аст. Ҷаҳлаш на ба тариқаи ночориву нодонӣ, фақат марди ҳиддатмизоҷи тундхӯй аст. Вале дар боби одамияту муруввату саховат ва мардонагиву мусофирпарварӣ хеле марди боҳамият аст. Бошафқату бошуҷоату боҷасорату ғайрат аст, ки худ дар ҷамеи ҳол аз фикру хаёли маошу зиндагонӣ ва сарпарастии авлоду хешовандон ва мусофирону фирориён ва мардумони ояндаву раванда ғофил набуда, ҳама вақт марди латифагӯй ва хушҳол аст. Андаке аз илму савод баҳрае дорад, аз ӯҳдаи хондану навиштан филҷумла ҳунарманд аст ва метавонад.

Ва дар таърихи санаи 1324 ҳиҷрӣ (1906), **/112б/** модари Искандархон дар қайди ҳаёт буд ва яке аз махдумони муқарраби падараш мир Олимхон - Мирзо Бурҳониддини махдум ном аз вилояти Кишми Бадахшон, марди кӯҳансол, мӯйсафеди боақлу ҳуш дар ҳузури

мир Сикандархон аст, ки ин марди мӯҳтарам аз аввали умр дар хидмати мир Олим буда ва дар авохири умру зиндагонӣ бо писари мир Олим - Искандархон ба сар бурда истода аст, ки марди ҷаҳонгаштаи озмудаи гарму сард чашида, талху ширини оламро гузаронида, бо вуҷуди пирҳолӣ ва заифиқувоӣ ҳеҷ тағйире дар ҳавоси (ҳисҳои) зоҳириву ботинии ӯ корӣ нагашта, солиму-л-аъзо, боақлу ҳушу гӯшу биноӣ ва чашоиву гироӣ ва бӯёӣ доро буда, тааюш (зиндагӣ) дорад ва хеле марди хуб аст.

Ва мир Сикандархон низ мумиилайҳиро ба ҷои падари худ таъзиму такрим **/113а/** ба ҷой оварда, дар ҳамаи умур ба риояи ҳолоти махдум Бурҳонуддин мепардозад ва ин ашхос қадре ба умуроти тиҷоратӣ байни Бадахшону Чатрору Шуғнон машғуланд ва аз ин қарор касби ризқу тариқаи зиндагониро карда истодаанд.

Ва мир Сикандархон гоҳ-гоҳ дар баъзе маворид, ки хидмати маъмурину мустаҳфизини бандарии муваққатии давлати Русӣ бошад ва мӯҳтоҷ ба фароҳам овардани баъзе аҳволоти хориҷӣ бишаванд, он гоҳ ба мир Сикандархон муроҷиат менамоянд.

Ва Сикандархон чи сидқу кизб аз рӯи шуниду фаҳмиди худ ба қарори ваъдаи мушоҳира ахбор мерасонад ва дар ин бора муваззаф ба андак вазифае мегардад, ки на ба тариқаи вазифаи умрӣ аст ва аз вазифаи муваққатӣ чандон кифояи зиндагонии Сикандархон намешавад, азбаски қалилӣ (кам) аст, агар касби зиндагонии деҳқонӣ ва тиҷоратӣ **/113б/** дар миён набошад, мутлақ кофӣ нахоҳад шуд. Зеро ки Искандархонро ман табаагон аз чиҳил нуфус аз марду зан, сағиру кабир, хешону хидматгорон зиёдаанд, ба ғайр аз ояндаву раванда.

Ин буд, ки аз аввал то охир тамомаи мирони Бадахшонро дар ин китоби лоҷавоб «Татиммату-т-таърихи Бадахшон» зикр ёфт, андар таърихи як ҳазору сесаду бисту панҷи ҳиҷрӣ, мутобиқи санаи 1907 мелодӣ ало ядди (ба дасти) Мирзо Фазлбеки Ҳоҷии «Сурхафсар», ки қабл бар ин филҷумла Мирзо Сангмуҳаммад таълиф карда, ба ҷое расонида ва мавқуф гузошта. Ва бандаи камтарин, муаллифи сонӣ - Мирзо Фазлбек Ҳоҷии «Сурхафсар» ба қадри ҳунари беҳунарии худ аз ҷои расиду мавқуфгузошти муаллифи аввал ибтидо карда, татиммаи ӯро ба татиммаи худ ба такмил расонида, вақоеи айёми гузаштаи яксаду бисту яксоларо аз мардумони мӯътамади содиқу-л-қавл, **/114а/** кӯҳансолони ба чашм дидаву гузаронида шунуда ва ба гуфтаи онҳо иктифо бурда, ба қайди таҳрир расонида ва баъзе навоқисотро аз баъзе таворихоти мавҷуда дидаву ёфта, маҳаллу мавқеи вуқӯи ҳаводисро ислоҳу тасҳеҳ намуда, ин камтарин «Сурхафсар» ба дафтар ҷамъ расонидам.

Умед аз нозирини ин ёдгоринома он, ки ҳаргуна саҳву хатову нуқсону бетартибие, ки дар ин авроқ манзур ояд, бандаро маъзур дошта, аз зумраи беҳунарон маҳсуб доранд ва аз сари он даргузашта ба ҳусули матлаб кӯшанд, ки ғараз маҳз нишонаи мирони Бадахшон ва вақоеву сунуҳоти умрӣ ва айёми ҳукуматии мирони мушорунилайҳим фи-л-авроқ буд, бад-ин наҳҷ ба итмом расонидам. Ин аст, ки бандаи наҳифи оризу-л-

‘асо (исёнварзанда, осӣ) муаллифи сонӣ - Мирзо Фазлалибеки «Сурхафсар» арзи хидмат менамояд. Таммату-л-китобу.

## [Насабу силсилаи шоҳон ва мирони мулки Шуғнон]

**/114б/** Бисми-л-Лоҳи-р – Раҳмони-р - Раҳим.

Кунун дар ин авроқ насабу силсилаи шоҳон ва мирони хиттаи кӯҳистони мулки Шуғнонро, ки алоқаи кӯҳистони Бадахшонот аст, бадин наҳҷ аз рӯи нусхаҳои мавҷудаи мирони мамлакати мушорунилайҳо тафсилу таҳрир мешавад, ки ҷаноби эзиди таъоло ва тақаддас ба дасти қудрати худ колбади вуҷуди зӣ-ҷуди ҳазрати Абулбашар одамӣ ва Одам[332], сафӣ, алайҳи-с-саломро офарида, рӯҳи муқаддаса андар вуҷуди ҷаноби Одам, алайҳи-с-салом, дамид ва аз сулби покаш мутааддид чи аз зукуру унос (наринаю модина) авлод ба вуҷуд овард.

**/115а/** Аз ҷумлаи писарони ба номи ӯ: Шис[333], алайҳи-с-салом, писари ӯ Анӯш[334], писари ӯ Қинон[335], писари ӯ Маҳлоил[336], писари ӯ Ярад[337], писари ӯ Ахнӯх[338], писари ӯ Матушлах[339], писари ӯ Нӯҳ[340], алайҳи-с-салом, писари ӯ Арфаҳшад[341], писари ӯ Обир[342], писари ӯ Солеҳ[343], писари ӯ Қонеъ, писари ӯ Шурӯъ, писари ӯ Аъвор, писари ӯ Соруҳ[344], писари ӯ Қаҳтон[345], писари ӯ Яъруб, писари ӯ Яъсуб, писари ӯ Ёмин, писари ӯ Ноҳур[346], писари ӯ Азар[347], писари ӯ Иброҳим[348], алайҳи-с-салом, писари ӯ Исмоил[349], писари ӯ Қайзор[350], писари ӯ Ҷамал, писари ӯ Банат, писари ӯ Ҳумайсиъ, писари ӯ Удад[351], писари ӯ Ӯд, писари ӯ Аднон, писари ӯ Маъд[352], писари ӯ Низор[353], писари ӯ Музар[354], писари ӯ Илёс, писари ӯ Мудрик[355], писари ӯ Хузойма, писари ӯ Кинона, писари ӯ Назр, писари ӯ Молик[356], писари ӯ Фихр, писари ӯ Ғолиб, писари ӯ Луъй, писари ӯ Каъб, писари ӯ **/115б/** Мурра[357], писари ӯ Килоб, писари ӯ Қусай[358], писари ӯ Абдулманоф[359], писари ӯ Ҳошим, писари ӯ Абдулмутталиб[360], писари ӯ Абӯтолиб[361], писари ӯ Алӣ[362] «Шоҳи мардон», писари ӯ имом Ҳусайн[363], писари ӯ имом Зайналобиддин[364], писари ӯ имом Муҳаммад Боқир[365], писари ӯ имом Ҷаъфари Содиқ[366], писари ӯ имом Мӯсои Козим[367], писари ӯ имом Алӣ Мӯсо ар-Ризо[368], писари ӯ имом Муҳаммадтақӣ[369], писари ӯ имом Алӣ Нақӣ[370], писари ӯ имом Ҳасани Аскарӣ[371], писари ӯ Алиакбар[372], писари ӯ Алиасғар[373], писари ӯ сайид Шоҳ Насриддин, писари ӯ сайид Музаффариддин, писари ӯ сайид Шоҳ Камолиддин, писари ӯ сайид Шоҳ Тоҳириддин, писари ӯ сайид Шоҳ Мирзоҳусайн, писари ӯ сайид Шоҳ Сафиҳайдар, писари ӯ сайид Шоҳ Насимҳайдар, писари ӯ сайид Шоҳ Каримҳайдар, писари ӯ сайид Шоҳ Нақибҳайдар, писари ӯ сайид Шоҳи Хомӯш[374], писари ӯ сайид Шоҳи Ҳаддод, писари ӯ сайид Шоҳи Худодод, писари ӯ сайид Шоҳи Султоналӣ, писари ӯ сайид Давлатшоҳи Ҳусайнӣ, писари ӯ сайид Шоҳ Хаттоб, **/116а/** писари ӯ сайид Шоҳ Давлати «Ҳаждаҳ писар», писари ӯ сайид Шоҳ Музаффарбек, писари ӯ сайид Шоҳ Амирбек, писари ӯ сайид Шоҳ Ванҷихон[375], писари ӯ сайид Шоҳ Мирбек, писари ӯ сайид Шоҳ Қубодхон[376], писари ӯ сайид Шоҳ Абдурраҳимхон[377], писари ӯ сайид Шоҳ Амирхон, писари ӯ сайид Шоҳ Акбархон аст, ки дар ин

айём, дар мулки Ҳисори Шодмон, алоқаи (ноҳияи) дору-с-салтанаи фохираи Бухорои Шариф дар қайди ҳаёт аст ва аз тарафи амири равшанзамири волоҷоҳи шаҳоматдастгоҳи шаҳриёрии ҷаноби амири олӣ - сайид Абдулаҳадхон Баҳодур султон[378], халлада-л-Лоҳу мулкаҳу ва султонаҳу, ба рутбаи ҷалилаи фохираи Бухорои Шариф ба бийигарӣ номзаду сарафроз аст.

Ва мумиилайҳи сайид Шоҳ Акбархонбийро низ чанд нафар писарони сулбӣ будаанд. Мушоруилайҳи сайид Шоҳ Акбархон дар ҳангоми муҳориба ва иғтишоши ҳокими Мазори Шариф - дар санаи 1888 исавӣ воқеъ шуда - Муҳаммад Исҳоқхон соҳиб[379] ба амири Кобул амир Абдурраҳмонхони **/116б/** ҷаннатмакон мулки маврусии худро аз тоифаи афоғина холӣ ёфта ва рафта ба қалъаи Барпанҷаи ҳукуматхонаи Шуғнон ба ҳукумат нишаст. Ва пас аз муддати қалил боз тоифаи афоғина омада, мулки Шуғнонро забт намуданд.

Ва мир сайид Акбархон фирор намуда боз ба мулки Ҳисор омада қарор гирифт, то модоме ки дар таърихи санаи 1895 исавӣ як анҷумани махсусаи давлати Русу Инглис аз барои таъйини сарҳадот ва ҳудуди арозии ғайримаҳдуди айлоқоти Помирот ва кӯҳистонот барпо шуда, вукалои тарафайн дар Помир бо ҳамдигар ҷамъ гардида, баиттифоқ таъйини ҳудуди арозиҳои ғайримаълумаи мутааллиқаи давлати Бухоро ва Афғонистону Русу Инглисро ба тарзи возеҳ тақсиму таъйин намуданд.

Ва мулки Шуғнон баъзан алоқаи давлати Бухоро таъйин ёфт ва баъзан мулки Дарвоз алоқаи Афғонистон гардид ва **/117а/** дар ин асно қитъае аз мулки Рӯшону[380] Шуғнону Вахон як қалъаи аморатхонаи бандарии Бухоро гардид.

Лиҳозо дида шуд, ки аз тарафи давлати Бухорои Шариф як ҳоким махсус ба қалъаи Шуғнон бошад, биноан алайҳи сайид Акбаршоҳбийи мазкурро ба ҳукуматхонаи Шуғнони бухорӣ ҷаноби олӣ мансуб карданд. Ва сайид Акбаршоҳбий бад-ин васила муддати як-ду сол ҳокими он ҷо гардида, пас боз бийи мавсуфро аз ҳукумати Шуғнон азл намуданд ва ба ҷои ӯ Эшонқулибекбийро насб карданд ва пас аз он мир мирзо Юлдошбийро ҳоким намуданд.

Дар таърихи санаи 1904 исавӣ мирзо Юлдошбий бинобар сабабе аз ҳукумат маъзул гардида ва ба Бухоро омада ва аз он таърих мулки Шуғнону Рӯшону Вахон ба ӯҳдаи давлати Рус супурда шуд, ки ҳоло ба забту рабти маъмурини **/117б/** сарҳадии давлати Русия мебошад. Вале як нафар маъмур аз тарафи ҷаноби амири Бухоро қоиммақоми ҳукуматхонаи Шуғнон бинобар адои лавозимоти мулкӣ ба тариқи давом мебошад. Ва ҳар қисм арзу доду даъвои аҳолиро ҳукму ҳалл ва файсал медиҳад, машрут ба он ки маъмури бухорӣ бо маъмури давлати русӣ ҳар ду ба мувофиқати якдигар ҳар кори заруриро файсал ва иҷро бикунанд.

Ва аҳолии Шуғнону Рӯшону Вахон ҳар кадом ба лафзу луғату истилоҳи дигар гуфтор доранд, вале забони умумиашон дар сурате, ки бо якдигар мулоқӣ мешаванд, ба забони форсӣ такаллум менамоянд.

Ва ин тоифа ба миллату мазҳаби имом Исмоил ибни имом Ҷаъфари Содиқ[381] муътақиданд ва тоифаи исмоилия мебошанд. Ва аз

илму маърифату маданият канор афтодаанд, вассалом. Тамма-л-калом.

## Тафсил ва тарҷумаи [ҳоли] сайид Шоҳи Хомӯш, ки аҷдоди мирону шоҳони Шуғнон аст

**/118а/** Бисми-л-Лоҳи хайру-л-асмо.

Дигар, пӯшида мабод, ки мирони Шуғнон ва сайидону ашрофони мулки кӯҳистон ҳар як ба тарзе силсилаи ансоби худро аз обову аҷдоди худҳо то ба алъон ба тавотур (пай дар пай) насабнома гӯён ба дафтар қайду забт намудаанд. Ва аслан аз куҷо омадаанд ва дар кӯҳистон қарор кардаанд, зотан чи навъ мартабаву дараҷа, ки медоштанд - чун маротиби шайхиву муллоиву раҳбарии қавм ва таълиму ҳидояту амсоли он - аз мамлакати Хуросон[382] омада, дар ин вилоятҳо адои вазифаи худ карда, аз олами фонӣ гузаштанд. Ва аз онҳо чанд нафарӣ авлод мондаанд ва ҳар кадом шеваи аҷдоду падаронро ба ҷо оварда, дар байни халоиқ хоҳ ба тариқи ҳукумату раёсат **/118б/** ва ё ба тариқи шайхият пешвои қавм гардида ва аз тарафи аҳолӣ низ дар бораи аҳволашон некӯиву парасториву иззат дида, то билҳол дар байни қавм дар кӯҳистоноти Бадахшу Бадахшонот зиндагонӣ доранд, ки силсилаи ҳар кадоми ашрофон ба як номеву алқобе шӯҳрат доранд.

Чунончи, авлоди Шоҳи Хомӯш, дуюм авлоди Шоҳи Кошон, сеюм авлоди Шоҳи Маланг[383], чаҳорум авлоди Бобоумари Юмгӣ[384]. Ва ин хонадон хеле муаззазанд ва соири ин хонадон чанде ҳастанд, ки худро пайванд ба ҳар як авлоди аиммаи атҳор (имомҳои пок) менамоянд. Онҳо низ ба қадри аҳволашон дар байни авому-н-нос иззатеву ҳурмате доранд.

Ва ин ҷо матлаб тарҷумаи ҳолоту кайфияту кайнунати мирони Шуғнонро баён намудан аст. Лиҳозо ба ин қадар баёнот дар ҳаққи мазкурини мазбурин кифоя менамоем ва шурӯи гуфтори худро **/119а/** ба сӯи шоҳону мирони Шуғнон моил медорем.

Азбаски даъво медоранд, ки мо ҷамоаи мирхайл[385] аз авлоди Шоҳи Хомӯш мебошем, бояд донист, ки сайид Шоҳи Хомӯш кист, дар куҷо буд ва аз куҷо омад ва дар куҷо гузашт ва ба чӣ тарз рафтор мекард ва аз хавориқи одот ва аз ҳусни ахлоқ чӣ дошт? Пас, ҳоло банда филҷумла баёноти муфассалае дар ҳаққи сайид мир Ҳасани Шоҳи Хомӯш нақл аз китоби «Шаҷарату-с-содот» меорам.

Бад-ин мӯҷиб, ки бар кулли тоифаи муслимин возеҳ аст, ки ҷаноби ҳазрати Расул, алайҳи-с-салом, ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб дар шаҳри Макка ва дар соли омму-л-фил (соли фил)[386] аз батни поки Бибӣ Омина таваллуд ёфтанд. Ва падари Муҳаммад, алайҳи-с-салом, қабл аз вилодати ҳазрати Муҳаммад фавтида буд. Ва он ҳангоме, ки ҷаноби фахри коинот - Муҳаммад, алайҳи-с-салом, аз батни модар ба вуҷуд омаданд, ҷадди бузургворашон - Абдулмутталиб **/119б/** парасторӣ ва тарбият менамуданд, то ин ки Муҳаммад, алайҳи-с-саломро барои парвариш ба доягии Ҳалима хотун дод, то инқизои дуним сол аз шир фориғ шуданд.

Ва волидаи моҷидаи ҳазрати Муҳаммад, алайҳи-с-салом, низ вафот ёфтанд ва Абдулмутталиб модома-л-ҳаёт ба тарбияи Муҳаммад, алайҳи-с-салом, машғул буд. Ва ҳангоме ки ба оризаи қазо бемор гаштанд, дар ҳини беморӣ фарзандони худро ба назди худ талабида ҳозир сохт ва ба ҳар кадом аз фарзандон васияте намуд. Ва Абӯтолибро дар хусуси сарпарастиву нигоҳбонӣ ва тарбияи Муҳаммад, алайҳи-с-салом, васияте ва супоришоте намуда, Муҳаммад, алайҳи-с-саломро дар канори Абӯтолиб ҳавола намуд. Ва муддати бисту чаҳор сол дар ҳиҷру тарбияи амӯи худ Абӯтолиб парвариш ёфтанд, то он гоҳе, ки Бибӣ Хадиҷату-л-кубророо ҳавохоҳӣ ва дилгармии **/120а/** муҳаббати навҷавони ҳазрати Муҳаммадӣ шуд ва Бибӣ Хадиҷату-л-кубро амволи тиҷоратӣ ба ҷаноби ҳазрати Муҳаммадӣ дода, ба тарафи мулки Шому Димишқ ба тиҷорат гумошт ва баъд аз бозгашт аз сафари Шом омада ба Макка расиданд.

Пас аз чанд замоне аммаи ҳазрати Муҳаммад, яъне Бибӣ Отика дар миёни завҷу завҷа вакила шуда, созоварии ақду никоҳи Бибӣ Хадиҷату-л-кубророро ба ҳазрати Муҳаммад, алайҳи-с-салом, ростоварӣ намуд.

Ба ҳар ҳол дар байн ақд мунъақид гашт ва аз батни муборакаи Хадиҷа ду писару чаҳор духтар мутаваллид шуданд ва асомии авлоди Расул, алайҳи-с-салом, чунин буданд: Қосим, Тоҳир, Иброҳим, Фотима, Зайнаб, Уммкулсум, Руқайя.

Пас, аз он ҷумла ҷаноби хотуни биҳишти олисиришт – Фотимату-з-Заҳро дар ақди «Шоҳи мардон» - Алӣ ибн Абитолиб даромаданд **/120б/** ва аз сулби поки «Шери Яздон» ва аз батни ҳазрати Фотимату-з-Заҳро имом Ҳасан ва имом Ҳусайн ба вуҷуд омаданд, ки сайид мир Ҳасаншоҳи мулаққаб ба «Хомӯш» ба чанд восита ба ҷаноби имом Ҳусайн ибни Алӣ, карама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу, мерасанд.

Акнун машҳуди раъйи анвари соҳибони ихлосу муҳиббони омму хавосс бувад, ки медон, ки ҷаноби амир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш ибни (писари) сайид Ҳайдари Исфаҳонӣ аст, ки аз акмали авлиёи мутақаддимин будаанд. Дар мулки Исфаҳон дар санаи чаҳорсаду панҷоҳу нӯҳи (459) ҳиҷрӣ (1066-67) таваллуд ёфтаанд, ки санаи таваллудашонро аз лафзи «Қодири қадим» ахз карда мешавад. Ва умри муборакашон - ҳафтоду ду сол дар қайди зиндагӣ буда. Пас маълум шуд, ки фавти Шоҳи Хомӯш дар таърихи санаи 531 ҳиҷрӣ (1136-37) мувофиқ афтода аст.

**/121а/** Ва низ дар китоби «Шаҷарату-с-содот» чунин оварда, ки ҷаноби амир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш дар балдаи Исфаҳон, алоқаи иқлими Хуросон таваллуд ёфта, то муддати бисту як сол ба ҳузури фоизу-н-нури падари бузургвори худ ба таҳсили илми дин машғул буданд ва аз ибтидои таваллуд ҳам валии модарзод, яъне валии «увайсӣ» буданд.

Чун умри муборак ба дувоздаҳсолагӣ расид, каромоту хавориқи одот ба зуҳур оварда фармуданд, ки: «Имрӯз ман дар назари мардумони дунё болиғ шудам, аммо ман дар асл рӯзи таваллудам болиғу комил зода шудам. Ва дар ин вақт мебинам ва медонам, ки дар мулки Бағдод ва шаҳри Ҷилон ва ба қарияи Гелон, ба хонаи сайид Абӯсолеҳи Мӯсои

Ҷангидӯст як даста нуре аз анвори имом Ҳусайн, разия-л-Лоҳу анҳум, дар як маҳал ҷамъ шуда, **/121б/** фарзанди муборакқадами болиғу босафо имрӯз ба дори дунё ташрифи қудуми мубораклузум намуд, ки мулоқоти он сайидзодаи сутудасифот бар мо воҷиб шуд».

Пас аз инқизои чанд рӯз қофилаи Бағдод ва Ҷилон ба мулки Исфаҳон даррасид ва дар афвоҳу-н-нос (даҳонҳои мардум) хабари вилодати боҳиру-с-саодати ҷаноби мустатоби вофиру-л-алқоб сайид Абдулқодири Ҷилонӣ[387] машҳуру маншур гардид.

Ва аз ахбору кароматҳ ҷаноби амир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш аҳли балдаи Исфаҳон қонеъ шуданд ва бар ҷумла кароматашон ба вазоҳат расида донистанд, ки: «Қабл аз ин моёнро ҷаноби ҳазрати Шоҳи Хомӯш аз тулӯи шамси ҷамоли ҳазрати «Ғавсу-л-аъзам» - сайид Абдулқодири Ҷилонӣ хабардор карда буданд» ва эътиқоду эътимоди аҳли Исфаҳон ба Шоҳи Хомӯш садчандон зиёда гардид.

**/122а/** Ва таваллуди ҷаноби сайид Абдулқодири Ҷилонӣ мулаққаб ба «Муҳиддин» дар таърихи санаи 471 (1078-79) чаҳорсаду ҳафтоду як буда ва умри муборакашон ба тӯли наваду як сол расида, оламӣ фониро видоъ намуданд. Пас маълум шуд, ки айёми вафоти ҳазрати сайид Муҳйӣ Абдулқодири Ҷилонӣ дар таърихи 562 ҳиҷрӣ (1166-67) вуқӯъ ёфта аст.

Ва низ мастури раъйи соҳибони уқули байзозиё буда бошад, ки шахсе аз сиёдатнажодони вологуҳар сайид Абдуллоҳи Савмаӣ номе буда ва он шахсро ду нафар духтарони покдоман буд, яке мусаммот ба Бибинасиба ва дигариро Бибифотима ном буда. Ва Бибинасиба манкуҳаи афифаи ҷаноби мир сайид Ҳайдари Исфаҳонӣ буда, ки аз батни Бибинасиба ҷаноби мир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш таваллуд шуданд. Ва Бибифотима манкуҳаи афифаи мастураи ҷаноби сайид Абусолеҳи Ҷилонӣ будаанд, ки аз батни поки ӯ сайид Муҳиддин Абдулқодири **/122б/** Ҷилонӣ таваллуд ёфтанд.

Ва Шоҳи Хомӯш дар Исфаҳон ба муддати бисту як сол илми қолро ба итмом расониданд ва дар илми ҳол ва илми ботин низ комил гардида, ба сӯи шаҳри Бағдод шитофтанд. Ва пас [аз] чаҳор рӯз вориди шаҳри Гилон шуда ба ҷаноби ҳазрати сайид Муҳиддин Абдулқодири Ҷилонӣ мулоқот намуданд ва чанд муддат дар Бағдод ва шаҳри Гилон истиқомат намуда, пас ба тарафи Байту-л-Лоҳи-л-ҳаром шитофтанд. Ва тавофи байти муқаддас ба ҷо оварда ба тарафи Мадинаи мунаввара озими турбагоҳ ва зиёратгоҳи ҳазрати пайғамбарӣ шуда, вориди равзаи поки мутаҳҳари набийино, алайҳи-с-салом гардида, ба муроди аслии хеш расиданд.

Ва дар ҳангоме, ки Шоҳи Хомӯш хомӯшона ба муроқибаву мушоҳида машғул буданд, баногоҳ овози ғайбӣ аз турбати поки атрноки **/123а/** ҳазрати Муҳаммадӣ, алайҳи-с-салом овозе баромад, ки: «Ворисӣ Ҷунайдро аз Бағдод талаб намудам, ки шарбати висол хоҳад чашид ва ӯро дар олами қурби самадият расонида мумтоз гардонидаанд».

Ва ҷаноби мир сайид Ҳасани Шоҳ ба ҳоли хомӯшиву муроқиба буданд, ки ҷаноби Абулбаракот ҳазрати шайх Ҷунайди Бағдодӣ[388] бо

ҳамроҳии ҷаноби ҳазрати Муҳиддин сайид Абдулқодири Ҷилонӣ ҳозир шуда, саъй дар тавофи ҳарами мӯҳтарами Байту-л-Лоҳи муборак карда ва бо тавофи саъйи мақбула ноил шуда ва се маротиба ба ҷониби мир сайид Ҳасан ибни мир Ҳайдари Исфаҳонӣ нидо дардоданд, ки: «Эй сайиди исфаҳонӣ, сар аз ҷайби тафаккур бардор!». Сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш ҷавобе надоданд. Пас, ҷаноби шайх Ҷунайд Абӯсаиди Махзумӣ овози сеюмин кашида гуфт: «Мо халифаи бузургворем ва ганҷинаи асрори тавҳиди илоҳиро калидест. Акнун бар он **/123б/** ганҷинаи асрори тавҳиди илоҳӣ калидбардор ва муҳофиз туро ва низ шайх Абдулқодирро хостем. Ва амонати асрори илоҳӣ бар ҳар дуи шумо месупорам ва ба талқину шароит машрут намуда, ҳаволаи шумоён хоҳем кард, ки хоҳиш ва раъйи муборaки ҷаноби Мухбири Содиқ (Пайғамбар Муҳаммад), алайҳи-с-салом, чунин будааст. Эй сайиди исфаҳонӣ, аввал ту шароби маърифатро дарнӯш, вопас бош хомӯш!»

Пас он гоҳ ба ҳузури равзаи пурнури муборакаи ҳазрати набавӣ, сала-л-Лоҳу алайҳи васаллам, ҳозир омаданд ва ҳазрати Ҷунайди Бағдодӣ, қаддаса сирраҳу-л-азиз, ба талқину шароиту тазкира илми ҳолро ба як «қол» таълим фармуданд ва мустафиду мумтозашон гардониданд. Ва ҷаноби сайид Абдулқодирро низ ба он дараҷаву камол расониданд. Ва баъд аз он таваҷҷӯҳ ба мир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш намуда гуфтанд: «Эй амир, сайиди исфаҳонӣ! Мо туро **/124а/** изн ва рухсат фармудем. Бояд, ки мутаваҷҷеҳ ба тарафи кӯҳистони мамолики Хатлон бошӣ ва биравӣ, ки он навоҳӣ мулкест дору-л-амон ва дар он ҷо бар турбати султон Санҷари Мозӣ[389] футӯҳи ҳоли ту хоҳад шуд».

Пас аз он ҷо иродаи сафар карда бо ҳамроҳии чаҳор нафар руфақои дилогоҳ рафиқу шафиқ гардида, иқлими Ҳиндустонро саёҳат фармуда, ба роҳи кӯҳу ҷиболу талоли пурмалол мулки Дордистони Чатрорро қатъ ва таййи манозилу мароҳил намуда, аз кӯҳтали ақбаи Дуроҳ убур фармуда ба соҳили дарёи Панҷоб[390], ки қисми фавқии рӯди Ҷайҳун аст, ба зер омада нузул намуданд ва аз он ҷо равнақафрӯзи мулку маҳоллоти Шуғнон гардиданд, ки дар он асно шаҳзода Саидони Кошғарӣ ба қувваи бозуи худ мулки Шуғнонро дар таҳти тасарруфи худ даровapда буд. Ва ба тавассути қудуми мубораклузуми ҷаноби Шоҳ **/124б/** мир сайид Ҳасани мулаққаб ба «Хомӯш», Шуғнон ҷаннатнишону малоикошён гардид. Ва ҳамаи миру вазир мӯътақиду ходими Шоҳи Хомӯш гардиданд ва Шоҳ низ ба тарбияву таълими илми дину ойин пардохтанд.

Ва ҳокими мулки Шуғнонро духтаре ба синни чаҳордаҳсолагӣ Бибигулшакар ном ба марази фалаҷ гирифтор буд. Ҳокими Шуғнон ба анфоси масеҳонаи Шоҳ илтиҷо овард ва ҳазрати Шоҳ дар ҳаққи маризаи мафлуҷа дуои холис намуданд. Ҷаноби эзиди таъоло ва тақаддус сабияи он ҳокимро шифои комил бахшида сиҳат ёфт.

Пас, ҳокими мулки Шуғнон он покдоман духтарашро назру ҳадияи Шоҳ намуд ва ақди он духтар дар таърихи 490 ҳиҷрӣ (1096-97) вуқӯъ гардид. Ва ҳар авлоде, ки аз батни манкуҳаи афифаашон ба вуҷуд меомад, ҳазрати Шоҳи Хомӯш дар ҳаққи он авлод дуои нек намуда, аз

боргоҳи олаҳӣ дархост намуданд, ки: **/125а/** «Шуморо ба мартабаи ҷоҳу ҷалол расонад!».

Ва то ҳол ворисони насаби Шоҳи Хомӯш дар мамолики кӯҳистон шаҳзодаҳои азиму-ш-шаън мебошанд, ки ҳар шӯъбае ба кӯҳе ва ба бурҷе ҳукуматеву раёсате доранд, баъзе ба тарзи ҳукуматронӣ ва баъзеҳошон ба рафтори пириву муршидӣ бар ҳидояту таълими дину ойин машғуланд.

Ва пас аз чанд муддате Шоҳи Хомӯш иродаву орзуи зиёрати бузургворону азизони мулки Хатлонро карда, аз Шуғнон озими роҳи Хатлон шуда, ба роҳи ақбаи байни Шуғнону Ванҷ убуру мурур намуда, ба мулки Дарвоз дохил гардида, ба қуроҳои (деҳоти) мулки Ванҷ сайру саёҳат намуда, чанд муддате дар мулки Ванҷ истиқомат варзиданд. Ва шоҳи Ванҷ сидқан ихлосу муҳаббат намуда, духтари худро ба Шоҳи **/125б/** Хомӯш ҳадя сохт. Ва ӯро низ ақд бастанд ва пас аз муддате аз он духтар фарзанде ба вуҷуд омад, ки ӯро Абуюсуфшоҳ ном ниҳода, хилъати қаландарӣ ба ӯ бахшид.

Баъд аз он аз Дарвоз гузашта ба мулки Хатлони дору-л-амон ташриф намуда ба Чаҳорсӯи[391] шаҳри Мӯъминобод[392] расиданд ва бо ҷаноби ҳазрати Мирсайид Ҷалолиддини Гулдаста[393], қаддаса сирраҳу мулоқот намуданд ва оҳиста - оҳиста ба таълиму талқини кофирони[394] хиттаи Хатлон пардохта, аҳли Хатлонро мусалмон карда, ҳидоят намуданд. Ва пас аз он якчанд халифагони боилмро аз Шуғнон оварда, дар он ҷо барои таълиму омӯзгорӣ қавм мутаваттин сохта, номи он қарияро «Қарияту-ш-Шулғон»[395] ниҳоданд.

Чун хабари Шоҳи Хомӯш ба ҷаноби сайид Алишоҳи Валӣ[396] расид, он ҷаноб то Мӯъминобод расми истиқбол ба ҷой оварда **/126а/** омаданд ва ҳазрати мир сайид Ҳасани Шоҳи Хомӯш ба сайид Алишоҳи Валӣ як сар аспи хушсайр тӯҳфа намуданд. Ва пас аз истиқомати чанд айём ҳазрати сайид Алишоҳи Валиро се нафар духтарони бокамолу ҷамол буд ва яке аз он духтаронро ба ақду никоҳи он бодияпаймои тариқи ҳидоят Шоҳи Хомӯш даровcovered]

**Насабномаи сайид Алишоҳи Валӣ [, ки] падарарӯси Шоҳи Хомӯш аст**

Бад-ин наҳҷ, ин ҷо мурод силсилаи ансобу авлоди сайид Муҳаммад Тоҳир ибни сайид Алишоҳи Валӣ аст.

Маълуми кулли ҷамоаи мӯминину муслимин аст, ки аз вуҷуди поки ҷаноби хотиму-л-анбиё, алайҳи-с-салом, Бибифотимату-з-Заҳроанд ва аз батни мунаввараи хотуни қиёмат - имом Ҳусайн, разия-л-Лоҳу анҳу, ва писари ӯ имом Зайналобиддин, писари ӯ имом Муҳаммадбоқир, писари ӯ имом **/127а/** Ҷаъфари Содиқ, писари ӯ имом Мӯсои Козим, писари ӯ имом Алӣ Мӯсо ар-Ризо, писари ӯ имом Муҳаммад Тақӣ, писари ӯ имом Нақӣ, писари ӯ имом Ҳасани Аскарӣ, писари ӯ имом Муҳаммади Маҳдӣ ва авлодашон ба чанд воситаи дигар ба имом Абусаид Ҷаъфари Зулҳуҷаҷи Нақиби Муҳибуллоҳ, писари ӯ Абулҳасани Нақиб, писари ӯ Абулқосими Абдуллоҳ, писари ӯ сайид Шаҳобиддин, писари ӯ сайид Абулхайри Муҳаммад Тоҳир, писари ӯ Амири Кабир сайид Бурҳониддин ва аз эшон - амир сайид Алоуддин, писари ӯ амир Шуҷоъ сайид Наҷмиддин, писари ӯ сайид Камолиддин, писари ӯ амир Шамсиддин, писари ӯ амир сайид Қутбиддин, писари ӯ амир сайид Султон Алишоҳи Валӣ, мулаққаб ба «Шоҳи Хомӯшнавоз»[399], писари ӯ сайид Тоҳир, писари ӯ мир сайид Ҳасан, писари ӯ мир сайид Ҷамолиддин, писари ӯ мир сайид Назриддин, писари ӯ мир сайид Ғуломиддин, писари ӯ мир сайид Сироҷиддин, писари ӯ мир сайид Маҳмуд, писари ӯ **/127б/** мир сайид Аҳмад, писари ӯ мир сайид Абдуллоҳ, писари ӯ сайид Исҳоқ, писари ӯ сайид Исмоил, писари ӯ сайид Ҳоҷӣ Довуд, писари ӯ сайид Абдурраҳмон, писари ӯ сайид Шоҳ Абдурраҳим, писари ӯ сайид Муҳаммад Тоҳири сонӣ, писари ӯ сайид Абдуссалом, писари ӯ Шоҳ Абдулмаолӣ, писари ӯ сайид Ҷалолиддин, писари ӯ Алҳоҷ сайид Мухтор, ал-мутаваттин (сокин) би балдати-л-Кашмир, сонаҳо-л-Лоҳу таъоло (Худованд онро ҳифз созад) би ҳурмати сайиду-л-башар, баширун назирун.

Тамма-л-хайри [дурусташ - «Тамма бил-хайри»] насабномаҷоти Шоҳи Хомӯш ва сайид Алишоҳи Валӣ, мулаққаб ба «Шоҳи Хомӯшнавоз». Итмом ёфт дар таърихи чаҳоруми моҳи рамазону-л-мубораки санаи 1325 ҳиҷрӣ (11 октябри 1907) дар балдаи Ӯш, бар дасту қалами мирзо Фазлалибеки Сурхафсар, Дайҳиму-л-аҳмар:

*Хат дар варақи даҳр бимонад сад сол,*
*Бечора нависанда, ки дар хок равад.*

Таммату-л-китобу би авни-л-малики-л-ваҳҳоб.

# ТАВЗЕҲОТИ

# «ТАЪРИХИ БАДАХШОН»

[85] Дар нусхаи асл як мисраъ оварда нашудааст.

[86] **Ӯзбакҳои қатаған** - қабилаи калони ӯзбакҳо, ки қисми зиёди онҳо дар вилояти Қатағани Афғонистон сукунат доштанд. Қисме аз онҳо дар навоҳии ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбакистон зиндагонӣ доранд. Ин қабила ба 14 шӯъба тақсим шуда, тақсимоти қавмию қабилавии худро нигоҳ медорад. *Қатағанҳо мардуми таҳҷоӣ набуда, тибқи навиштаи муаллифи «Раҳнамои Қатағану Бадахшон» қабилаи қатағанҳо бо кадом сабабе аз хони Бухоро - Субҳонқулӣ дилозурда шуда (дар нимаи дуюми асри XVII) аз Даҳбеди Самарқанд кӯчида ба Дашти Наботи Ҳисори Шодмон омадаанд. Дар ин ҷо Бекмурод ном ҳамқавми худро роҳбар интихоб намуда аз Ҳисор ба Қундуз кӯчидаанд. Дар мавзеи нав Бекмурод ба дили сокинони маҳаллӣ роҳ ёфта, мардуми Қундуз ӯро ба ҷои сардори пештараи худ роҳбар гирифтанд. Бекмурод дар як муддати кӯтоҳ бо қавми худ - қатағанҳо шаҳру ноҳияҳои Толиқон, Имомсоҳиб, Калафгон ва Хусту Фрингро ба тасарруфи худ даровард. Ӯ дар санаи 1110/1698-99 вафот карда, писараш - Маҳмуд атолиқ ба ҷои ӯ нишаст. - Ниг.: Бурҳонуддини Кушкакӣ. Роҳнамои Қатағану Бадахшон. - Кобул, 1302. - С.12; Ғолиб Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - Душанбе: «Дониш», 2006. - С. 417-419. Шумораи ӯзбакҳо имрӯз дар Афғонистон ба зиёда аз 1,3 млн. нафар расида, онҳо дар вилоятҳои Қундузу Балх, Тахору Баглон ва Бадахшон зиндагӣ мекунанд.* Яке аз қавмҳои ин қабила «буркаи таймат» ва «буркаи таймуз» ном дошта дар навоҳии Наҳрайни вилояти Қатаған мезистанд. Аз ин рӯ, ин навоҳӣ баъзан Буркаи таймат номида мешавад.

Қатаған, Қатағон (قطغن،قطغان) - вилояти таърихиест, ки дар шимоли Афғонистон воқеъ буд ва ҳудуди ҳозираи вилоятҳои Қундуз, Тахор, Бағлон ва Самангонро ишғол мекард. То охири асри XVII дар он асосан тоҷикон мезистанд, вале баъдтар шумораи аҳолии туркзабон меафзояд. Аз миёнаи асри XIX ба сабаби ҳамроҳ намудани Қатаған ба Афғонистон, дар он шумораи паштунҳо зиёд мешавад. Дар Қатаған ба ғайр аз тоҷикон, ӯзбакҳо, афғонҳо, инчунин туркманҳо, ҳазораҳо ва халқиятҳои дигар низ зиндагонӣ мекунанд. Маркази вилояти таърихии Қатаған - шаҳри Қундуз мебошад.

[87] **Туркҳо** - яке аз гурӯҳҳои этникии ӯзбакҳо, ки ҳаёти нимкӯчманчигӣ ва тақсимоти қавму қабилавии худро нигоҳ доштаанд. Дар шимоли Афғонистон, инчунин навоҳии ҷанубии Тоҷикистону Ӯзбакистон истиқомат доранд.

[88] **Тоҷикон** - аҳолии таҳҷоии кишоварзи навоҳоти шимолӣ, ғарбӣ ва марказии Афғонистон. Дар вилояти Бадахшон бо гурӯҳҳои калон истиқомат дошта, бо номи «бадахшӣ» маълуманд.

[89] **Яфтал (یفتل)** - номи дарёест, ки аз шимоли Файзобод ҷорӣ шуда ба дарёи Кӯкча мерезад. Яфтал инчунин номи маҳаллест, ки дар водии ҳамин дарё ҷойгир шудааст. Дар аввали асри XX ба Яфтал 28 деҳа шомил буданд ва дар он қариб 17 ҳазор тоҷикон ва ӯзбакҳо истиқомат доштанд, ки шуғли асосии онҳо кишоварзӣ ва чорводорӣ буд. Яфтал ба ду қисм тақсим мешуд: Яфтали Боло (یفتل بالا), ки аҳолиаш дар ҳудуди 10 ҳазор нафар ва Яфтали Поён (یفتل پایان) - аҳолиаш тақрибан 7 ҳазор нафарро ташкил медод.

*Яфтал мавзеи машҳури таърихӣ буда, ҳанӯз дар асри XI ас-Самъонӣ аз он ёд намудааст: «Ал-Яфталӣ» нисбатест ба номи кишваре, ки дар охирҳои Тахористон қарор дорад ва онро «Яфтал» мегӯянд. Ба он Абунаср ибни Абилфатҳ ал-Яфталӣ, амири Хуросон нисбат дорад. Ахбораш ва ҷангҳое, ки дар байни ӯ ва Қаротегин дар наздикиҳои Балх рӯй дода буд ва Мардовезро асир карданаш - ҳамаи инро ас-Саломӣ дар «Таърих»-и худ зикр намудааст. - Абӯсаъд Абдулкарим ас-Самъонӣ. Китобу-л-ансоб, ҷҷ. I-IV - Бейрут: Дар ихйаа-т-туроса-л-арабӣ, 1999; т. IV. - С.535.*

[90] **Даҳбед (ده بید)** - номи деҳаест, ки пештар дар наздикии шаҳри Самарқанд воқеъ буд. Ин деҳа бо мазори шайх Хоҷагии Косонӣ (Махдуми Аъзам, ваф. соли 1542) машҳур аст. Ҳоло Даҳбед дар ҳудуди шаҳри Самарқанд қарор дорад.

[91] **Хами Мир (خم میر)** - номи мавзеест дар наздикии Яфтал. *А.Н.Болдырев номи ин мавзеъро «Хуми Мир» хондааст, ки саҳеҳ нест. Мардуми тоҷик пастии байни ду теппаро «хам» мегӯянд. Агар он хамӣ чуқур бошад, он гоҳ онро «дара» мегӯянд.*

[92] Ин байт аз Саъдӣ аст.

[93] **Қуръон, Сураи 38 «Сод», ояти 26.** *Як қисми ин оят дар худи дастхат хато омадааст. Баъди «арзи» бояд: «фаҳкум байна-н-носи би-л-ҳаққ» меомад.*

[94] **Лойоба (لای آبه)** - номи мавзеест дар наздикии Яфтали Поён.

[95] **Маҳмудбий** - ҳокими Қатаған, ки аз қабилаи ӯзбакҳои қатаған буд, чанд маротиба барои тобеъ намудани Бадахшон лашкар кашидааст. (Ниг. Б.А. Ахмедов. История Балха (XVI – первая половина XVIII в.в.). Ташкент: «Фан», 1982. - С. 59).

[96] ***Сӯба*** - *мафҳуми маъмурӣ дар Ҳиндустони замони подшоҳии Акбар (1556-1605), яъне округ (вилояти калон). Дар охири давраи ҳукмронии Акбар дар Ҳиндустон 16 сӯба мавҷуд буда, сардорони онҳоро «сӯбадор» мегуфтанд. Ин истилоҳ ба Бадахшон гузашта маънои «ноҳия» ё «вилоят»-ро дорад.*

[97] **Ҷурм (جرم)** - яке аз вилоятҳои муҳими Бадахшон ба ҳисоб рафта, дар болооб ва миёнаоби дарёи Кӯкча, водиҳои шохобҳои канории он - Вардуҷ, Зардев, Куррон, Сарғилон ва Париён ҷойгир шудааст. Аҳолии онро асосан тоҷикон ташкил дода, шуғли онҳо парвариши ғалладонагӣ, кӯкнор ва боғу ток буд. Дар дарёҳо истеҳсоли тилло ва дар кӯҳсор истихроҷи лоҷуварду сангҳои қиматбаҳо хуб ба роҳ монда шуда буд. Қисми марказии Ҷурм дар ҳар ду соҳилҳои дарёи Кӯкча воқеъ гашта, Юмғон ном дошт. Дар он дар охири асри XIX қариб 20 ҳазор нафар аҳолӣ мезист.

Ҷурм - инчунин номи деҳаест, ки дар масофаи 50 км аз шаҳри Файзобод ва 12 км аз ҷойи пайвастшавии дарёи Вардуҷ ба Кӯкча, дар соҳили чапи он ҷойгир шудааст.

Ҷурм - яке аз мавзеъҳои асосии таърихии аҳолинишини ин минтақа буда, дар охирҳои асри XIX аҳолии он 1,5 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар он як бозор, ду мадраса ва як корвонсарой мавҷуд буд. Аксарияти аҳолии он ба бофандагӣ ва кафшдӯзӣ машғул буданд. Дар асрҳои XIX - аввали XX Ҷурм ба яке аз марказҳои савдои афюн табдил ёфта, афюн аз он ба атрофи вилоят ва Ёрканд фиристода мешуд. Дар Ҷурм ва атрофи он зиёратгоҳҳои бузургони зиёде мавҷуд буданд, ки ба зиёрати онҳо одамон на танҳо аз гирду атрофи вилоят, балки аз Эрон, Осиёи Миёна ва шимоли Ҳиндустон меомаданд. Дар наздикии Ҷурм мақбараи шоир ва файласуфи машҳури тоҷик - Носири Хусрав воқеъ аст.

[98] ***Илгор*** - *(туркӣ), ин ҷо ба маънои дастаи аскарии ҳокими қалъа омадааст. Дар асл он маънои «ҳуҷум» ва «юриш»-ро дорад.*

[99] **Чатрор (چترار)** - вилояти баландкӯҳ дар ҳавзаи шохоби чапи дарёи Кобул ва дарёи Чатрор (ки болообаш Ёрхун, поёнобаш Кунар номида мешавад) воқеъ гашта, водиҳои дарёҳои Луткӯҳ ва Мулиҳоро (Туриҳо) дар бар мегирад. Чатрор яке аз вилоятҳои калонтарини Ҳиндукуши Шарқӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳозир ба ҳайати Музофоти Сарҳадии Шимолу Ғарбии Покистон шомил аст. Дар охири асри XIX дар

Чатрор наздики 80-100 ҳазор нафар аҳолӣ мезист. Шуғли асосии онҳо кишоварзӣ, чорводорӣ ва косибӣ буд.

Муаллифони «Таърихи Бадахшон» Чатрорро шартан ба ду қисм тақсим намудаанд: Чатрори Боло ва Чатрори Поён. Ба Чатрори Боло (яке аз номҳои он - Кашкори Боло) водии дарёи Ёрхун аз сарчашмааш то мавзеи ҳамроҳшавии он бо дарёи Мулиҳо, инчунин водиҳои Мулиҳо, Тирич ва водиҳои дигар шомил буданд. Маркази Чатрори Боло деҳаи Кашкор буд, ки аз шаш мавзеи ба ҳам омехтаи дар ду соҳили дарёи Ёрхун ҷойгиршуда, иборат буд. Чатрори Поён навоҳии гирду атрофи дарёи Чатрор ва шохобҳои онро дар бар мегирифт. Ниг. Н.Л. Лужецкая. Очерки истории Восточного Гиндукуша во второй половине XIX века. - М., 1986. - С. 69-79.

[100] **Латтабанд (لته بند)** - номи мавзеест байни Бадахшон ва Қатаған. Дар ҳошияи вараќи 5а муаллиф чунин навиштааст: «Латтабанд номи мавзеест, ки аз қадим машҳур ба Сарҳад қарор ёфта».

Ағбаи (кӯтали) байни сарҳади Бадахшон ва Қатаған чунин ном дошта, дар баландии 1800 м дар масофаи 27 км аз Толиқон (маркази вилояти Тахор) ҷойгир шуда, он яке аз теғаҳои қаторкӯҳи Хоҷа Муҳаммадро бурида мегузарад.

[101] **Балх (بلخ)** - яке аз шаҳрҳои қадимаи Афғонистон буда, дар шарқии шаҳри асосии имрӯзаи вилояти Балх - Мазори Шариф, ки он дар шимоли Афғонистон воқеъ аст, ҷойгир шудааст. Дар охири асри XIX дар шаҳри Балх дар ҳудуди 600 оила, асосан тоҷикону ӯзбакҳо, арабҳо ва афғонҳо истиқомат доштанд. Дар бозори шаҳри Балх фақат 60 дӯкон фаъолият мекард.

[102] *Субҳонқулихон ибни Надрмуҳаммадхон аз сулолаи ӯзбакии Аштархониён, амири Бухоро аз соли 1091/1680 то 1113/1701.То ин муддат ӯ дар давоми 30 сол - аз соли 1061/1650 то соли 1091/1680 хони Балх буд. Аз соли 1061/1650 Балху Бадахшону Кӯлоб расман дар тобеияти Субҳонқулихон қарор доштанд. Ниг. ба: Ғолиб Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 415,416,421.*

[103] **Ҷузгон, Ҷузгун (جوزگان)** - номи аввалаи Файзобод - пойтахти Бадахшон ва яке аз шохобҳои рости дарёи Кӯкча. Дар соҳили рости дарёи Кӯкча дар баландии қариб 1000 м ҷойгир шудааст. Дар соли 1870 аҳолии он зиёда аз 65 ҳазор нафарро ташкил медод. Он аз қадимтарин шаҳрҳои Бадахшон буда, номи Файзободро соли 1680, ба сабаби ба ин шаҳр овардани хирқаи муборақи пайғомбари ислом, гирифтааст. Хирқаи мазкурро соли 1768 Аҳмадшоҳи Дурронӣ ба Қандаҳор ва аз он ҷо ба Кобул бурд.

Дар аввали асри XX дар Файзобод қариб 90 ҳазор кас мезист, ки онҳо асосан иборат аз қавмҳои тоҷик, афғон ва ӯзбак буданд. Файзобод маркази асосии тиҷоратии вилояти Бадахшон ҳисоб меёфт. Дар он ду бозор - Бозори Мадраса (зиёда аз 200 дӯкон) ва Бозори Чачан (зиёда аз 85 дӯкон) фаъолият мекарданд. Инчунин дар шаҳр 2 корвонсарой, 3 масҷиди ҷомеъ, 5 мадраса ва 1 мактаби дунявии «Шарофат» мавҷуд буд. Дар қисми шимолу ғарбии шаҳр қалъа воқеъ шуда, ҷойи зисти амирони Бадахшон маҳсуб мешуд.

*Устод С.Е. Григорьев Ҷузгунро яке аз шаҳрҳои қадимтарини Бадахшон гуфта ба хатогӣ роҳ додаанд. Аз худи матни «Таърихи Бадахшон» бармеояд, ки Ёрибекхон баъди аз вохӯрӣ бо Субҳонқулихон баргаштанаш ва ҳамчун мири Бадахшон шинохта шуданаш, барои ӯ қалъаи Ҷузгунро сохтаанд, яъне дар нимаи дуюми асри XVII. Дар он замонҳо аввал қалъа ва баъд шаҳрро месохтанд.*

[104] **Дусирабор** - навъи андозе аз чорво, ки он баробари 1/15 саршумори рама буда, ба намуди молӣ ситонида мешуд.

*Дар кишвари Бухоро низ андози махсус барои чорвои корӣ (асп, хачир, барзагов) – «як сара», «ним сара» мавҷуд буд. Мувофиқи он деҳқонон барои як ҷуфт чорвои корӣ - 1 батман, ним ҷуфт (як сар) чорво – 0,5 батман гандум андоз месупориданд. Ниг. А.А. Семенов. Очерк поземельно-податного и налогового устройства б. Бухарского ханства // Труды Средне-Азиатского Государственного Университета. Серия II, Orientalia, Выпуск 1. - Ташкент, 1929. - С. 53.*

105 **Туркия (ترکیه)** - номи мавзеест, ки ҷойи он аниқ маълум нест.

106 ***Аргунҷхоҳ*** **(ارغنج خواه)** - *номи мавзеест байни Шеваю Файзобод, ки аз худи матни «Таърихи Бадахшон» бармеояд.*

107 **Чакона, Чагона (چکانه)** - номи мавзеест, ки ҷойи он аниқ нашудааст.

108 **Такнов (تکناو)** - мавзеест дар наздикии Яфтал.

109 **Кӯлак (کولک)** - номи ноҳияест дар вилояти таърихии Кишм, поёнтар аз Яфтал воқеъ аст. Баъзан онро Қарлиқ низ меноманд.

110 ***Хоҷа*** - *аслан ба маънои сардору сарвару хӯҷаин мебошад. Аммо дар асрҳои миёна намояндагони табақаи рӯҳониёни бонуфуз дар назар аст, ки баъди «сайидҳо» қарор доштанд.*

111 **Дуроҳ (دوراه)** - ағбаест (кӯтал) баландиаш дар ҳудуди қариб 5000 метр. Он Бадахшонро бо Чатрор пайваста, аз қаторкӯҳҳои асосии Ҳиндукуши Шарқӣ мегузарад. Аз ҷониби Бадахшон аз болооби дарёи Санглич, ки ба дарёи Вардуҷ мерезад, ибтидо меёбад. Он аз моҳи май то ноябр барои гузаштан кушода аст.

112 **Садда (صدّه)** - номи деҳае дар болооби дарёи Роғ то деҳаи Ёвон, инчунин заминҳои дар байни дарёи Роғ ва вилояти Шаҳри Бузург қарор дошта низ Садда ном доранд.

113 **Пасокуҳ (پساکوه)** - мавзеест дар вилояти таърихии Шаҳри Бузург, дар наздикии вилояти Рустоқ.

114 **Зардев (زردیو)** - водии кӯҳиест дар вилояти Ҷурм, ки дар он дарёи Зардев ҷорӣ мебошад. Қисми пойини водиро - Баҳорак ва қисми болоии онро - Сарғулом меноманд. Дар ибтидои асри XX дар водии дарёи Зардев 22 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо қариб 10 ҳазор нафар - асосан тоҷикони суннимазҳаб сукунат доштанд. Онҳо ба боғдорӣ, ғаллакорӣ, парвариши кӯкнор ва бофтани матоъҳои пашмин машғул буданд. Инчунин Зардев номи деҳаест дар 40 километрии шимоли Хайробод.

115 **Сарғулом (سرغلام)** - мавзеест дар водии дарёи Сарғулом. Ин дарё ба дарёи Вардуҷ аз ҷониби шимолу шарқӣ болотар аз деҳаи Хайробод, мерезад. Ин мавзеъ ба вилояти Ҷурм шомил буд. Аҳолии онро асосан тоҷикон ташкил дода, онҳо ба ғаллакорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Аз ин мавзеъ ба ҷониби Ишкамиш пайроҳаи кӯҳӣ вуҷуд дошт. Сарғулом - номи маҳалли асосии ин ноҳия мебошад, ки дар охири асри XIX дар он қариб 600 хоҷагӣ мавҷуд буд.

116 **Шева (شیوه)** - пуштакӯҳҳои фарох дар соҳили чапи дарёи Панҷ, ки дар қаторкӯҳи Лаъл, байни вилоятҳои Дарвозу Роғ ҷойгир аст. Дар ин мавзеъ чарогоҳҳои беҳтарини Бадахшон ҷойгир шудаанд, ки тобистон ба онҳо зиёда аз 1 миллион сар чорво аз навоҳии Кобул, Қандаҳор, Бағлон, Ғурӣ, Хонобод ва Файзобод ронда оварда мешаванд. Дар ин мавзеъ аҳолии муқимӣ қариб ки набуд. Аҳолии муқимии

он (асосан аз навоҳии Аргу), ки дар 10 деҳоти начандон калони Шева мезистанд, аз фишори кӯчманчиён ҷойҳои худро тарк карда буданд.

Шева - инчунин номи кӯлест дар пуштакӯҳи Шева дар баландии қариб 3 ҳазор метр, дарозиаш - 11 км, бараш - 8 км. Дарёе, ки аз ин кӯл баромада байни қаторкӯҳҳои Лаъл ва Сафедхирси Дарвози Афғонистон ҷорӣ шуда дар поёнтари Рӯшон ба дарёи Панҷ мерезад, низ Шева ном дорад.

117 **Кишм (کشم)** - вилоятест дар сарзамини Бадахшон, ки дар ҳавзаҳои дарёи Кишм ва шохобҳои он ҷойгир шудааст. Ба он навоҳии Кишм, Машҳад, Варсаҷ, Тешкон ва Кулак дохил мешуданд. Дар охири асри XIX дар вилояти Кишм 18 деҳа вуҷуд дошта, аҳолии он - тоҷикон ба парвариши чорво, зироати ғаллаю пахта ва обчакорию боғдорӣ машғул буданд.

Кишм - номи яке аз маҳаллҳои калони ин вилоят буда, аз он роҳи байни Файзободу Хонобод мегузарад. Кишм дар асрҳои XVI - XVII пойтахти Бадахшон буд.

Кишм - инчунин номи шохоби чапи дарёи Кӯкча мебошад, ки ба он дар поёнтари деҳаи Кишм мерезад.

118 **Фархор (فرخار)** - номи ноҳияест дар водии дарёи Толиқон. Ин дарё дар болооб ва маҷрои миёнаи худ низ номи Фархорро дорад. Фархор дар доманаҳои қаторкӯҳҳои Хоҷа Муҳаммад ҷойгир шудааст. Ҳоло ба музофоти Тахор шомил аст. Дар охири асри XIX Фархор аз 20 деҳа иборат буда, аҳолии асосии он - тоҷикон ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Аз ин навоҳӣ бисёр олимон ва рӯҳониёни машҳури Бадахшон баромадаанд.

Фархор - инчунин номи деҳаи калонтарини ин навоҳист, ки дар ҳавзаи миёнаи дарёи Фархор, дар дурии 42 км аз Толиқон ҷойгир шуда, бо боғоти худ шӯҳрат ёфтааст. Дар аввали асри XX он аз 1200 хонавода иборат буда, аҳолиаш зиёда аз 5 ҳазор нафарро ташкил медод.

119 **Варсаҷ (ورسج)** - номи мавзеъ ва дарёест, ки он дарё аз доманаи қаторкӯҳҳои Хоҷа Муҳаммад мегузарад ва дарёи Фархорро ташкил медиҳад. Дар маҷрои поёнии худ он номҳои Толиқон, Қундуз ва Сурхобро мегирад. Ноҳияи Варсаҷ пештар ба вилояти Кишм шомил буд, ҳоло бошад ба музофоти Тахор дохил аст. Дар аввали асри XX он аз 23 деҳа иборат буда, аҳолии он - тоҷикон ба зироаткорӣ машғул буданд.

Варсаҷ - инчунин номи деҳаи марказӣ ва номи ағбаи яке аз қаторкӯҳҳои Ҳиндукуш мебошад, ки водиҳои қисми болои Варсаҷ ва Панҷшерро бо ҳам мепайвандад.

120 **Танги Дарун (تنگ درون)** - мавзеест дар доманаи қаторкӯҳи Толиқон, ки дар наздикии Варсаҷ, байни Кишм ва Фархор воқеъ аст.

121 **Куррон (کرّان)** - ноҳияи кӯҳиест дар водии дарёи Куррону шохобҳои он. Дарёи Куррон яке аз сарчашмаҳои дарёи Кӯкча мебошад. Аҳолии онро асосан тоҷикони суннимазҳаб ташкил дода, дар сарҳади Мунҷон ду деҳаи тоҷикони шиамазҳаб низ мавҷуд буданд. Дар охири асри XIX дар Куррон 7 деҳа мавҷуд буд, ки аҳолии онҳо на зиёда аз 1 ҳазор нафарро ташкил медод. Онҳо асосан бо зироаткорӣ, чорводорӣ ва косибӣ машғул буданд. Аз водии Куррон пайраҳаҳое мегузаранд, ки онро бо водии Панҷшер мепайванданд.

122 **Мунҷон (منجان)** - ноҳияест дар ҷануби Бадахшон. Он дар водии дарёи Мунҷон - яке аз шохобҳои шарқии дарёи Кӯкча ҷойгир шудааст. Дар Мунҷон 14 деҳа мавҷуд буда, калонтарини онҳо Шорон (Шаҳрон) ба ҳисоб мерафт, ки он 80 хоҷагӣ дошт. Аҳолии он - мунҷониҳо пайрави мазҳаби исмоилия буда, бо забони мунҷонӣ ҳарф мезананд

ва шуғли асосиашон зироаткорию чорводорӣ буд. Дар водии Мунҷон ағбаҳое ҳастанд, ки онро бо вилоятҳои Нуристон (Кофиристон) ва Панҷшер мепайванданд.

[123] **Боғи Ҷурм (باغ جرم)** - мавзеест дар наздикии Ҷурм.

[124] **Қуръон, Сураи 89 «Фаҷр», ояти 28.** *«Хушнуду розӣ ба назди парвардигорат баргард!».*

[125] **Қуръон, Сураи 2 «ал-Бақара», ояти 156.** *«Мо азони Худоем ва ба ӯ бозмегардем».*

[126] **Сангимӯҳри Боло (سنگ مهر بالا)** - мавзеест дар наздикии Файзобод.

[127] **Пули Зич (پل زیچ)** - пулест дар болои дарёи Кӯкча, дар мавзеи Сангимӯҳри атрофи Файзобод.

[128] **Бӯза** - пиво (шаробе), ки аз арзан тайёр карда мешавад.

[129] **Хуст (خست)** - ноҳияи кӯҳиест воқеъ дар водиҳои дарёи Бангӣ ва шохобҳояш. Он дар шарқии Пули Хумрии музофоти Бағлон ҷой дошта, ҳоло онро Хусту Фринг меноманд. Дар Хуст дар ибтидои асри XX 83 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо қариб 4 ҳазор тоҷикон ва ҳазораҳо истиқомат доштанд. Шуғли асосии онҳо чорводорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ ва истеҳсоли тилло аз дарёи Хуст буд. Аз тариқи ин мавзеъ роҳҳо ба Панҷшер, Андароб, Толиқон ва Хонобод мегузаранд.

[130] **Фринг (فرنگ)** - (*устодҳо А.Н. Болдырев ва С.Е. Григорьев онро бархато «Фаранг» хонда тавзеҳ додаанд*) мавзеи сернуфус дар водии дарёи Бангӣ. Дар аввали асри XX он аз 73 деҳа иборат буда, зиёда аз 3450 ҳавлӣ дошт. Аҳолии асосиаш тоҷикон буда, онҳо ба зироаткорию боғдорӣ, ҳазораҳо бошанд ба чорводорӣ машғул буданд. Аз конҳои атрофи он маъдани қӯрғошим (сурб) истихроҷ мегардид.

Фринг - инчунин номи деҳаест воқеъ дар водии дарёи Бангӣ (Хуст). Он дар доманаи қаторкӯҳҳои Шошон дар 90 километрии ҷануби Толиқон ҷойгир гашта, 40 ҳавлӣ дошт. Ҳоло ба музофоти Бағлон шомил аст.

[131] **Чинори Ҳамза (چنارحمزه)** - мавзеест дар соҳили чапи дарёи Кӯкча наздики Ҷурм. Аз ин мавзеъ роҳи Файзобод - Ҷурм мегузарад.

[132] **Шӯробак (شورآبک)** - номи деҳаест дар соҳили чапи дарёи Кӯкча, ки дар 10 километрии ҷануби Файзобод дар мавзеи Чинори Ҳамза воқеъ шудааст ва дар он 50 оила истиқомат мекард.

[133] *Дар тарҷумаи русӣ хато – ҳашт сол омада аст.*

[134] **Сиёҳпӯш** - айнан «шахси либоси сиёҳпӯшида», посбони шаб. Инчунин «сиёҳпӯш» номи қавмест дар мавзеи Кофиристони ҳамсояи мусулмонон.

[135] **Турёб (توریا ب)** - мавзеест байни Пасокӯҳ ва Яфтали поён. Дар айни замон номи деҳаест дар Яфтал дар наздикии дарёи Кӯкча. *Чи тавре дар пешгуфтор қайд шуд, Турёб инчунин номи деҳаест дар мавзеи Дуоби ноҳияи Мӯминободи вилояти Хатлон.*

[136] **Варм (ورم)** - номи қалъаест дар навоҳии Зардев дар наздикии Баҳорак.

[137] **Толиқон** ( **طالقان، تالقان**) - шаҳри марказии музофоти Тахор, ки дар соҳили рости дарёи Толиқон (шохоби дарёи Қундуз) воқеъ гардида аст. Дар охири асри XIX дар шаҳр 250 дӯкон ва 4 корвонсарой мавҷуд буда, дар он қариб 2 ҳазор нафар тоҷикон, ӯзбакҳо ва афғонҳо мезистанд, ки шуғли асосии онҳо чорводорӣ, парвариши ғалладона, пахта ва обчакорӣ буд.

Дар музофоти Толиқон 60 деҳот бо 3360 ҳавлӣ мавҷуд буд. Дар қадим Толиқон пойтахти Тахористон буда, дар нимаи аввали асри XVIII ба ҳайати давлати ёриҳо шомил шуд.

Толиқон - инчунин номи кӯҳест дар қаторкӯҳҳои Хоҷа Муҳаммад.

[138] **Ишкамиш** (**اشکمش**) - ноҳияест дар водии дарёи Самангон ва шохобҳои он. Ишкамиш дар 200 километрии ҷанубу шарқи Қундуз воқеъ гашта, ба ҳайати музофоти Тахор шомил аст. Дар аввали асри XX дар Ишкамиш 17 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо тоҷикону ӯзбакҳо сукунат доштанд. Касби асосии онҳо чорводорӣ, боғдорӣ, парвариши ғалладонагӣ, пахта, обчакорӣ ва истеҳсоли намак буд. Инчунин он номи деҳаи марказии ноҳияи Ишкамиш мебошад.

Дар ибтидои асри XX дар музофоти Чалу Ишкамиш, ки қисми зиёди Ишкамишро дар бар мегирифт, дар ҳудуди 21 ҳазор нафар сокинон зиндагӣ мекарданд.

[139] **Ғӯрӣ** (**غوری**) - ноҳияест дар баландии тақрибан 600 м, ки дар байни шаҳрҳои Бағлон ва Душӣ, дар ҳудуди ҳозираи музофоти Бағлон, дар водии дарёи Пули Хумрӣ воқеъ гашта аст. Дар соли 1714 Ғӯриро дастаҳои мири Бадахшон - Юсуфалихон забт намуда, ба ҳайати давлати Бадахшон ҳамроҳ намуданд. Дар охири асри XIX дар он қариб 5 ҳазор оилаҳои тоҷикон, ӯзбакҳо, афғонҳо, инчунин ҳазораҳо, аймоқиҳо ва ҷамшедиҳо мезистанд, ки шуғли асосии онҳо парвариши ғалладона, обчакорӣ ва боғдорӣ буд. Дар замонҳои пеш дар ин ҷо асосан ӯзбакҳо мезистанд, аммо аз солҳои 70-уми асри XIX сар карда, бинобар сиёсати муҳоҷиркунонии амирони Афғонистон, шумораи аҳолӣ аз қабилаҳои пашту (ғилҷоӣ) зиёд мешавад. Дар деҳаи Ғӯрӣ - маркази ноҳия дар охири асри XIX 120 ҳавлӣ ва як бозор мавҷуд буд.

*Ғӯрӣ дар асри XVI яке аз ноҳияҳои Бадахшон буд. Дар соли 1584 лашкари Абдуллохони Шайбонӣ онро ишғол намуда буд. Ниг. ба Ғ.Ғоибов. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 169-170.*

[140] **Ҳазрати Имом, Ҳазрати Имом Соҳиб** ( **حضرت امام صاحب**) - мавзеест байни дарёҳои Кӯкча ва Қундуз дар соҳили чапи дарёи Ому, ки ҳоло ба ҳайати музофоти Қундуз шомил аст. Дар охири асри XIX дар он 33 деҳа мавҷуд буда аҳолии онҳо қариб 15 ҳазор нафарро ташкил медод. Сокинон ба парвариши ғалладонагӣ, обчакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва косибӣ машғул буданд.

Шаҳраки Ҳазрати Имом Соҳиб дар шимоли Қундуз, дар сари роҳи Шерхон - Хоҷағор ҷойгир шудааст. Дар ибтидои асри XX дар он 200 ҳавлӣ, гарнизони ҳарбӣ, гумрук, як бозор бо 100 дӯкон ва якчанд корвонсарой мавҷуд буданд. Номи худро аз номи мазори Ҳазрати Имом Соҳиб, ки дар шаҳр воқеъ аст, гирифтааст.

*Шаҳри Имом Соҳиб то асрҳои XIV-XV Арҳанг ном дошт. Харобаҳои шаҳри Арҳанг имрӯз дар ҷанубу шарқи шаҳри Имом Соҳиб мавҷуданд. Худи шаҳр аз соҳили Ому дар дурии 17 км ба сӯи ҷануб воқеъ гаштааст. Аз рӯи ривоятҳои мавҷуда, гӯё сари имом Ҳусайнро (ё имом Зайд, ё имом Зайнулобиддин) ҳавохоҳонашон оварда дар он ҷо гӯр кардаанд. Аввал султон Санҷар (асри XII)баъд мирзо Муҳаммади Ҷӯкӣ ибни Шоҳрух (асри XV) ва ниҳоят - Султон Ҳусайн мирзо дар асри XVI ин мазорро обод кардаанд. Ниҳоят номи мазор «Имом» ҷои Арҳангро аз асри XVI ба баъд пурра гирифт. Ниг.: Ғ.Ғоибов. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С.31-32, 166, 195; Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С.177.*

141 **Ҳафт*даҳ*дараи Хинҷон (** هفتده درهٔ خنجان**)** - ноҳияест дар ҷануби музофоти ҳозираи Бағлон, дар доманакӯҳҳои Ҳиндукуш, водии дарёи Душӣ ва шохобҳои он. Дар Хинҷон дар аввалҳои асри XX 7 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо қариб 3520 хонавор тоҷикон, ҳазораҳо ва ба миқдори кам афғонҳо истиқомат доштанд. Шуғли асосии онҳо зироаткорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ буд.

Деҳаи Ҳафт*даҳ*дараи Хинҷон - маркази ноҳия буда, дар наздикии ҷои бо ҳам пайваст шудани дарёҳои Андароб ва Хинҷон воқеъ гардидааст. Дар он 150 хонавор сокинон зиндагӣ мекарданд.

*Дар тарҷумаи русӣ бархато «Ҳафтдараи Хинҷон» тарҷума шудааст.*

142 **Қундуз (**قندوز**)** - маркази музофот буда, дар соҳили дарёи Қундуз (Пули Хумрӣ) воқеъ шудааст. Дар ибтидои асри XX дар Қундуз 500 хоҷагӣ, як бозор бо 200 дӯкон, 5 корвонсарой, 2 мадраса мавҷуд буда, дар он афғонҳо, тоҷикон, ӯзбакҳо, ҳазораҳо, туркманҳо, арабҳо, балуҷҳо ва дигарон истиқомат доштанд.

*Қундуз - шакли кӯтоҳи калимаи «кӯҳандиз» (қалъа) буда, дар ҷои он то асри XIII яке аз шаҳрҳои ниҳоят ободи тоҷикони Тахористон бо номи Валволиҷ (дар сарчашмаҳои арабӣ - Варволиз) воқеъ буд. Бори аввал шарқшиноси маъруфи англис Гай Ле-Стренҷ дар соли 1905 ҷои мавҷудияти шаҳри Валволиҷро «дар мавзеи ниҳоят қариб ба Қундуз» муайян намуда буд. Вале ҳақиқаташ он аст, ки Валволиҷ бевосита дар ҷои харобаҳои қалъаи қадимаи Қундуз воқеъ буд. Дар асри XVI шаҳри Қундуз дубора обод гардида ба маркази иттиҳодияи вилоятҳои ҳарду соҳилҳои дарёи Панҷ - Хатлон, Ҳисор, Чағониёну Тирмиз табдил ёфт, ки амири он Хусравшоҳи қипчоқ дар Қундуз қарор дошт. Дар соли 1505 Шайбонихон Қундузро фатҳ кард. Дар соли 1510 Бобур Қундузро гирифт, аммо дар соли 1584 Абдуллохони ӯзбак ҳангоми ҳуҷуми худ ба Бадахшон шаҳри Қундузро ба тасарруфи худ даровард. Ниг.: Ғ.Ғоибов. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С.169; Гай Ле-Стренҷ. Булдану-л-хилофа-ш-шарқия (Кишварҳои хилофати шарқӣ) / Муаллифони тарҷума ба забони арабӣ, таълиқот ва феҳристҳо Башир Френсис ва Гургис Аввад. - Байрут: Муассасату-р-рисала, 1985. - С.480.*

143 **Ёрканд (**یارکند**)** - номи дарё, маҳалл ва шаҳр дар қисми шимолу ғарбии ноҳияи худмухтори ҳозираи Синтзян-Уйғури Ҷумҳурии мардумии Чин, дар канори биёбони Такламакан ва доманаи қаторкӯҳи Кунлун.

144 **Зағирчӣ (**زغیرچی**)** - номи қалъаи кӯҳнае дар қисми шимолу ғарбии ш. Файзобод, дар соҳили рости дарёи Кӯкча.

145 **Сайидбойӣ (**سید بای**)** - номи мавзеест наздики Лойоба.

146 **Ила (**ایله**)** - ҷойи воқеъ шуданаш аниқ нашудааст, шояд дарёи Или дар Ҳафтрӯд дар назар бошад. *Вале ба ақидаи мо Ила дар Ҷунғория наздик ба Туркистони Шарқӣ воқеъ буд. Зеро тибқи шарҳи В.А. Ромодин (Ниг. ба тавзеҳи 72) тӯраи қалмоқҳо Галдан Серен ҷунғорӣ буд.*

147 **Тӯраи қалмоқ (**تورهٔ قلماق**)** - яъне ҳокими қалмоқҳо. Тӯра - шахсест аз авлоди амирон, ворисиси сулолаи ҳукмрони *халқиятҳои мугулӣ.*

148 **Қалмоқҳо** - халқияте аз муғулҳои Ҷунғор. Як қисме аз онҳо дар охири асри XVI - аввали асри XVII ба поёноби дарёи Волга омада, ҳаёти кӯчманчигӣ ва ниммуқимӣ мегузарониданд. Онҳо сохти қабилавии худро нигоҳ медоштанд. Ҳоло асосан дар ҳайати Ҷумҳурии Худмухтори Қалмоқистон (Россия) ва вилоятҳои ҳамсарҳади он истиқомат мекунанд.

[149] **Бақлон,** *саҳеҳаш* ***Баглон*** **(بغلان)** - шаҳрест воқеъ дар шимоли Афғонистон, дар соҳили рости дарёи Сурхоб (Қундуз), дар баландии 600 метр. Дар охири асри XIX дар он қариб 7 ҳазор нафар тоҷикон, ӯзбакҳо ва афғонҳо истиқомат доштанд ва шуғли асосии онҳо зироаткорию чорводорӣ буд. Дар замонҳои қадим Бағлон яке аз марказҳои асосии вилояти таърихии Тахористон ҳисоб меёфт. *Номи он дар катибаҳои аз ин минтақа ёфтшуда дар шакли «Багуланга» зикр гардидааст, ки онҳо ба давраи юнону бохтарӣ ва кушонии таърихи ин маҳал мансуб мебошанд. Дар асрҳои IX-XII Баглон ду қисм буд: Баглони Боло ва Поён. Дар асри XVI Баглон ҷузъи қаламрави Шоҳрух мирзо буд. Ниг. ба: Ахмедов Б.А. История Балха (XVI - первой половины XVIII вв.). - Ташкент: «Фан» Узбекской ССР, 1982. - С. 53.*

[150] Муаллифи «Таърихи Бадахшон» дар ҳошия чунин овардааст: «Чапан – мардумони бекораи нодони ҳамоқатпешаро ва навкарони одӣ ва берун аз эътиборро гӯянд».

[151] **Аргу (ارگو)** - мавзеест дар водии дарёи Аргу (яке аз шохобҳои дарёи Кӯкча) дар 25 километрии ҷанубу ғарби ш. Файзобод. Аз тариқи он роҳе мегузарад, ки Файзободро бо Дараим ва Хонобод мепайвандад. Дар водии дарёи Аргу, ки 30 км дарозӣ дорад, дар ибтидои асри XX - 8 деҳа мавҷуд буда, дар онҳо тақрибан 1500 оила зиндагонӣ мекарданд. Аҳолии ин мавзеъ асосан тоҷикону ӯзбакҳо ба зироаткорию чорводорӣ машғул буданд. Деҳаи Аргу дар баландии 2 ҳазор метр қарор дошта, маркази ин мавзеъ ба ҳисоб мерафт. Дар охири асри XIX дар Аргу 300 ҳавлӣ мавҷуд буд.

[152] **Бози Паррон (بازپران)** - мавзеест наздики шаҳри Файзобод. *Чи тавре дар пешгуфтор қайд карда будем, деҳаи дигаре бо номи «Бози Паррон» дар минтақаи Дуоби ноҳияи Мӯминободи вилояти Хатлон вуҷуд дорад.*

[153] **Ҷулуғар (جلغر)** - кӯҳест наздики мавзеи Бози паррони атрофи шаҳри Файзобод.

[154] **Қароқӯзӣ (قراقوزی)** - номи мавзеъ ва деҳаест байни Аргу ва Пасокӯҳ дар соҳили дарёи Кӯкча.

[155] **Роғдашт (راغ دشت)** - қалъа дар водии дарёи Роғ.

[156] **Ғулданги Ҷаранг (غلدانگ جرنگ)** - исми тӯраи қалмоқ. Дар ин ҷо ҳокими (хунтайчжи) қалмоқи (ҷунғорӣ) Галдан Сэрэн (1727-1745) дар назар аст (*Шарҳу тафсири В.А. Ромодин*).

[157] **Кӯҳи Ҷулуғар** ва **Регӣ (ریکی)** - ду кӯҳанд дар наздикиҳои шаҳри Файзобод.

[158] ***Сафил*** - *мутарҷим ва муаллифи тавзеҳот навиштаанд, ки «Точный смысл слова неясен». Ҳол он ки то имрӯз дар минтақаи Кӯлоб девори ҳавлиро «сафил» мегӯянд. Дар матн девори қалъа дар назар аст.*

[159] **Дарвоз (درواز)** - вилояти таърихиест, *ки дар нимаи дуюми асри XIX ба хонигарии Бухоро зӯран дохил карда шуда буд.* Он дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷ дар поёнтари Ванҷ ҷойгир аст. Аз рӯи созишномаи байни Россия ва Англия (с. 1895), қисми дар соҳили чапи д. Панҷ будаи Дарвоз ба Афғонистон ва қисми дар соҳили рост будаи Дарвоз, Шуғнон, Рӯшон ва Вахон ба ҳайати хонигарии Бухоро дохил шуданд. Маркази ин вилояти таърихӣ Қалъаи Хум буда, ҳоло маркази ноҳияи Дарвоз дар ҳайати Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ибтидои асри XX ба Дарвози Афғонистон 27 деҳа шомил буд, ки дар онҳо зиёда аз 20 ҳазор аҳолӣ, асосан тоҷикон мезистанд. Шуғли асосии онҳо парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, пахта, боғдорӣ ва бофандагӣ буд. Аксари аҳолии Дарвоз суннимазҳаб

мебошанд, вале дар байни онҳо ба миқдори кам пайравони исмоилия низ вомехӯранд.

[160] **Қаротегин (قراتیگین)** - вилояти таърихиест воқеъ дар ҳавзаи миёнаи мачрои дарёи Вахшу (Сурхоб) шохобҳои он дар доманаҳои қаторкӯҳҳои Қаротегин. Аҳолии асосии онро тоҷикон ташкил дода, *ҷой-ҷой (н.Ҷиргатол) қиргизҳо низ вомехӯранд*. Ҳоло он ба ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, *дар ҳудуди он ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тавилдара, Тоҷикобод ва Ҷиргатол мавҷуд мебошанд.*

[161] **Чоҳоб,** яъне **Чоҳи об** (چاه آب) - *дар забони гуфтугӯӣ бештар «Чаёб» гуфта мешавад.* Мавзеест дар соҳили чапи д. Панҷ, байни қаторкӯҳҳои Рустоқ ва мавзеи Шаҳри Бузург, ки ба ҳайати вилояти таърихии Рустоқ шомил буд. Ҳоло ба ҳайати музофоти Тахори Афғонистон дохил аст. Дар Чоҳоб зиёда аз 30 деҳа мавҷуд буда, аҳолии онҳоро, ки зиёда аз 7 ҳазор нафаранд, асосан тоҷикон ташкил медоданд. Шуғли асосии онҳо парвариши ғалладонагӣ, пахта, зағир ва боғдорӣ буд. Дар Чоҳоб бозори калон бо зиёда аз 200 дӯкон амал мекард. Ин мавзеъ бо косибони худ - мӯзадӯзон, оҳангарон ва дуредгарон шӯҳрат дошт. *Чоҳоб мавзеи беоб буда мардум барои эҳтиёҷоти худ чоҳҳо канда аз онҳо об мегиранд. Номи мавзеъ низ аз ҳамин чоҳҳои об гирифта шудааст.*

[78] **Хош (خاش)** - мавзеест дар ҷануби вилояти Ҷурм, дар водии дарёи Хошдара, ки аз ҷониби ҷанубу шарқӣ ба дарёи Кӯкча мерезад. Дар ин мавзеъ 11 деҳа мавҷуд буда, аҳолиашон қариб 2 ҳазор нафарро ташкил медод. Онҳо асосан тоҷикон ва ӯзбакҳо буданд ва ба парвариши ғалладонагӣ, кӯкнор, инчунин чорводорӣ машғул буданд. Деҳаи Хош - маркази ин мавзеъ дар соҳили дарёи Хошдара воқеъ гардида буд.

[79] **Оби он рӯя** - *яъне соҳили дигари дарёи Кӯкча ё Ҷузгун дар назар аст. Дар тарҷумаи русӣ хато* «Имеется в виду р. Пяндж» *омадааст. Аз в. 29б маълум мегардад, ки сухан дар бораи дарёи наздикиҳои Файзобод меравад. Ниг. инчунин ба в. 6а ба «Оби Ҷузгуни он рӯяи об».*

[164] ***Роҳи мирӣ додан*** - *яъне ҳамчун ба мир роҳи калони бехалалро вогузор кардан аст. Дар тарҷумаи русӣ ин ибора хато ин тавр тарҷума гардидааст: «Мир Падшаху был дан путь к правлению в Пасакухе».*

[165] **Дариюн (دریون)** - қалъаест, ки ҷойи он муайян карда нашуд.

[166] **Шуғнон (شغنان)** - мавзеест, ки дар ҳар ду соҳили дарёи Панҷ, аз ҳудуди Рӯшон то Ғорон тӯл мекашид. Соҳили рости Шуғнонро афғонҳо дар соли 1883 забт карда буданд. Аз рӯи созишномаи байни Афғонистону Бухоро, дар соли 1893 Шуғнон - дар ивази заминҳои дар соҳили чапи Панҷ будаи Дарвоз, ба аморати Бухоро дода шудааст. Аҳолии Шуғнони соҳили чапи Панҷ қариб 6 ҳазор нафар буда, онҳо ба зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва косибӣ машғул буданд. Маркази Шуғнон - деҳаи Барпанҷа буд.

[167] **Айлоқ (ایلاق)** - қуллаи кӯҳест дар наздикии кӯли Шева дар шарқи вилояти имрӯзаи Бадахшони Афғонистон.

[168] **Ғори Ҷӯвин (غارجوین)** - номи водӣ, ағба ва деҳаест дар наздикии деҳаи Барпанҷаи Шуғнони Афғонистон. Аз ин водӣ роҳе мегузарад, ки дарёи Панҷро бо кӯли Шева мепайвандад.

[169] **Кошғар, Қошғар (كاشغر)** - яке аз шаҳрҳои қадимтарини Туркистони Шарқӣ буда, дар соҳили дарёи Кошғар ва маркази водии ҳосилхезе воқеъ аст. Ҳоло ба ҳудуди Ҷумҳурии мардумии Чин шомил аст.

[170] ***Мулло Сангмуҳаммад*** - *муаллифи қисми аввали «Таърихи Бадахшон».*

[171] Ибтидои соли 1163 ҳиҷрӣ ба 11 декабри соли 1749 мелодӣ мувофиқ меояд. «Ин сана ба замони ҳақиқии фирор кардани хоҷагон дуруст наомада, балки санаи ба ҳукумат расидани онҳоро нишон медиҳад. Фирори хоҷагон аз Чин ба мулки Бадахшон дар соли 1759 ба вуқӯъ омадааст» (Ниг.: В.В. Григорьев. О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кашгаре. Записки Мирзы Шемса Бухари. // Ученые записки Казанского университета. - Казань, 1861, т.1. - С. 32-35).

[172] **Қуръон, Сураи 4 «ан-Нисо», ояти 59.** *Дар тавзеҳоти русӣ сура ва ояти мазкур дар тавзеҳи №127 хато «Сураи III ояти 29» нишон дода шудааст.*

[173] **Буна** - дар ин ҷо ба маънои хонавор, оила омада.

[174] **Оби Ҷузгун (آب جوزگون)** - номи шохоби рости дарёи Кӯкча (Ниг. тавзеҳи 19) ва яке аз қисматҳои таърихии ш. Файзобод, дар ҷои ҳамроҳшавии д. Кӯкча бо шохоби росташ - д. Ҷузгун мебошад. Дар ин қисмати ш. Файзобод вайронаҳои қалъаи кӯҳнаи Зағирчӣ воқеанд.

[175] **Лабканда (لب کنده)** - як қисмати ш. Файзобод, ки дар шафати қалъаи Зағирчӣ ҷой дошт. *Муаллифони тарҷума ва тавзеҳот ба забони русӣ ин топонимро бархато «Лаби Ганда» хондаанд.*

[176] **Манн** *(баъдтар «батман») – ченаки вазне, ки дар ҳар замону макон андозааш гуногун буд. Дар Бухорои асрҳои XVII - XIX ҳашт намуди манн, аз 0,8 то 262 кг мавҷуд буданд (Ниг. М.Ш. Холов. Мискали и мани (батмани) Бухары XIX – начала XX веков // Мероси ниёгон (Наследие предков), №7, Душанбе, 2004. - С. 153-162).*

*Манн дар Қандаҳори асри XVI баробари 1/4 ҳиссаи манни ҳиндустонӣ, яъне 6,289 кг,* дар Кобул баробари 56 кг буд *(Ниг. В. Хинц. Мусульманские меры и весы с переводом в метрическую систему. - М.: «Наука», 1970. - С. 32).*

[177] **Қушбегӣ (قوش بیگی)** - *мансаби чордаҳум аз понздаҳ мансабе, ки дар аморати Бухоро мавҷуд буд. Инчунин мансаби «Кулли қушбегӣ» ( کل قوش بیگی) низ мавҷуд буд, ки ӯ вазифаи сарвазир, сарлашкар ва ҳокими вилояти Бухороро иҷро мекард*. Дар ибтидо дар ихтиёри ӯ шикорчиён, ҳамаи воситаву олотҳои шикорӣ (*саг, боз, шоҳин, чарг, қӯш, тиру туфанг*) буданд ва ташкил намудани шикори амир вазифаи ӯ буд (*Ниг. А.А. Семенов. Бухарский трактат о чинах и званиях и обязанностях носителей их в средневековой Бухаре // «Советское востоковедение», т. V. - М.-Л.: 1948. - С. 137-153*).

[178] **Додхоҳ (دادخواه)** - *мансаби даҳум аз понздаҳ мансабе, ки дар аморати Бухоро мавҷуд буд*. Вазифаи ӯ расонидани аризаи одамон ба амир ва ҷавоби он ба аризадиҳандагон буд.

[179] ***Оби Бангӣ*** **(آب بنگی)** - *дарё ва* мавзеест дар наздикии ш. Қундуз. *Оби Бангиро А.Н. Болдырев ва С.Е. Григорьев бархато ба кадом сабабе «Оби Некӣ» хонда, шарҳ додаанд.*

[180] **Қубодхон, Қувватхон (قبادخان)** - ҳокими Балх ва Қатағон дар солҳои 50-уми асри XVIII. Борҳо бо намояндагони сулолаи ёриҳо ҷангида, оқибат ба дасти ҳокими Бадахшон - Мир Муҳаммадшоҳ кушта шудааст (Ниг. в. 65а).

[181] *Дар нусхаи асл ба ҷои «ар шарзашер» - «аз шарзашер» омада, ки он саҳви котиб аст.*

[182] **Роғ (راغ)** - номи ноҳияе дар водии д. Роғу шохобҳои он, инчунин номи шохоби чапи дарёи Панҷ буда, дар маҳалли Ёмур, поёнтари Дарвоз ба Панҷ мерезад. Болооби д. Роғ то деҳаи Ёвон номи Саддаро дорад. Дар охири асри XIX дар Роғ 48 деҳа мавҷуд буда, аҳолии онҳо - тоҷикон қариб 15 ҳазор нафарро ташкил медоданд. Онҳо ба зироаткорию чорводорӣ, кулолӣ ва истеҳсоли тилло машғул буданд.

[183] **Ёвон (یاوان)** - қалъаест дар вилояти Роғ. Ин қалъа дар қадим маркази вилояти Роғ ва қароргоҳи ҳокимони он буд. Инчунин номи ду деҳаест дар вилояти Роғ. Яке аз он деҳаҳо, ки дар соҳили рости д. Роғ буд - Ёвони Поён ва дигарӣ, ки дар соҳили чапи д. Роғ, 3 км болотар ҷойгир шуда буд, номи Ёвони Болоро дошт.

[184] **Рӯнҷоб (رونج آب)** - ноҳияест дар сарҳадоти Роғу Дарвоз. Дар водии дарёи Рӯнҷоб воқеъ шудааст, ки он аз қаторкӯҳҳои Сафедхирс сарчашма гирифта, дар наздикии Ёмур ба д. Роғ мерезад.

[185] **Сиёҳоб (سیاه آب)** - мавзеест дар сарҳади Бадахшону Қатағон. Он бо номи Латтабанд низ ёд мешавад (Ниг. тавзеҳи 16).

[186] **Барроғ (برراغ)** - деҳаест дар қисмати болоии водии д. Роғ, ки дар шимоли ш. Файзобод воқеъ гаштааст. Дар ибтидои а. XX дар он 130 хона мавҷуд буд. Аз ин деҳа роҳе мегузарад, ки ш. Файзободро бо суфакӯҳи Шева мепайвандад.

[187] *Ҷанониб - дар забони арабӣ калимаи «ҷониб» дар шакли ҷамъ ҳамчун «ҷавониб» меояд на «ҷанониб».*

[188] **Банд** - дар ин ҷо ба маънои ағбаи (кӯтали) баланд. Инчунин ба маънои «садд», «сарбанд», «дарғот» низ истифода мешавад. Дар ҳошия омадааст: «Бандест, яъне кӯталест баландтару тундтар».

[189] **Марч (مرچ)** - мавзеест дар наздикии Ёвони вилояти Роғ.

[190] **Дуранг (دورنگ)** - мавзеест дар наздикии Марчи вилояти Роғ.

[191] **Зув (زو)** - мавзеест дар наздикии Ёвони вилояти Роғ.

[192] **Дордистон (داردستان)** - вилояти кӯҳистонии таърихӣ дар қисмати болоии водии д. Ҳинд. Он дар марзҳои шимолу шарқии Кашмир ва ҳудудҳои шимолии Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадии Покистон воқеъ шудааст. Дар ин мавзеот дордҳо - гурӯҳҳои этникии ҳамқавм зиндагонӣ мекунанд, ки бо забонҳои гурӯҳи ҳиндуэронӣ ҳарф мезананд.

[193] А. Стейн дар асоси маълумоти сарчашмаҳои чинӣ, фатҳи Чатрорро аз тарафи Султоншоҳ дар соли 1764 муайян намудааст (Ниг. Stein A. Serindia. Detailed Report of Explorations in Central Asia and Westernmost China. - Oxford, 1921. - Vol. 1. - P. 33).

[194] **Мӯманд, солорзойӣ** - номҳои қабилаҳои паштунӣ. Мӯмандҳо дар ҳудуди 115 ҳазор нафар буда аз шаш шоха иборатанд. Асосан дар заминҳои Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадии Покистон дар шимолу ғарби Пишовур, дар байни дарёҳои Кобулу Сват зиндагӣ мекунанд. Солорзойҳо аз қабилаҳои шарқии таркаланӣ баромада,

тақрибан 400 ҳазор нафаранд. Дар ҳавзаи дарёҳои Бабукар, Чаҳормунг ва Панҷкори воқеъ дар ғарби Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадии Покистон зиндагӣ мекунанд.

195 **Садда** – дар ин ҷо ба маънии деҳае ё ҷамоати мавзеест, ки дар ҳошия ҳамин хел шарҳ дода шудааст. *Вале ин истилоҳот - «садда» ва «ҳазора» баъди истилои мугул пайдо шудаанд - аз номи дастаҳои саднафарӣ ва ҳазорнафарии мугул. Баъдтар деҳаҳои дар ҳудуди сад нафар сокинон доштаро «садда» ё «садаҷот» меномидагӣ шуданд.*

196 **Зебок, Зебак (زيبا ک)** - вилояти кӯҳиест дар қисмати ҷанубу шарқии Бадахшон. Дар водии дарёҳои Санглич ва Деҳи Гул воқеъ аст, ки онҳо дар поёнтари Зебок пайваст шуда ба дарёи Вардуҷ мерезанд. Зебок инчунин номи деҳа - маркази вилояти кӯҳиест, ки дар ҷои бо ҳам пайвастшавии дарёҳои Вардуҷ, Санглич ва Деҳи Гул воқеъ гардида аст. Дар ин деҳа зиёда аз 50 хонавор мавҷуд буд.

Дар ибтидои а. XX дар вилояти Зебок 18 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо қариби 5 ҳазор одамон, асосан тоҷикони мазҳаби исмоилия дошта мезистанд. Шуғли асосии онҳо зироаткорию чорводорӣ буд. Ағбаҳои муҳимме, ки Бадахшонро бо Чатрор пайваст мекунанд, аз водии Зебок ибтидо меёбанд.

*Шоир Шераҳмад дар васфи Зебок ва табиати он фармудааст:*

*Дар зимистон кони барфу бод чун Зебок нест,*
*Инчунин сармо дигар ҷо дар тайи афлок нест.*

*Абибов А.А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. - Душанбе: «Дониш», 1971. - С.152.*

197 **Вахон (وخان)** - вилояти таърихиест воқеъ дар водии дарёи Вахон, ки он болооби дарёи Панҷ ба ҳисоб меравад. Қисман ба ҳайати Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисман ба вилояти Бадахшони Афғонистон дохил аст. Дар он яке аз халқиятҳои помирӣ - вахониҳо зиндагонӣ мекунанд.

То солҳои 30-юми а. XIX Вахонро мирони маврусии маҳаллӣ идора мекарданд. То соли 1883 он дар тобеияти мирони Бадахшон қарор дошт. Аз соли 1883 то соли 1896 он дар итоати афғонҳо буд. Аз соли 1896 заминҳои соҳили рости Вахондарё ба ҳайати аморати Бухоро шомил шуда, аз соли 1905 он аз ҷониби сардори отряди дар Помир будаи Россия идора карда мешуд.

Дар охири асри XIX дар саросари Вахон 60 деҳа мавҷуд буда, аҳолии қисмати соҳили чапи дарё 3-5, аз рӯи баъзе сарчашмаҳо - 6 ҳазор нафарро ташкил медод. Шуғли асосии вахониҳо зироаткорию чорводорӣ буд (Ниг. Badakshan province and North-Eastern Afghanistan. Historical and political Gazettier of Afghanistan. Ed. by Ludwig V. Adamec. Graz, 1972. Vol. 1. - p. 183-185). Аз водии д. Вахон роҳҳои тиҷоратие мегузаштанд, ки навоҳии Помири калон ва Бадахшонро бо Гилгит, Канҷут, Кашмир ва Чатрор мепайвастанд.

198 **Нуқсон (نقصان)** - ағбаи душворгузари баландиаш 5300 м дар қаторкӯҳи Ҳиндукуши Шарқӣ, ки Зебокро бо мавзеи Аркарии Чатрор мепайвандад. Он фақат аз моҳи май то август кушода аст.

199 **Шуғут (شغت)** - мавзеест дар Чатрор дар он ҷое, ки дарёҳои Луткӯҳ ва Шуғут бо ҳам ҳамроҳ мешаванд.

200 **Лоҳу (لاهو)** - бештар бо номҳои Лутҳо ва Луткӯҳ маъруф аст. Мавзеест дар шимоли Чатрор ва он дар водии дарёи Лоҳу, ки аз шимол ба д. Чатрор мерезад, воқеъ шудааст. Ба водии Лоҳу аз Бадахшон ба воситаи ағбаҳои Дуроҳ ва Нуқсон мегузаранд. Дар Лоҳу халқияти «йидга», ки ба мунҷониҳо наздик аст, зиндагӣ мекунад.

[201] **Дурош, Дураш (دراش)** - деҳа ва мавзеест дар ҷануби Чатрор, ки дар наздикии ҷои ҳамроҳшавии д. Чатрор (Ёрхун, Кунар) бо шохоби чапаш - д. Шиш воқеъ гардидааст.

[202] **Тӯри кӯп ( توری کوپ)** - яке аз шохобҳои болооби д. Чатрор (Ёрхун) ва водии сернуфусу ҳосилхез дар Чатрори Боло. Номи маҳаллиаш - Турӣ ва Туриҳо.

[203] **Мӯри кӯп (موری کوپ)** - мавзеест дар шимоли Чатрори Боло, яке аз шохобҳои д. Чатрор. Номи маҳаллиаш - Мӯриҳо (Мӯлҳо), ки зери ин ном худи Чатрор дар назар аст.

[204] **Мастуҷ Ҷинс (مستوج جنس)** - мавзеест дар Чатрор, дар доманаи қаторкӯҳи Ҳиндураҷ дар соҳили д. Ёрхун ва шохоби чапи он - Мастуҷ. Номи маҳаллиаш - Мастуҷ. Дар ин мавзеъ яке аз бозорҳои калони Чатрор воқеъ буд.

[205] Маънои калимаи «فارس» маълум нашуд. Шояд «форис» («савора») бошад.

[206] **Хатлон (ختلان)** - вилояти таърихиест дар болооби дарёи Омӯ - байни дарёҳои Панҷ ва Вахш. Дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи Хуттал, Хатлон, Хутталон ёд мешавад. *Дар асрҳои IX-XIII ҳавзаи дарёҳои Панҷ, Кӯкча ва Вахшро фаро мегирифт. Марказаш шаҳри Ҳулбук буд. Се шаҳри Хатлон - Рустоқи Бек (Рустоқ), Нучоро ва Корбанг дар соҳили чапи Панҷ воқеъ гардида буданд. Дар асри XIX Хатлон ба се бекӣ - Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Балҷувон ҷудо карда шуда буд (Ниг. Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - Бобҳои VI, XIV).*

[207] ***Янгиқалъа*** **( ینگی قلعه)** - *муаллифони тарҷумаи русӣ ва тавзеҳот бо кадом сабабе бархато топонимро «Некиқалъа» хонда тавзеҳ додаанд. Янгиқалъа мавзеъ ва ноҳияи ободу калонест дар соҳили чапи дарёи Панҷ, дар рӯ ба рӯи ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлони Тоҷикистон.*

[208] ***Хлиён*** **(خلیان)** - *мавзеест дар наздикии чашмаи Хоҷа Ҷарготу тақрибан дар 18 километрии шимоли Рустоқ.*

[209] ***Хоҷа Ҷарготу*** **(خواجه جرغاتو )** - *чашмаи калон ва деҳаест дар 20 километрии шимолу шарқи Рустоқ. Хоҷа Ҷарготу хеле калон буда оби он ҷӯшида бо ҳубобҳо аз зери замин зада мебарояд.* Дар аввали асри XX дар Хоҷа Ҷарғоту 39 ҳавлӣ вуҷуд дошт.

[210] ***Кӯлоб*** **(کولاب)** - *дар сарчашмаҳои хаттӣ бори аввал дар асари Ҷайҳонӣ (асри X) ёд шудааст. Қалъаи Кӯлоб ниҳоят мустаҳкам буда мардуми Кӯлоб дар асри XIII ба мугулҳо муқобилияти сахт нишон медиҳанд. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI дар ҷои деҳаи Тебалайи имрӯза, ки дар 5 километрии шимоли ш. Кӯлоби имрӯза воқеъ буд, ба лашкари калонтарини осиёимиёнагии Абдуллохон қариб дуним моҳ тавонист муқобилият нишон диҳад. Баъд аз ин шикаст шаҳри Кӯлоб дар ҷои имрӯзааш обод гардид. Дар нимаи дуюми асри XIX Кӯлоб дар тобеияти амирони Бухоро даромада маркази бекӣ қарор гирифт. Ҳоло яке аз шаҳрҳои калонтарини вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (Ниг. Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 255-56, 379-398).*

[211] **Тахтобод (تختاباد)** - қалъа ва мавзеест наздики Хлиён.

[212] **Машҳад (مشهد)** - шохоби чапи д. Кӯкча (, ки поёнтари Кишм дар наздикии деҳаи Гумбаз ба он мерезад). Машҳад низ мавзеест дар вилояти Кишм, ки дар водии д. Машҳад воқеъ аст. Дар асри XIX дар ин водӣ се деҳа мавҷуд буд: Булуғи Машҳад,

Саройи Машҳад ва Эски Машҳад. Ин се деҳаи дар наздикии роҳи Файзобод-Қундуз воқеъбуда, дар охири асри XIX як деҳаро ташкил доданд. Дар он зиёда аз 150 ҳавлӣ мавҷуд буда, аҳолии он балуҷҳо ба чорводорӣ машғул буданд.

213 **Нусратобод (نصرت آباد)** - қалъаест, ки онро мирони Бадахшон дар мавзеи Машҳад, дар сарҳади Толиқон ва Қундуз бино кардаанд.

214 **Қуръон, Сураи 24 «ан-Нур», ояти 37.** *Як абзатс аз ҳамин оят ба русӣ тарҷума нашудааст.*

215 ***Сарҳинд*** **(سرهند)** - *номи вилоятест дар шимоли Покистон, ки то соли 1947 як ҷузъи Ҳиндустон буд. Муаллифи тарҷума ба забони русӣ калимаи «Сарҳинд»-ро «Ҳинд» хонда, онро бархато «Индия» тарҷума кардааст.*

216 *Чи тавре ки дар «Пешгуфтор» қайд шуд, ин шеър ба забони русӣ тамоман хато тарҷума шудааст.*

217 **Додар** – дар ҳошия - «яъне бародар» омадааст. *Вале дар асл мардуми Кӯлобу Бадахшон бародари хурдӣ ё марди аз худ хурдтарро эҳтироман то имрӯз «додар» мегӯянд.*

218 **Нуввоб Шоҳвалихони афғон** - вазири Аҳмадшоҳи Дурронӣ.

219 **Аҳмадшоҳи Дурронӣ** - асосгузор ва шоҳи аввалини давлати дурронихо, солҳои 1747 - 1773 ҳукмронӣ кардааст.

220 **Тӯрон (توران)** - исми заминҳое, ки дар онҳо қабилаҳои турк мезистанд. Ин ҷо ба маънои заминҳое, ки дар онҳо ӯзбакҳо зиндагонӣ мекарданд. *Ба ақидаи мо «Тӯрон» дар ин ҷо ба маънои сарзамини ориёиҳо - тоҷикон омадааст. Зеро як каме баъд заминҳои ӯзбакҳои қатаганро ӯ «Туркистон» гуфтааст.*

221 **Туркистон (ترکستان)** - айнан «кишвари туркҳо»-ро ифода мекунад. *Дар ин ҷо сарзаминҳои Ҳазораҷот, Балх ва Қатаған дар назар аст, ки дар он замонҳо дар ин мавзеъҳо қабилаҳои туркию мугулию ӯзбакӣ зиёд буданд.*

222 **Ҳазораҷот (هزاره جات)** - вилояти таърихии фарохи кӯҳӣ дар Афғонистони марказӣ, ки дар он асосан қабилаҳои ҳазора (халқияте аз авлоди муғулҳо ва туркҳо, ки бо забони дарӣ ҳарф мезананд ) ва паштунҳо мезистанд. Сарҳади аниқи Ҳазораҷотро муайян кардан душвор аст. А.Е. Снесарев онро ин тавр муайян кардааст: «Сарҳади шарқии ин марз дар меридиани ағбаи Унай; ғарбиаш - дар меридиани байни Мурғоб ва Маймана; шимолиаш - ҷанубтари қаторкӯҳи Банди Туркистон, ҷанубиаш - қариб дар параллели шаҳри Ғазнӣ мехобад. Дар шарқи он ҳазораҳо ва дар ғарби он аймоқиҳо истиқомат доранд» (Ниг. А.Е. Снесарев. Афганистан. - М., 1921. - С. 123-124).

223 ***Биҳиштилибос*** - *ба маънои хирқаи муборакаи пайғамбари ислом - Муҳаммад (с). Дар бораи ин хирқаи шарифа ривоятҳои гуногуне мавҷуданд. Аз рӯи яке аз онҳо хирқаи муборакаро Темур ба Самарқанд меорад, аз он ҷо он ба Бухоро меафтад. Аз Бухоро онро яке аз темуриён ба ш. Ҷузгуни Бадахшон меорад ва дар ин ҷо барои он дар беруни шаҳр мазори махсусе месозанд. Ба шарофати овардани хирқаи муборака, шаҳри Ҷузгунро «Файзобод» ном мегузоранд (Ниг. в. 6а-7а). Аз ин шаҳр хирқаи муборакаро асосгузори давлати Афғонистон - Аҳмадшоҳ аввал ба Кобул бурда, мехоҳад пас аз сохтани мазори махсус ба пойтахти онвақтаи Афғонистон - Қандаҳор бибарад. Вале*

*пас аз вафоти Аҳмадшоҳ худи ӯро дар ин мазор дафн мекунанд ва бо қарори уламои афғонӣ хирқаи муборака дар Кобул мемонад, ки он то имрӯз онҷост.*

[224] **Иманобод (ایمن آباد)** - мавзеест дар сари роҳи Толиқон - Нусратобод.

[225] **Рисагон (ریسگان)** - ағбаест дар наздикии ш. Файзобод.

[226] **Мардуми элҷорӣ** - маънои ибора норавшан аст, шояд «ихтиёриён». *Ё шояд қабилаҳои туркнажодон, ки онҳоро «аҳли элот» меноманд, дар назар аст.*

[227] **Эли Восита (ایل واسطه)** - дар ҳошия омадааст: «мавзеест байни Пасокуҳ ва Чаҳоб». *Ба ақидаи мо ин ҳамон Эли Бойиста аст, ки баъдтар зикр хоҳад ёфт.*

[228] Дар матни дастхат ном зикр наёфта, *ҷояш холӣ монда шудааст.*

[229] **Кӯл (کول)** - мавзеест наздики Рустоқ.

[230] **Деҳварӣ (ده وری)** - деҳаест, ки дар масофаи 28 км ҷанубу шарқии Рустоқ, наздик ба д. Кӯкча воқеъ шуда, дар он асосан балуҷҳо маскунанд.

[231] **Эли Кошон (ایلکاشان)** - деҳаест дар наздикии Рустоқ, ки сокинонаш асосан балуҷҳо мебошанд.

[232] **Сари Рустоқ (سررستاق)** - мавзеест воқеъ дар масофаи 20 км ҷанубу шарқии шаҳри Рустоқ, дар доманаи қаторкӯҳи Сари Рустоқ. Дар он дар аввали асри XX 100 оилаи тоҷик зиндагӣ мекард. *Ҷӯи обе, ки ба шаҳри Рустоқ меравад, аз ҳамин Сари Рустоқ огоз мегирад.*

[233] **Котак (کاتک)** - қалъаест дар наздикии Пасокӯҳ.

[234] ***Даҳани Кайвон*** **( دهن کیوان)** - *мавзеест дар Садда. Мутарҷим ба забони русӣ ин мавзеъро умуман партофтааст.*

[235] **Обхӯра (آب خوره)** - мавзеест наздик ба Санги Мухр дар атрофи ш. Файзобод.

[236] *«Муносиба... тӯп намудан», яъне «ҷамъ овардани маблаг» барои афғонҳо. Мутарҷим ба забони русӣ ин амрро нафаҳмида «муносиба»-ро бархато «домогательство» тарҷума кардааст.*

[237] **Афғонҳо** - номи яке аз халқҳои сернуфуси эронинажод, ки онҳо худро «паштун», «пахтун» меноманд. Дар шарқи кӯҳдоманаҳои Эрон ва дар кӯҳҳои Сулаймон сукунат менамоянд. Нуфуси онҳо зиёда аз 20 миллион буда, зиёда аз 12 миллиони онҳо дар Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадии Покистон ва шумораи камтараш дар Афғонистон (ҷануби Ҳиндукуш) зиндагонӣ мекунанд. Ба шимоли Ҳиндукуш онҳо аз миёнаҳои асри XIX сар карда муҳоҷир шуда омадаанд. Ба қабилаву қавмҳои зиёде тақсим мешаванд, ки калонтарини онҳо дурронӣ ва ғилзоӣ мебошанд.

[238] **Нодир** - Нодиршоҳи Афшор - шоҳи Эрон дар назар аст (солҳои ҳукмронииаш 1736-1747). Ӯ яке аз лашкаркашҳою фотеҳони машҳури асри XVIII ба ҳисоб меравад. *Нодир ба дасти дарбориёни худ кушта шуда буд.*

[239] Ин иқтибос аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ оварда шудааст.

[240] **Кӯҳдоман (کوه دامن)** - ноҳияи машҳури кӯҳӣ дар наздикии Кобул.

[241] ***Сир, сер* (سیر)** *– яке аз ченакҳои серистеъмоли вазн дар шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Бадахшон. Сир дар тӯли асрҳои миёна баробари 1/40 ҳиссаи манни (батмани) ин ё он шаҳр ба ҳисоб мерафт, аз ин рӯ вобаста ба замону макон қимати гуногун дошт. Масалан, дар Эрони асримиёнагӣ сир баробари 75 г,* дар Бадахшони Афғонистон тақрибан ба 7 кг баробар буд *(Ниг. В. Хинц, Мусульманские меры и весы с переводом в метрическую систему. - С. 39, 103).*

*А.А. Семенов сири хуросониро баробари 15 мисқол (67 г), сери афғониро - 5 фунти англисӣ (2,268 кг), сери ҳиндиро - 2 фунт (907,2 г) муайян намудааст (Ниг. Бурхан-уд-Дин-хан-и Кушкеки. Каттаган и Бадахшан. - С. 65).*

[242] ***Сари Об* (سرآب)** - н*оми ин мавзеъ дар тарҷумаи русӣ партофта шудааст. Сари Об мавзеест дар ҷануби дашти Баҳорак, ки он ибтидои мавзеи Юмгон аст.*

[243] **Юмгон (یمگان)** - номи мавзеест дар миёнаоби д. Кӯкча, аз деҳаи Исмчӣ то ҷои ҳамроҳшавии дарё бо дарёҳои Вардуҷ ва Зардев. Дарозии водии Юмгон наздики 100 км буда ба вилояти Ҷурм шомил аст. Дар Юмгон дар аввали асри XX 23 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо 20 ҳазор нафар тоҷикон ва ӯзбакҳо мезистанд. Шуғли асосии онҳо парвариши ғалладонагӣ, обчакорӣ ва боғдорӣ буд. Дар Юмгон инчунин конҳои лоҷуворд, мис, гӯгирд, сурб (қӯрғошим) мавҷуданд. Маркази Юмгон (инчунин вилояти Ҷурм) деҳаи Ҷурм буд.

*Дар Юмгон, дар деҳаи Шоҳносир мақбараи шоир ва файласуфи бузурги тоҷик - Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавҷуд аст. Дар бораи ин мазор аз аврупоиҳо аввалин шуда сайёҳи англис Вуд ҳангоми сафараш ба ин мавзеъ (1836-1838) хабар дода аст (Ниг. Wood. J. A Journey to the Source of the river Oxus. - London, 1872. - PP. 168-169).*

[244] **Банди Аликал (بندالیکل)** - деҳаест наздики Яфтал, ки дар ҷои ҳамроҳшавии д. Кӯкча бо шохоби росташ - д. Аликал воқеъ гардидааст.

[245] ***Сангоб*** *- то имрӯз дар ноҳияҳои кӯҳистони Хатлон ин калима бисёр серистеъмол аст. Он ба маънои водии серсанги дарёчаҳои кӯҳӣ истифода мегардад. Мутарҷими забони русии асар маънои «сангоб»-ро нафаҳмида, онро «прибрежных камнях» тарҷума намудааст.*

[246] **Дуоба (دوآبه)** - мавзеест дар Яфтали Боло. Ҳамчун истилоҳ одатан ҷои бо ҳам ҳамроҳшавии (омезиши) ду дарёро «дуоба» меноманд ва дар топонимикаи Афғонистон, Эрон, Осиёи Миёна ва Ҳиндустони Шимолӣ бисёр вомехӯрад. *Яке аз он «Дуобҳо» мавзеи Дуоби ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлони имрӯза мебошад.*

[247] **Каҷхам (کج خم)** - гузаргоҳи кӯҳиест, ки Роғро бо Яфтали Боло мепайвандад ва дар наздикии Лойоба воқеъ аст.

[248] **Қӯрғонтеппа (قرغان تپه)** - мавзеест дар наздикии Ҳазрати Имом Соҳиб.

[249] ***Тоз*** *- муаллифони тарҷума ва тавзеҳот ба забони русӣ тозро бархато чун мавзее (местность, волость)дар минтақаи Душӣ дар соҳили рости дарёи Андароб шарҳ додаанд. Вале «тоз» ё «тос» номи халқияти туркнажодест, ки дар ҳарду соҳилҳои Омӯ мезист. Гулшанӣ дар аввалҳои асри XX оиди тосҳо, ки дар ҳудуди Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон мезистанд, чунин навиштааст: «Қабилаи лақаю тос асли аҳолии инҷост (Қӯрғонтеппа). Қабилаи лақаю тоси он аксар қуттоу-т-тариқанд (роҳзананд). Аз наҳри мазкур (Ҷайҳун - F. F.) убур намуда аз тавобеоти афоғина сариқат (дуздӣ) намуда меоянд. Қабилаи тос ба дуруштии табъу хушунат (дағалӣ)*

*машҳуранд, ваҳшитарини қабоили атроканд» (Ниг. Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 547). Дар бораи халқияти тоз дар шаҳри Қӯрғонтеппа сайёҳони руси охири асри XIX ва аввали асри XX маълумотҳои зиёд овардаанд (Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом, т. I. - СПб. 1911 ва дигарон). Ҳанӯз дар асри XV яке аз намояндаҳои ин қабила - Пиралии тоз набераи Темур - Пирмуҳаммадро кушта буд. Ниг. Тадж ад-Дин ас-Салмани, Тарих-наме. - Баку: Элм, 1991. - С.84.*

[250] *Маънои ин мисраъ номуайян аст. А.Н. Болдырев ба ҷои «мӯзӣ» - «мӯре» (муравей)хондааст. Аммо дар ин ҳолат ҳам мисраъ маъное намедиҳад.*

[251] **Мирзо** - дар ин ҷо Сангмуҳаммади Бадахшӣ худро дар назар дорад, ки мирзо, яъне «котиб» буд.

[252] Дар ҳошия «дар соли 1207 дар синни 41-солагӣ» омадааст.

[253] ***Карбалои Чоҳоби гурбат*** - *дар ин ҷо ба сабаби беобӣ Чоҳоб ба Карбало монанд карда шудааст. Дар тарҷумаи русӣ «Карбало» партофта шудааст.*

[254] ***Қуръон, Сураи 24 «ан-Нур», ояти 39.*** *Ин оят дар асл хато оварда шуда аст. Шакли дурусти он чунин аст: «Ва-л-лазина кафару аъмолуҳум ка сароби биқиъати яҳсабуҳу-з-замъону моан ҳатто изо ҷоаҳу лам яҷидҳу шайъан». Яъне «Аъмоли кофирон чун саробест дар биёбоне. Ташна обаш пиндорад ва чун бад-он наздик шавад, ҳеҷ наёбад...». Ин оят аз ҷониби мутарҷим партофта шудааст ва ба русӣ тарҷума ва тавзеҳ нагардидааст.*

[255] ***Қуръон, Сураи 55 «ар-Раҳмон», ояти 50.*** *Дар тарҷумаи русӣ он партофта шудааст.*

[256] **Тахористон (طخارستان)** - номи таърихии давлатест, ки ҳудуди ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистони Шимолиро дар бар мегирифт. Он дар ҳар ду соҳилҳои болооби Амударё ва шохобҳои он воқеъ шуда, сарҳадоти он тағйир ёфта меистод. Шаҳрҳои муҳими он Толиқон, Андароб, *Баглон, Валволиҷ* буданд.

*Тахористон аз номи қавми тахорӣ, ки дар асрҳои II-I пеш аз мелод ба ин сарзаминҳо омада сокин шуда буд, гирифта шудааст. Баъдтар сарзаминҳои болооби ҳарду соҳилҳои Панҷу Омӯ - Тухоро (Тахористон) ном гирифтанд ва марказаш шаҳри Балх буд.*

[257] Ин мисраъҳо аз «Гулистон»-и Саъдӣ мебошанд.

[258] ***Қуръон, Сураи 21 «ал-Анбиё», ояти 30.***

[259] *Ин ҷо охирҳои ду оят аз ду сура оварда шудаанд:* ***Қуръон, Сураи 14 «Иброҳим», ояти 27*** *ва* ***Сураи 5 «ал-Моида», ояти 1****.*

[260] **Қуръон, Сураи 16 *«ан-Наҳл», ояти 90.***

[261] **Тӯпхона** - Сурхафсар дар ҳошия чунин шарҳ дода: «Мурод аз тӯпхона дар ин ҷо ба маънии аскархона (гарнизон), ки чун бандар ва истеҳкомот омада».

[262] **Гулбоғ (گلباغ)** - мавзеест наздики кӯли Шева, *дар рӯ ба рӯи қалъа.*

[263] **Барпанҷа (برپنجه)** - номи қалъа ва деҳа - маркази Шуғнони Афғонистон. Дар соҳили чапи д. Панҷ, муқобили ш. Хоруғ - маркази ВМКБ воқеъ шудааст. Дар охири а. XIX

дар Барпанҷа ва атрофи он 1500 ҳавлӣ мавҷуд буд. Дар деҳа инчунин қалъае (қалъаи Барпанҷа) вуҷуд дошт, ки он қароргоҳи ҳокимони Шуғнон буда, пас аз ҳамроҳшавӣ ба Афғонистон дар он гарнизони ҳарбии афғонҳо меистод. Онро Қалъаи Панҷ низ меноманд.

[264] Тахаллусу номи муаллифи қисми якуми ҳамин китоб - мирзо Сангмуҳаммад аст, ки дар ҳошия низ қайд шудааст.

[265] Ин мисраъҳо аз «Гулистон»-и Саъдӣ мебошанд.

[266] **Муғулбегӣ** - дар ин ҷо шояд унвони ҳокими ҳамаи қабилаҳои муғулҳои Бадахшон дар назар бошад. Муғулҳо баъди истилои кишварҳои Осиёи Марказӣ баъзе ҳазораҳо (дастаҳои ҳазорнафарӣ) ё қабилаҳое аз он дар навоҳии Бадахшон дар Аргу (байни Файзобод ва Кишм) ва мавзеъҳои дигар барои зиндагии доимӣ монданд. *Муғулҳо дар зери таъсири туркзабонҳо, ки миқдоран зиёд буданд, ба тадриҷ қисман ба туркӣ ҳарф мезадагӣ шуданд. Як қисми он муғулҳо, ки онҳоро имрӯз дар Афғонистон ҳазора меноманд, бо забони форсӣ ҳарф мезананд.*

[267] **Атоӯғлӣ** - яке аз рутбаҳои ҳарбию маъмурии системаи идоракунии он замон.

[268] *Бекораи ҳеҷкора - мирзо Сангмуҳаммад, муаллифи асар хоксорона худро дар назар дорад.*

[269] **Боҷур (باجور)** - мавзеи кӯҳии душворгузарест воқеъ дар ғарби Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадии Покистон, дар яке аз шохаҳои кӯҳи Ҳиндукуш, байни соҳили рости д. Панҷкора ва сарҳади шарқии Афғонистон. Аҳолии он аз қабилаҳои афғонии сафӣ, юсуфзай, утманхейл ва ғайра иборат мебошад.

[270] **Самтӣ (سمتی)** - *номи ин деҳа дар тарҷумаи русӣ хато - ҳамчун «Саматӣ» омадааст. Самтӣ* деҳаест воқеъ дар соҳили чапи д. Панҷ, дар наздикии роҳи Файзобод - Кӯлоб. Дар ин деҳа 69 хоҷагӣ, пости гумрукӣ ва гарнизони ҳарбии афғонӣ мавҷуд буданд.

*Бояд гуфт, ки деҳаи Самтӣ хеле таърихи қадима дорад. Ҳанӯз дар соли 963/1555 як нафар адмирали турк - Сейдӣ Алӣ Раис, ки аз Ҳиндустон ба Кобул ва аз он ҷо бо роҳи Бадахшону Хатлон ба ватани худ - Туркия баргашта буд, чунин навиштааст: «Сипас бо роҳи Қалъаи Зафар ба шаҳри Рустоқ ва аз он ҷо ба бандари Самтӣ расида, аз оби Омӯ, яъне Ҷайҳун ба воситаи мешҳо (саночҳои дам карда шуда) гузаштем» (Ниг. Сейдӣ Алӣ Раис. Миръоту-л-мамолик. Аз туркӣ ба ӯзбекӣ тарҷумаи Ш. Зунунов. - Тошкент, 1958. - С. 96-97; Ғ.Ғоибов. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - С. 108, 138).*

[271] ***Янгиқалъа* (ینگی قلعه)** - *номи минтақа ва деҳаи калонест дар ҳайати вилояти Рустоқ воқеъ дар соҳили чапи дарёи Панҷ дар Афғонистон дар рӯ ба рӯи ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Фархори вилояти Хатлон. Аз шаҳри Рустоқ тақрибан дар дурии 35-40 км воқеъ гаштааст. Пештар онро Янгиқалъаи қарлуқ низ меномиданд. Мутарҷими асар ба забони русӣ онро хато - Некиқалъа хонда ва муаллифи тавзеҳот низ онро хато ҳамчун Некиқалъа тавзеҳ додаанд.*

[272] *Дар ҳошия «Рогӣ» аз тарафи хонандагони «Таърихи Бадахшон» ҳамчун моддаи таърихи вуқӯи ҳодиса ду бор дастгирӣ ёфта як бор рад карда шудааст. Вале шубҳае нест, ки «рогӣ» дуруст аст, зеро дар худи шеър «таърихи рогӣ»* ҳамчун моддаи таърих омадааст. *Аз рӯи ҳисоби абҷад «ро» - 200, «алиф» - 1, «гайн» - 1000, «йо» - 10-ро ифода карда, ҷамъ 1211 мешавад ва санаи ба вуқӯъ омадани ин воқеаро муайян мекунад. Баъзеҳо моддаи таърихро «шуд овораи хонумон» ҳисобида, таърихи воқеаро соли 1259 ҳисобидаанд, ки саҳеҳ нест.*

273 **Куф (کوف), Хоҳон (خواهان)** - номи деҳаҳои гуногун вале ба ҳам наздик. Куф - деҳаест дар Дарвоз, дар водии д. Куф, ки ба д. Панҷ мерезад. Дар охири а. XIX дар он 700 ҳавлии тоҷикони суннимазҳаб мавҷуд буд. Хоҳон - деҳаест дар Дарвози Афғонистон, дар ҷои ҳамроҳшавии д. Куф ба д. Панҷ, *дар муқобили деҳаи Даштиҷуми вилояти Хатлон.* Дар он 150 ҳавлии тоҷикони суннимазҳаб мавҷуд буд. Баъзан онро Қалъаи Хоҳон низ меноманд (*Талаффузи лаҳҷавияш - Хоҳӯн*).

274 Дар ҳошияи варақ муаллиф чунин навиштааст: «Маълум бод, ки қабл аз ин Доробекро бо исми Худойназарбек ёд намуда, марқум намуда будем». Ҳодисаҳои дар варақҳои 83-84 овардашуда, шакли пурраи нақли ҳодисаҳои пештар зикршуда (в.63б) мебошанд.

275 Бародари якум - Султоншоҳ дар варақи 73а бо лақаби «Мирзои Калон», дар насабномаи варақи 27а бо лақаби «Мири Калон» оварда шудааст. Бародари дуюм дар насабномаи варақи 27а баръакс бо лақаби «Мирзои Калон», ин ҷо бошад «Мири Калон» оварда шудааст.

276 ***Эли Бойиста*** (ایل بایسته) - *номи қалъаест мустаҳкам дар соҳили чапи дарёи Панҷ воқеъ дар шарқи Самтӣ. Дар асл Эли Бойиста ин ҳамон мавзеест, ки пештар дар худи ҳамин асар бо номи «Эли Восита» омада буд ва дар тавзеҳи рақами 143 ҳамчун мавзее дар байни Чаҳобу Пасокӯҳ зикр ёфт, ки барои Эли Бойиста низ дуруст меояд.*

*Эли Бойиста болотар аз Самтӣ, яъне дар шарқи он рӯ ба рӯи деҳаи Баҳораки ноҳияи Шӯрообода Хатлон воқеъ гардида буд. Муаллифи «Тавзеҳот» ба забони русӣ бархато ҷои мавзеъро ин тавр шарҳ додааст:* «Илбоиста - қалъаест дар соҳили рости д. Панҷ, рӯ ба рӯи мавзеи Баҳорак, дар ҳудуди бекигарии Кӯлоб». *Ин локализатсия тамоман хато аст.*

277 ***Баҳорак ё Буҳорак*** (بهارک) - *деҳаест бевосита воқеъ дар соҳили рости дарёи Панҷ рӯ ба рӯи Эли Бойиста. Деҳаи Баҳорак дар заминҳои ноҳияи Шӯрообода минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷой дошта, дар наздикии он мазори Ёрмуҳаммади Валӣ (асри XVI) воқеъ мебошад. Ин далели таърихи нисбатан қадима доштани Баҳорак мебошад. Муаллифи «Тавзеҳот» ба забони русӣ аз вуҷуд доштани ин Баҳорак бехабар монда, зери рақами 316 ба ҷои он бархато Баҳораки Бадахшони Афғонистонро, ки дар ҷои тамоман дигар воқеъ мебошад, шарҳу тавзеҳ додааст.*

278 **Ғорон (غاران)** - вилояти таърихиест дар болооби д. Панҷ, ки дар ҳар ду соҳили дарё байни Шуғнону Ишкошим воқеъ шуда, аҳолиаш тоҷикон буданд. Дар Ғорон лоҷуварду лаъл, сангҳои дигари қиматбаҳо ва дар дарёчаҳои наздикии деҳаи Гармчашмаи соҳили рости д. Панҷ тилло истихроҷ карда мешуд. Дар охири а. XIX дар Ғорон дар соҳилҳои чапи Панҷ 17 деҳа ва дар соҳили рости он 15 деҳа мавҷуд буданд.

Инчунин Ғорон - номи деҳаест воқеъ дар соҳили чапи д. Вардуҷ дар наздикиҳои Зебок, ки 20 ҳавлӣ дошт.

279 **Шакошим, Ишкошим (شکاشیم)** - ноҳияест воқеъ дар ҳар ду соҳилҳои д. Панҷ ва водиҳои он. Дар ҷануб бо Вахон дар шимол бо Ғорон ҳамсарҳад буда, аз тавобеоти ҳокимони Шуғнон, баъдтар мирони Бадахшон ва дар охир - амирони Афғонистон ба ҳисоб мерафт.

Дар ибтидои а. XX дар Ишкошим 20 деҳа мавҷуд буд, ки 12-тои он дар соҳили чапи дарё (ҷониби афғонӣ) воқеъ буданд. Аҳолии он асосан тоҷикони ишкошимии мазҳаби исмоилия дошта буданд, ки онҳо ба зироаткорию чорводорӣ иштиғол меварзиданд. Ҳоло ба ҳайати ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои Ишкошими

соҳили рости Панҷ ва вилояти Бадахшони Афғонистон заминҳои соҳили чапи Панҷ шомил мебошанд.

Ишкошим - инчунин номи деҳаест воқеъ дар соҳили рости д. Панҷ, ки дар аввали а. XX 40 ҳавлӣ дошт. Ҳоло он маркази ноҳияи Ишкошими ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

[280] **Вардуҷ (وردوج)** - мавзеест, ки ба ҳайати вилояти Ҷурм шомил буда, дар водии д. Вардуҷ воқеъ аст. Дар охири а. XIX дар Вардуҷ 32 деҳа мавҷуд буд, ки дар он 4 ҳазор тоҷикон ва ӯзбакҳо мезистанд. Тоҷикон асосан ба зироаткорӣ, ӯзбакҳо ба чорводорӣ машғул буданд.

[281] **Баҳорак, Қалъаи Баҳорак (بهارک)** - мавзеест дар водии д. Кӯкча дар наздикии Ҷурм ва ҷанубии ш. Файзобод. Дар охири а. XIX дар Баҳорак тоҷикони суннимазҳаб мезистанд, ки шуғли асосии онҳо парвариши ғалладона, меваҷот ва кӯкнор буд.

Баҳорак инчунин маркази асосии аҳолинишини ин мавзеот буда, 16 км болотар аз Ҷурм дар наздикии мавзеи бо якдигар ҳамроҳшавии дарёҳои Кӯкча, Вардуҷ, Зардев ва Сарғелон воқеъ аст. Дар наздикии Баҳорак яке аз қароргоҳҳои тобистонаи мирони Бадахшон ҷой дошт. *Дар мавзеи Баҳорак шаҳри Бадахшон - пойтахти он воқеъ гардида буд. Муфассал дар ин бора нигар ба: Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 179-180.*

[282] Ин ақида, ки Баҳодуршоҳро аз меҳтарони Чатрор гуфтааст, ба он чи ки дар вв. 65б, 66б оварда шудааст, тамоман мухолиф аст. *Шояд яке аз занони падари Баҳодуршоҳ аз оилаи меҳтарони Чатрор будааст, яъне модари Баҳодуршоҳ.*

[283] **Рустоқ (رستاق)** - вилояти таърихии Бадахшон, дар шимоли музофоти Тахор, *тақрибан дар 50-километрии* соҳили чапи д. Панҷ воқеъ шуда, яке аз вилоятҳои хосилхезтарини Бадахшон ҳисоб меёфт. Ба мавзеъҳои Рустоқ, Чоҳоб ва Янгиқалъа тақсим мешуд.

Дар аввали а. XX дар вилояти Рустоқ 84 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо 20 ҳазор тоҷикон, ӯзбакҳо, ҳазораҳо ва ғайри онҳо мезистанд. Онҳо ба парвариши ғалладонагӣ, обчакорӣ, пахтакорӣ ва боғдорӣ машғул буданд.

Рустоқ - шаҳри калонтарини вилоят дар соҳили чапи дарёи Рустоқ воқеъ гардида 2 ҳазор хоҷагӣ дошт. Рустоқ яке аз марказҳои асосии тиҷоратии Бадахшон маҳсуб шуда, дар бозори он 300 дӯкон ва 3 корвонсарой мавҷуд буданд. Аз миёнаи а. XVIII ба ҳайати давлати ёриҳо шомил буд.

*Рустоқ аз охирҳои асри VIII - аввали асри IX то истилои мугул (солҳои 20-уми асри XIII) яке аз шаҳрҳои Хатлон (Хуттал) ба ҳисоб мерафт. Дар он ҳангом подшоҳи он Бек ном дошт ва Рустоқ низ бо номи ҳамин подшоҳи хатлонӣ - Рустои Бек (дар сарчашмаҳои арабӣ - Рустоқбек) номида мешуд. Дар он замон, тибқи навиштаи муаллифи «Ҳудуду-л-олам», дар минтақаи Рустоқ шаҳри асосӣ - Нучоро (Андиҷорог) буд, Рустоқи Бек дар аввал - «ноҳияти он» будааст, ки то ҳудуди Бадахшон тӯл мекашидааст. Баъд аз ҳуҷуми мугул, азбаски аксари Хатлону мавзеъҳои дигар дар натиҷаи кушторҳои азими бераҳмона беодам монда буданд, дар асрҳои XIV- XV Рустоқ ва умуман заминҳои соҳили чапи Панҷ тадриҷан ба ҳайати Бадахшон шомил шуданд. Ниг. ба: Ғ.Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 178-186.*

[284] ***Янгиқалъаи Қарлиг*** *- ниг. ба тавзеҳи 187.*

[285] ***Даунг*** **(داونگ)** - *деҳаест дар шарқи Самтӣ наздик ба Эли Бойиста. Дар бораи ин топоним мутарҷим онро* «шояд Давунак бошад» *гуфтааст ва он тавзеҳ низ наёфтааст.*

[286] **Оби Осиёбҳо** ё **Оби Осиёба** (**آب آسیابها**) - деҳаест дар ҷануби ноҳияи Рустоқ, наздики сарҳади Олтинҷилув, ки дар баландии 1300 м ҷойгир аст. Аҳолиаш тоҷикон ва ӯзбакҳо ба парвариши пахта ва истеҳсоли тилло аз реги дарёҳои наздик машғул буданд.

[287] ***Кӯли Деварӣ*** *ё* ***Деҳварӣ*** (**کول دیوری**)- *ҳамон деҳаест, ки дар 28 километрии ҷанубу шарқи Рустоқ - на он қадар дур аз дарёи Кӯкча воқеъ гашта, дар он асосан балуҷҳо зиндагӣ мекунанд (Ниг. тавзеҳи 146). Деҳварӣ, Кӯли Деварӣ ва Эли Кошон дар вв. 57б ва 86а дар ҳарду маврид ҳам якҷоя ёд шудаанд.*

[288] **Дарайим** ё **Даройим** (**دریم**) - ноҳияест воқеъ дар водии дарёи бо ҳамин ном, ки ба д. Кӯкча дар наздикии мавзеи ба он ҳамроҳ шудани дарёҳои Тешкон ва Машҳад, мерезад. Дар аввали а. XX дар Дарайим 31 деҳа мавҷуд буд, ки дар онҳо 4 ҳазор тоҷикон, ҳазораҳо ва балуҷҳо мезистанд. Аҳолии ин деҳаҳо ба зироаткорию боғдорӣ машғул шуда, маҳсулоти худро ба бозорҳои ш. Файзобод мебаровар данд.

[289] **Тешкон** (**تشکان**) - водии дарёст бо ҳамин ном (шохоби чапи д. Кӯкча) дар вилояти Кишм дар ғарби ш. Файзобод. Дар охири а. XIX дар 14 деҳаи ин водӣ 835 хонавор мавҷуд буд. Аҳолии онҳоро тоҷикон, ҳазораҳо ва балуҷҳои суннимазҳаб ташкил медоданд. Онҳо ба зироаткорию боғдорӣ машғул буданд. Деҳаи асосии аҳолинишини водӣ - Музаффарӣ буд.

[290] **Калавгон, Калафгон** (**گلوگان**) - ноҳияест воқеъ дар шимоли Толиқон, дар соҳили чапи д. Кӯкча. Аз ин мавзеъ роҳ ба сӯи Кишм мерафт. Дар охири а. XIX дар Калавгон 19 деҳа мавҷуд буд, ки аҳолии онҳо асосан ӯзбакҳо буда 4 ҳазор нафарро ташкил медод. Шуғли асосии мардуми он зироаткорию чорводорӣ буд.

Худи Калавгон деҳаи асосии аҳолинишини водӣ буда, дар роҳи Толиқон воқеъ аст. *Мутарҷими асар ва муаллифи тавзеҳот ба забони русӣ ин топонимро дар тавзеҳи 328 дар шакли хато ҳамчун «Гулваган» ва «Гулфеган» овардаанд.*

[291] **Саройи Баҳор** (**سرای بهار**) - қалъаест дар наздикии ш. Файзобод.

[292] **Шаҳри Бузург** (**شهربزرگ**) - ноҳияест воқеъ дар водии дарёе бо ҳамин ном, ки аз шимол ба д. Кӯкча дар поёнтари ш. Файзобод мерезад. Он ба вилояти таърихии Рустоқ шомил буд. Дар навоҳии Шаҳри Бузург 56 деҳа мавҷуд буда, аҳолии онҳо 10 ҳазор нафарро ташкил медод. Онҳо асосан тоҷикон, баъд ӯзбакҳою ҳазораҳо буда, шуғли асосиашон парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, обчакорӣ, боғдорӣ, инчунин истеҳсоли тилло буд.

[293] Дар матни асар Ёрибекхон дар як ҷо ҳамчун писари Султоншоҳ (в.86б), хоҳарзодаи Мири Калон - бародари Султоншоҳ (в.87а), амӯзодаи писарони Султоншоҳ (в.92б) нишон дода шудааст. Лекин аз ӯ дар ҷои дигар дар вақти номбар намудани авлодони Султоншоҳ (в.92а) ёдовар намешавад. Гарчанде дар асар таъкид намешавад, ки Ёрибекхон ва бародари ӯ Сулаймонбек чун Аҳмадшоҳ (в.93аб) писарони Сулаймоншоҳ (мири сездаҳуми Бадахшон, 1866-1868) ҳастанд, аз ин ҷо тахмин кардан мумкин аст, ки Ёрибекхон шояд хоҳарзодаи Султоншоҳ буд.

[294] Ин ҷо Муҳаммад Муродбекро набояд бо Муродбий (соли вафоташ 1842), ки ғосиби Бадахшон аст, омехта кард.

[295] ***Кӯча*** - *дар ин ҷо ба маънои дара омадааст.*

[296] **Ёғурда (یاغورده)** - ағбаест байни Ғорон ва Сарғелон дар масофаи 75 км аз Хайробод. Аз моҳи май то ноябр кушода аст.

[297] ***Саргелон* (سرغیلان)** - *ин топоним дар тавзеҳи рақами 31ҳамчун Саргулом тавзеҳ ёфта буд. Аммо шакли дурусти он ҳамин Саргелон аст. Мо дар ин асар ба чанд намунаи ҳар хел оварда шудани як топоним як чанд бор вохӯрда будем. Инҳо: Калавкон - Калафгон, ҳатто Галафгон; Эли Восита - Эли Бойиста; Деҳиварӣ - Диварӣ, Дарайим - Даройим.*

*Ба сабаби он ки мутарҷими забони русӣ матнро «Саргилан-и Бахарак» овардааст, муаллифи тавзеҳотро саргум сохтааст. Бинобар ин ӯ навиштааст, ки «Местонахождение местности не выяснено» ва ҳадс задааст, ки «Можно предположить, что она находилась где-то в районе Саргулама». Ҳол он ки Саргелон - ҳамон Саргулом аст.*

*Агар кас ба харитаи Бадахшон зеҳн монад, мебинад, ки роҳи наздиктарин аз Ғорони Шугнон ба Файзобод, ки Мири Калон бо ин роҳ равона буд, маҳз бо маршрути нишондодаи муаллифи асар мебарад. Яъне аз дараи Ғорон ба Зардев, баъд - Саргелон, баъд Баҳорак ва аз Баҳорак - ба Файзобод.*

[298] **Доркут (دارکوت)** - номи пирях, ағба, деҳа ва ноҳияи кӯҳӣ, ки дар байни Бадахшон ва Чатрори Боло воқеъ шудааст. Баландии ағбаи Доркут 5 ҳазор метр буда, қаторкӯҳи Саккизҷарибро бурида, ба болооби д. Ёрхун мебарояд. 10 моҳ барои пиёдаравон ва 7 моҳ барои саворагон кушода аст.

[299] Дар бораи меҳтарҳо ниг.: Лужецкая Н.Л. Очерки истории Восточного Гиндукуша во второй половине XIX века. - С. 74-79.

[300] **Хартеза (خرتیزه)** - яке аз ағбаҳои қаторкӯҳҳои асосии Ҳиндукуш, ки Бадахшонро бо Чатрор мепайвандад. Инчунин он Хатинза ва Хартира низ ном бурда мешавад. Тамоми сол барои пиёдаравону саворагон кушода аст.

[301] **Тошқӯрғон (تاشقورغان)** - номи дигараш Хулм, шаҳри марказии музофоти Самангон дар шимоли Афғонистон. Он дар соҳили д. Самангон воқеъ шудааст. Тошқӯрғонро дар асри XVIII Аҳмадшоҳи Дурронӣ дар наздикии Хулми кӯҳна бино кардааст. Дар охири а. XIX дар шаҳр 4 ҳазор хонавода мезистанд, ки аз онҳо 1100-и онро ӯзбакҳо, 700-тояшонро тоҷикон, 260-тояшонро афғонҳо, 150-тояшонро ҳазораҳо ва 750-тояшонро арабҳо ташкил медоданд. Дар маркази шаҳр қалъа воқеъ шуда, аз он дуртар - бозор бо зиёда аз 400 дӯкон фаъолият мекард. Дар солҳои 70-уми асри XX дар ин шаҳр зиёда аз 35 ҳазор одамон зиндагӣ мекарданд.

[302] Дар ҳошияи варақи 93б чунин навишта шудааст: «Пас аз Миршоҳ ҳукумати Ҷаҳондоршоҳ истило ёфт 1279/1862-63». Кушкакӣ ибтидои ҳукумати Ҷаҳондоршоҳро соли 1864 (саҳ.99) қайд кардааст. Дар «Сироҷу-т-таворих» (ҷ. 2, саҳ. 255-256) вуқӯи муҳорибаи Абдурраҳмон бо Ҷаҳондоршоҳ дар соли 1280/ 1863-64 қайд шудааст, ки дар он вақт Ҷаҳондоршоҳ аллакай мири Бадахшон буд.

[303] Дар ҳошияи варақи 94а омадааст: «Ва ин Файзмуҳаммадхон дар санаи 1284 ва 1285 (1867-68 ва 1868-69) ҳокими Мазори Шарифу Тахтапул буд». Файзмуҳаммад - писари Дӯстмуҳаммад буд (Ниг. «Сироҷу-т-таворих», ҷ. 2. - С. 251).

[304] **Тахтапул (تخته پول)** - шаҳраке буд дар наздикии Мазори Шариф дар музофоти Балх. Пас аз ҳамроҳ кардани навоҳии Туркистони Ҷанубӣ ба Афғонистон, шаҳрак ба қароргоҳи ҳокимони афғон табдил дода шуд. Дар охири а. XIX он аҳамияти худро

гум мекунад. Дар ибтидои асри  XX қалъаи шаҳрак, ки дар он гарнизони ҳарбии афғонҳо қарор дошт, тороҷ шуда, шаҳрак ба харобазор табдил ёфт.

[305]**Қундузия (قندزیه)** - зери ин мафҳум заминҳои тобеъ ё дар наздикии Қундуз воқеъ буда дар назар аст.

[306] **Муҳаммадаъзамхон** - амири Афғонистон, дар солҳои 1866-1867 ҳукмронӣ намудааст.

[307] **Дӯстмуҳаммадхон** - амири Афғонистон, аз солҳои 1819 то соли 1863 бо фосилаҳо ҳукмронӣ кардааст.

[308] **Бохтар (باختر)** - номи вилояти бузурги таърихӣ дар шимоли Афғонистон. Бохтари қадим. Марказаш  шаҳри Балх буд.

[309] **Амир Музаффархон** - амири чоруми Бухоро аз сулолаи манғития. Солҳои 1860 то 1885 ҳукмронӣ намудааст.

[310]  **Абдурраҳмонхон** - набераи Дӯстмуҳаммадхон. Амири Афғонистон дар солҳои 1881-1901. Пеш аз амир шуданаш аз соли 1865 то соли 1881 ҳамчун гуреза дар Самарқанд зиндагӣ кардааст.

[311] **Шохдара (شاخ دره)** - дарё дар ҷанубу ғарби Помир дар ҳудуди ноҳияи  Рошткалъа - шохоби чапи д. Ғунд, ки ба д. Панҷ мерезад. Он дар байни қаторкӯҳҳои Шуғнон ва Шохдара ҷорӣ мешавад.

Пештар дар водии д. Шохдара мулки хурди мустақил вуҷуд дошт, ки баъдтар ба ҳайати миригарии Шуғнон шомил шуд. Дар водии Шохдара дар охири  а. XIX  17 деҳа вуҷуд дошт, ки аҳолии онҳо асосан шуғнониҳо буданд.

[312] **Уқобшин (عقاب شین)** - мавзеест дар водии д. Кӯкча, болотар аз  шаҳри  Файзобод.

[313] **Ҷавшангоз (جوشنگاز)** - водии фароху тӯлониест бо кӯҳҳо иҳоташуда, дар баландии 4 ҳазор метр дар маҳалли бо ҳам пайвастани Помири Шарқӣ бо Ғарбӣ дар болооби дарёҳои Ғунд ва Шохдара. Ин мавзеъ бо чарогоҳҳои хуби худ шӯҳрат дорад.

[314] **Исфиром (اسفرام)** - номи дарё, деҳа ва дараест дар атрофи д. Марғелони Ҷумҳурии Ӯзбакистон.

[315] *Мутарҷими забони русии асар ибораи «бо ман табаагонаш»-ро нафаҳмида, дар тавзеҳи 375 «Выражение неясно» гуфтааст.*

[316] **Шералихон** - амири Афғонистон, дар солҳои 1863 то 1879 бо фосилаҳо хукмронӣ кардааст.

[317] Дар ин ҷо ба ҷои «мутасаррифи шаҳр ва навоҳоти Кобул» бояд «мутасаррифи шаҳр ва навоҳоти Қандаҳор» хонда шавад, чунки дар соли 1296 ҳоло Кобул дар дасти афғонҳо буд (Ниг. «Сироҷ ут-таворих», ч. 2. - С. 343).

[318] Дар ҳақиқат амир Шералихон дар соли 1296 вафот кардааст (Ниг. «Сироҷ ут-таворих», ч. 2. - С. 251).

[319] **Бобохон валади Насруллоҳхон** - дар нимаи дуюми а. XIX умр ба сар бурдааст. Дар ҳодисаҳои бозгашти амир Абдурраҳмонхон аз Туркистон ба Афғонистон фаъолона иштирок намудааст.

[320] **Кунбанд (کنبند)** - мавзеест дар наздикии Рустоқ. Дар ҷои бо ҳам ҳамроҳшавии дарёҳои Кӯкча, Машҳад ва Толиқон. *Дар тарҷумаи русӣ хато - «Гундаб» омадааст.*

[321] ***Кобулистон* (کابلستان)** *- номи дигари Кобулу атрофи он.*

[322] **Кӯкча (کوکچه)** - дарёи асосии Бадахшон. Аз қаторкӯҳҳои Ҳиндукуш ба ҷониби шимолу ғарб ҷорӣ шуда, ба дарёи Панҷ мерезад. Ду сарчашмаи асосии Кӯкча дарёҳои Вардуҷ ва Ҷурм (, ки дар болооб Мунҷон номида мешавад) буда, дар наздики Баҳорак бо ҳам як мешаванд. Пас аз он ба д. Кӯкча шохобҳои бисёр ҳамроҳ мешаванд ва он аз поёнтари ш. Файзобод гузашта дар наздикии Хоҷағор ба д. Панҷ мерезад.

[323] **Олтунҷилу (آلتون جلو)** - ноҳияест дар 50 км ҷанубу шарқи ш. Файзобод, дар соҳили д. Кӯкча. Аз тариқи он роҳи Файзобод - Рустоқ мегузарад.

[324] **Хонобод (خانآباد)** - яке аз шаҳрҳои асосии музофоти Қундуз буда, дар соҳили чапи д. Толиқон (Бангӣ) воқеъ шудааст. Маркази музофоти Қатағону Бадахшон буда, дар он дар аввали асри XX 4 ҳазор нафар - асосан ӯзбакҳо, тоҷикон ҳазораҳо ва афғонҳо мезистанд. Дар он вақт дар Хонобод 744 ҳавлӣ, 390 дӯкон, 19 корвонсарой ва як гарнизони ҳарбӣ мавҷуд буданд.

Хонобод яке аз марказҳои асосии тиҷоратии шимоли Афғонистон ҳисоб меёфт. Дар атрофи шаҳр 55 деҳа мавҷуд буд, ки 12 ҳазор аҳолӣ доштанд. Онҳо ба парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, полезӣ, пахтакорӣ ва боғдорӣ машғул буданд.

[325] Дар ин ҷо резиденти англис дар Кобул - Гриффин дар назар аст.

[326] **Бомдара (بام دره)** - водӣ ва ағба дар наздикии Баҳорак, ки аз он роҳи Баҳорак - пуштакӯҳи Шева мегузарад.

[327] **Дашти Хайробод (دشت خیرآباد)** - номи даштест, деҳа ва ағба, ки дар шимолу ғарби Баҳорак воқеъ шудааст.

[328] ***«Ирҷаӣ»*** *- «баргард».* ***Қуръон, Сураи 89 «Фаҷр», ояти 28.***

[329] ***Қуръон, Сураи 2 «ал-Бақара», ояти 156.***

[330] **Қозидеҳ (قاضیده)** - деҳаест воқеъ дар сарҳадоти Вахону Ишкошим дар соҳили чапи д. Панҷ. Дар охири а. XX тақрибан 200 нафар аҳолӣ дошт.

[331] **Баршор (برشار)** - деҳаест воқеъ дар мавзеи Ғорони Афғонистон, дар соҳили чапи д. Панҷ.

### *[НАСАБУ СИЛСИЛАИ ШОҲОН ВА МИРОНИ МУЛКИ ШУҒНОН]*

[332] ***Одам*** *- аввалин офаридаи Эзиди таоло аз ҷинси одамӣ. Дар ҷаннат бо Ҳавво мебуд. Бо васвасаи Иблис аз меваи дарахте, ки Эзид хӯрданашро манъ карда буд, аз ҷаннат бо Ҳавво ронда шуд. Ҳарду гирён ба кӯҳе (Сарандеб дар Сейлон) дар кишвари Ҳинд, аз рӯи маълумоти дигар - ба кӯҳи Абу Қубайс дар Макка фаромаданд. Ҳавво ду маротиба дугоник - ҳар дафъа писару духтар таваллуд кард. Писар аз таваллуди аввал - Қобил ва*

*духтар - Лубизо, аз таваллуди дуюм писар - Ҳобил ва духтар - Иқлимо ном гирифтанд. Бо фармудаи Одам, Қобил Иқлиморо ва Ҳобил Лубизоро ба занӣ гирифтанд. Қобил аз он, ки Ҳобил хоҳари ӯро ба занӣ гирифта буд, рашк карда бо санге ӯро зада кушт ва аз ҷониби Одам лаънат карда шуд.*

*Аз Одаму Ҳавво фарзанди дигар бо номи Шис ба дунё омад. Одам дар синни 930-солагӣ вафот кард (Ниг. ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - Байрут: Дор содир, 1960. - С. 5-7). Азбаски ривоятҳо динию асотирианд, минбаъд ҳам бетанқид, чи тавре дар сарчашмаҳо омадаанд, оварда мешаванд.*

333 ***Шис*** *- аз рӯи ривоятҳо дар синни 130-солагии Одам таваллуд ёфта, ба падараш Одам монанд будааст. Одам пеш аз маргаш Шисро ба ҷои худ роҳбари қавми худ таин кард. Ба Шис фармуд то ҷасади ӯро нигоҳ дорад ва ҳангоми имконият дар миёнаҷои замин гӯр кунад. Аз Шис писараш - Анӯш, аз Анӯш - Қинон, аз Қинон - Маҳлоил, аз Маҳлоил - Ярад ва аз Ярад - Ахнӯх ба дунё омадаанд.*

*Шис дар синни 912-солагӣ вафот кард ва ба ҷои худ писараш Анӯшро роҳбари қавм таин намуд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 7-8).*

334 ***Анӯш*** *- сардори қавми одамӣ баъди Шис. Дар замони ӯ фариштаи кӯре бо санг Қобили лаънатшударо зада кушт. Дар 90-солагии Анӯш писараш Қинон таваллуд шуд. Анӯш дар синни 965-солагӣ вафот кард ва пеш аз вафот писараш Қинонро сардори қавм гузошт (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 8-9).*

335 ***Қинон*** *- сардори қавм баъди Анӯш. Дар 70-солагиаш писараш Маҳлоил ба дунё омад. Қинон дар 920-солагӣ аз дунё рафт ва пеш аз марг Маҳлоилро ба ҷои худ сардор таин кард. Ба ӯ фармуд, ки ҷасади Одамро нигоҳ дорад (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 9).*

336 ***Маҳлоил*** *- роҳбари қавм, васияти падарашро иҷро мекард. Дар 65-солагӣ соҳиби писар - Ярад гардид. Дар 895-солагӣ вафот кард ва пеш аз марг роҳбарии қавмро ба Ярад васият кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 10).*

337 ***Ярад*** *- азбаски ӯ бисёр тақводору намозгузор буд, Эзид умри ӯро бисёр дароз кард. Дар 62-солагияш писараш Ахнӯх ба дунё омад. Чун 500-сола шуд, фарзандони Шис афзуда аҳдҳои пештар бастаашонро дар хусуси аз кӯҳ ба замини ҳамвор, ки дар он ҷо қавми Қобили лаънатшуда зиндагӣ мекард, шикаста ба онҷо фаромаданд. Сабаби аз кӯҳ фаромаданашон дар он буд, ки Шайтон ба ду шайтони дигар аз ҷинси инсонӣ бо номҳои Юбал ва Тубалқин сурудхонию мусиқиро омӯзонд. Юбал наю танбӯру барбату карнайҳо, аммо Тубалқин - таблу дафу чангҳо сохтанд. Азбаски қавми Қобил ягон коре надоштанд, ки ба он машгул шаванд, ба гуноҳ кардану фисқу фуҷур машгул буданд. Онҳо дар як ҷо ҷамъ шуда, асбобҳои мазкурро менавохтанд, суруд мехонданд ва фарёд мекашиданд. Садоҳои онҳо ба гӯшҳои фарзандони Шис дар болои кӯҳ мерасиданд. Сад нафар мард аз онҳо ҷамъ шуда хостанд ба замин ба назди соҳибони он овозҳо фаромада бубинанд, ки ҳол чист. Ярад ва писараш Ахнӯх ҳарчанд насиҳат карданд, фоидае ҳосил нашуд. Онҳо аз кӯҳ ба замин фаромада бо духтарони қавми Қобил муошират намуданд.*

*Ярад пеш аз маргаш ба фарзандони худ васият кард, ки аз ин кӯҳи муқаддас ба замини ҳамвор нафароянд, вале илова кард, ки оқибат шумо мефароед. Ва касе аз шумо охирин фарояд, ҷасади Одамро низ фарорад. Баъд писараш Ахнӯхро ба ҷои худ сардор гузошта дар синни 962-солагӣ вафот кард.*

338 ***Ахнӯх*** *- чун ба синни 65-солагӣ даромад, аз ӯ писаре ба дунё омад, ки ӯро Матушлаҳ ном гузоштанд. Дар айёми сардории Ахнӯх аз қавми Шис зану марду бачаҳояшон аз кӯҳ ба замин фаромадан гирифтанд. Ахнӯх писару наберагони худ - Матушлаҳ, Ламак ва Нӯҳро ба назди худ хонда гуфт, ки рӯзе мерасад ва Эзид он қавмро ҷазо хоҳад дод.*

*Ахнӯх - ҳамон Идриси набӣ мебошад. Ӯ дар синни 300-солагӣ вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 11).*

[339] ***Матушлаҳ*** *- сардории қавмро идома дод ва дар синни 187-солагӣ соҳиби писаре гашт. Ӯро Ламак ном гузошт. Ҳанӯз дар ҳамон замон Аллоҳ ба Нӯҳ ваҳй фиристод, ки дар замони ӯ тӯфоне хоҳад хест ва бояд, ки ӯ аз чӯб киштие бисозад. Матушлаҳ дар синни 960-солагӣ даргузашт (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 12).*

[340] ***Нӯҳ*** *- бояд гуфт, ки дар ин силсилаи ансоби овардаи муаллифи «Таърихи Бадахшон» як нафар афтодааст - он ҳам бошад падари Нӯҳ нафаре бо номи Ламак писари Маштулаҳ мебошад. Дар замони ҳукмронии Ламак адади золимону шахсони соҳибқудрат меафзояд. Аз авлоди Шис ҳамаашон пурра ба замин ба назди қавми Қобил фаромада буданд. Аз авлоди худаш бошад 8 нафар дар кӯҳ боқӣ монда буд.*

*Нӯҳ - писари Ламак аст. Ламак ба ӯ васияти бобоҳояшро дар хусуси чи тавр баъди тӯфон дар кадом тарафи киштӣ истодан ва дар миёнаҷои замин чи тавр гӯронидани ҷасади Одамро васият кард. Ӯ дар синни 777-солагӣ вафот кард ва сардории қавмро ба ӯҳдаи Нӯҳ гузошт. Нӯҳ ба хотири дур будан аз гуноҳ дар давоми 500 сол зан нагирифт. Эзид ба ӯ ваҳй фиристод, ки бо Ҳайкал - духтари Номусо хонадор шавад ва бидонад, ки дар замони ӯ тӯфоне бармехезад. Аз ин рӯ ӯ бояд пешакӣ киштие сохта худ ва аҳли оилаи худро ба сабаби он наҷот бидиҳад. Киштӣ бояд аз се хонаи болои ҳам - поёнӣ, миёна ва болоӣ иборат бошад. Ва фармуд, ки дарозии киштӣ бояд 300 зироъ (дарозии оринҷ) бо тӯли оринҷи худи Нӯҳ ва паҳнояш - 50 зироъ, баландияш (дар асл - гафсиаш) 30 зироъ бошад. Хонаи поёнӣ - махсус барои ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ ва даррандагон, хонаи миёна - барои паррандагон ва хонаи болоӣ - барои Нӯҳ ва аҳли оилааш муқаррар шуданд. Дар қисми болои киштӣ бояд зарфҳои калони об ва ҷои таомхӯрӣ бошад. Ҳангоми сохтани киштӣ фарзандони Қобилу Шис ӯро масхара мекарданд. Баъди сохтани киштӣ, Нӯҳ онҳоро аз тӯфони дар пеш истода огоҳ намуда, хоҳиш кард ба киштӣ савор шаванд, то наҷот ёбанд. Онҳо қабул накарданд. Пас Нӯҳ бо аҳли оилааш ба киштӣ савор шуда ба Магорату-л-канз («Ғори Хазина», ки ҷасади Одам дар он ҷо нигоҳ дошта мешуд) рафта, ҷасади Одамро оварда ба қисми болои киштӣ дар мобайн гузоштанд. Дар хонаи миёнаи киштӣ - паррандагон ва дар хонаи поёнӣ - ҳайвонотро дароварда дарҳоро бастанд.*

*Аз ҳаво борони фаровони зиёде боридан гирифт ва замину кӯҳҳо ҳама пур аз об гардиданд. Равшании Офтобу Моҳ гум шуда шабурӯз яксон торик мебуд. Борон чил рӯз меборид ва баландии об аз сатҳи кӯҳҳо 15 зироъ баланд шуд. Киштӣ бошад дар рӯи замини пуроб давр зада истода то ба Макка расид. Ӯ дар атрофи Хона (Каъба) як ҳафта давр зад.*

*Сипас, бо амри Худо осмон оби худ ва замин оби худро фурӯ бурданд. Баъди ин Нӯҳ дар киштӣ чор моҳи дигар истода, сипас зогро фиристод то хабари обро биёрад. Зог лошаеро дар болои об пайдо карда худро ба он зад ва барнагашт. Нӯҳ кабӯтарро фиристод. Кабӯтар бо худ барги зайтунро овард. Нӯҳ донист, ки об рафтааст ва аз киштӣ баромад. Аз вақти савор шудан ба киштӣ ва фаромадан аз он расо як сол пур шуда буд. Ӯ бо аҳли оилаи худ аз киштӣ фаромада шаҳре бунёд карданд бо номи Самонин (Ҳаштод).*

*Нӯҳ дарҳои киштиро қуфл зада калидҳояшро ба писараш - Сом супорид. Нӯҳ баъди баромаданаш аз киштӣ 360 соли дигар зиндагӣ кард. Ӯ ба Сом васият кард, ки баъди марги ӯ ҷасади Одамро аз киштӣ гирифта бо Малкаяздақ ибни Ламак ибни Сом ва бо фариштае, ки дар куҷои миёнаҷои замин гӯр кардани Одамро бо супориши Аллоҳ медонад, бурда гӯр кунад ва дар ин бора ба касе чизе нагӯяд. «Ба Малкаяздақ амр кун, то ба ибодат машгул бошад, зан нагирад, иморат насозад, либос - ба гайр аз пӯсти ҳайвонот напӯшад, нохуну мӯйсарро кӯтоҳ накунад ва дар танҳоӣ рӯз гузаронида ҳамди худо гӯяд». Баъд аз ин Нӯҳ дар синни 950-солагӣ - чи тавре худои бузург фармудааст - 50 кам ҳазор сол вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 12-16).*

[341] ***Арфахшад*** *- дар силсила як нафар - Сом партофта шудааст, чунки Арфахшад писари Сом аст ва ҳангоме ки Сом 102-сола буд, ӯ таваллуд ёфт. Сом васияти падаршро оиди дар миёнаҷои замин дафн намудани ҷасади Одам, иҷро кард. Ӯ писараш Арфахшадро ба ҷои худ сардори қавм гузошта дар 600-солагӣ вафот кард.*

*Арфахшад дар 185-солагӣ соҳиби писар гардид ва ӯро Шолеҳ ном гузошт. Ӯ ба ҷои худ Шолеҳро гузошта дар 465-солагӣ фавтид (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 17-18).*

[342] ***Обир*** *- дар силсила як нафар - Шолеҳ афтодааст. Обир писари Шолеҳ аст. Обир дар 130-солагии падараш ба дунё омад. Шолеҳ дар 430-солагӣ вафот кард ва қабл аз вафот Обирро ба ҷои худ гузошт. Обир дар 134-солагӣ соҳиби писар гардид ва ӯро Фолег ном гузошт. Обир дар 340-солагӣ ё ба қавле дар 164-солагӣ вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 18-19).*

[343] ***Солеҳ*** *- гумон меравад ин Солеҳ ҳамон Фолег аст, ки дар тарзи навишти арабӣ бо якдигар наздиканд. Дар замони Фолег фарзандони Нӯҳ зиёд шуда дар Бобул ҷамъ омаданд. Намруди золим дар он ҷо ба дунё омад. Забони онҳо забони суриёнӣ, ки он забони Одам аст, буд. Онҳо дар Бобул қарор доданд биное бисозанд, ки поёнаш дар замин ва қисми болоиаш ба осмон бирасад. Ҳангоми сохтмон қарор доданд онро ҳамчун қалъае бисозанд, ки тавонад онҳоро аз тӯфон муҳофизат созад. Аммо Аллоҳ қалъаи онҳоро бишкаст ва забонашонро ба 72 забон тақсим сохт. Онҳо ба 72 гурӯҳ тақсим шуданд.*

*Дар 30-солагияш Фолег соҳиби писар шуд ва ӯро Аргу ном гузоштанд. Ӯ пеш аз маргаш тахтро ба писараш Аргу дод ва худ дар синни 239-солагӣ вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 19-20).*

[344] ***Соруҳ*** *- дар «Таърих»-и ал-Яъқубӣ - Соруг. Ин Соруг писари Аргуи мазкур мебошад. Дар замони Соруг бутпарастӣ пайдо мегардад. Сабаби пайдоиши бутпарастӣ дар он будааст, ки одамон пас аз вафоти наздиконашон, буте дар шакли ҳамон майит сохта ба он номи шахси мурдаро мегузоштаанд. Шайтон ба ворисони шахси мурда мегуфт, ки ин ҳайкалҳоро бояд парастид. Ҳамин тавр бутпарастӣ пайдо шуд. Ӯ дар 130-солагӣ соҳиби писар гардид ва номашро Ноҳур гузошт. Соруҳ дар 230-солагӣ вафот кард ва ба сардории қавм писараш Ноҳурро гузошт (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 21).*

[345] ***Қаҳтон*** *ва писараш* ***Яъруб*** *аввалин подшоҳони араб дар Яман буданд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 19).*

[346] ***Ноҳур*** *- ал-Яъқубӣ баръакси муаллифи «Таърихи Бадахшон» ӯро писари Соруг гуфтааст. Дар замони Ноҳур бутпарастӣ ниҳоят зиёд гардида бо амри Худо заминҷунбии сахте рӯй дод. Дар натиҷа бутҳо шикаста хароб шуданд. Аммо баъд аз муддатҳо бутҳои нав сохта шуданд. Ноҳур 148 сол умр дид (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 21-22).*

[347] ***Азар, Озар*** *- писари Ноҳур. Ал-Яъқубӣ номи ӯро ҳамчун Торих ва Озар оварда қайд мекунад, ки номбурда падари Иброҳими халилуллоҳ мебошад. Замони зиндагии Азар ба асри Намруди золим рост омадааст. Намруд аввалин касест, ки оташро мепарастид. Чун оташ бори аввал аз замин баромад, Шайтон аз дохили он бо ӯ сухан гуфт ва ӯ ба оташ наздик шуда саҷда кард. Баъд дар болои оташ биное сохт. Дар аввал Торих, яъне Озар бо Намруди золим ҳамроҳ буд. Мунаҷҷимҳо аз рӯи ҳисобҳои худ ба Намруд оиди он, ки дар кишвари ӯ баччае таваллуд хоҳад шуд ва он бачча бутҳоро шикаста дини ӯро паст мезанад ва ба муқобили ӯ мебарояд, хабар доданд. Аз ин сабаб Намруд ҳар як мавлуди навро шикамчок мекард. Дар ин айём Иброҳим ба дунё омад ва падару модараш*

*ӯро дар горе пинҳон карданд. Ҳангоми таваллуди Иброҳим падараш Торих (Озар) 170-сола буд. Умуман Торих 205 сол умр дида, вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 23).*

348 ***Иброҳим*** *- пайғамбар, писари Торих - Озари бутсоз. Дар замони Намруд ба воя расид. Ӯ аз он, ки қавмаш ба бутҳои тарошидаи худ ибодат мекарданд, дар ҳайрат шуда ба онҳо гуфт: «Оё Шумо ба он чизе, ки худатон тарошидаед, саҷда мекунед»? Онҳо гуфтанд: «Падари ту ин корро ба мо омӯхт». Иброҳим гуфт: «Падари ман аз ҷумлаи гумроҳон аст». Номи ӯ дар забонҳо афтод ва Аллоҳ ӯро набӣ ихтиёр карда Ҷабраилро ба наздаш фиристод, то динашро ба ӯ омӯхт. Иброҳим ба шикастани бутҳо пардохт. Намруд Иброҳимро дар байни оташ дар манҷаниқ гузошта ҳаво дод. Бо амри Аллоҳ оташ ба ӯ зараре нарасонид. Намруд пас аз ин мегуфт: «Касе ба худ худое мегирифта бошад, мебояд он мисли худои Иброҳим бошад!».*

*Иброҳим бо амри худованд аз Бобул бо занаш Сора - духтари Хорон ибни Ноҳур ва бародари занаш - Лут ибни Хорон ба Фаластин омаданд. Молу сарвати онҳо ниҳоят зиёд гардид ва Иброҳим, ки фарзанд надошт, ба Худо гуфт: «Ин молу сарвати зиёд ба ман чӣ кор меояд?». Аллоҳ ба ӯ ваҳй фиристод, ки «Ман насли туро баробари шумораи ситорагон хоҳам кард» (аз рӯи ривоятҳо арабҳо аз насли Иброҳим мебошанд). Занаш Сора канизаке дошт бо номи Ҳоҷар ва ӯро ба Иброҳим ҳадя кард. Ҳоҷар аз ӯ ҳомила шуда Исмоилро ба дунё овард. Ва Иброҳим дар он айём 86-сола буд. Баъди ин рашки Сора ҷӯш зад ва ба Иброҳим гуфт, ки «Ҳоҷарро бо фарзандаш бирон». Иброҳим онҳоро ба Макка ба назди Ҳарам оварда гузошт ва худ баргашт. Ҳоҷар гуфт: «Ту маро ба кӣ гузошта меравӣ?» Гуфт: «Ба рабби ин бино (Ҳарам)».*

*Ҳоҷар чун обе, ки бо худ дошт, тамом шуд, ба ҷустуҷӯ баромад ва дид, ки паррандае дар назди Ҳарам дар як ҷои намнок бо чанголу нӯли худ заминро канда об пайдо намуда нӯшид. Ҳоҷар он ҷойро бо дастонаш канд ва об пайдо шуд. Он чашма чашмаи Замзам аст.*

*Аллоҳ ба Иброҳим аз занаш Сора писари дигаре ҳадя кард, ки ӯро Исҳоқ ном гузоштанд. Дар он айём Иброҳим 100-сола ва Сора 90-сола буданд. Дар ин байн Исмоил калон шуда бо зане аз қабилаи Ҷурҳум хонадор гардид. Иброҳим бошад ҳар сари чанд вақт омада аз ҳоли Исмоил бохабар мегардид. Боре ӯ ба хонаи Исмоил омад ва касе ӯро пешвоз нагирифт, зеро Ҳоҷар мурда буд. Чун бо зани Исмоил сухан гуфт, донист, ки камақл аст. Ӯ аз Исмоил хабар пурсид. Зан ҷавоб дод, ки дар рамабонӣ аст. Иброҳим ба ӯ гуфт: «Вақте ки Исмоил омад, ба ӯ бигӯ, ки остонаи дари худро иваз намояд». Баъд аз бозгаштани ӯ Исмоил омад ва занаш он чи ки мӯйсафед гуфта буд, ба Исмоил қисса кард. Исмоил занашро талоқ дода ба духтари дигар - ал-Ҳайфо бинти Мизози Ҷурҳумӣ хонадор шуд. Соли дигар Иброҳим боз ба хонаи Исмоил омад. Исмоил дар хона набуд. Зани Исмоил ӯро хуш қабул намуда ба даромада нишастан таклиф кард. Иброҳим ҷавоб дод, ки имконияти нишастан надорад. Зан гуфт: «Саратро пеш биёр то бибӯсам». Ва ӯ сари Иброҳимро бӯсид. Иброҳим ба ӯ гуфт: «Чун шавҳарат омад саломи маро ба ӯ бирасон ва ба ӯ аз номи ман бигӯ, ки «Остонаи даратро маҳкам бидор!». Чун ӯ бирафт, Исмоил омад ва занаш ҳодисаро ба ӯ нақл кард. Исмоил ҷои қадамҳои падарашро бӯса кард.*

*Сипас Аллоҳи таоло ба Иброҳим фармуд, ки хонаи Каъбаро баланд бисозад, маносики ҳаҷро ба мардум биёмӯзад, то мардум ҳаҷ кунанд. Иброҳим бо Исмоил чун Каъбаро сохта, то ба ҷои гузоштани санг (Ҳаҷару-л-асвад- санги сиёҳ) расиданд, [кӯҳи] Абу Қубайс (кӯҳест дар наздикии Каъба) ба Иброҳим нидо кард: «Барои ту назди ман амонатест [онро бигир]» ва сангро ба ӯ дод. Ва ӯ он сангро дар Каъба дар ҷояш гузошт. Пас аз ин ӯ ба мардум иҷозат дод, ки ҳаҷ кунанд.*

*Аллоҳ ба Иброҳим амр дод, ки писарашро қурбон намояд. Аммо дар масъалаи он ки кадоме аз ду писаронашро ӯ мехост қурбон намояд, дар ривоятҳо ихтилоф аст - баъзеҳо мегӯянд, ки ӯ Исмоилро ва дигарон мегӯянд, ки Исҳоқро мехост қурбон намояд. Аксар бар онанд, ки қурбоншаванда Исмоил аст. Зеро хонааш дар Макка буд ва Каъбаро низ бо падараш сохта буд. Исҳоқ бошад манзилаш дар Шом (Фаластин)*

*қарор дошт. Ривоятҳо дар ин бобат зиёду гуногун аст, вале дар ҳар сурат Иброҳим ба писараш гуфт: «Аллоҳ ба ман амр кардааст, ки туро бикушам». Писараш ҷавоб дод: «Эй падар, он чи ки ба ту амр шудааст, иҷро кун!». Ӯ писаруширо ба Ҷамраи Ақаба (имрӯз ҷои санг задан ба шайтон дар наздикии Муно дар Макка) бурда, ҷули харашро ба замин андохт ва писарашро болои он хобонид. Баъд ӯ кордро ба ҳалқи писараш гузошта рӯи худро ба тарафи дигар гардонид. Дар ин вақт Ҷабраил дами кордро ба тарафи дигар гардонид. Чун Иброҳим ба корд назар кард дид, ки дами корд чаппа шудааст. Ӯ се маротиба дами кордро гардонида ба ҳалқи писараш зер кард, ҳар се дафъа ҳам дами корд чаппа мегардид. Дар ин вақт нидое омад, ки «Эй Иброҳим, он рӯъёе, ки ба ту намуда будем, ту иҷро кардӣ!».*

*Ҷабраил писарро аз пеши ӯ гирифта, ба ҷояш аз қуллаи Сабир (кӯҳест дар наздики Абу Қубайс) гӯсфандеро ба наздаш гузошт. Иброҳим он гӯсфандро забҳ кард. Баъди анҷоми ҳаҷ Иброҳим ба Исмоил фармуд, ки дар назди Каъба бошад ва ҳаҷҳоро бо мардум гузаронад. Инчунин ба ӯ хабар дод, ки насли ӯ бениҳоят зиёд гардида дар он насл хайру баракат хоҳад буд.*

*Ҳангоми бозгашт ба Шом Сора вафот кард ва Иброҳим ба Қатура ном зане издивоҷ кард. Аз он зан Замарн, Яқшан, Мадан, Муқин, Яшбоқ ва Шуҳ ба дунё омаданд. Иброҳим дар синни 195-солагӣ вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 24-28).*

[349] ***Исмоил** - писари Иброҳим, асосгузори насли араб (Ниг. ба тавзеҳи 264). Исмоил аввалин касест, ки ба забони арабӣ сухан гуфтааст, Каъбаро бо падараш сохта ва баъди падараш корҳои ҳаҷро мебурд. Ва ӯ нахустин одаме буд, ки аспҳои ваҳширо ром карда, ба онҳо савор мешуд. Дар ҷавонияш Аллоҳ ба ӯ камоне дод ва ӯ бехато тирро ба нишон мерасонид. Занаш ал-Ҳайфо 12 писар таваллуд кард: Қайдар, Нобит, Адбил, Мибшом, Масмаъ, Думо, Масо, Ҳаддод, Таймо, Ятур, Нофис, Қидмо. Исмоил дар 130-солагиаш вафот кард (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 222).*

[350] ***Қайзар**, дурусташ **Қайдар** - писари Исмоил. Қайдар баъди марги падараш ба сари қудрат омада, кори хонаи Каъба - роҳбарӣ ба ҳаҷро мебурд. Баъзеҳо мегӯянд, ки баъди Исмоил писараш Нобит кори ӯро идома додааст (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 222).*

[351] ***Удад** - марде буд аз авлоди Исмоил. Ӯ баъд аз Нобит, Амин, Яшҷуб ва падараш - Ҳумайсиъ дар Каъба ба сари қудрат омад. Аз байни ашрофони ёдшуда нуфузу обрӯи Удад хеле баланд буд. Ӯ афъоли нописандидаи қабилаи Ҷурҳумро дар Макка маҳкум кард. Дар замони сардории ӯ қабилаи Ҷурҳум пурра ҳалок гардид (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 222).*

[352] ***Маъд** - баъд аз вафоти Удад, писараш Аднон ва баъди Аднон писараш Маъд ба сари қудрат омаданд. Дар замони Маъд як қисми қавми ӯ ба сӯи Яман рафтанд. Маъд даҳ писар дошт: Низор, Қузоа, Убайда-р-Римоҳ, Қанас, Қукоса, Ҷунода, Авф, Авд, Салҳам ва Ҷанб (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 222-223).*

[353] ***Низор** - писари Маъд, сардори қавму қабилаи худ буд ва дар Макка истиқомат мекард. Ӯ чор писар дошт: Музар, Иёд, Рабиа ва Анмор. Аз насли Низор ва қавму қабилаи он тамоми сарзаминҳои онвақтаи араб аз Нимҷазираи Арабистон то Ироқу Шом пур аз одам шуданд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 223-226).*

[354] ***Музар** - писари Низор дар байни бародаронаш аз ҳама обрӯмандтар буд. Ӯ ду писар дошт - Илёс ва Айлон. Илёс бо ақлу заковати худ дар байни аъроб машҳур буд. Илёс аз бемории сил дар як рӯзи панҷшанбе вафот кард ва занаш Лайло машҳур ба лақаби Хиндиф, ки Илёсро дӯст медошт, ҳар рӯзи панҷшанбе аз тулӯи офтоб то гуруб беист мегирист то бимурд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 226-228).*

[355] ***Мудрик*** *- дурусташ* ***Мудрика****. Илёси мазкур се писар дошт: Мудрика - номаш Омир, Тобиха - номаш Амр, Қамъа - номаш Умайр. Мудрика дар байни бародаронаш соҳиби фазлу шуҷоат буд. Мудрика чор писар дошт:* ***Хузайма****, Ҳузайл, Ҳориса, Ғолиб. Аз ин чор нафар Ҳориса дар хурдиаш вафот кард. Хузайма дар байнашон марди фозилу боандеша буд ва се писар дошт:* ***Кинона****, Асад ва ал-Ҳавн. Кинона дар байни арабҳо бо фазилатҳои зиёди худ машҳур гашта буд. Ӯ аз якчанд зан фарзандони зиёде дошт. Аз занаш Ҳола - Назр, Ҳудол, Саъд, Молик, Авф ва Махрама ба дунё омадаанд.* ***Назр*** *дар байни онҳо аввалин касе буд, ки «ал-Қурайшӣ», яъне «қурайшӣ» лақаб гирифт ба хотири баландии ҳимматаш ва тиҷорату сарваташ. Ӯ се писар дошт: Молик, Яхлад ва ас-Салт (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 229-232).*

[356] ***Молик*** *- писари Назре, ки қурайшӣ лақаб гирифт. Ин лақаб минбаъд дар таърихи араб фақат дар номи фарзандони Назр нишаст. Молик марди бонуфузе буда се писар дошт: Фиҳр, ал-Ҳорис, Шибон. Ривояте ҳаст, ки гӯё номи Фиҳр - Қурайш буда, Фиҳр лақабаш будааст.* ***Фиҳр*** *баъд аз вафоти падараш ҷои ӯро гирифт. Фиҳр чор писар дошт: Ғолиб, ал-Ҳорис, Муҳориб ва Ҷандала.* ***Ғолиб*** *дар фазлу бузургӣ аз бародаронаш ҷудо шуда меистод. Аз ин рӯ баъди вафоти падараш қоиммақоми ӯ шуд. Ғолиб аз як занаш ду писар дошт: Лӯъй ва Тайму-л-Адрам.* ***Лӯъй*** *- сайиди қавми худ буд. Лӯъй аз як занаш се писар дошт: Каъб, Сома, Хузайма. Дар байни онҳо* ***Каъб*** *аз ҳама соҳиби мартабаи олӣ буд. Ӯ аввалин касест, ки рӯзи ҷумъаро - «ҷумъа» номид. То ин ҳодиса арабҳо рӯзи ҷумъаро «аруба» мегуфтанд. Ӯ дар рӯзҳои ҷумъа мардумро ҷамъ оварда дар масъалае маърӯза мекард. Чун ӯ вафот кард, қурайшиҳо рӯзи вафоти Каъбро санаи таърихи худ қарор доданд. Каъб аз як занаш ду писар дошт: Мурра ва Ҳусайс (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 232-236).*

[357] ***Мурра*** *- писари Каъб пешвои қавмаш буд. Ӯ аз як занаш писаре дошт бо номи* ***Килоб****. Азбаски бо сардории Килоб хешовандонаш чи аз ҷониби падар ва чи аз ҷониби модар ҳама маносики ҳаҷро бо тамоми нозукиҳояш мегузаронидананд, ӯ зуд дар байни арабҳо машҳур гашт. Мурра аз занаш Фотима ду писар дошт: Қусай ва Зуҳра (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 236-237).*

[358] ***Қусай*** *- дар таърихи араб ба сабаби заковату шуҷоаташ ва яке аз бобокалонҳои пайғамбари ислом буданаш шӯҳрати беандоза дорад. Ҳанӯз дар замони хурдсолияш падараш Килоб вафот кард ва модараш Фотима ба Рабиа ном марде аз қабилаи Узра издивоҷ намуда, Қусайро бо худ гирифт ва аз Макка бо шавҳараш баромада рафт. Қусай дар кӯдакиаш Зайд ном дошт ва дар роҳ ҳангоми аз Макка баромада рафтанашон модараш ӯро Қусай ном гузошт. Чун Қусай калон шуд, марде аз қабилаи Узра боре ба ӯ гуфт: «Ту аз мо нестӣ, ба қабилаи худат бирав!». Қусай гуфт: «Пас ман аз кадом қабилаам?». Гуфт: «Аз модарат бипурс». Модараш ба ӯ чунин ҷавоб дод: «Ту дар насабу ҳасаб аз дигарон баландтарӣ. Ту писари Килоб ибни Мурра ҳастӣ. Қавми ту аз Оли Аллоҳ мебошанд, ки дар ҳарами Аллоҳ ҳаёт ба сар мебаранд».*

*Авлоди ӯ - қурайшиҳо одатан ҳама дар Макка меистоданд. Вале чун ададашон зиёд гардид, ба сабаби нарасидани об онҳо ба дараҳои атроф мекӯчиданд. Қусай хост ба назди қавми худ ба Макка равад. Модараш ба ӯ маслиҳат дод, ки дар моҳҳои ҳаром (зулқаъдаю зулҳиҷҷа) ҳамроҳи ҳоҷиёни Қузоа ба онҷо биравад. Ӯ ҳамин тавр амал кард ва дар Макка бозмонда дар он ҷо соҳиби фарзандҳо гардид.*

*Чун мавсими ҳаҷҷи дигар фаро расид, Қусай дид, ки ҳамаи мансабҳои асосии ҳаҷ аз дасти қурайш рафта дар дасти қабилаҳои дигар қарор доранд. Ӯ мардони қабилаи қурайшро ҷамъ овард ва аз бародари ӯгайи худ - Дурроҷ ибни Рабиа мадад талаб кард. Дурроҷ бо мардони қабилаи худ ба ёрӣ пеш омад. Қусай бо бародараш ба муқобили қабилаҳои Хузоа ва Иёд ба ҷанг бархоста дар мавзеи ал-Абтаҳи Макка ҷанги сахте рух дод. Аз ду тараф мардуми зиёде талаф ёфтанд. Сипас ҳарду тараф ба сулҳ розӣ шуданд. Онҳо ба қароре омаданд, ки як нафарро ҳакам интихоб намоянд ва чи ҳукме, ки*

*ӯ барорад, итоат намоянд. Яъмур ибни Авф ҳакам интихоб гардида ӯ чунин ҳукм баровард: корҳои ҳаҷу хонаи Каъба ба Қусай ва корҳои Макка ба қабилаи Хузоа вогузор карда шаванд. Хузоа роҳи байни Қусай ва хонаи Каъбаро тахлия намояд.*

*То ин муддат дар Ҳарам (Каъба) хонае набуд. Мардум рӯзона дар он ҷо ҷамъ шуда, бегоҳӣ баромада мерафтанд. Чун Қусай қабилаи қурайшро ҷамъ овард, онҳо акнун ба фармони Қусай шабҳоро низ дар атрофи Каъба рӯз мекарданд. Ҳамин тавр бо кордонию заковати Қусай қурайшиён сарҷамъу муттаҳид гардонида шуда, боз ба манбаи муҳими даромад соҳиб гардиданд.*

*Чун мавсими ҳаҷи дигар наздик омад, Қусай ба аҳли қабилаи Қурайш фармуд то ҳар кадоме аз моли худ маблаге барои зиёфату об додани ҳоҷиён ҷудо намоянд. Бо ин маблагҳо дар роҳҳои омадани ҳоҷиён ҳар ҷо-ҳар ҷо шутур қурбонӣ намуда ҳоҷиёнро бо таому обу ҷургот пешвоз мегирифтагӣ шуданд. Дари Хонаи Каъбаро қуфлу калид сохта дар назди он ҳоҷибон муқаррар намуд. Сипас Қусай дар Макка хонаи калоне сохт, ки он дар таърихи араб бо номи «Дору-н-надва» (маҷлисгоҳ) машҳур аст. Қурайшиён тамоми масоили дохилии худро то издивоҷу ҷангу сулҳ ва масоили дигар дар ҳамин хона ҷамъ шуда ҳал менамуданд.*

*Қусай чор писар дошт: Абдулманоф (номи дигараш - ал-Мугира), Абдуддор, Абдулуззо, Абдуқусай (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 237-241).*

359 ***Абдулманоф*** *(саҳеҳаш* ***Абдуманоф****)- писари Қусай. Қусай пеш аз маргаш мансабҳои сиқоят - об додан ба ҳоҷиҳо ва риёсати ҳаҷро ба писари калонаш Абдуманоф дод. Абдуманоф соҳибнуфуз буд. Қабилаи Хузоа, ки бо Қурайш душманӣ дошт, ба назди ӯ омада, бо Қурайш паймоне ташкил намуданд, ки ин паймон дар таърих бо номи «Ҳилфи Аҳобиш» машҳур аст. Абдуманоф писару духтари зиёде дошт ва фарзанди калонаш* ***Ҳошим*** *дар байни онҳо машҳур буд. Ӯро Амр низ мегуфтанд. Писарони дигараш Абдушамс, ал-Мутталиб ва Навфал ном доштанд. Қабилаи Қурайш мансаби рифодат, яъне нону хӯрок доданро низ ба Ҳошим доданд. Ӯ Ҳошим (майдакунанда) барои он ном гирифт, ки нону гӯштро пора (майда) карда дар айёми ҳаҷ ба ҳоҷиён медод.*

*Кори нави дигари Ҳошим он буд, ки ӯ барои тоҷирони Макка ду вақти сафари корвонҳои тиҷоратияшонро ба ҳукми суннат даровард - дар зимистон ба сӯи Шом ва дар тобистон ба сӯи Яману Ҳабаша (Эфиопия). Дар яке аз чунин сафарҳои тиҷоратиаш ба сӯи Шом ӯ зан ва писари хурдсоли худ - Абдулмутталибро, ки Шайба ном дошт, бо худ гирифта ба ал-Мадина бурд, то ин ки то баргаштанаш аз сафар занаш дар назди падараш бошад. Аммо дар ин сафар Ҳошим дар Ғазза вафот кард ва зану писараш бо ҳамин дар ал-Мадина монданд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 241-244).*

360 ***Абдулмутталиб*** *- баъди марги Ҳошим бародараш ал-Мутталиб кори раёсати Маккаро мебурд. Ӯ баъди гузаштани чанд сол бохабар гардид, ки писари бародараш Ҳошим дар ал-Мадина аст ва рафта ӯро бо худ ба Макка овард. Чун ҳар касе аз ал-Мутталиб мепурсид, ки «Ин кист бо ту?». Ӯ ҷавоб медод: «Ин гуломи ман (ба арабӣ «гулом» - «абд») аст». Бо ҳамин қурайшиён писари Ҳошимро гуломи ал-Мутталиб, яъне* ***Абдулмутталиб*** *номиданд ва ин ном бар ӯ нишасту номи Шайба аз байн рафт.*

*Ҳангоме ки ал-Мутталиб мехост ба тиҷорат ба сӯи Яман равад ба Абдулмутталиб гуфт: «Эй писари бародарам, ту барои ҷои падаратро гирифтан бештар аз дигарон ҳақ дорӣ, акнун раёсати Макка ба дасти туст». Худи ал-Мутталиб дар сафар дар мавзеи Радмон вафот кард ва* ***Абдулмутталиб*** *раиси Макка гардид. Аз рӯи ривоятҳо чоҳи Замзами назди хонаи Каъбаро Абдулмутталиб кандааст. Ӯ се сол дар хоб мебинад, ки касе аз гайб кандани чоҳи обро барои ҳоҷиён ба ӯ месупорад. Ӯ се маротиба низ дар куҷо канданро мепурсад. Ба ӯ ҷои канданро мегӯяд, аммо ӯ он мавзеъро намеёбад. Пас ӯ барои аниқ кардани ҷойи чоҳ говеро қурбонӣ карданӣ мешавад. Ҳангоми куштан гов халос хӯрда хеста мегурезад ва ба ҷои чоҳи оянда омада меафтад. Абдулмутталиб чун ба назди гов омад, аломатҳои ҷои чоҳи дар хоб дидаашро дар он ҷо пайдо кард. Ӯ гӯшти говро ба мардум ҳамчун назр тақсим*

*карда, ба писараш ал-Ҳорис фармуд то бо зогнӯл ҷои афтидани говро биканад. Вақти кандан аз он ҷо шамшерҳо, силоҳ ва гизоли тиллоию нуқрагин ёфт гардиданд. Қурайшиён, ки ин ҳолро мушоҳида мекарданд, аз Абдулмутталиб хоҳиш намуданд, ки чизҳои ёфтшудаaро ба онҳо бидиҳад. Аммо ӯ қабул накард. Баъд аз ин ба ковиш давом дод ва об пайдо гардид. Онро дар шакли ҳавз канданд. Қурайшиён ҳар замон дар он чоҳ ҳар чиз шуста онро ифлос месохтанд. Абдулмутталиб дар хоб дид, ки гӯяндае мегӯяд: «Аз ҷоят хез ва бигӯ: «Аллоҳума, инний ло аҳиллуҳу лимугтасил ва локинна ли шорибин ҳилл» (Ин об барои нӯшанда ҳалол аст на барои шӯянда)». Абдулмутталиб аз ҷояш бархоста ин суханонро гуфт ва дигар касе он чоҳро ифлос намекард.*

*Абдулмутталиб занҳои зиёде дошт ва аз онҳо фарзандҳо таваллуд меёфтанд. Ӯ боре ба худои худ аҳд карда буд, ки агар соҳиби 10 фарзанд гардад, яке аз онҳоро ба сифати миннатдорӣ қурбон хоҳад кард. Чун адади фарзандонаш ба 10 нафар расид, ӯ аз ваъдаи худ ба худояш ёд кард. Фарзандони ӯ инҳо буданд: ал-Ҳорис, Қуссам, аз-Зубайр, Абутолиб, Абдуллоҳ, ал-Муқаввам ё Абдулкаъба, Ҳамза, ал-Аббос, Зирор, Абулаҳаб ё Абдулуззо, ал-Ғайдоқ ё Ҷаҳл ва 6 духтар.*

*Абдулмутталиб ба Аллоҳ муроҷиат карда гуфт: «Ман ба номҳои писаронам қуръа хоҳам партофт, кадоме аз онҳоро, ки ту дар қуръа ихтиёр кунӣ, онро қурбон хоҳам кард». Чун қуръа андохт, қуръа ба номи писари дӯстдоштааш - Абдуллоҳ (падари пайғамбари ояндаи ислом - Муҳаммад) баромад. Абдулмутталиб кордашро гирифта ба назди Абдуллоҳ омад ва ӯро гирифта барои куштан бурд. Писараш ал-Ҳорис аз дунболашон рафт. Чун қурайшиён аз ҳодиса огоҳ шуданд, ба назди ӯ омада гуфтанд: «Эй Абулҳорис, агар ту ҳамин ниятатро иҷро кунӣ, ин кор дар байни қавми ту ба суннат (одат) табдил ёфта, онҳо ҳар замон фарзандони худро ба ин ҷо оварда қурбон хоҳанд кард». Абдулмутталиб гуфт: «Ман ба парвардигори худ дар ин боб аҳд карда будам ва бояд ба аҳди худ вафо намоям». Нафаре аз қурайшиён гуфт: «Барои ин беҳтараш фидя (хунбаҳо) бидеҳ». Абдулмутталиб бархоста 100 шутур ҳозир кард ва байни шутурҳо ва Абдуллоҳ қуръа андохт. Қуръа ба номи шутурҳо баромад. Мардум такбир гуфта, фармуданд, ки «Парвардигорат барои қурбон кардани шутурҳо розӣ шуд». Ӯ гуфт: «Ман бори дигар қуръа мепартоям». Ин дафъа низ қуръа ба номи шутурҳо баромад. Ӯ бори сеюм қуръа партофт ва боз ҳам қуръа ба номи шутурҳо баромад. Сипас он шутурҳоро ӯ забҳ кард ва фармуд то гӯшти онҳоро мардум бигиранд. Ҳамин тавр додани шутур ҳамчун хунбаҳо расм шуд.*

*Дар замони раисии Абдулмутталиб дар Макка подшоҳи ҳабашҳо Абраҳа бо лашкар ва филе ба Макка ҳуҷум овард, то хонаи Каъбаро бишканад. Абраҳа бо лашкар дар наздикии Макка истод ва лашкариёни ӯ шутури Абдулмутталибро гирифтанд. Абдулмутталиб ба назди Абраҳа даромада шутури худро талаб кард. Абраҳа аз ӯ пурсид, ки: «Чаро шутуреро талаб мекунию баргашта рафтани моро, ки мехоҳем ҳараматро бишканем, не!». Абдулмутталиб гуфт: «Ман соҳиби шутурам ва шутури худро талаб мекунам, ҳарам (Каъба) бошад, соҳиби худро дорад, ки онро муҳофизат хоҳад кард». Абраҳа шутури ӯро баргардонид, вале аз суханони Абдулмутталиб дар дилаш тарсу ваҳм ҷо гирифт.*

*Рӯзи дигар Абдулмутталиб писараш Абдуллоҳро фиристод, то рафта хабари Абраҳаро орад. Абдуллоҳ хабари онҳоро ба он тарзе, ки дар Қуръон дар сураи 105 - «Фил» хоҳад омад, нақл кард. Дар лашкари Абраҳа касалии обила пайдо шуда худи Абраҳа низ сахт бемор шуд. Бинобар ин ӯ бо лашкараш аз назди Макка баргашта рафт. Ин соли ҳуҷуми Абраҳа дар байни арабҳо мабдаи таърих гардида «Омму-л-фил» («Соли фил») ном гирифт. Аз рӯи ривоятҳо ин сол - соли 570 ё 571, соли таваллуди пайғамбари ислом - Муҳаммад (с) мебошад. Вақте ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ 8-сола буд, бобояш Абдулмутталиб 120 ё 140 сола буд. Абдулмутталиб пеш аз маргаш раёсати Макка ва кори хонаи Каъбаро ба писараш аз-Зубайр дод. Ба писари дигараш - Абутолиб мансаби сиқояти оби Замзам ва тарбияи набераaш - Муҳаммадро супорид (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ.I. - С. 244-253, ҷ. II. - С. 13).*

[361] ***Абутолиб*** - *писари Абдулмутталиб ва падари Алӣ (Ниг. ба тавзеҳи собиқ). Муҳаммади 8-сола баъди вафоти Абдулмутталиб дар хонаи амакаш Абутолиб ба воя мерасад. Баъд аз он ки Муҳаммад ба воя расида соҳиби зану фарзанд гашта мардумро ба қабули ислом даъват мекард, пеш аз ҳама хешу табор - амакҳои худаш ба муқобили ӯ баромаданд. Абутолиб ба тарзи қатъӣ databaseародарзодаи худро аз шарри онҳо борҳо ҳимоят мекард. Абутолиб дар синни 86 ё 90-солагӣ 3 рӯз пас аз вафоти Хадиҷа - ҳамсари Муҳаммад (с) ва 3 сол пеш аз ҳиҷрат, яъне дар соли 619 вафот кард. Ҷаноби расулуллоҳ дар рӯзи вафоти Абутолиб мегуфт: «Ман намедонам, ки мусибати ман барои марги кадоме аз дуи шумо (Хадиҷа ва Абутолиб) шадидтар аст» (Яъне ҳар дуи шумо барои ман яксон азизед). (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ. II. - С. 24, 25, 35).*

[362] ***Алӣ*** - *писари Абутолиби собиқу-з-зикр, писарамак, бародархонд ва домоди Муҳаммади пайғамбар. Алӣ имоми якум ва пешвои тамоми шииён ба ҳисоб меравад. Дуюмин ва аз рӯи баъзе ривоятҳо - якумин касе, ки исломро қабул кардааст, Алӣ буд. Ӯ инчунин ҳамчун марди далеру шуҷоъ, нотиқи бурро машҳур буда, яке аз ҷамъоварандагони аввалини Қуръон низ маҳсуб меёбад.*

*Алӣ дар ҳамаи ҷангҳо (магозии) расулуллоҳ ба ғайр аз ҷанги назди Табук, ки дар он рӯз пайғамбар ӯро ҷойнишини худ дар Мадина монда буд, иштирок намуда аз худ шуҷоату далерӣ нишон додааст. Дар ҷанги Уҳуд ӯ 16 захм бардошта буд.*

*Алӣ дар калонсолияш марди қадпасти чорпаҳлӯи шикамкалони тоссар ва пурқувват буд.*

*Дар соли 35/656 вақте ки 7 рӯз аз зулҳиҷҷа монда буд, халифаи сеюм аз ҷумлаи чор халифаи рошидин (халифаҳои бо роҳи ҳақ раванда) - Усмон ибни Аффон кушта шуд ва ба Алӣ ибни Абитолиб мардум дар Мадина дар рӯзи дуюми кушта шудани Усмон байъат карданд. Дар қатори дигарон Талҳа ва аз-Зубайр низ ба Алӣ ҳамчун ба халифа байъат намуданд, вале онҳо ҳар кадом худашон мехостанд халифа бошанд. Аз ин рӯ ҳар дуи онҳо ба Макка омада дар он ҷо тарафдорони худро ҷамъ оварданд ва Оиша - ҳамсари пайғамбарро низ бо худ гирифта ба сӯи Ироқ рафтанд. Онҳо мехостанд сокинони Ироқро зери ҳукми худ дароварда бо ёрии онҳо бар Алӣ ғолиб оянд. Алӣ бо лашкари худ ба Басраи Ироқ омад ва дар он ҷо дар соли 35/656 бо Талҳаю аз-Зубайр ва Ойиша ҷангиданд. Ин ҷанг, ки дар таърихи араб бо номи ҷанги Ҷамал (шутур) машҳур аст (зеро дар он Ойиша дар шутури сафеде савор буд), бо ғалабаи Алӣ анҷом ёфт. Аз-Зубайр, Талҳа ва тарафдоронашон - дар ҳудуди 13 ҳазор нафар кушта шуданд. Алӣ ба Ойиша фармуд, ки ба Мадина ба хонаи худ баргардад.*

*Чун Алӣ аз он ҷанг фориғ шуд, ҷанги дигаре пеш омад. Муовия, ки дар Шом волии Усмон буд, лашкари азим ҷамъ овард ва нияти бо Алӣ ҷагиданро кард. Алӣ низ бо лашкар аз дарёи Фурот гузашта ба мавзее, ки Сиффин ном дорад, расид ва дар соли 37/657 байни Алӣ ва Муовия ҷанги сахт даргирифт. Ҷанг 40 рӯз идома дошт. Ниҳоят, вақте ки лашкари Алӣ ба ғалаба наздик шуд, лашкари Муовия ба маслиҳати Амр ибна-л-Ос саҳифаҳои Қуръонро дар сари найзаҳои худ устувор карда ба майдони ҷанг омаданд ва фарёд мезаданд, ки «Мо Шуморо ба мурожиат ба китоби Аллоҳ даъват менамоем». Ҳарчанд Алӣ ба лашкари худ мегуфт: «Онҳо аз аҳли Қуръон нестанд, Шумо беҳтараш як ҳуҷуми сахти дигар кунед, онҳо хоҳанд гурехт» - яке аз сарлашкарони ӯ бо номи ал-Ашъас ибни Қайс ал-Киндӣ, ки ӯро пештар Муовия бо мактубҳои худ ба худаш дилгарм кунонида буд, ба ҳуҷум розӣ нашуд. Алӣ ба хотири он, ки дар лашкар ҷудоӣ пайдо нашавад, маҷбуран розӣ шуд. Қарор шуд, ки аз ҷониби Муовия - Амр ибни-л-Ос ва аз ҷониби Алӣ Абумӯсои Ашъарӣ вакил интихоб шуда, баъди як сол дар мавзеи Думату-л-Джандал бо 400 нафарӣ аскар вохӯранд ва тақдири халифаю хилофати мусалмононро ин ду нафар вакил бо тариқи муколама аз рӯи китоби Аллоҳ ҳал намоянд. Бояд гуфт, ки Абумӯсои Ашъариро на худи Алӣ, балки ҳамон ал-Ашъас - намояндаи Алӣ интихоб намуда буд.*

*Дар моҳи рабеу-л-аввал ва ба қавле дар моҳи рамазони соли 38/658 он ду нафар дар мавзеи ёдшуда ҷамъ омаданд. Амр ибни-л-Ос, ки марди ҳилагаре буд, дар аснои*

*муҳокимаи пешакии масъала ба Абумӯсо гуфт: «Биё ту Алиро аз мансаби халифагӣ холӣ кун, ман Муовияро холӣ мекунам ва бигзор мусулмонон худашон халифаи худро интихоб намоянд». Абумӯсо ба ин пешниҳод розӣ шуд. Ҳангоми ба минбар баромадан низ Амр гӯё бо нишонаи эҳтиром Абумӯсоро фиреб карда, аввал ба минбар баровард. Абумӯсо тибқи маслиҳати пешакӣ аз минбар эълон кард, ки ӯ Алиро аз халифагӣ холӣ мекунад (чи тавре ки ангуштаринро аз ангушташ мебарорад). Пас аз ӯ Амр ба минбар баромада гуфт: «Ман бошам Муовияро дар ҷояш устувор кардам, чи тавре ки ин ангуштаринро дар ангуштам устувор намудам». Абумӯсо фарёд зад, ки «Эй мунофиқ, ту гадр кардӣ, маслиҳат чунин набуд!». Одамони ҳарду ҷониб якдигарро бо қамчинҳо зада дастбагиребон шуданд.*

*Ҳамин тавр, ин муҳокима бенатиҷа анҷом пазируфт. Алӣ ба Куфа баргашт. Дар он ҷо як гурӯҳи 8 ё 12 ҳазор нафара, ки «хавориҷ» («хориҷӣ») ном гирифтанд, бо шиори «Ло ҳукма илло-л-Лоҳ» («Ҳукм ба дасти Худост») ба муқобили Алӣ баромаданд. Онҳо аз Куфа баромада ба деҳаи Ҳаруро, ки дар дурии 3 километр аз Куфа воқеъ аст, рафтанд. Азбаски чанд гуфтушунид ба онҳо натиҷа надоданд, Алӣ бо онҳо ҷангид. Онҳо ба ҳар тараф пароканда шуданд. Қисме ба Эрон, қисме ба Ҳиҷоз рафта ва қисме дар Ироқ монданд. Фақат як гурӯҳе дар Наҳравон дар соли 39/659 дар ҳудуди тақрибан 2800 ё 4 ҳазор нафар, ки онҳоро «қурроъ» («хонандагони Қуръон») мегуфтанд, «Дар ҷаннат вомехӯрем!» гуфта бо ҳамдигар хайрухуш карда ба лашкари Алӣ дарафтода қариб саросар кушта шуданд.*

*Бо ҳамин Алӣ дар Куфа монд. Муовия бошад аз Мисру Фаластин волиҳои ӯро нест карда одамони худро таин мекард. Дар ин байн дар соли 40/661 се нафар «хориҷӣ» дар Макка ҷамъ шуда, бо якдигар аҳд карда куштани се нафарро ба ӯҳда гирифтанд. Абдурраҳмон ибни Мулҷам бояд Алиро, ал-Бурак ибни Абдулло - Муовияро ва Амр ибни Букайр мебоист Амр ибни Осро - ҳарсеяшонро дар як шаб мекуштанд.*

*Абдурраҳмон ибни Мулҷам ба Куфа омада саҳарии барвақт дар масҷид мунтазири омадани Алӣ буд. Чун Алӣ мардумро ба намози субҳ даъваткунон ба масҷид омад, Абдурраҳмон ба фарқи сараш бо шамшер зад. Абдурраҳмонро дастгир карданд. Алӣ гуфт: «Агар ман мурдам, ӯро бикушед, агар зинда монам, ӯро қасос мекунам ё авф». Дар рӯзи сеюм Алӣ ҳалок шуд ва Абдурраҳмон низ кушта шуд. Ҳамин тавр, Алӣ ибни Абитолиб дар даҳаи охири моҳи рамазони соли 40/661 дар синни 63-солагӣ кушта шуд ва дар мавзеи ал-Ғарийи Куфа гӯронида шуд. Аз писарҳои ӯ Ҳасан ва Ҳусайн дар таърих машҳуранд. Аз ӯ 14 писар ва 18 духтар аз занҳои гуногун боқӣ монданд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ. II. - С. 178-214; Ҷалолуддин ас-Суютӣ. Таъриху-л-хулафо. - Ал-Қоҳира: Матбаату-л-маданӣ, 1964. - С. 166-187).*

363 ***Ҳусайн** - писари Алӣ, имоми сеюми шииён (имоми дуюм - Ҳасан ибни Алӣ зикр нашудааст), дар соли 4-уми ҳиҷрӣ /625-26 дар Мадина ба дунё омад. Баъд аз вафоти бародараш - Ҳасан ӯ дар Мадина оромона зиндагӣ ба сар мебурд. Ҳарчанд ӯ набераи дӯстдори пайғамбар буд ва бародараш дар соли 669 вафот кард, ӯ мефаҳмид, ки Муовия қавӣ аст ва даъвои хилофат кардан фоида надорад. Аммо дар соли 680 худи Муовия ибни Аби Суфён вафот кард ва мардуми Ироқ ба Ҳусайн мактуб навишта ӯро ба омадан ба Куфа даъват мекарданд. Дар ин байн писари Муовия - Язид ба тахти хилофат дар Димишқ нишаст. Язид ба волии Ироқ Убайдулло ибни Зиёд фармуд, то ӯ пеши роҳи Ҳусайнро бигирад. Ҳусайн бо 62 ё 72 мард ва занҳою кӯдакҳои зиёд дар маҷмӯъ - 300 нафар ба сӯи Ироқ ҳаракат карда, то мавзеи Карбалои Ироқ омада расиданд. Дар ин ҷо дастаи 4 ҳазор нафараи Умар ибни Саъд бо фармони Убайдулло ибни Зиёд пеши роҳи Ҳусайнро гирифта, дар аввал тамоми мардони ӯ ва дар охир худашро низ кушта, сарашро ба назди Язид фиристоданд. Ҳусайн дар 56-солагияш, ба қавле - 58-солагиаш, дар рӯзи шанбеи 10-уми муҳаррами соли 61 ҳиҷрӣ /680 кушта шуд, ки то имрӯз шииёни Ироқу Эрон дар ин таърих мотам мегиранд (ал-Яъқубӣ. Таърих, ҷ. II. - С. 242-247).*

[364] ***Зайналобидин*** *- ин лақаби имоми чоруми шииён мебошад. Номи ӯ Алӣ ва ӯ писари Ҳусайн буд. Модараш - «Шоҳи занон» - духтари Яздигурди III, подшоҳи охирини сулолаи Сосониён буд ва ӯро «Шаҳрибонуя» мегуфтанд. Ду духтари Яздигурди III-ро омили Алӣ ибни Абитолиб дар Машриқ - Ҳурайс ибни Ҷобири Ҳанафӣ асир гирифта онҳоро ба Алӣ тӯҳфа кард ва Алӣ Шаҳрибонуяро ба писараш Ҳусайн ва духтари дуюми Яздигурдро ба Муҳаммад ибни Абибакр бахшид. Зайналобидин дар 5-уми шаъбони соли 38 ҳиҷрӣ / 658 дар Мадина ба дунё омадааст. Ӯ дар синни 57-солагӣ дар соли 95/714 дар Мадина даргузашта дар қабристони Бақиъ гӯронида шудааст. Ӯ 15 фарзанд дошт. Ба хотири намози бисёр гузоридану саҷда кардан, ӯро «Имоми Саҷҷод» (саҷдакунанда) низ мехонданд (Ниг. Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии дувоздаҳ имом. / Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммади Иштиҳордӣ. - Қум: Дафтари интишороти исломӣ, бидуни таърихи чоп. - С. 199-200).*

[365] ***Муҳаммади Боқир*** *- писари Алӣ ибни Ҳусейн, имоми панҷуми шииён. Ӯро ба он хотир «Боқир» («шикофанда») мегуфтанд, ки дар илм «табаққур» мекард, яъне шикофта, чуқур мерафт. Ӯ дар 3-юми сафар ё аввали раҷаби соли 57/676 дар Мадина ба дунё омада дар синни 57-солагӣ дар 7 зулҳиҷҷаи соли 114/732 дар Мадина аз дунё рафтааст. Аз ӯ 8 фарзанд боқӣ монд (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 206-211).*

[366] ***Ҷаъфари Содиқ*** *- имоми шашуми шииён, писари Муҳаммади Боқир. Ҷаъфар дар соли 80/ 699-700 ё 83/702 дар Мадина ба дунё омадааст. Ӯ илмҳои замонааш - ҳадису фиқҳ ва ғайраро чуқур омӯхта ба камол расида буд. Аз ӯ ровиён 4 ҳазор ҳадис ривоят намудаанд. Ду нафар имоми машҳури суннимазҳабон - Молик ибни Анас ва Абуҳанифа (Нуъмон ибни Собит) аз шогирдони Ҷаъфари Содиқ буданд. Агар наслу авлоди Алӣ ибни Абитолиб дар замони Уммавиён доимо дар зери назорат қарор дошта бошанд, бо ба сари қудрат омадани сулолаи нав дар Хилофат - Аббосиён (750-1258) вазъият тағйир наёфт. Ҳокимони нав дар шахси авлоди Алӣ рақибону мухолифони худро мединанд. Ҷаъфари Содиқ дар соли 148/765-766 аз дунё рафтааст ва қабраш дар қабристони Бақиъ воқеъ аст.*

*Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо Ҷаъфари Содиқ муаллифи китоби «Расоил» ва китобе дар таъбири хоб бо номи «Китобу-т-тақсим» будааст. Ӯ соҳиби 10 фарзанд буд (Ниг. Ғ. Ғоибов. Имом Ҷаъфари Содиқ ва мазори ӯ дар деҳаи Ҳазрати Эмом. Душанбе: «Амри илм», 1998. - 36 саҳ.).*

*Чун сухан аз Ҷаъфари Содиқ рафт, мебояд чанд ҷумлае оиди писари ӯ* ***Исмоил****, ки то имрӯз мазҳабе бо номи ӯ - «****исмоилия****» дар ислом вуҷуд дорад, бигӯем. Хоссатан ки, чи тавре дар Пешгуфтор зикр карда будем, дар Бадахшон ин мазҳаб васеъ паҳн гардида буд.*

*Исмоил писари калонии Ҷаъфар буда, ҳанӯз дар замони зиндагии падараш дар Ариз ном дарае, ки дар 6 километрии Мадина воқеъ гашта аст, вафот кард. Ҷаъфар аз ин марги ногаҳонии писараш ниҳоят нороҳату андӯҳгин гашта, дар роҳи қабристон ҳар замон тобутро манъ карда, рӯпӯши онро аз рӯи Исмоил дур мекард ва бо ин амали худ ба ҳаводорони Исмоил, ки дар оянда баъди Ҷаъфар ӯро имоми худ медонистанд, фаҳмонданӣ мешуд, ки Исмоил дар ҳақиқат мурдааст.*

*Вале онҳое, ки дар мавзеъҳои дур аз Мадина, масалан Ироқу Эрон мезистанд, ба марги Исмоил бовар накарданд ва дар ақидаи худ бар имоматии Исмоил собиту устувор монданд. Онҳо дар таърих бо номи фирқаи «исмоилия» машҳур гардиданд. Ин фирқа низ ба ду гурӯҳ ҷудо шуд. Тарафдорони фирқаи аввал аз ақидаи зинда будани Исмоил даст кашида, писари ӯ - Муҳаммад ибни Исмоилро имоми худ эълон намуданд. Онҳо имоматии имоми ҳафтуми шииён, бародари Исмоил - Мӯсои Козимро қабул накарданд, зеро, тибқи ақидаи онҳо, писар бар бародар дар имоматӣ муқаддам аст.*

*Гурӯҳи дуюми исмоилиён бар он ақидаанд, ки Исмоил зинда аст ва ӯ имоми ҳафтум мебошад.*

*Ҳардуи ин гурӯҳҳоро «исмоилӣ» меноманд, вале гурӯҳи аввал дар шумор зиёдтаранд. Онҳо мегӯянд, ки «имомат баъди Исмоил дар миёни фарзандони ӯ то рӯзи қиёмат идома дорад» (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 216-217).*

[367] ***Мӯсои Козим*** *- фарзанди чоруми Ҷаъфари Содиқ, имоми ҳафтуми шииён. Мӯсо дар қарияи Абвоъ воқеъ дар байни Макаю Мадина дар соли 128 (рӯзи шанбеи 7-уми моҳи сафар /745-46) таваллуд ёфтааст. Ӯ дар Мадина ба омӯзиши улуми диния пардохт. Ӯ аз тарафи ҷосусони аббосӣ доимо дар зери назорат буд. Халифаи аббосӣ Ҳорунаррашид ҳангоми ҳаҷ аввал ба Мадина омада Мӯсои Козимро бандӣ карда ба Басра фиристод. Баъд аз чанд вақт ӯро аз Басра ба Бағдод оварда дар чанд зиндони дигар зиндонӣ кард. Оқибат дар Бағдод дар зиндони Синдӣ ибни Шоҳак дар моҳи раҷаби соли 183/799-800 дар синни 55-солагияш ба ӯ заҳр доданд ва ҳалок шуд. Ҷасади ӯро дар як гӯшаи Бағдоди ҳамонвақта гӯр карданд. Бо мурури айём дар болои марқади ӯ масҷиди Козумияро сохтанд, ки ҳоло дар шаҳри Бағдод қарор дорад. Аз Мӯсои Козим 37 писару духтар барҷой монд (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 218-236).*

[368] ***Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо*** *- писари калонии Мӯсои Козим, имоми ҳаштуми шииён. Дар 3-юми зулқаъдаи соли 147/765 дар Мадина таваллуд шудааст. Ӯ дар Тӯси Хуросон дар охири моҳи сафари соли 203/818 дар синни 55-солагӣ аз дунё рафт. Соли 200/815 ӯ бо даъвати Маъмун, писари Ҳорунаррашид, ки дар он вақт волии Хуросон буд ва дар Марв қарор дошт, ба Марв рафт. Дар давоми 3 сол бо Маъмун мебуд ва дар натиҷаи кашмакашҳои дарборӣ ба ӯ заҳр хӯрониданд. Дар ҷои қабри ӯ марқад ва масҷиди ниҳоят зебою азим ба номи Масҷиди Имом Ризо дар шаҳри Машҳади Эрон қомат афрохтааст, ки он имрӯз зиёратгоҳи хоссу омм мебошад. Аз ӯ як писар монд, ки ҳангоми вафоташ ҳафтсолаву чандмоҳа буд (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 237-247).*

[369] ***Муҳаммадтақӣ*** *- писари Мӯсо ар-Ризо, имоми нӯҳум. Дар моҳи рамазони соли 195/810 дар Мадина ба дунё омада аст. Халифаи аббосӣ - ал-Муътасим ӯро ба Бағдод даъват кард, то пурра зери назорат қарор дошта бошад. Дар ибтидои соли 220/835 ӯ ба Бағдод омад ва дар охирҳои моҳи зулқаъдаи ҳамон соли 220/835 дар Бағдод дар синни 25-солагӣ вафот кард. Тобути ӯро дар назди қабри бобояш Мӯсои Козим гӯрониданд. Аз ин рӯ он Масҷиди Козумияро дар Бағдод «Козумейн» («ду Козим») мегӯянд. Муҳаммадтақӣ «Ҷаввод» низ лақаб дошт. Муҳаммадтақӣ чор фарзанд дошт (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 248-253).*

[370] ***Алии Нақӣ*** *- Алӣ ибни Муҳаммади Ҳодӣ, писари Муҳаммадтақӣ, имоми даҳуми шииён. Дар миёнаҳои моҳи зулҳиҷҷаи соли 212/827 дар деҳаи Сариёи наздикии Мадина ба дунё омад. Баъди ба воя расидан волии Макка аз ҷониби Аббосиён аз рафтуомади шииён ба хонаи Алӣ дар ташвиш афтода, ба халифа ал-Мутаваккил дар ин бора хабар дод. Халифа ӯро ба шаҳри Сомарро, ки асосан пойгоҳи аскарӣ буд, даъват намуд. Алӣ маҷбуран ба Сомарро омад ва ба ӯ манзиле дар назди пойгоҳи аскарон доданд. Бо ҳамин ӯ таҳти назорати доимӣ қарор гирифт ва робитаҳои шииён низ бо ӯ қатъ гардиданд. Ҳамин тавр, Алии Нақӣ (Ҳодӣ) назарбанд дар Сомарро даҳ солу панҷ моҳ монд ва дар таърихи сеюми раҷаби соли 254/868 дар синни 41-солагӣ вафот кард. Ӯ 5 фарзанд дошт (Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 254-262).*

[371] ***Ҳасани Аскарӣ*** *- писари калонии Алии Нақӣ (Ҳодӣ), имоми ёздаҳум. Ҳасан дар Мадина дар таърихи 8 моҳи рабеу-л-охири соли 232/846 ба дунё омад. Ӯ якҷоя бо падару модараш аз Мадина ба Сомарро кӯчида дар он ҷо мебуд. Сабаби «Аскарӣ» лақаб гирифтани Ҳасан дар он буд, ки ӯ бо аҳли оилааш дар лашкаргоҳи аскарон зиндагӣ мекард. Ӯ бар асари беморӣ дар синни 28-солагӣ дар 8-уми моҳи рабеу-л-аввали соли 260/874 дар Сомаррои Ироқ вафот карда дар хонаи худаш дар паҳлӯи қабри падараш*

*гӯронида шуд. Ҳасан як писар дошт бо номи Муҳаммад (ӯро Акбар низ меномиданд) (Ниг. Ғ. Ғоибов. Мазори мансуб ба имом Ҳасани Аскарӣ. // Чаҳордаҳ мазор. - Душанбе: Бунёди фарҳанги Тоҷикистон, 2001. - С. 116-123; Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 263-268).*

372 ***Алиакбар*** *- дуруста**ш** -* ***Муҳаммад****, лақабаш -* ***Маҳдӣ****. Дар ин ҷо дар насабнома ноҷӯрие ба назар мерасад. Зеро писари Ҳасани Аскарӣ Муҳаммад ном дошт. Дар миёнаи моҳи шаъбони соли 255/868 дар Сомарро ба дунё омад. Ба сабаби назорати сахт аз ҷониби дастгоҳи Аббосиён таваллуду ҳаёти ӯ махфӣ дошта мешуд. Ҳангоми вафоти падараш 5-сола буд. Ӯ дар соли 264, 265 ё 266/877-879 вафот ё ба қавли шиийён «гайбат» кардааст.*

*Тибқи ақидаи шиийёни дувоздаҳимома зиндагии имом Маҳдӣ ба се давра тақсим мешавад:*

1. *Давраи кӯдакӣ - аз соли 255/868 то соли 260/874;*
2. *Давраи гайбати сугро (хурд, кӯтоҳ) аз соли 260/874 то соли 329/940;*
3. *Давраи гайбати кубро (калон, тӯлонӣ) аз соли 329/940 то зуҳуру наҳзати оламии он.*

*Азбаски ҷамъияти шиийён дар давраи гайбати сугрои Маҳдӣ то соли 329/940 ба имоме эҳтиёҷ дошт, он ҷамъият 4 нафар фақеҳи шиаро (Усмон ибни Саиди Умарӣ - ваф. с. 300/912; Муҳаммад ибни Усмон - ваф. с. 305/917; Ҳасан ибни Равҳ - ваф. с. 326/937 ва Алӣ ибни Муҳаммади Сумарӣ - ваф. с. 329/940) - воситаи байни худу имом Маҳдӣ қарор доданд. Баъд аз ин таърих, ба ақидаи шиийёни дувоздаҳимома, рӯзе имом Маҳдӣ берун омада дар рӯи замин ислому адолатро ҷорӣ хоҳад намуд (Ғ. Ғоибов. Мазори мансуб ба имом Ҳасани Аскарӣ. - С. 119-120; Алломаи Ҳиллӣ. Нигоҳе бар зиндагии... - С. 269-304).*

373 ***Алиасгар*** *- дар бораи ӯ ва имомҳои дигари исмоилиён маълумот пайдо накардем.*

374 ***Шоҳи Хомӯш*** *- дар бораи ҳаёти ӯ сарчашмаи асосии маълумот худи «Таърихи Бадахшон» аст, ки дар он ба Шоҳи Хомӯш фасле бахшида шудааст. Фақат дар ин ҷо қайд мекунем, ки Шоҳи Хомӯш дар соли 531/1137 дар деҳаи Лангари ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон вафот карда, дар ҳамон ҷо гӯронида шудааст. Муфассал дар бораи ҳаёту фаъолияти Шоҳи Хомӯш ва мазори ӯ нигар ба мақолаи инҷониб: Ғ. Ғоибов. Мазори Шоҳи Хомӯш // Чаҳордаҳ мазор. - Душанбе: Бунёди фарҳанги Тоҷикистон, 2001. - С. 124-136.*

375 ***Сайид Шоҳ Ванҷихон*** *- ҳокими Шугнон. Ӯ дар охирҳои асри XVIII хеле пурқуввват гардида, бо сардории лашкаркаши худ - оқсақол Баҳодури қарлиг лашкари қавӣ созмон дод. Баҳодури мазкур аз зиддиятҳои дохилии байни мирони Бадахшон истифода карда, тамоми қаламрави Бадахшонро ба гайр аз музофоти Чаҳоб ба тасарруфи худ даровард (ТБ. в. 66б). Дар аввалҳои асри XIX дар хонадони Шоҳ Ванҷихон нифоқ пайдо шуд. Писараш султон Ҷалолиддин ба ӯ мухолифат намуда ба назди мири Бадахшон - Муҳаммадшоҳ омад. Муҳаммадшоҳ аз фурсат истифода бурда аввал писараш Мирзои Калонро бо лашкар ба Шугнон фиристод ва сипас худаш ба он ҷо равон шуд. Аз маркази Шугнон - қалъаи Барпанҷа Муҳаммадшоҳ сарвати зиёде ба даст овард. Қайд намудан бамаврид аст, ки худи Шоҳ Ванҷихон Муҳаммадшоҳро ба хазинааш даровarда ҳама чизро ба ӯ пешниҳод кард. Таърихи вафоти Шоҳ Ванҷихон дар «Таърихи Бадахшон» зикр нашудааст, вале гуфта мешавад, ки «дар ин айёми ҳукумати писарони мир Муҳаммадшоҳ, Шоҳ Ванҷихон - мири Шугнон фавтида буд (в.86б)». Султоншоҳ писари Муҳаммадшоҳ дар соли 1237/1821 ба ҳукмронӣ огоз кард, ки шояд дар замони то ин таърих Шоҳ Ванҷихон аз дунё рафта бошад.*

[376] ***Сайид Шоҳ Қубодхон*** *- шоҳи Шуғнон. Дар бораи он дар «Таърихи Бадахшон» (в.87а) гуфта мешавад, ки мири Бадахшон - Мири Калон ба ҳуҷуми ҳокими Қатағон тоб наоварда дар соли 1272/1855 ба Шуғнон ба назди Қубодхон фирор кард. «Ва ин Қубодхони ҳокими Шуғнон писари Султон Ҷалолиддин ибни Шоҳ Ванҷихон буд». Мири Калон дар давоми панҷ сол дар Шуғнон монд.*

[377] ***Абдурраҳимхон*** *- шоҳи Шуғнон дар миёнаҳои асри XIX. Чи тавре дар охирҳои Пешгуфтор зикр намуда будем, дар дастхати рақами 183 «Қайдҳои таърихӣ», ки онро муаллимони мактаб Қ. Зуҳурбекзода ва Ғ. Қозизода навиштаанд, оиди дар соли 1857 дар Шуғнон дар сари қудрат будани Абдурраҳимхон ва зулму тааддии беҳадди ӯ сухан рафтааст. Абдурраҳимхон дар соли 1867 вафот кардааст.*

[378] **Сайид Абдулаҳадхон Баҳодур султон** - амири Бухоро аз сулолаи манғитиён. Дар солҳои 1885 - *1911 амири Бухоро буд.*

[379] **Муҳаммад Исҳоқхон соҳиб** - волии Чорвилоят, яъне минтақаи шимоли Афғонистон. Дар соли 1883 ба муқобили Абдурраҳмонхон шӯриш бардошта шикаст хӯрд ва ба соҳили рости дарёи Панҷ гурехта паноҳ бурд.

[380] **Рӯшон** (روشان) - вилояти таърихӣ, ки қад-қади дарёи Панҷу шохобҳои он байни Шуғнону Ванҷ воқеъ гардидааст. Ҳоло аксари сарзамини Рӯшон дар соҳили рости Панҷ ҷой дошта як қисми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар Рӯшон мардум ба забони рӯшонӣ ҳарф мезананд, ки он яке аз шохаҳои забонҳои помирӣ мебошад. Қисми Рӯшони соҳили чапи Панҷ ба Афғонистон ҳамроҳ карда шуда, дар тобеияти Шуғнон ва баъд - мирони Бадахшон қарор дошт. Маркази Рӯшон - деҳаи Қалъаи Вомар ҳозир маркази ноҳияи Рӯшон мебошад. Мардуми Рӯшон ба зироаткорию боғдорӣ ва парвариши чорво машғул буданд. Дар Рӯшони соҳили чапи Панҷ дар ибтидои асри XX дар ҳудуди 1500 нафар одамон мезистанд, ки аксарияташон мазҳаби исмоилӣ доштанд.

[381] ***Исмоил ибни имом Ҷаъфари Содиқ*** *- ниг. ба тавзеҳи рақами 282.*

### *ТАФСИЛ ВА ТАРҶУМАИ [ҲОЛИ] САЙИД ШОҲИ ХОМӮШ, КИ АҶДОДИ МИРОНУ ШОҲОНИ ШУҒНОН АСТ*

[382] **Хуросон** (خراسان) - минтақаи васеъ, ки қисми шимолу шарқии Эрон ва шимолу ғарбии Афғонистонро фаро мегирифт.

[383] ***Шоҳи Маланг*** *- шахсияти маъруфи рӯҳонӣ. Дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX дар Хоҳону Шаҳри Бузург зиста дар мадраса ба толибилмон аз фанҳои динӣ дарс мегуфт. Аз рӯи ривоятҳо марди бадҷаҳлу тезе будааст.*

[384] ***Бобоумари Юмгӣ*** *- Юмгӣ, шакли мухтасар аз «Юмгонӣ», шахсияти маъруфи рӯҳонӣ, аз ҳамзамонони Носири Хусрав буд, вале ин калимаро «Ямгӣ» низ хондан мумкин аст. Тибқи навиштаи устод А. Абибов, Ямг деҳаи хурде (10 ҳавлӣ доштааст) будааст дар Вахон. Агар дар деҳаҳои дигари атроф ҳама ба забони вахӣ гап зананд, дар ин деҳа мардум ба тоҷикӣ ҳарф мезадаанд. Аҳли ин деҳа аз Зебок ба ин ҷо муҳоҷир шуда омада будаанд. Ниг. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. - С. 58.*

[385] ***Ҷамоаи мирхайл*** *- қабилаи курдӣ аз қабоили курдии Эрон.*

[386] ***Омму-л-фил*** - *«Соли фил», соли 570 ё 571, ки дар ин сол ҳокими ямании масеҳии тобеи Ҳабашистон - Абраҳа бо фил ва лашкари калон ба Макка ҳуҷум оварда буд. Ӯ бо лашкараш дар атрофи Макка ба эпидемияи касалии обила гирифтор шуда, ҳуҷуми худро қатъ кард ва ба Яман баргашт. Ин соли ҳуҷуми Абраҳа ба Макка - 570 ё 571 барои арабҳо моддаи таърих гардид ва аз ҷониби дигар, дар яке аз солҳои мазкур пайғамбари ислом Муҳаммад (с) ба дунё омада буд.*

[387] ***Абдулқодири Гелонӣ*** - *сӯфию орифи асри XII (1078-79 - 1166-67) машҳур ба лақаби «Ғавсу-л-аъзам». Бо тахаллуси «Муҳйӣ» (Муҳӣ) ва «Муҳиддин» шеърҳои орифона дорад ва девони ашъораш маъруф аст.*

[388] ***Абулбаракот шайх Ҷунайди Бағдодӣ*** - *сӯфию орифи машҳури асри X (ваф. ба соли 910). Ниг. Ал-Мунҷид фи-л-луға вал-аълом. - Бейрут, 1986. - С.19.*

[389] ***Султон Санҷари Мозӣ*** - *яке аз султонҳои маъруфи салҷуқӣ, султони Хуросону Мовароуннаҳр (1097- 1157). Қароргоҳаш дар Марв буд. Дар ҷанг бо ғузҳо шикаст хӯрда, аз соли 1153 то соли 1156 дар асорати ғузҳо буд. Аз асорат аз Балх гурехта ба Марв омад ва дар он ҷо дар синни 73-солагӣ дар 26 апрели соли 1157 вафот кард. Ҷасади ӯро дар мақбараи «Дору-л-охира», ки худаш онро пештар дар Марв сохта буд, гӯрониданд. Он имрӯз бо номи Мақбараи Султон Санҷар маъруф буда, дар харобаҳои Султонқалъа, дар наздикии шаҳри Байрамалии Туркманистон воқеъ мебошад. Бо ин сабаб мақбараи Султон Санҷар, ки дар назди мақбараи Шоҳи Хомӯш дар деҳаи Лангари ноҳияи Мӯъминобод воқеъ аст, сохтаю сунъӣ мебошад. Ниг. Ғ. Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 246-247; Ғ. Ғоибов. Мазори Шоҳи Хомӯш. - С. 124, 128-129.*

[390] **Панҷоб** (**پنج آب**) - ҳамин дарёи Панҷи имрӯза дар назар аст, ки аз мавзеи бо ҳам пайвастани рӯдҳои Помиру Вахон оғоз гардида, то ба он рехтани дарёи Вахш дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон идома меёбад. Баъди ин пайвастшавӣ рӯди Омӯ оғоз меёбад.

[391] ***Чаҳорсӯ*** (**چهارسو**) - *Чорсӯ, ин мавзеъ дар шаҳраки Мӯъминободи вилояти Хатлон то имрӯз бо ҳамин ном барҷост. Даромадгоҳи ҷанубии шаҳраки Мӯъминободро то имрӯз мӯйсафедони ноҳия «Чорсӯ» ва баъзан «Чорводор» меноманд. Дар шаҳри Кӯлоби асри XVI, ки дар ҷои деҳаи Тебалай, дар 5- километрии шарқи шаҳри Кӯлоби имрӯза воқеъ буд, дарвозае ба сӯи Чорсӯи Мӯъминобод боз буд ва он «Дарвозаи Чорсӯ» ном дошт. Ниг. Ғ. Ғоибов. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. - С. 383,384.*

[392] ***Мӯъминобод*** (**مؤمن آباد**) - *то имрӯз бо ҳамин ном барҷост. Он маркази яке аз ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аст. Мӯъминобод аз замонҳои пешин шаҳр будааст. Қалъаи калону баланде имрӯз дар қисми шимолии шаҳраки Мӯъминобод аз шаҳр будани он дар асрҳои X-XIII дарак медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, то имрӯз аз давраҳои пеш мардуми гирду атрофи Мӯъминобод ҳамеша онро шаҳр мегӯянд. Мӯъминобод заминҳои васеъ дошта, мардуми он аз қадим ба зироаткорию боғдорӣ ва чорводорӣ шуғл меварзанд.*

[393] ***Мирсайид Ҷалолиддини Гулдаста*** - *яке аз симоҳои рӯҳонии минтақаи Мӯъминобод. Дар бораи ин шахсияти таърихии асри XII ба ғайр аз ҳамин хабари ягонаи муаллифи «Таърихи Бадахшон» маълумоти дигари дақиқ боқӣ намондааст (ба ғайр аз баъзе ривоятҳои динӣ). Мазори Мирсайид Ҷалолиддини Гулдаста дар 800-метрии ҷануби шаҳраки Мӯъминобод қарор дошта, то солҳои наздик хароб буд. Якчанд сол пеш яке аз сокинони Мӯъминобод - Зоҳиров Ҷӯрахон марқади ӯро обод карда дар болои он мақбараи зебое сохт.*

[394] *Кофирони хиттаи Хатлон - албатта ин сухан ҳақиқате надорад ва Сурхафсар инро бо он хотир гуфтааст, ки онҳо чун ӯ мазҳаби шиӣ ё исмоилӣ надоштанд.*

[395] ***Қарияту-ш-Шулгон*** **(قريت‌الشلغان)** *- ин деҳа то имрӯз дар 4-километрии ҷануби Мӯъминобод бо номи Шугноншаҳр (ё Шулгоншаҳр) мавҷуд аст. Дар солҳои 50-уми асри XX мардуми ин деҳа ба водиҳои ноҳияи Восеъ муҳоҷир карда шуда буданд. Ҳоло деҳа бо ҳамин ном аз нав обод гардидааст.*

[396] ***Сайид Алишоҳи Валӣ*** *- яке аз мардони сарватманди Мӯъминободи Хатлон. Ҳангоми ба Мӯъминобод омадани Шоҳи Хомӯш Алишоҳ ӯро хуш пешвоз гирифта яке аз духтарони худро ба ӯ ба занӣ дод. Шоҳи Хомӯш низ ба ӯ як асп тӯҳфа кард. Ҳангоме ӯ дар мавзеи Дараи Туркия (дар 20-километрии ҷануби Мӯъминобод) лангар партофта барои худ манзил ихтиёр кард ва он мавзеъро бо ин сабаб «Лангар» ном ниҳоданд, фармуд, ки Алишоҳ низ дар наздикии манзили ӯ ҷой гирад. Сайид Алишоҳи Валӣ дар 1-километрии Лангар барои худ ҷой ихтиёр кард ва он деҳа то имрӯз «Хӯҷаалишоҳ» ном дорад. Як даҳсола пеш деҳаҳои Лангару Хӯҷаалишоҳ аз якдигар тақрибан 700-800 метр дур буданд. Имрӯзҳо он ду деҳа бо ҳам пайваст гардидаанд. Сокинони ин ду деҳаро мардуми атроф ба хотири Алишоҳ ва Шоҳи Хомӯш то имрӯз - «эшон» меноманд.*

[397] ***Дараи Туркия*** **(تركيه)** *- мавзеи деҳаҳои Лангару Хӯҷаалишоҳу Сангдараҳо дар назар аст. Ин деҳаҳо дар 20-километрии ҷануби шаҳраки Мӯъминобод ва тақрибан 20-километрии шарқи шаҳри Кӯлоб воқеъ мебошанд. Дар деҳаи Лангар масҷид ва мазори Шоҳи Хомӯш мавҷуд мебошанд. Аз матни «Таърихи Бадахшон» бармеояд, ки то омадани Шоҳи Хомӯш мавзеи мазкур «Дараи Туркия» ном доштааст (в. 126а).*

[398] ***Лангари Шоҳи Хомӯш*** *- имрӯзҳо он деҳа фақат «Лангар» номида мешавад. Ба номи сайид Алишоҳи Валӣ деҳаи дигаре дар ҳамсоягии Лангар воқеъ буд бо номи Хӯҷаалишоҳ, ки ҳоло бо Лангар пайваст шудааст.*

## *НАСАБНОМАИ САЙИД АЛИШОҲИ ВАЛӢ [, КИ] ПАДАРАРӮСИ ШОҲИ ХОМӮШ АСТ*

[399] ***Амир сайид Султон Алишоҳи Валӣ мулаққаб ба «Шоҳи Хомӯшнавоз»*** *- дар ҳошияи ҳамон варақи 127а чунин тавзеҳ омадааст: «зеро ки сайид Алишоҳи Валӣ Шоҳи Хомӯшро бисёр навозишот намуда, духтари худро ба ақди ӯ даровварда буд, лиҳозо (барои ҳамин) мулаққаб ба «Шоҳи Хомӯшнавоз» шуда».*

*Дар ин ҷо бори аввал ба ному лақаби ӯ калимаи «Султон» илова гардидааст, ки дар ҷойҳои дигар ин ном оварда нашудааст.*

# ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ ХОС

## А

Абаева Т.Г. - 33, 34
Абдулазиз - 26
Абдуламин - 24
Абдулаҳадхон Баҳодур (султон) - 116а, Т. 294
Абдулбоқии Бадахшонӣ (мулло) - 49
Абдулваҳҳоби шаҳрибузургӣ (оқсақол) - 80б
Абдулкарим - 38а
Абдулқодир (шоҳ) - 81а
Абдулқодири Ҷилонӣ - 121б-123б, Т. 303
Абдулло (султон) - 25
Абдуллохони ӯзбак (Шайбонӣ) – 21-24, 29, 35
Абдуллоҳ (ибни Абдулмутталиб) - 119а
Абдуллоҳ (ибни Аҳмад) - 127б
Абдуллоҳ (мулло) – 51, 52а, 61а
Абдуллоҳи Савмаӣ  - 122а
Абдуллоҳхон - 99а
Абдуллоҷон (Абдуллохон, сардор) – 31, 109б, 111а
Абдулманоф  - 115б, Т. 275
Абдулмаолӣ (шоҳ) - 127б
Абдулмутталиб - 115б, 119аб, Т. 276
Абдулмӯмин (Абдулмӯминхон) - 24
Абдулфайзхон - 98б, 99а, 100а-101б
Абдулхолиқбек - 38а
Абдулҳамид (мулло) - 80б
Абдулҷаббор (эшони мавлавӣ) - 49а
Абдурраззоқбек - 38а
Абдурраҳим (сайид, шоҳ) - 127б
Абдурраҳимбек - 38а
Абдурраҳимхон (шоҳ) – 46, 47; 116а, Т. 293
Абдурраҳмон (мирзо) - 38а, 46а
Абдурраҳмон (охунди мулло) – 45; 21б-22б, 23б, 68б
Абдурраҳмон (сайид) - 127б
Абдураҳмонхон (амир, сардор) – 31, 47; 96а, 97а, 106а-109б, 116а, Т. 226
Абдуссалом (дийас) - 127б
Абдуссамадхон (мир) - 27б, 81а
Абобакр (мирзо) - 16
Абубакри Кошғарӣ (мирзо) - 17
Абулбашар - 114б
Абулқосими Абдуллоҳ - 127а
Абулмаъруф (хоҷа) - 9а, 36а

Абулфайз - 26б
Абулфайзхони Роғӣ (шоҳ) - 81а-82б
Абулхайри Муҳаммад Тоҳир - 127а
Абулхаттоб - 18
Абулҳасани Нақиб - 127а
Абунаср ибни Аби-л-Фатҳ ал-Яфталӣ (амир) - 11
Абурайҳони Берунӣ (ал-Берунӣ) – 6-9
Абусаид Ҷаъфар Зулҳуҷаҷ - 127а
Абусолеҳи Мӯсои Ҷангидӯст - 121а, 122а
Абутолиб - 115б, 119б, 120а, Т. 277
Абуюсуфшоҳ - 125б
Абӯсаид (султон) - 16
Адамек Л. - 35
Аднон - 115а
Азар - 115а, Т. 263
Азизхон - 29б
Айёмбек (оқсақол)- 79б
Акбархонбий (сайид, шоҳ) – 53; 116а-117а
Ал-Икмол - 11
Ал-Истахрӣ - 13
Ал-Муқаддасӣ - 13
Ал-Яъқубӣ - 13
Аъламхон (ноиб) – 31; 96б, 97б, 98а
Алӣ (ибн Абитолиб) – 51; 52а, 115б, 120а, Т. 278
Алӣ Мӯсо ар-Ризо (имом) - 115б, 127а, Т. 284
Алӣ Нақӣ (имом) - 115б, Т. 286
Алиакбар - 115б, Т. 288
Алиасғар - 115б, Т. 289
Алибердихон - 94а
Алишоҳи Валӣ (шоҳи Хомӯшнавоз) – 38,39; 125б, 127аб, Т. 312
Аллоҳбердибий - 26
Алмосбекбий - 103а
Алоуддин - 127а
Алҳоҷ Мухтор (сайид) - 127б
Амирбек (шоҳ) - 116а
Амирхон (шоҳ) - 116а
Амонулмулк (меҳтар) - 94б, 96б
Анварӣ – 50, 51; 52а
Андалеб (мирзо) - 46а, 51б
Анӯш - 115а, Т. 250
Арбобвафои Файзободӣ – 50; 26б
Арфахшад - 115а, Т. 257
Ас-Саломӣ - 11
Ас-Самъонӣ - 11
Афзалхон - 106а

Ахмедов Б.А. -
Ахнӯх - 115а, Т. 254
Аҳмад (сайид) - 127б
Аҳмадшоҳ - 52а, 54 аб, Т. 135
Аҳмадшоҳ (ибни Сулаймоншоҳ) - 93а-94б, 99а
Ашӯрмуҳаммад (девонбегӣ) - 68б
Ашӯрмуҳаммад (ясовул) - 80б
Аъвор - 115а
Аъзам (охунди муфтӣ) – 50; 31аб
Аъзамхон - 111б
Аъробӣ (хоҷа) - 80б

## Б

Баёни сулдӯз (амир) - 16
Байзоев Азим - 55
Банат - 115а
Бард (хато, дурусташ - Ярад) - 115а
Бароқхон - 22
Бартольд В.В. – 15, 33, 34
Баҳодур қорлиғ (оқсақол)- 29; 66а-70б, 76а, 84б, 85а, 88б, 90а
Баҳодурхон - 88б
Баҳодуршоҳ - 65б, 66б, 85а
Баҳоуддин (шоҳ) - 16
Баҳром (подшоҳ) - 73б
Баҳром (султон) - 25
Бибигулшакар - 124б
Бибинасиба - 122а
Бибифотима - 122а
Бичурин Н.Я. - 33
Бобохон (Бадахшӣ) – 31; 99а-100а, 105аб, 106б-109а, Т. 235
Бобоумари Юмгӣ (ё Ямгӣ) - 118б, Т. 300
Бобур – 19-21
Бозунк - 38а
Боқибий атолиқ (уйрат) - 25
Боқимуҳаммад - 25
Болдырев А.Н. – 36, 46, 48, 49, 53, 55, 56
Болту (шоҳ) - 69а
Болтуҷиён - 38а
Буқрот - 50б
Бурончӣ - 38а
Бурҳониддин - 127а
Бурҳониддини Кушкакӣ – 33, 34, 54
Бӯзахӯрбек  (шоҳ)- 20б
Бӯлислом - 38а

## В

Валидов А.З. – 37, 40, 42
Валимуҳаммади аштархонӣ – 24, 25
Возеҳ (Бадахшонӣ) - 49

## Г

Гавҳарамон (меҳтар) - 89аб, 90б
Гадоймуҳаммади Яфталӣ - 87б
Гадомуҳаммад (арбоб) - 80б
Ганҷалибек - 92б
Григорьев С.Е. – 36, 46, 48, 53, 54
Гургалӣ (ясовул) - 46а, 80б

## Ғ

Ғарибмуҳаммад - 46а
Ғарибуллоҳ (шоҳ) - 29б
Ғиёсиддин (эшон) - 49б
Ғиёсиддин (подшоҳ) – 51; 52а
Ғозибек (арбоб)- 80б
Ғоибов Ғолиб – 2, 33, 66
Ғолиб - 115а
Ғулданги  Ҷаранг - 20б, Т. 72
Ғуломиддин - 127а
Ғуломов Золшоҳ - 55
Ғуломҳайдаралихон - 108б
Ғурбат (девонбегӣ) - 80а

## Д

Да-йе - 10
Давлат (арбоб) - 80б
Давлати «Ҳаждаҳ писар» (шоҳ) - 116а
Давлатбек - 80б
Давлатмуҳаммад (ясовул) - 80б
Давлатшоҳи Ҳусайнӣ - 115б
Давруқбек (оқсақол)- 79а
Дарвешхон - 35

Дарвозхон (шоҳ) - 29б, 41а
Довуд - 3а
Доро - 5
Доробек - 83а-84а
Дулбаҷиён - 38а
Дӯстмуҳаммадхони афғон - 94а, 95а, 106а, Т. 223
Дҳармагупта – 10, 33
Дьяконов И.М. – 5, 33

## Ё

Ёдгор (шоҳ)- 40а-41б, 43б
Ёқути Ҳамавӣ – 7, 8
Ёмин - 115а
Ёрибекхон (ибни Шоҳбек ибни Мирзоҳидхон) – 28, 57; 2а-8б, 17б
Ёрибекхон (валади Султоншоҳ) - 86б, 87а, 91б-93а

## З

Зайнаб - 120а
Зайналобиддин (имом) - 115б, 126б, Т. 280
Замонуддин (Миршоҳ) – 43; 92аб, 93б, 95а, 100а, 103б, 106а
Зиёбек  (оқсақол) - 15а
Зиёуддин (мир, хоҷа) - 7б, 12а, 14а-17б
Зоҳидхон (мир) - 1б
Зубайда – 11
Зубайда (зани Ҳорунаррашид) – 13
Зубайр (Роғӣ) – 18, 19
Зуҳурбекзода  Қурбоншо - 46

## И

Ибни Ҳавқал - 13
Иброҳим (мирзо, ибни Сулаймоншоҳ) -  21, 22
Иброҳим  - 115а, Т. 264
Иброҳим (ибни Муҳаммад) - 120а
Иброҳимхон (шоҳ) – 31; 94б, 99а
Илёс - 115а
Имомов Ш.З. - 2
Имомқули Чоҳобӣ - 18б, 19а
Имомқулӣ (Хони калон) - 25
Инкишбек - 38а

Иноятбек - 38а
Искандаров Б.И. - 47
Искандархон - 111б, 112б, 113б
Исломбек - 38а
Исломбек (додхоҳ) - 38б
Исматуллоҳ - 80а
Исмоил (имом) - 115а, 117б, Т. 265
Исмоил (ибни Исҳоқ) - 127б
Исмоилбек - 79б
Исмоилбек (шоҳ) - 7а
Исмоили Сафавӣ - 16
Исмоилхон - 98б
Исҳоқ - 127б

## К

Камолиддин - 127а
Камолиддин (шоҳ) - 115б
Каримҳайдар  (шоҳ) - 115б
Каъб - 115а
Килоб - 115б
Кинона - 115а
Комрон - 21
Кофмон (Кауфман) - 97а
Кутур (шоҳ) - 89б, 90а
Кӯконбек - 88б-91а

## Қ

Қазағани муғул (амир) - 16
Қайзор - 115а, Т. 266
Қаландарбек (оқсақол) - 80аб
Қаландарбеки калтатоӣ - 80б
Қалмоқи Қошғарӣ - 33б
Қамариддин (бобо) - 10аб, 11аб, 12б
Қамбарбийи марвӣ - 19
Қаҳтон - 115а, Т. 261
Қаюмова Хуршеда - 3
Қинон - 115а, Т. 251
Қозизода Ғарибмуҳаммад - 46
Қонеъ - 115а
Қорӣ Раҳматуллои Бухорӣ - 49
Қосим - 120а
Қосимбек (шоҳ) - 80б

Қосимхӯҷа - 92а
Қубод Чучка – 48, 51, 52; 62а, 63б
Қубодхон (Қувват) – 40; 39б, 54б, 58а-65а, 83а-84а, Т. 96
Қубодхон (шоҳ) - 116а, Т. 292
Қубодхон (ибни султон Ҷалолиддин) - 87а
Қулмуҳаммадбек (оқсақол) - 79аб
Қурбонҷон қорлиқ (оқсақол) - 68б, 79б
Қусай - 115б, Т. 274
Қутбиддин - 127а
Қутлуғ (султон) - 26

## Л

Лочин - 38а
Лужецкая Н.Л. - 35
Лӯъй - 115а

## М

Мавлавӣ (эшон) - 53аб
Мандельштам А.М. – 10, 33
Мансур (қозӣ) - 80б
Мансуралихон - 44аб
Мансурхон (шоҳ) - 29б, 41а, 68б, 69аб
Мардовез - 11
Марко Поло - 7
Массон М.Е. - 33
Масҷадӣ (домулло) – 52, 62; 80а
Матушлах - 115а, Т. 255
Махдумзода (эшон) - 14б
Махдуми Аъзамӣ - 33б
Маҳлоил - 115а, Т. 252
Маҳмуд (ибни Амирвалӣ) - 25, 27, 28
Маҳмуд (ибни Муҳаммадмахдум) - 19
Маҳмуд (ибни Сироҷиддин) - 127а
Маҳмуд (султон) – 16, 19
Маҳмудбек – 30; 91б-92б
Маҳмудбий - 3б, 8б, 9а, 10а, Т. 11
Маҳмудхон – 31; 44а, 96а
Маҳмудшоҳ - 94б, 96аб, 97б
Маъд - 115а, Т. 268
Маъсуми Валӣ (шоҳ) - 49б
Мизробхон (шоҳ) - 40б-41б, 43а
Мизробшоҳ - 94б-96а

Минаев И. - 34
Мир Муҳаммадафзал ибни Исломхони Бадахшонӣ (Собит) - 49
Мирбек (шоҳ) - 116а
Мирволӣ (валади Ганҷалибек) - 92б
Мирзо (валади Маҳмуд) - 94б
Мирзо Абдулқодири Бедил - 51а
Мирзо Абдурраҳмон - 46а, 51аб
Мирзо Абулфатҳ - 27аб, 61а
Мирзо Андалеб - 46а, 51б
Мирзо Бурҳониддин (Мирзои Калон) - 27аб, 28а, 29а, 30б-31б, 35б, 36а
Мирзо Бурҳониддини сонӣ - 27б
Мирзо Бурҳониддин (махдум) - 112б, 113а
Мирзо Исматуллоҳ (махдум) - 80а
Мирзо Қанд - 7б
Мирзо Мақсуд - 27аб, 61а
Мирзо Муҳаммаддин – 59; 27аб, 61а, 63б
Мирзо Муҳаммадсиддиқ - 50б, 61аб,
Мирзо Набот - 15б-25а, 70а
Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ - 33а, 113б
Мирзо Сиддиқ - 30а, 62а, 79а
Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар - 113б, 114а, 127б
Мирзо Хоҷаҷони Рустоқӣ - 52б
Мирзо Шукурбек - 79аб
Мирзо Юлдошбий - 117а
Мирзовафои Котакӣ (махдум) – 53; 80б
Мирзобошӣ - 19б
Мирзоев А. - 46
Мирзомансур - 80б
Мирзоназар - 80б
Мирзохон – 16-
Мирзоҳусайн (шоҳ) - 115б
Мири Калон - 30
Миробид (қозӣ) - 22б, 80а
Мирподшоҳ – 59; 14б-15б, 17б-20а, 24б-27б, 81а
Молик - 115а, т. 272
Муборакшо - 46
Муборакшоҳ - 19
Мудрик - 115а, Т. 271
Музар - 115а, Т. 270
Музаффар (амир) – 31, 45; 96а, 98б, 100б-103а, 109б, Т. 225
Музаффарбек (шоҳ) - 116а
Музаффариддин - 115б
Муизиддинхони Боҷурӣ - 44а-45а
Муллошоҳи Бадахшонӣ - 48
Мурра - 115б, Т. 273

Мустафо – 51; 52а
Муҳаббатов Абулфазл - 55
Муҳаббатхон (ибни Абдурраҳимхон) - 46
Муҳаммад (ибн Абдуллоҳ ибн Абдулмутталиб) - 71а, 119аб, 123аб
Муҳаммад Боқир (имом) - 115б, 126б, Т. 281
Муҳаммад Исҳоқхон (соҳиб) - 116а, Т. 295
Муҳаммад Каримбек - 94а
Муҳаммад Муродбек (хон) – 30; 87а-88аб, 91б-93а
Муҳаммад Назарбек - 80а
Муҳаммад Нодирхон - 33
Муҳаммад Ризобек - 27б, 81б
Муҳаммад Сирочиддинхон - 98б
Муҳаммад Тоҳири сонӣ - 127б
Муҳаммад Хоразмшоҳ - 15
Муҳаммадамон (шайх) - 6а, 14б
Муҳаммадаминбек - 38а
Муҳаммадамини Чоҳобӣ - 75б
Муҳаммадамини Лоҳурӣ - 49а
Муҳаммадафзал (ибни Исломхони Бадахшонӣ) - 49
Муҳаммадаъзамхон - 95а, Т. 222
Муҳаммадбоқибий - 23
Муҳаммадбоқир (имом) - 126б
Муҳаммадзамон (мирзо) - 23
Муҳаммадзода Қурбон (Охуни Сулаймон) - 47
Муҳаммади Ғиёсуддин – 6, 8
Муҳаммади Қӯрчӣ - 19
Муҳаммади Маҳдӣ - 127а
Муҳаммади Ҷӯкӣ - 16
Муҳаммадносир (ҳаким) - 50б, 53а
Муҳаммадсолеҳи симурғӣ (махдум) - 80б
Муҳаммадумархони Рустоқӣ – 31; 100а, 102б, 104а-110б
Муҳаммадтақӣ (имом) - 115б, 127а, Т. 285
Муҳаммадшоҳи Бадахшӣ (мир) – 29, 39-41; 27б, 61б-86б, 88а, 92а, 93а
Муҳаммадюнус (ясовул) - 79б
Муҳиддин - 122а
Муҳйӣ - 122а
Мӯсои Козим (имом) - 115б, 127а, Т. 283

## Н

Надрмуҳаммад (Хони хурд) – 25, 26
Назармуҳаммад (ясовул) - 80б
Назр - 115а
Назриддин - 127а

Нақибҳайдар  (шоҳ) - 115б
Насимҳайдар (шоҳ) - 115б
Насриддин (шоҳ) - 115б
Насруллоҳхон - 62а
Насруллоҳхон (ибни Султоншоҳ) - 92аб, 99а, 105а
Нақӣ (имом) - 127а
Неъматбегим - 27б
Ниёз Баҳодур - 18б
Ниёзбек - 38а
Ниёзмуҳаммад Баҳодур - 46а
Ниёзмуҳаммад (домулло) - 80б
Низомии  Ганҷавӣ - 73б
Низор - 115а, Т. 269
Николай (подшоҳи рус) - 47
Нодир - 64б, Т. 154
Носир (мирзо) -  19
Носири Хусрав -  17
Ноҳур - 115а, Т. 262
Нуралӣ - 46а
Нӯҳ - 115а, Т. 256

## О

Обир - 115а, Т. 258
Одам - 49а, 114б, Т. 248
Одина (ясовул) - 46б
Одинамуҳаммад (девонбегӣ) - 80а
Олимхон (валади шоҳ Сулаймонбек) – 31; 94б, 98аб, 101а-105а, 107б, 109б-111б, 112б
Оллоҳбердибек - 69б
Оллоҳқул (қозӣ) - 16а, 17аб
Омина - 119а
Ориф (муллои охунд) - 53аб
Отика - 120а
Офтибек – 53; 80б
Офтоб (шоҳ) - 26б

## П

Паҳлавон Қазоқ - 15а
Пирмуҳаммадхон – 22-24

## Р

Разиюддин (шоҳ) – 17-19
Раҳмондод (оқсақол) - 80а
Рашидбек - 15а
Рашидбек (утрончӣ) - 80б
Руқайя - 120а
Рустамбек - 80б

## С

Садруддин Муҳаммад (мир) - 6
Саид Аҳмадхон - 109а
Саидони Кошғарӣ - 124а
Саидхони Кошғарӣ (султон) - 17
Сайид Алии Ҳамадонӣ - 22
Сангмуҳаммади Бадахшӣ (мирзо) – 37-42, 46, 55, 56
Санҷари Мозӣ - 124а, Т. 305
Саодатшоҳ - 29б
Сафиҳайдар (шоҳ) - 115б
Саъдии Шерозӣ - 46
Сейдӣ Алӣ Раис - 21
Семёнов А.А. - 46
Сикандар - 13а, 69б
Сикандархон (мир) - 112б, 113а
Сироҷиддин - 127а
Собит - 49
Содиқбий парвоначӣ (дурман) - 26
Солеҳ - 115а, Т. 259
Соруҳ - 115а, Т. 260
Струве В.В. - 33
Субҳонқулихон - 5б, 10а, Т. 18
Субҳонқулихон (ибни Надрмуҳаммад) - 26
Сулаймонбек (шоҳ) - 7а, 8а-11а, 18а, 85а, 93б, 94б, 101а, 103б, 109б, 111б
Сулаймонхон - 18а-19аб, 24б-29б, 65б, 66б
Сулаймоншоҳ (ибни мир Муҳаммадшоҳ) – 30; 27б, 84б, 86а, 88а, 92а, 93а, 94б, 95а, 99а
Сулаймоншоҳ ё Шоҳсулаймон (ибни Мирзохон) – 19, 21-23
Султон Маҳмуд (хон) - 29б, 98б
Султон Муродхон - 94а-95а, 108б
Султон Ҷалолиддин - 87а
Султони Роғӣ - 99а, 110а
Султоншоҳи «Аждаҳор» (мир) – 29, 41, 44, 45, 59; 25аб, 27а-33а, 34б-61б, 65а, 70б, 84а
Султоншоҳи сонӣ (Мирзои Калон) – 30, 31, 53; 76б, 84б, 86аб, 87аб, 88а, 92аб, 99а, 103б, 104а

Сюан-цзан – 11, 12, 33

## Т

Таваккалбек - 38а
Тангриберди̅ - 38а
Танибек - 80б
Тахтабек - 23а-24а
Темур (амир) - 16
Тоҳир - 120а
Тоҳириддин (шоҳ) - 115б
Туғмашоҳ – 60; 29б, 31б
Тӯрабозхон - 27аб, 57б-61а
Тхай-ань - 10

## У

Убайдуллохони Шайбони̅ - 17
Увайс (мирзо) - 16
Удад - 115а, Т. 267
Улуғбекхон (мир) - 7б
Уммкулсум - 120а
Усмонбек - 38а

## Ӯ

Ӯд - 115а

## Ф

Фазлалибеки Сурхафсар «Дайҳиму-л-Аҳмар» (мирзо) – 37-43, 55, 56
Файзмуҳаммадхон - 94а, Т. 219
Файзмуҳаммадхони Котиби ҳазора - 34
Фақир Али̅ (амир) - 20
Фарғу (мирзо) - 38а
Фахруддини Масъуд - 15
Ферсман А.Е. (академик) – 4, 33
Фиҳр - 115а
Фозил - 13
Фотима (аз-Заҳро) - 120аб, 126б
Фурқони̅ - 18

# Х

Хадичa - 119б, 120а
Хайруллобек (утрончӣ) - 68а, 76а, 80б
Хаттоб (шоҳ) - 115б
Хизри ясурӣ - 16
Холов Маҳмудҷон – 2, 66
Хони калон (Имомқулӣ) - 25
Хони хурд (Надрмуҳаммадхон) – 25, 26
Хонмирзо – 16, 17
Хоҷа Исҳоқ - 7а, 12а
Хоҷа Ниёз - 7а, 10б-12б
Хоҷаи Калон - 36б
Хоҷаи Хурд - 36б
Хоҷам (атолиқ) - 26
Хоҷамёр - 38а
Хоҷамқул (парвоначӣ) - 80б
Худоёр (қушбегӣ) - 38б
Худоёрхон- 96а
Хузайма - 115а
Худойбердибек (парвоначӣ) - 80б
Худойназар (аталиғ) - 101б-102б
Худойназарбек (мир) - 63б-64б
Хуморбек - 13
Хусрав (султон) - 26

# Ҳ

Ҳабибуллохон (амири афғон) - 34
Ҳазора (султон) - 24
Ҳайдар (оқсақол) - 67б, 68а
Ҳайдарбеки яфталӣ - 55б
Ҳайдари Исфаҳонӣ - 120б, 122а
Ҳайдари муғул (мирзо) – 17, 19, 20
Ҳайдаршо (сайид) - 46
Ҳаким (ҳокими Қаротегин) - 35
Ҳалима (хотун) - 119б
Ҳасан (ибни Ҳайдари Исфаҳонӣ) - 123а
Ҳасан (ибни Шоҳтоҳир) - 127а
Ҳасан ибни Алӣ (имом) - 120б
Ҳасанбой - 14а
Ҳасани Аскарӣ (имом) - 115а, 127а, Т. 287
Ҳиндол (мирзо) – 20, 21
Ҳорунаррашид - 13

Ҳофизи Шерозӣ - 46
Ҳофизи Таниши Бухорӣ – 24, 29, 35
Ҳоҷӣ Довуд - 127б
Ҳоҷӣ Халифа - 48
Ҳошим - 115а
Ҳумайсиъ - 115а
Ҳумоюн – 20-22
Ҳусайн (амир) - 16
Ҳусайн (мирзо) - 25
Ҳусайн ибни Алӣ (имом) - 115б, 120б, 121а, 126б, Т. 279

## Ш

Шайбонихон – 16, 18, 19
Шайхмуҳаммад (шоҳ) - 16
Шамсиддин - 127а
Шамсуддин (султон) - 15
Шаҳ Туркхон - 85б
Шаҳобиддин - 127а
Шералихон (мир) – 45; 95а, 97б, 98аб, 99а, Т. 232
Шердилхон - 97а
Шерхони сурӣ - 21
Шис - 115а, Т. 249
Шоҳвалихон (мир) - 27б, 81а
Шоҳванҷӣ (хон) – 29, 40; 65б-66б, 77а, 78б, 84б-85б, 86б, 87а, 116а, Т. 291
Шоҳбегим - 20
Шоҳбек - 16
Шоҳвазирбеки Қачӣ - 76а
Шоҳвалихони афғон - 53б-56а, Т. 134
Шоҳ Ғариб – 25, 26
Шоҳ Имод – 57; 3б, 5а
Шоҳ Қирғиз - 26
Шоҳзода Муҳаббат (сайид Шоҳфутур ё Футуршо) - 47
Шоҳзода Ҳасан - 100а-107б
Шоҳибекхон - 18
Шоҳмуҳаммад Баён - 24
Шохрухи темурӣ – 16, 23
Шоҳсолеҳи Калон - 24
Шоҳсолеҳи Хурд - 24
Шоҳи Кошон - 118б
Шоҳи Маланг - 118б, Т. 299
Шоҳи Мардон (Алӣ) - 115б
Шоҳи Султоналӣ - 115б
Шоҳи Хомӯш (мир Ҳасан) – 38, 39, 42, 53; 115б, 117б, 118а-127б, Т. 290

Шоҳи Худодод - 115б
Шоҳи Ҳаддод - 115б
Шоҳодил - 126б
Шоҳтоҳир - 126б, 127а
Шоҳҳасан - 23
Шоҳҷаъфар - 126б
Шоҳшуҷоъ - 81а
Шохрух Мирзо - 29б
Шукурбек - 38а
Шурӯъ - 115а
Шуҷоъ (сайид Наҷмиддин) - 127а

# Ч

Чжен-гуань - 10
Чжеу - 10
Чингизхон - 15

# Ҷ

Ҷалолиддин (сайид) - 127б
Ҷалолиддин (ибни шоҳ Ванҷӣ) - 76б, 87а
Ҷалолиддини Гулдаста - 125б, Т. 309
Ҷамал - 115а
Ҷамолиддин - 127а
Ҷамшед - 1б, 71а
Ҷарғалон - 38а
Ҷаҳонгир Алихон - 22
Ҷаҳонгири туркман - 19
Ҷаҳондоршоҳ – 43; 93б-97б, 100а, Т. 218
Ҷаҳонхон - 88б-89б
Ҷаъфар ибни Абиҷаъфари ал-Мансур (халифаи аббосӣ) - 11
Ҷаъфари Содиқ (имом) - 115б, 117б, 127а, Т. 282
Ҷолинус - 50б
Ҷунайд Абӯсаиди Махзумӣ - 123а
Ҷунайди Бағдодӣ - 123аб, Т. 304

# Э

Элчибеков Қудратбек - 55
Элчибеков Қурбонбек - 55
Эшмуҳаммадбек - 80б

Эшонқулибек (бий) - 117а

## Ю

Юль Генри – 12, 34
Юсуфалихон – 29; 7а, 10а, 11а-14б
Юсуфалихон (ибни Султоншоҳ) - 92аб, 100а
Юсуфалихони сонӣ – 59; 24б, 25а, 27а, 28аб
Юсуфалихони шуғнонӣ – 31, 47; 96б, 100а, 111а
Юсуфбий - 16а

## Я

Ягонӣ О. - 47
Ярад - 115а, Т. 253
Яъқуббек - 38а
Яъқубҷон - 38а
Яъруб - 115а
Яъсуб - 115а

## ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ ҶУҒРОФӢ

## А

Агра - 20
Айбак - 27
Айвоҷ - 25
Айлоқ - 30а
Ал-Балъаббосӣ (Абулаббосӣ) - 6
Англия – 4, 32
Андароб – 7, 16, 21, 30, 32
Андиҷон – 37, 42
Андиҷороғ - 14
Ан-Наёзакӣ (Наёзак) - 6
Аньси - 10
Аргу – 30; 17б, 19аб, 36б, 37а, 60а, 86а, 93а, Т. 67
Арғунҷхоҳ – 28; 5б, 7б, 35а, 80а, Т. 22
Арҳанги Сарой - 27
Ар-Раҳмонӣ - 6
Ас-Сулаймонӣ - 6

Афғонистон – 4, 14, 31-34, 41, 44, 45, 47, 48; 79б, 98б, 106аб, 108а, 109б, 116б
Афғония - 100б, 110а, 116б

# Б

Бадахш - 13а, 70б, 118б
Бадахшон – 4-38, 40-49, 52-56, 61, 64, 65; 1б, 3б, 4а-7а, 10аб, 11а, 13аб, 14а, 28а, 34б, 35б, 38б, 39а, 40а, 43аб, 44б, 46а, 49а, 50б, 54аб, 56а, 61б, 64а, 65б, 66а, 67а, 70б, 73аб, 76б, 79б, 81а, 82а, 83а, 85б, 86б, 87а, 88аб, 89а, 90а, 91а-96б, 97б, 98а-101а, 102а-103а, 106б, 108а, 110б, 111а, 112б-114а
Бадахшонзамин - 37а
Бадахшонот – 30, 41; 28а, 43б, 73б, 88б, 114б, 118б
Бадиян – 9-11, 23
Бағдод - 121аб, 122б, 123а
Бағлон (Бақлон) – 16, 23, 24, 27, 32; 16б, 93а, Т. 65
Базахшон - 11, 13
Байтуллоҳ - 122б, 123а
Баласиён - 7
Балахшон – 6-8, 11
Балур - 15
Балх – 11, 15, 21-28, 34, 35; 5б, 10аб, 54б, Т. 17
Балхи Бохтар - 95б, Т. 224
Балҷувон - 101б
Банди Аликал – 48; 68а, Т. 160
Барри Маҷнун - 50а
Барроғ – 61, 65; 41б, Т. 102
Барпанҷа - 77а, 116б
Баршор - 111б, Т. 247
Баҳорак (Кӯлоб) – 22, 54; 84б, 92б, 96б, 110а, Т. 193
Баҳорак (Файзобод) – 14, 30, 32, 35, 36; 85аб, 86а, 87а, 88а, 96б, 110а, Т. 197
Бикнии Дамованд (кӯҳ) - 5
Боғи Аварс - 27
Боғи Хатлон - 22
Боғи Ҳабаш - 27
Боғи Ҷурм – 28; 7б, Т. 39
Боғчаи Дуоба - 22
Бодочана - 10
Бодочуанна - 12
Бози Паррон – 35; 18б, 21а, Т. 68
Бомдара - 110а, Т. 242
Бомиён – 15, 27, 32

Бомило - 12
Бохтар - 5
Бочур - 79б, Т. 185
Бухоро – 24-26, 30-32, 45, 47-49; 23а, 84б, 96а, 98б, 100б, 101аб, 103а, 109б, 111аб. 116б, 117аб
Бухорои Шариф - 111б, 116а, 117а
Бухорои Шарқӣ - 32

## В

Валиён - 27
Ванҷ - 125а
Вардуҷ – 14, 30; 85а, 86а, Т. 196
Варзафанҷ - 7
Варм - 11аб, Т. 52
Варсаҷ – 23, 28, 30, 32; 7б, Т. 35
Вахон – 11-13, 29, 30, 32, 43; 44б, 86аб, 88б, 89аб, 96б, 117аб, Т. 113
Вахш - 15
Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) – 4, 7, 43, 55
Византия - 4
Вист - 7
Водии Аъзам – 13

## Г

Гелон - 121а, 122б
Грац - 34
Гулбоғ - 76б, Т. 178

## Ғ

Ғазна - 15
Ғори Ҷӯвин – 60, 65; 30а, Т. 84
Ғорон – 7; 85а, 87б, 111б, Т. 194
Ғӯрӣ – 23, 25-27, 29, 30, 32; 13б, 16б, 93а, 94а, Т. 55

## Д

Дамоситеди (Вахон) - 12
Дара – 26, 27
Дараи Туркия (Кӯлоб) - 126а, Т.313
Дарайим (Даройим) – 30; 86а, 93аб, Т.204

Дарвоз – 15, 26, 27, 29, 32; 21б, 29б, 30аб, 31аб, 40аб, 41а, 42б, 43аб, 68б, 69а, 82б, 83а, 85б, 98аб, 100б, 101аб, 116б, 125аб, Т. 75
Дариюн - 27а, 48б, 68б, 80б, Т.81
Дарқад - 32
Даунг – 30, 54, 65; 86а, Т.201
Даҳани Кайвон – 51; 61а, Т.150
Даҳбед (Самарқанд) - 2а, Т.6
Дашти Қалъа - 27
Дашти Хайробод - 110аб, Т.243
Дилӣ - 22
Димишқ - 120а
Деҳварӣ – 65; 57б, Т.146
Деҳнав - 25
Дордистон – 62, 65; 43б, 124а, Т.108
Доркут - 89а, Т.214
Дуоб (Мӯминобод) -
Дуоба - 68б, 69а, Т. 162
Дуранг - 42б, Т.106
Дуроҳ (кӯтал) - 6б, 44б, 91б, 124а, Т. 27
Дуррош - 45а, Т.117

## Ё

Ёвон – 65; 40а, 42аб, 43аб, 81б, 82б, Т.99
Ёғурда (кӯтал) – 66; 87б, Т.212
Ёрканд - 14а, 23а, 33а, 34б, 36б, Т.59

## З

Зағирчӣ - 14б, 35б, 36а, Т.60
Зайнбардор - 26
Зардев – 28, 30; 7а, 11аб, 80б, 85а, 86а, 87б, Т.30
Зебок – 30, 32; 44б, 86а, Т.112
Зув – 62,65; 42б, Т.107

## И

Ила – 59; 16а, 20аб, Т.62
Иманобод - 55а, Т.140
Инбоцзянь - 12
Инглис (Англия) – 48; 116б

Исфаҳон - 120б, 121аб, 122б
Исфиром - 97а, Т.230
Ишкамиш – 23, 27, 29, 30, 32; 13б, 16аб, 39б, Т.54
Ишкошим (Шикошим) - 7

# Й

Йеда – 9, 10

# К

Калавгон (Калафгон) – 30, 32, 54; 86а, 108б, 109а, Т.206
Кангурт - 15
Кангюй - 10
Кандут - 12
Капиша (Каписои Афғонистон) - 10
Карбало – 52; 60б, 71б
Каҳмард (Қаҳмард) – 23, 32
Качҳам (кӯтал) - 68б, Т.163
Кашмир – 49; 50а, 127б
Кишвари Ғарбӣ - 10
Кишм – 12, 21-23, 28, 30, 32; 7б, 86а, 93а, 103б, 105а, 112б, Т.33
Кобул – 16, 19, 21, 23, 30, 31, 34, 44, 47; 15б, 23а, 52а, 54б, 65б, 95а, 98б, 106аб, 109б, 116а
Кобулистон - 107а, Т.237
Кокул - 32
Корбанг – 14, 36
Котак - 60а, 61а, Т.149
Кошғар (Қошғар) – 17, 20-22, 27; 33а, Т.85
Кунбанд - 104а, Т.236
Куррон – 12, 28, 30, 32, 52; 7б, 67б, 70а, Т.37
Кӯкча – 4, 19, 36, 44; 107б, Т.238
Кӯл - 57б, 86а, Т.145
Кӯлак - 6а, Т.25
Кӯли Деварӣ (Деҳварӣ) – 30, 66; 86а, Т.203
Кӯли Шева - 32
Кӯлоб (Хатлон) – 21-25, 29, 32, 35, 52, 54; 46б-47б, 68б, 84б, 92б, 95б, 96а, 100б, 101аб, 102аб, 103а, 105б, 106а, 107аб, 109б, 126а, Т.126
Кӯлоба - 22
Кӯф - 83а
Кӯҳдоман - 36б, Т.156
Кӯҳи Лаъл - 7
Кӯҳистон (Қаҳистони Эрон) – 17, 18

Кэлопаньто - 10

## Қ

Қалот - 31
Қалъаи Зафар – 17, 19-23
Қалъаи Хум (шаҳри Хум) – 26, 62; 31аб, 40б, 43б, 69а, 85б, 98аб
Қалъаи Шоҳназар - 27
Қарияту-ш-Шулғон - 125б, Т.311
Қарлиғ – 30, 66
Қароқӯзӣ - 19б, Т.70
Қаротегин – 11, 35; 21б, 69а, 100б, 101б, Т.76
Қатағон (Қатаған) – 30, 33, 43, 51, 54; 8а, 9а, 10а, 15б, 28а, 38б, 39а, 44б, 48а, 54б, 58а, 59б, 63б, 64б, 65а, 83а, 84б, 87аб, 88аб, 91б, 92а, 94б, 96б, Т.2
Қатағония – 61; 13б, 39а
Қаҳистон (Кӯҳистони Эрон) – 17, 18
Қозидеҳ - 111б, Т.246
Қоф - 13а
Қубодиён - 22, 25
Қундуз – 16, 19, 22-27, 29, 30, 32 , 47, 58; 13б, 14а, 15б, 16аб, 39б, 54б, 59а, 60а, 61а, 63аб, 64б, 65а, 83б, 88а, 91б, 92а, 93аб, 94а, 95а, 96б, 99б, 108б, Т.58
Қундузия - 94б
Қӯқанд - 37
Қӯрғонтеппа - 69б, Т.164

## Л

Лабканда – 54; 36б, Т.91
Лангари Шоҳи Хомӯш - 126а, Т.314
Латтабанд - 5а, Т.16
Ленинград - 36
Лойоба - 3б, 5а, 14б, 15а, 19а, 26а, 36б, 68б, Т.10
Лоҳу (Луткӯҳ) – 63, 65; 45а, Т.116
Лоҳур - 49а

## М

Мадина - 122б
Мазори Шариф – 31; 95б, 97б, 98аб, 99а, 108б, 116а
Майдон - 35
Макка - 119а, 120а

Марв - 16
Марғилон - 97а
Марч - 42аб, 81б, Т.105
Маскав – 36, 47
Мастуҷ Ҷинс – 12; 45а, Т.120
Машҳад – 30; 48а, 86а, 111а, Т.128
Менцзянь (Мунҷон) - 12
Миср – 4, 5, 33
Мовароуннаҳр – 7, 15, 16, 22, 24, 27; 46б
Мохенҷо-Даро - 5
Мунк - 13
Мунҷон – 12, 28, 30, 32, 52; 7б, 67б, 70а, 85а, Т.38
Мӯри кӯп - 45а, Т.119
Мӯъминобод – 35; 125б, Т.308

## Н

Насаф (саҳро) - 23
Наҳрин – 23, 27, 30, 32
Нуқсон (кӯтал) - 44б, Т.144
Нусратобод - 48а, 55а, Т.129
Нучоро – 14, 36

## О

Оби Бангӣ – 54, 61, 65; 39б, Т.95
Оби Мурғоб - 24
Оби Осиёбҳо – 30, 65; 86а, Т.129
Оби Ҷузгун – 58; 6а, 35б, Т.90
Обхӯра - 62а, Т.151
Оқсарой - 27
Олтинчилу - 107б, Т.239
Омӯ (Омӯя) – 4, 22, 25, 32, 34, 43; 84б, 101а, 103а, 106б, 109б
Осиёи Миёна – 23, 45

## П

Панҷ (дарё) – 4, 10, 14, 18, 29, 32, 35, 36, 43-45, 54
Панҷоб - 124а, Т.306
Пасокӯҳ – 28; 7а, 11а, 15аб, 17б, 18а, 19б, 20а, 26б, 27а, 29а, 56а, 60а, Т.29
Пои (Поёни) Шаҳр - 14
Покистон - 50

Помир – 12, 43; 34б, 97а, 116б
Помирот - 116б
Поршнев - 46
Пули Зич - 9а, Т.43
Пуцзяло - 10

## Р

Регӣ - 20б, Т.73
Рисагон - 55б, Т.141
Роғ – 18, 26, 27, 29, 30, 32, 40, 41; 40аб, 41аб, 42б, 43б, 68б, 79б, 81аб, 83а, 86а, 98б, 99а, 103а, 109б, Т.98
Роғдашт - 20а, Т.71
Рум – 4, 33; 77б
Русия (Рус) – 4, 32, 34, 47, 48; 113а, 116б, 117аб
Рустои Бек – 14, 36
Рустоқ – 22, 23, 27, 29, 30, 32; 47а, 57б, 58а, 67а, 80б, 86а, 87а, 92б, 93б, 100а, 104аб, 105аб, 106б, 107аб, 108а, 109а, 110б, 111а
Рӯнҷоб – 61, 65; 41а, Т.100
Рӯшон – 26, 43, 46, 47; 117аб, Т.296

## С

Садда – 28; 7а, 15а, 17б, 18а, 20а, Т.28
Сайидбойӣ - 15а, Т.61
Сакнон (Шуғнон, кӯҳ) - 6
Сангмӯҳр - 62а
Сангмӯҳри Боло - 9а, Т.42
Самарқанд – 16, 20, 21, 28, 57; 2а, 6аб, 96а, 97а
Самтӣ – 22, 32, 53, 54, 65; 80б
Сарғелон - 85а, 87б, Т.213
Сарғулом – 28; 7а, Т.31
Сари Об – 52, 65; 67б, Т.158
Сари Рустоқ – 32, 65; 58аб, Т.148
Сари Шаҳр - 14
Сариқҷӯён (Сариғчӯпон) – 20, 27
Саройи Баҳор – 30; 86а, 88а, 110б, Т.207
Сарҳинд – 50; 49б, Т.131
Сиёҳоб - 41а, Т.101
Сиистон – 17, 18
Симотало - 12
Сомон - 15
Султон Боязид - 27

# Т

Такнов - 6а, 61б, 62а, Т.24
Тамосибиньдо  - 10
Танги Дарун – 28; 7б, Т.36
Тахор - 32
Тахористон – 11, 13-15, 25, 27, 28, 33; 73б, 93б, 99б, 108б
Тахористони Боло – 13
Тахтапул - 94а, Т.220
Тахтобод - 47б
Тебалай – 23, 24
Теҳрон -  34
Тешкон – 30; 86а, Т.205
Тирмиз – 15, 16, 22
Толиқон – 21-23, 27, 29, 30; 13б, 16аб, 39а, 48а, 55а, 92аб, 94а, 109а, Т.53
Тоҷикистон – 7, 46, 55
Тошканд – 22; 97а, 106а
Тошқӯрғон – 31; 92аб, 93а, 98а, Т.217
Туббат (Тибет) - 14
Турёб - 35; 11а, 27а, Т.51
Туркистон – 15; 54а, 97а, 106а, 107а, Т.137
Туркия (мавзеъ) - 5б, Т.21
Туркия (давлат) - 21
Туркмон - 23а
Тухоло  - 33
Тӯри кӯп - 45а, Т.118
Тӯрон - 54а

# У

Уқобшин - 96б, Т.228
Урарту -  5
Ухюй (Панҷ) - 9
Учқӯрғон - 97а

# Ӯ

Ӯш – 37, 39, 42; 127б

# Ф

Файзобод – 11, 28-32, 35, 40, 41, 44, 45; 7а, 8аб, 9а, 11а, 14аб, 15аб, 16б, 18а, 19аб, 21б, 24б, 26аб, 27а, 29аб, 30б, 31б, 37б, 43б, 44а, 47а, 49а, 50а, 56аб, 59б, 60а, 61а, 62аб, 65аб, 66а, 70а, 71б, 83а, 84а, 85аб, 86аб, 87аб, 88а, 92а, 93аб, 94а, 95б, 96б, 99аб, 100а, 103а, 104а, 105аб, 106а, 107аб, 108а, 109а, 110аб, 111а
Фаранг - 77б
Фарғона - 37; 97а, 100а
Фархор – 23, 27-30, 32, 35; 7б, 16а, Т.34
Фива - 5
Фочу - 12
Фринг – 30, 32, 54, 58, 65; 10б, Т.46

## Х

Хами Мир – 28, 54, 57, 65; 2б, Т.7
Харноб (Харбоб) - 13
Хартеза - 91б, Т.216
Хатлон (Кӯлоб) – 6, 7, 14-17, 21-25, 27, 28, 33, 35, 36, 48, 54; 46б-47б, 68б, 102а, 124а, 125аб, Т.122
Хинҷон - 32
Хито - 78а
Хитой – 4, 6, 9, 10, 33; 67а
Хлиён – 29, 65; 47аб, 80б, Т.124
Хонобод - 94а, 109аб, 111а, Т.240
Хоразм - 8
Хоҳон (Хоҳун) – 18; 83а
Хоҷа Ҷарғоту – 29; 47б, Т.125
Хош – 59, 65; 25а, Т.78
Хулм - 25
Хуньтодо - 12
Хуросон – 7, 8, 11, 15, 18, 20, 27; 118а, 121а, Т.298
Хуст – 23, 27, 30, 32, 58, 65; 10б, Т.45
Хутан – 10; 78а
Хуттал – 13, 14, 32
Хутталон - 27
Хуҷанд - 35
Хӯқанд - 34б, 96а

## Ҳ

Ҳазораҷот - 54б, Т.138
Ҳазрати Имом (Соҳиб) – 29, 30, 32; 13б, 16аб, 91б, 92а, Т.56
Ҳафтдаҳдараи Хинҷон – 29, 30, 58, 65; 13б. Т.57

Ҳинд – 21, 28, 33, 50; 6б, 49а
Ҳиндукуш - 43
Ҳиндустон – 4, 5, 11, 21, 45; 3б, 4аб, 6аб, 50б, 124а
Ҳимотало - 11
Ҳирот – 16, 17, 24
Ҳисор (Ҳисори Шодмон) – 16, 17, 20, 21, 25; 101б, 116аб

## Ш

Шаббода – 62; 42а
Шакошим (Шикошим) – 7, 30; 85а, 86а, Т.195
Шалэ - 10
Шанми - 12
Шафдевор (Шафтивар) - 19
Шаҳри Бузург – 11, 29, 30, 32; 86а, 104а, Т.208
Шаҳри Равон - 27
Шева – 28; 7а, 30а, 34б, 76б, 84б, 96б, 110а, Т.32
Шигхинон - 7
Шиқинон (Шуғнон) - 7
Шицини - 12
Шом - 120а
Шохдара – 26; 96б, 111б, Т.227
Шуғнон – 13, 15, 29-32, 38, 40, 43, 46-48; 30а, 34б, 65б, 76б, 77а, 78б, 84б, 85аб, 86аб, 87аб, 96аб, 97а, 98а, 100а, 105аб, 107а, 111аб, 113а, 114аб-116б, 119а, 124а-126а, Т.82
Шуғут - 45а, Т.115
Шӯробак - 10б, Т.48
Шӯрообод - 54

## Ч

Чағониён – 15, 16
Чакона - 5б, Т.23
Чатрор – 12, 26, 29, 35, 43-45, 50, 62, 63, 65; 4б, 6а, 15б, 24а, 29б, 43б, 44а, 45а, 46а, 65б, 81б, 85а, 89а, 91а, 94б, 95а, 96б, 107б, 113а, 124а, Т.15
Чатрори Боло - 89аб, 90а, 91а
Чатрори Поён - 89б, 90а, 91а
Чатророт - 41
Чаҳор чаман (боғ) - 33а, 51а
Чаҳорсӯ - 125б, Т.307
Чин – 44, 60; 21б, 33б, 34а
Чинори Ҳамза - 10б, Т.47

Чоҳоб (Чаёб) – 29, 30, 32, 52; 20а, 24аб, 27а, 28аб, 46б, 47а, 52а, 56а, 61б, 65б, 66б, 67б, 68а, 69б, 71б, 80б, 86а, Т.77

## Ҷ

Ҷавшангоз - 97а, Т.229
Ҷайҳун – 22; 46б, 124а
Ҷилон - 121аб
Ҷузгун (Ҷузгон) – 28; 5б, 7а, Т.19
Ҷулуғар - 18б, 20б, Т.69
Ҷурм – 14, 15, 28, 30, 32; 3б, 4б, 5а, 7а, 10б, 18а, 19б, 24б, 25аб, 26б, 29б, 65б, 66б, 85а, 86а, Т.13

## Ц

Цилисэмо (Кишм) - 12
Цюйланна - 12

## Э

Эли Бойиста – 54; 84б, 85б, Т.192
Эли Восита – 65; 56а, Т.143
Эли Кошон – 30, 66; 57б, 86а, Т.147
Эрон – 16, 20, 33; 51б, 77б

## Ю

Юмгон – 12, 27, 52, 65; 67б, 80б

## Я

Яккауланг - 32
Ямг - Т.300
Янгиқалъа – 29, 30, 32, 53, 54; 46б, 47а, 80б, 86а, Т.187
Яфтал – 10-12, 27, 54, 57; 1б, 2а, 2б, 5б, 6а, 67б, 68а, 79б, 104а. Т.5
Яфтали Боло - 29, 30; 68б, 80а, 86а
Яфтали Поён – 29, 30, 52, 65; 3б, 10а, 11а, 67б, 80а, 86а

# ЗАМИМАҲО

1. Намунаҳо аз матни «Таърихи Бадахшон».
2. Харитаи Бадахшони аввали асри XX.



تاریخ بدخشان

بسم الله الرحمن الرحیم

تتمهٔ داستان امرائی نامدار عظام و تکملهٔ تواریخ حکام
عالیمقام ذوی الاحترام ملک گل گشت گهر خیز بدخشان
صانها الله تعالی عن الظلم و النقصان از سنه ۱۰۶۸ هجری ابتدا
کما قال الشاعر بیا ای مغنی بگلبانگ رود ○ نوا بر کش از خسروانی
سرود ○ که پیشینیان را صلا در دهیم ○ یکی طبع خود را صلا در دهیم
برین دخمهٔ کهنهٔ خسروان ○ علم بر فرازم ز نام و نشان
بعکس می بزم جمشید و جام ○ که شاید باعجاز آن عمر نو ده باز
دهم

1б

Вараќи аввали (1б) дастхати «Таърихи Бадахшон».

بسم الله الرحمن الرحیم

کنون درین اوراق نسب سلسلهٔ شاهان و میران و بیان خطهٔ آن
کوهستان ملک شغنان را که علاقهٔ کوهستان بدخشانات
بدین نهج از روی نسخه های موجوده میران مملکت
مشار الیها بست تفصیل و تحریر میشود که جناب ایزد تعالی
و تقدس بدست قدرت خود کالبد وجود ذیجود حضرت
ابو البشر آدمی و آدم صفی علیه السلام را آفریده روح
مقدسه اندر وجه جناب آدم علیه السلام دمید و از
صلب پاکش متعدد چه از ذکور و اناث اولاد بوجود آورد

از جمله

114б

Замимаи якуми «Таърихи Бадахшон»: «Насабу силсилаи шоҳон ва мирони мулки Шуғнон».



تفصیل و ترجمهٔ سید شاه خاموش که اجداد میران و شاهان شغنان است

بسم الله خیر الاسماء

دیگر نوشته شود مبادا که میران شغنان و سیدان
اشرافان ملک کوهستان هر یک بطرزی
سلسلهٔ انساب خود را از آبا و اجداد خود ها تا بالا آن
بتواتر نسب نامه گویان بدفتر قید و ضبط نموده اند
در اصل از کجا آمده اند و در کوهستان قرار کرده اند
ذاتا چه نوع مرتبه و درجه که هستند چون مراتب
شیخی و ملایی و رهبری قوم و تعلیم و هدایت امثال آن
از مملکت خراسان آمده درین ولایت ها ادای وظیفه
خود کرده از عالم فانی گذشته اند و از آنها چند نفری
اولاد مانده اند و هر کدام شیوهٔ اجداد پدران را
بجا آورده در بین خلایق خواه بطریق حکومت و ریاست

و یا بطریق

118a

Замимаи дуюми «Таърихи Бадахшон»: «Тафсил ва тарҷумаи сайид Шоҳи Хомӯш, ки аҷдоди мирон ва шоҳони Шуғнон аст».



نخستین شهید شاه طاهر دویمین شهید شاه جعفر
سویمین شهید شاه عادل واز اولاد و احفاد و اعقاب
نبایر و نتایج آن سه نفر ذات کثیر البرکات چند صد نفر
خانه واده ممتازه موجودند
و نسب نامهٔ حضرت شهید شاه خاموش به این قرار است که به تحریر پیوست
العلم عند الله لا یعلم الغیب الا الله
والله اعلم بالصواب
نسب نامهٔ علیشاه شهید ولی پدر عروس شاه خاموش است به این نهج
اینجا مراد سلسلهٔ انساب اولاد محمد سید شهید طاهر ابن
علیشاه شهید ولی است معلوم کل جماعهٔ مؤمنین و مسلمین که
از وجود پاک جناب خاتم الانبیا علیه السلام به بی بی فاطمة الزهرا
اند واز بطن منوره خاتون قیامت امام حسین رضی الله عنه
و پسر او امام زین العابدین پسر او امام محمد باقر پسر او امام
جعفر

1266

Замимаи сеюми «Таърихи Бадахшон»: «Насабномаи сайид Алишоҳи Валӣ, падарарӯси Шоҳи Хомӯш».




Харитаи Бадахшон




Харитаи Бадахшон (давомаш)




Харитаи Бадахшон (давомаш)




Харитаи Бадахшон (давомаш)

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сухане чанд дар тавсифи сарчашмаҳою адабиёт доир ба таърихи Бадахшон . . . . . . . .
Дастхати «Таърихи Бадахшон» ва тавсифи он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Мулоҳизаҳо доир ба тарҷумаи «Таърихи Бадахшон» ба забони русӣ . . . . . . . . . . . . . .
P.S. Хат ғалат, маъно ғалат... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**ТАЪРИХИ БАДАХШОН** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Таъриф ва мир шудани Юсуфалихон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Баёни ҳукумати Султоншоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Воқеаи шоҳони мулки Дарвоз ба таърихи санаи 1162 ҳиҷрӣ (1748) . . . . . . . . . . . . . . . .
Хабари омадани хоҷагон аз Ёрканду Кошғар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бори дуввум рафта забт кардани вилояти Қатағон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Саввум, фатҳи мулки Роғ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хабари омадани Мизробхон - шаҳи Дарвоз ба болои қалъаи Роғ . . . . . . . . . . . . . . . .
Фатҳи мулки Чатрор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Воқеаи панҷум. Дастгир намудани лашкар ва яғмогарони Хатлон (Кӯлоб) . . . . . . . . .
Воқеаи нуввоб Шоҳвалихони афғон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
[Қиссаи] шоҳ Ванҷӣ, ҳокими Шуғнон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Рафтани мир Муҳаммадшоҳ ба Дарвоз ва кӯмак хостани ӯ аз Шоҳ Мансурхон . . . . . .
Воқеаи мири мустақил шудани мир Муҳаммадшоҳ ибни мир Султоншоҳ . . . . . . . . . . .
Воқеаи Роғ бо Шоҳ Абулфайзхон ибни Шоҳшуҷои марҳум . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Воқеаи мир Маҳмудшоҳ ба тарзи дигар дар ин ҷо нақл карда мешавад . . . . . . . . . . . .
**[Насабу силсилаи шоҳон ва мирони мулки Шуғнон]** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**Тафсил ва тарҷумаи [ҳоли] сайид Шоҳи Хомӯш, ки аҷдоди мирон ва шоҳони Шуғнон аст** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**Насабномаи сайид Алишоҳи Валӣ [, ки] падарарӯси Шоҳи Хомӯш аст** . . . . . . . . . . . . .
**ТАВЗЕҲОТ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**Феҳристи номҳои хос** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
**Замимаҳо** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .